**АБДУНАБӢ САТТОРЗОДА**

# АДАБИЁТИ ТОҶИК

**Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

**Нашри севум**

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст**

**Душанбе**
**Маориф**
**2018**

**УДК 373. 167. 1**
**ББК 83.3 (2 тоҷик) Я 72+74.261.8**
**С-34**

**С-34.** Сатторзода Абдунабӣ. **Адабиёти тоҷик.** Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Душанбе: "Маориф", 2018, 320 саҳ.

Хонандагони азиз!

Китоб манбаи донишу маърифат аст, аз он баҳравар шавед ва онро тоза нигоҳ доред! Кӯшиш кунед, ки соли таҳсили оянда ҳам ин китоб ҳамин гуна зебову ороста дастраси хонандагони дигар гардад ва онҳо низ аз он истифода баранд.

**Ҷадвали истифодаи китоб**

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали соли таҳсил | Охири соли таҳсил |
| 1. | | | | | |
| 2. | | | | | |
| 3. | | | | | |
| 4. | | | | | |
| 5. | | | | | |

**ISBN 978-99947-1-537-4**
**©"Маориф", 2018**
**Моликияти давлат**

# САРСУХАН

## АДАБИЁТИ ТОҶИК ВА МАРҲАЛАҲОИ ИНКИШОФИ ОН

Дарсе, ки шумо, шогирдони гиромӣ, ба омӯхтани он оғоз намудед, «Адабиёти тоҷик» ном дорад. Ин мафҳум ба он маънӣ аст, ки адабиёте, ки дар ҷараёни ин дарс бароятон сабақ дода мешавад, аз они тоҷикон буда, аз тарафи онҳо офарида шудааст.

Адабиёти тоҷик аз ҷумлаи қадимтарин адабиёти мардумони рӯйи дунё ба шумор меравад ва таърихи беш аз сеҳазорсола дорад. Рубоии зерини шоири муосири тоҷик Лоиқ Шералӣ ишора ба ҳамин қадимӣ будани адабиёти тоҷик аст:

*Эй Шарқ, ту ибтидои лавҳу қаламӣ,*
*Дарвозаи офтоби зарриналамӣ.*
*Албурз, туӣ обидаи Фирдавсӣ,*
*Ё минбари шеъру шоирони Аҷамӣ.*

Вале аз сабаби он ки дар эҷоди ин адабиёт ғайр аз тоҷикони Варозрӯд, ки онро арабҳо "Мовароуннаҳр" низ гуфтаанд, қавмҳои дигари эронӣ дар Хуросон ва Порс саҳм гирифта буданд, устод Садриддин Айнӣ ва тартибдиҳандагону муҳаррирони «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (1940) барои барқарор намудани адолати таърихӣ ва таъкиди муштарак будани он барои қавмҳои эронӣ ба кор бурдани истилоҳи «адабиёти форс-тоҷик»-ро пешниҳод карданд ва ин истилоҳ пас аз ин дар адабиётшиносии тоҷик, шарқшиносии шӯравӣ ва баъзе аз кишварҳои ғарбӣ ва шарқӣ маъмул гашт.

Истилоҳи «адабиёти форс-тоҷик» дар солҳои 20 ва 30 асри XX пайдо шуда, ангезаи сиёсӣ дошт. Он вақт таъйиноти ҳудуди миллӣ дар Осиёи Миёна шурӯъ гардида буд. Дар арафа ва ҷараёни ин маъракаи сарнавиштсоз дар минтақа гурӯҳҳои сиёсӣ ва шахсиятҳое пайдо шуда буданд, ки мавҷудияти қавми тоҷик ва ҳуқуқи онро ба адабиёти беш аз ҳазорсолааш инкор мекарданд. Устод С.Айнӣ бо таълифи китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) ва дар он ҳадафмандона гирдоварӣ намудани мероси адибони тоҷики мовароуннаҳрӣ – аз Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ то Пайрав Сулаймонӣ ба исбот расонид, ки дар ин сарзамин аз қадим «як қавми муаззам (бузург) бо номи "тоҷик" ё ки «тозик» зиндагӣ

дошта, яке аз офаринандагони адабиёте мебошад, ки онро «адабиёти форсӣ» меноманд.

Аз ибтидои пайдоиш то ба имрӯз адабиёти тоҷик марҳалаҳои гуногунро сипарӣ намудааст: адабиёти Давраи қадим, Асрҳои миёна, Давраи нав ва Замони муосир. Ҳар яке аз ин марҳалаҳо дар навбати худ ба чанд марҳалаҳои хурдтаре тақсим мешаванд. Барои мисол, адабиёти тоҷик дар Асрҳои миёна аз адабиёти арабизабон (а. VII1 ва IX); адабиёти порсии дарӣ дар асрҳои IX-X ва нимаи аввали асри XI; дар нимаи дувуми асри XI-XII; дар асрҳои XIII-XIV; дар асри XV; дар охирҳои Асрҳои миёна (а. XVI- XIX) иборат мебошад.

Давраҳои инкишофи адабиёт ҳамчун як шохаи ҷудогонаи ҳунарҳои зебо аз якдигар аз нигоҳи чигунагии муҳтавои ғоявӣ ва шакли бозтоби ҳунарии он: мавзӯъ, мазмун, дарунмоя, воситаҳои тасвир, воситаҳои баён, тарзи офариниши тавсирҳои бадеӣ ва шахсиятҳои адабӣ, сабк ва усули офариниш фарқ мекунанд. Ҳамаи дигаргуниҳо дар муҳтавои ғоявӣ ва шакли бозтоби ҳунарӣ дар адабиёт аз дигаргунӣ дар диди эстетикии (биниши ҳунарии) адибони давраи муайян, яъне аз дигаргунӣ дар тарз ва тариқи дарки бадеии инсон, ҷомеа ва табиат, воқеиятҳои айнӣ ва зеҳнӣ сарчашма мегирад. Чунончи, барои адабиёти Давраи қадим тафаккури асотирӣ, афсонавӣ, ривоятӣ ва омехта (синкретӣ) ва барои адабиёти Асрҳои миёна андешаи ормонгароёна ва қолибгароёна хос мебошад. Агар адибони Давраи қадим зиндагиро дар тасвирҳои асотирӣ, афсонавӣ ва ривоятии омехта бо тасаввуроти динӣ бозтоб диҳанд, шоирону нависандагони Асрҳои миёна онро дар қолабҳои муайян ва такрорӣ бо обу рангҳои ормонӣ тасвир менамоянд.

Нуктаи дигар дар заминаи дарси "Адабиёти тоҷик" ин аст, ки азбаски он, ба истиснои Давраи қадим ва марҳалаи оғози ташаккули он дар Асрҳои миёна, дигар дар ҳамаи давраҳои баъдӣ ба забони форсии нав – порсии дарӣ навишта шудааст, онро маъмулан бо номҳои "адабиёти форсӣ" ё "адабиёти форсии дарӣ" ё "адабиёти форсии тоҷикӣ" ё "адабиёти тоҷикӣ" зикр менамоянд. Ҳамаи ин истилоҳҳо дар замони мо ҳаққи истифода доранд. Аммо мо бештар аз истилоҳи "адабиёти форсии тоҷикӣ", ки вақтҳои охир дар мавриди ин адабиёт, махсусан дар нисбати Асрҳои миёнаи он, ба кор бурда мешавад, истифода хоҳем кард.

# АДАБИЁТИ ДАВРАИ ҚАДИМ

Адабиёти тоҷик дар Давраи қадим (нимаи а.III то мелод – а.VII мелодӣ) дар шакли адабиёти даҳонӣ ва адабиёти китобӣ дар забонҳои паҳлавӣ, портӣ, порсик, сакоӣ, бохтарӣ, суғдӣ, хоразмӣ ва ғ. мавҷуд буд. Ба ин сарчашмаҳои баъдӣ ва мероси хаттие, ки аз он замон боқӣ мондаанд, гувоҳӣ медиҳанд. Агарчи қисми аксари он мерос дорои муҳтавои динӣ, илмӣ, ахлоқӣ ва сиёсӣ мебошанд, дар байни онҳо танҳо пора ва қисмҳои ҷудогонае низ ба назар мерасанд, ки дар худ нишонаҳои адабиёти бадеиро доранд. Дар қолаби асарҳои динӣ, фалсафӣ, илмӣ, сиёсӣ ва ахлоқии манзум ва мансур ва дар шакли устураву достонҳои устуравӣ ҷо доштани пораҳои адабӣ дар адабиёти он давр табиӣ буда, аз як хусусияти зотии адабиёти Давраи қадим – синкретизм (омезиши амал, оҳанг ва сухан) шаҳодат медиҳад. Дар он давра тасаввуроти динӣ, илмӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ ва устуравӣ аз ҳам ҷудо набуданд ва унсурҳои тафаккури бадеиро дар худ доштанд. “Авесто”, ки китоби муқаддаси оини зардуштӣ мебошад, унсурҳои ибтидоии навъҳои адабии баъдинаро дар бар дорад.

Номгӯйи асарҳои адабии дастраси адабиёти қадими тоҷик аз инҳо иборат мебошад: катибаи Шопури аввал дар Ҳоҷиобод, шеърҳои Монӣ, қитъае дар ситоиши нимахудои замон Зурвон дар “Бундаҳишни кабир”, қитъаи дигаре дар “Бундаҳишн” дар панҷ мисраъ, “Дарахти Асуриг”, “Ёдгори Зарирон”, “Ҷомосбномак”, як манзумаи паҳлавӣ дар андарз, “Андарзи Беҳдоди Фаррухи Пирӯз”, “Суруди оташкадаи Каркӯй”, офарини мубадонмубад дар “Наврӯзнома”-и Хайём, манзумаи дигаре ба паҳлавӣ дар дувоздаҳ байт, қиссаи Рустам, ҳикояти Бӯзина ва Рӯбоҳ, Моҳии кар ба забони суғдӣ ва ғ.

Имрӯз кам касоне пайдо мешаванд, ки ба вуҷуд доштани шеър ба паҳлавӣ шак оранд. Аммо то ҳол дар таъйини табиати ин шеър ва алалхусус поэтикаи он миёни донишмандон баҳси пуршиддате давом дорад. Сабаби ин иборат аз он аст, ки аввалан, асосҳои назарии шеър дар он давра барои мо ба дурустӣ маълум нест. Сониян, дар бораи савтиёти (овонависии) аслии матнҳои паҳлавӣ, ба истисноি ашъори Монӣ, қазоват кардан сахт душвор аст, зеро дар матнҳои паҳлавӣ аз навиштани овозҳои садонок сарфи назар мекарданд.

Таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҳамаи ёдгориҳои манзуми Давраи қадим нишон дод, ки вазни асосии шеъри паҳлавӣ бар такяи

калима (аксент) ва шиддати савт (интенсив) қарор гирифтааст. Воқеан танҳо дар ҳамин сурат сабаби гуногунададии ҳиҷои мисраъҳои сурудҳои «Яшт» ва «Готҳо», хусусан ёдгориҳои манзуми паҳлавиро, ки аз мисраъҳои 5,6,7,8,9,10,11,12,13,14,15,16 ва нуздаҳҳиҷоӣ иборат мебошанд, ба навъе маънидод кардан мумкин аст. Зеро дар вазне, ки ба такяи калима ва шиддати савт қарор ёфтааст, аз ҷумла шумораи ҳиҷоҳо ба эътибор гирифта намешавад. Чунонки дар ин ду пора:

*Дарум*[1] *андарзе аз даногон*[2] - 9
*Аз гуфтаи пешинигон*[3] - 8
*Угимаҳ би визорум*[4] - 7
*Пад растиҳ геҳон*[5] - 5
*Агар ин аз ман пазиред* - 8
*Бавед*[6] *суди ду геҳон* - 7

Ва:

*Дарахте руст ест*[7]*/ тар*[8] *о шаҳр Асурик* - 11
*Бунаш хушк ест, / сараш ест тарр*[9] - 8
*Варгаш над монид*[10]*, / бараш монид ангур* -11

Аз донишмандони асрҳои миёна танҳо Насираддини Тӯсӣ бевосита аз шеър дар давраи қадим сухан оғоз намуда, вазни сурудҳои қадимии мардуми эронинажод – хусравонӣ ва лосгӯиҳоро, бар хилофи вазни арӯз, ки онро «ҳақиқӣ» мегӯянд, вазни «маҷозӣ» меномад. Ва он, бино ба гуфтаи ӯ, вазнест, ки зоҳиран ба вазни арӯз монанд буда, дар асл вазни хитобат - «иқоъ» (ритм)-ро ба хотир меорад.

Дар бораи қофия дар шеъри паҳлавӣ Насираддини Тӯсӣ чунин ақидаеро пеш рондааст, ки мувофиқи он дар шеъри мазкур

1 Дарум – дорам.
2 Даноғон – доноён.
3 Пешиниғон – пешиниён.
4 Угимаҳ би визорум – ба шумо мегузорам.
5 Пад растиҳ геҳон – ба ростӣ дар ҷаҳон.
6 Бавед – бувад.
7 Ест – аст.
8 Тар – дар.
9 Тарр – тар.
10 Варгаш над монид – баргаш ба най монад.

«шарти тақфия (қофия) дар қадим набудааст». Мувофиқи фармудаи ӯ, дар шеъри паҳлавӣ қофия дар баъзе мисраъҳо ва байтҳо ба назар мерасид.

Миёни арӯз ва қофияи маъмули шеъри арабӣ ва форсӣ дар Асрҳои миёна ва вазну қофияи шеъри Замони қадим фарқи ҷиддие вуҷуд дошт.

Қазоват дар хусуси муҳтавои шеъри паҳлавӣ низ ба сабаби ҳамон камии осори боқимонда ва нотамоми онҳо осон нест. Агарчи бо дар назар доштани муҳтавои он намунаҳо ва вежагиҳои сабку қолиби баёнашон, ҳамчунин бино ба эътибори баъзе аз ишора ва маълумоти муаллифони гузашта ва номгӯи сурудаҳои Борбад тахмин кардан мумкин аст, ки шеър дар он давра аз ҷиҳати муҳтаво гуногун буда, тақрибан тамоми соҳаҳои зиндагии ҷомеаи он давраро фаро мегирифт. Баррасии унсурҳои асосии вазн, қофия ва муҳтавои шеъри паҳлавӣ фикреро ба миён меорад, ки онҳо аз бисёр ҷиҳат ба талаботи мусиқии он замон мувофиқат дошт. Ва ин мувофиқату мутобиқати шеър ва мусиқӣ дар Давраи қадим шаҳодат бар он медиҳад, ки адабиёт ва ҳунар дар Асрҳои миёна хосияти синкретӣ (омезишӣ) дошт.

## «АВЕСТО» ВА АҲАММИЯТИ АДАБИИ ОН

«Авесто» китоби муқаддаси зардуштиён буда, дар он усули дин ва аҳкоми оини зардуштӣ баён гардидааст. Замони китобати онро асри VI пеш аз мелод ва макони таълифашро ба эҳтимоли зиёд Осиёи Марказӣ тахмин мекунанд. Пеш аз китобат «Авесто» ба тарзи гуфторӣ аз ҷониби мубадони зардуштӣ аз даҳон ба даҳон мегузашт. Бино бар маълумоти сарчашмаҳо дабирон бо фармони шоҳ Виштосп (Гуштосп) «Авесто»-ро дар дувоздаҳ ҳазор пӯсти гов бо оби зар навиштанд ва шоҳ онро дар ганҷхонаи сангини хеш ниҳод. Ин нусхаро Искандари Мақдунӣ соли 331 пеш аз мелод ҳангоми истилои Эрон сӯзонида, хокистарашро ба об андохтааст. Аз ин рӯ ба вай лақаби "Гуҷастак" (лаънатӣ)-ро додаанд.

Баъд матни онро дар асри I пеш аз мелод дар замони ҳукмронии хонадони Ашкониён аз навиштаҳои пароканда ва ривоятҳои даҳонӣ аз нав гирд овардаанд.

Таҳрири нави «Авесто» дар асрҳои III ва IV мелодӣ дар замони Сосониён дар зери роҳбарии ҳирбадонҳирбад сурат гирифт. Дар рӯзгори Шопури дувум (310 – 379) мубади аср Атурпата

(Озарбади) Меҳроспандон Мубадон китоби “Хурда - Авесто”-ро аз саросари «Авесто» гирд овард ва ба бахшҳои номафҳуми «Авесто» гузорише навишт.

Ин китоби муқаддаси зардуштиён бори дувум ҳангоми истилои араб нобуд гардид. Бинобар ин ҳам имрӯз аз наскҳои (бахшҳои) 21-гонаи «Авесто»-и куҳан чоряки он боқӣ мондааст.

«Авесто» ба забони хосе, ки дар илм ба унвони "забони авестоӣ" машҳур аст, навишта шуда, ба забони китоби муқаддаси ҳиндуён “Ригведа” (“Веда”) ва забони санскрит ва хати он, ки ба хати оромӣ (диндабира ё диндабарӣ) буд, ба хати санскритии мурда монанд мебошад ва аз гузаштаи ягонаи қавмҳои ориёӣ гувоҳӣ медиҳад.

Рӯ овардан ба “Авесто”, ба тамаддуни ориёӣ дар Тоҷикистон дар охири солҳои 50-ум ва ибтидои солҳои 60-ум ва 70-уми а. ХХ сар шуда, то солҳои 80-90-ум идома ёфта буд. Ин корро, пеш аз ҳама, фарҳангиёни тоҷик барои расидан ба асли худ, барои пайдо намудани ҷавоб ба саволи “мо – тоҷикон кӣ ҳастем, аз куҷо омадаем ва ба куҷо рафтанием?”, барои худҷӯӣ, худрасӣ, худогоҳӣ ва худшиносӣ карда буданд.

Даҳаи охири садаи ХХ ва солҳои аввали ҳазорсолаи севум, яъне замони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон давраи бозгашти дубора ба фарҳанги тоисломӣ, хосса тамаддуни ориёӣ дар ҷомеаи тоҷик номид. Бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сарпарастии бевоситаи Президент Эмомалӣ Раҳмон 2700-солагии китоби “Авесто” дар ҳамин давра ҷашн гирифта шуд ва соли 2006 соли Тамаддуни ориёӣ эълон гардид.

Рӯ овардан ба тамаддуни тоисломӣ, ба “Авесто” ҳаргиз маънои коҳиш додани нуфузи дини исломро дар ҷомеаи тоҷик надорад, зеро Тамаддуни ориёӣ ва Тамаддуни исломӣ ду рукни аслии як фарҳанги миллии тоҷикӣ (эронӣ) мебошад. Онҳоро ба ҳеч ваҷҳ ва баҳонае наметавон аз ҳам ҷудо кард ва якеро миллӣ ва дигареро бегона, якеро аслӣ ва дигареро сунъӣ номид ва ба ҳам муқобил гузошт. Ин ду тамаддун ду марҳалаи асосии инкишофи фарҳанги миллии мо ба шумор мераванд ва дар таърихи тоҷикон ҳар як ҷойгоҳи ба худ муносиберо дорад. Таърихи фарҳанги миллии моро бе яке аз онҳо тасаввур намудан муҳол аст.

“Авесто”-ро мо ба сифати як намунаи мероси фарҳангие меомӯзем, ки дар он қадимтарин намунаҳои адабии эронӣ гирдоварӣ шудааст.

«Авесто» -и кунунӣ аз шаш бахш иборат аст:

1. Гоҳон
2. Ясна
3. Яштҳо
4. Виспарад
5. Хурда - Авесто
6. Вандидод.

1. **“Гоҳон”** қадимтарин бахши «Авесто» мебошад. Маънии “гоҳ” суруд буда, суханони манзуми миёни навиштаҳои мансур-ро мегуфтанд. Дар забони тоҷикӣ ин калима дар таркиби номи бахшҳои “Шашмақом” Дугоҳ, Сегоҳ ва Чоргоҳ боқӣ мондааст. “Гоҳон”-ро ба Зардушт нисбат медиҳанд. Он ба шеъри ҳиҷоӣ монанд аст. Бандҳои он аз сатрҳои ҷудогона ва ҳар сатр аз 11 то 19 ҳиҷо иборат буда, миёни микдори муайяни ҳиҷоҳо ист (диранг, вақфа) дорад (4+7, 7+5, 7+7, 7+9, 7+7+5).

2. **“Ясна”** ба маънии ситоишу ниёиш ва парастишу қурбонист ва дар забони форсии тоҷикӣ аз ин реша калимаҳои Язд, Эзад, Яздон ва ҷашн бозмондааст.

3. **“Яштҳо”** ба маънии ситоишу ниёиш ва парастиши эзадон ва бурдани қурбонию пешкаше назди онон аст. “Яштҳо” монанди “Гоҳон” манзум мебошад.

4. **“Виспарад”** (“Виспарату”) бахши кӯтоҳе аз “Авесто” буда, монандии зиёде ба “Ясна” дорад ва сурудҳои кӯтоҳеро дар ситоиши радону покон ва порсоён ва ҳама офариниши неки аҳуроӣ дар бар мегирад.

5. **“Хурда - Авесто”** (яъне “Авестои хурд”) дар асл бахши ҷудогонаи “Авесто” нест, балки маҷмӯи дуоҳоест, ки дар намоз, ниёиш ва ҷашнҳои гуногун ва ҳангоми судрапӯшию куштибандӣ ва дар маросими заношӯӣ ва оини ёдбуди даргузаштагон хонда мешавад.

6. **“Вандидод”** ба маънии қонуни дуои зидди девон буда, дар шакли гуфтугӯ – пурсишҳои Зардушт ва посуххои Аҳурамаздо иншо шудааст.

## МУҲТАВОИ "ГОҲОН"

"Гоҳон" аз баёни қонуни асосӣ ва гавҳари аслии дини маздопарастӣ буда, дар он гӯяндаи он – Зардушт ҳамчун шоир ва ҳаким бо жарфбинӣ бунёдитарин пурсишҳоеро, ки дар замони вай дар баробари одамӣ истода буданд ва имрӯз ҳам меистанд, ба миён мегузорад ва аз пайи ҷустуҷӯю дарёфти ҷавоб ба онҳо мешавад.

Муҳтавои асосии "Гоҳон"-ро баёни бовар ба Худовандии Аҳурамаздо офаридгори ягона ва вуҷуди ду "мену"-и ҳамзод ва оғозини офариниш – "Спента Маинйу" (Менуи варҷованди офариниш) ва "Ангра Маинйу" (Менуи ситеҳандаву душман) ташкил медиҳад.

Мувофиқи таълимоти Зардушт/Аҳурамаздо раҳнамуни офаридагон ба растагорӣ ва беҳрӯзӣ буда, набарди ду менуи носозгор – Спанта ва Ангра мавзӯи аслии ҳастӣ ва дарунмояи офариниш мебошад. Дар ин кашмакаши гарон ҳамаи офаридгори нек ҳавохоҳу пуштибони Спентамену ҳастанд ва ӯро дар баробари Анграмену то пирӯзии вопасин ёрӣ мекунанд.

Ҷаҳонбинии Зардушт ба носозгории менуи дугона, бар фаъолиятҳои фурӯзаҳои ҳафтгона ва се ниҳод "маниши (андешаи) нек", "гӯиши (гуфтори) нек" ва "куниши (кирдори) нек" устувор аст.

"Гоҳон" сарфи назар аз муҳтавои диниашон дар асл маҷмӯи сурудҳо дар тараннуми некӣ, зебоӣ, ростӣ, зиндагӣ, хирад, дониш, рӯшноӣ, ободӣ, адолат, ватандорӣ ва дар мазаммати бадӣ, зиштӣ, дурӯғ, ҷаҳл, нодонӣ, торикӣ, нообдӣ, зулм ва марг мебошад.

## "ДАРАХТИ АСУРИГ"

"Дарахти Асуриг" достони манзум буда, аз забони портӣ ба забони форсии миёна – паҳлавӣ тарҷума шудааст. Аммо матни паҳлавии он аз асли портиаш дур рафтааст. Мутаассифона, ин дур рафтан сабаби аз байн рафтани ҳамоҳангӣ ва ё мавзунии мисраъҳо гардидааст. Миқдори ҳиҷоҳо дар мисраъҳои достон гуногун мебошад.

Қисмати асосии "Дарахти Асуриг" бо мунозираи Дарахт бо Буз оғоз мегардад. Дарахт бо он меболад, ки вай нисбат ба Буз бартарӣ дорад. Ҳамтане нест бо ӯ дар Хванирасзамин, аз мевааш

шоҳ мехӯрад, тахтаи киштӣ ва фарасп – чӯби шоҳтири бодбон аз вай аст, аз ӯ ҷорӯб, ҷувоз, дами оҳангарӣ, мӯкӣ, кафш ва расан кунанд, ки бузро пой банданд. Чӯб кунанд, ки бузро гардан моланд, мех кунанд, ки бузро овезон кунанд, ҳезумам оташ мешавад, ки бузро бипазанд. Ӯ ҳамчунин мегӯяд, ки тобистон бар сари шаҳрёрон сояам, шираам барзгарон ва озодмардонро ангубин аст, аз ман табангу (дорудон) кунанд ва аз шаҳр ба шаҳр, аз пизишк ба пизишк баранд. Ошёнам мурғонро, сояам раҳгузаронро. Донаам биафтад ба замин, рӯяд. Мардум, ки арзиши маро медонанд, маро намебуранд. Кокулҳоям (шохҳоям) то ба рӯзи ҷовид заргун аст. Мардуме, ки маю нон надоранд, аз бари (меваи) ман хӯранд, то сер шаванд.

Ҳамин ки Дарахти Асуриг суханашро ба охир мерасонад, Буз сар меафрозад ва посух мегӯяд:

*Чун он бигуфт / Дарахти Асуриг,*
*Буз посух кард / Сар фароз афшонд.*

Буз мегӯяд , ки он чи ту гуфтӣ ва бо ман баҳс кардӣ, беҳуда аст ва ҳар кӣ онро шунид, аз ҷавоб гуфтан ба онҳо нанг мекунад.

Ту дарозӣ мисли девон, кокулонат низ ба девон монанд, чунонки дар оғози даврони хуррами Шед-Йам (Ҷамшед) буд, замоне, ки дурӯғдевон бандаи мардум буданд ва ту дарахти хушк будӣ ва сарат заргун. Сари ту аз ин кардаҳоят заррин аст. Аз ту, баланди бесуд, бар намебарам. Аз посух гуфтан нангам меояд. Мардумони порсӣ дар афсонаҳо гуфтаанд, ки ту мисли коҳ ҳастию бадхирад ва дарахти бесуд. То ту бор оварӣ, туро ба оини говон гушн меандозанд. Гумон мекунам, ту ҳаромзодаӣ.

Эй деви баланд, бишнав пайки маро, ба Додор, Худованди бузург, хосса дини маздиснон, ки Ҳурмузди накукор омӯхт, ҷуз аз ман, ки Бузам, каси дигар ситудан натавонад, зеро аз шири ман дар парастиши Яздон, Гушурвон Эзад (худои чаҳорпоён) дар ҳоми неруманд истифода мекунанд. Борҷомае, ки бар пушт дорад, камбаранде, ки ороянд ба маворид, мӯзаи сахти озодагон, ангуштпонаи хусравон ва ҳаммолони шоҳ, машки обдон, дастархони чармин (машкижа), суфраи сури бузург, пешбанди шаҳрёрон, нома, дафтару паймоннома, зиҳи камон, порчаи пашмин, пойафзори чармин, шол, тасмаи чармине, ки Рустаму Ис-

фандёр афзори худро ба зин банданд, анбон, нону пистую панир, ҳар гуна хӯроки равғанӣ, кофуру мушки сиёҳ, хази бухорӣ, ҷомаи шоҳвор, пӯшоки канизон, куштӣ, ташкуки шоҳвор – зерпероҳани сафеди зардуштиён, пӯшоки бузургон аз ман кунанд. Аз гунаву пайванди ман тан хушбӯй кунанд. Шохи даҳваҷабӣ дорам, кӯҳ ба кӯҳ мегардам аз Ҳиндувон то дарёи Варкаш, бузургбум кишварҳо мебинам, ки мардумонашон барги дарахт хӯранд, аз буз шир дӯшанд, зиндагии онҳо аз ман аст. Аз ширам панир, афшураву мост кунанд ва дуғамро хушк барои кохи шоҳон. Маздопарастон дар маросимҳояшон подёб – яке аз фарзҳои диниашонро ба пӯсти ман кунанд. Олоти мусиқӣ – чангу вину каннор, барбату танбӯр ба ёрии ман сароянд. Дар бозор маро камтар аз даҳ дирам харанд, аммо хурморо ба пашизе кӯдакон харанд. Дону ҳастаи (мағзи) ту ба гандмурдон – гандидагӣ, мурдорӣ мешавад.

Ин аст он суду некӣ аз мани Буз ба паҳнбум меравад. Он чи гуфтам ман ба ту, зарринсухан буд ва ин монанд ба он ки марворидро пеши хуки гуроз афшонанд ё чанг пеши шутури маст навозанд.

Ман ба кӯҳҳо ба чаро мешавам, кӯҳҳои хушбӯй, гиёҳҳои тарак хӯраму сардоб, аммо ту чун мехи ҷулоҳакон (ресандагон) дар як ҷо кӯфта шудаӣ.

Бо ҳамин:

Буз ба пирӯзӣ шуд / Хурмо андар сутӯҳ (монд).

Бартарӣ ва пирӯзии Буз бар Дарахти Асуриг дар он аст, ки аз ӯ нафъи бештаре ба табақаҳои гуногуни мардумон, шоҳон, паҳлавонон ва ғ. мерасад. Махсусан Буз аз ин ифтихор дорад, ки маҳсулоташ дар маросимҳои динӣ ва аз тарафи пайравони маздоясна истифода мешавад. Буз озод аст, пой дар банд нест, ба кӯҳҳо, кишварҳои дигар гаштугузор мекунад. Ба ин бартарии хеш дар охири посухаш ишора карданаш тасодуфӣ набуда, бо ҳамин Дарахтро ба тамомӣ забонкӯтоҳ мекунад ба дараҷае, ки ҳатто Дарахт кӯшиши ҷавоб гуфтан, рад карданро наменамояд. Дарахтро дар охири достон ба душман ташбеҳ додааст ва гуфтааст, ки сари душманро мурда диданист, яъне душман бояд мағлуб шавад.

“Дарахти Асуриг” барои омӯзиши таърихи забони форсии тоҷикӣ низ бисёр муҳим мебошад. Аз он бармеояд, ки форсии тоҷикӣ идомаи забони паҳлавӣ - форсии миёна мебошад. Дар тар-

киби он калимаву мафҳумҳои зиёде ба назар мерасанд, ки онҳо дар матнҳои баъдӣ ва забони зиндаи форсии тоҷикӣ то имрӯз дар истеъмол мебошанд.

## “АНДАРЗИ ОЗАРБОДИ МЕҲРОСПАНДОН”

Чунонки аз номаш бармеояд, андарзномаест, ки муаллифи он Озарбоди Меҳроспандон мебошад. Ӯ аз ҷумлаи чеҳраҳои шинохтаи мазҳабии давраи Сосониён буда, дар танзим ва шарҳи китоби “Авесто” нақши бузург дошт.

“Андарзи Озарбоди Меҳроспандон” аз силсилаи андарзҳое иборат аст, ки муаллиф онҳоро барои писараш бо номи Зардушт навишта будааст ва дар онҳо аз одоби сухан ва муошират, ростгуфторӣ, ростпиндорӣ, росткирдорӣ, некандешӣ, некномию некзистӣ, порсоӣ, оини интихоби дӯст ва ҳамроҳу ҳамнишин ва ҳамрози нек, хирад ва манфиати омӯзишу фарҳанг, эҳтироми падару модар ва бузургону сарварону шаҳрёрон, додхоҳӣ ва парҳезу парҳезкорӣ, бунёди хонумон, интихоби зан ва интихоби домодон, оини қарз гирифтан, манфиати саҳархезӣ ва ғ. мулоҳиза меронад.

Дар оғози “Андарзнома” зикре рафтааст, ки Озарбод дар аввал фарзанд надошт, баъд соҳиби писар шуд ва ӯро ба хотири росткирдории Зардушти Спитамон Зардушт ном ниҳод ва ба вай фарҳанг омӯзониданӣ шуд ва дар хитоб ба ӯ гуфт: ”Писарам, некандеш бош, на гуноҳандеш, чи мардум то замони ҷовидон зинда набошанд ва чизи менуӣ бештар бояд хост”. Ва сипас силсилаи андарзҳоро меорад, ки бештари онҳо дар осори адибони баъдӣ такрор шудаанд ва то имрӯз дар байни мардум машҳур мебошанд.

“Андарзнома” аз як саду бисту чаҳор панди ҷудогона иборат аст. Чунончи:

Он чи бигзашт, фаромӯш кун ва барои он чи наомадааст, тимору андуҳ мабар.

***

Ҳар чӣ бароят нек нест, ба дигар кас низ макун!

***

Хештан ба бандагӣ ба касе маспор!

***

Ҳар чӣ бишнавӣ, бишнав, лек ҳарза магӯ!

***

Беҷо маханд!

***

Бо марди ҳарзагӯй ҳамроз мабош!

***

Бо марди пурхӯр ҳамхӯриш мабош!

***

Бо марди маст ҳамнӯш мабош!

***

Бо марди озоднажод ва корогоҳу зирак ва хушхӯ машварат кун ва дӯст бош!

Марди баландпояи доноро гиромӣ дор, аз ӯ сухан бипурс ва аз ӯ сухан бишнав.

***

То чанд тавонӣ, мардумон ба сухан маёзор!

***

Ба кину зиёни мардумон марав!

***

Ошкоргӯ бош! Ҷуз ба андеша сухан магӯ!

***

Зани фарзонаву шармгинро дӯст бош ва ӯро ба занӣ хоҳ!

Муаллифи “Андарзнома” навиштаашро бо чунин ҷумла ба поён расонидааст, ки “Ҷовидонравон бод Озарбоди Меҳроспандон, ки ин андарз кард ва ин фармон дод. Чунин бод!”

Номи касоне чун Озарбоди Меҳроспандон, ки чунин асарҳои намиранда офаридаанд, то ҷовидон хоҳад монд.

## “КОРНОМАИ АРДАШЕРИ БОБАКОН”

“Корномаи Ардашери Бобакон” дар асл навиштаи аҳди сосонӣ буда, замони китобати онро асри VI мелодӣ, ба давраи подшоҳии Хусрави Анӯшервон тахмин мекунанд. Ҳамчунин тахмин меравад, ки матни кунунии “Корнома” шакли мухта-

сар ва таҳрирхӯрдаи нусхаи комили асри V мелодӣ мебошад, ки ба забони форсии миёна ва ба хати паҳлавӣ нигошта шуда будааст.

“Корнома” яке аз сарчашмаҳои “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ ба шумор меравад. Устоди Тӯсӣ онро аз тариқи матни “Худойнома” истифода бурдааст.

Дар “Корнома” таърихи подшоҳии нахустин шоҳи сосонӣ Ардашери 1 (224-241), пирӯзии вай бар Ардавони V (213-224 ) – охирин шоҳи Ашкониён ва дигар шаҳрёрони Эроншоҳ, муттаҳид сохтани кишвар ба як шоҳаншоҳии бузург, парвариши Ардашер, набардҳо ва пирӯзиҳои вай бар душманон, таваллуди Шопури 1 (241-272), Ҳурмузди 1 (272-273) ва дигар лаҳзаҳои зиндагии онон баён гардидааст.

“Корнома” асари таърихӣ аст. Вале чун моли Давраи қадим хусусияти синкретӣ дошта, якҷо бо афсонаву ривояту достонҳо устураҳои он замон мебошад, аз ин рӯ намунае аз тафаккури бадеӣ, адабиёти бадеии он замонҳо низ ба шумор меравад. Беҳуда нест, ки пажӯҳишгарон “Корнома”-ро натиҷаи омезиши таърихи воқеии Ардашер ва афсонаҳои рӯзгори бостон дар мавриди подшоҳии Куруш донистаанд.

Ба хотири арзиши бузурги забонӣ доштани “Корнома” тарҷумонҳо ҳангоми баргардони он аз паҳлавӣ ба забони форсии тоҷикӣ кӯшиш намудаанд, ки вижагиҳои забони форсии миёна – паҳлавиро нигаҳ доранд. Барои мисол, дар матни он асли калимаву мафҳумҳое ба мушоҳида мерасанд, ки имрӯз бештар муродифҳои арабӣ ва туркияшон маъмул шудаанд, монанди обзан ба ҷойи ҳаммом, обистан – ҳомила, сутургоҳ – оғил, ҳафтон – ҳафт сайёра, Дувоздаҳон – Бурҷи дувоздаҳгона, Ҳурмузд – Муштарӣ, Баҳром - Миррих, Аноҳид – Ноҳид, Зуҳра, Ҳафтавранг – Дубби Акбар, Шерахтар – Асад, сутурбон – галабон, Кайвон – Зуҳал, Тир – Уторуд, ғунд – даста, фармонбурдор – фармонбардор, сутӯҳида – мағлуб, юнҷа – юнучқа, ҳампиндор – ҳамфикр, писту – талқон, андарзбад – насиҳатгар, пешгӯёну ғайбгӯён – фолбинон ва ғ.

“Корнома” бо сабк, устураҳо, гиреҳбандию гиреҳкушоиҳо ва шахсиятҳояш мисли як афсонаест.

Бобак – марзбону шаҳрёри Порс ва гумоштаи Ардавон шабе хоб мебинад, ки чӣ гуна хуршед аз сари Сосон – аз нажоди Дорои

Дороён битобид ва ҳама ҷаҳон рӯшноӣ кард. Шаби дигар хобе дид, ки чӣ гуна Сосон ба пили оростаи сафеде нишаста ва ҳар кӣ дар кишваранд, пиромуни Сосон истода ва бад-ӯ намоз баранд ва ситоишу офариниш кунанд. Шаби севум низ хоб дид, ки чӣ гуна Оташи Фарнбай ва Гушнаспу Бурзинмеҳр ба хонаи Сосон ҳамеафрӯзанд ва рӯшноӣ ба ҳама ҷаҳон ҳамедиҳанд.

Бобак доноёну хобгузоронро ба пеш хост ва он хоб, ки ҳар се шаб дида буд, пеши эшон бозгуфт.

Хобгузорон гуфтанд, ки ӯ ё аз фарзандонаш касе ба подшоҳӣ расад, чи хуршеду пили оростаи сафед чирагию тавоноию пирӯзӣ ва Оташи Фарнбай диндонишии меҳмардону муғмардон ва Оташи Гушнасп артишдоранд, сипаҳбадон ва Оташи Бурзинмеҳр шубонону барзигарони ҷаҳонанд. Ва ҳама ин подшоҳӣ ба он мард ва ё фарзандони он мард расад.

Бобак Сосонро ба пеш хосту пурсидаш , ки ту аз кадом гавҳару нажодӣ. Сосон аз Бобак пуштибонию зинҳор хост ва рози хеш, чунонки буд, гуфт.

Бобак шод шуд ва духтари хеш ба занӣ додаш. Аз он духтар Ардашер бизод. Бобак чун танумандию чобукии Ардашер бидид, донист, ки он хоб, ки дида буд, рост будааст. Ва ӯ Ардашерро ба фарзандӣ пазируфт, гиромӣ дошту парваридаш. Чун Ардашер ба синни понздаҳсолагӣ расид, ба Ардавон огаҳӣ омад, ки Бобакро писарест ба фарҳангу аспсаворӣ варзидаву шоиста. Ва ӯ ба Бобак нома кард, ки мо шунидем, ки Шуморо писарест ба фарҳангу аспсаворӣ басе варзида. Орзуи мост, ки ӯро ба даргоҳи мо фиристӣ ва назди мо ояд, то бо фарзандону шоҳзодагон бошад ва ӯро ба фарҳанге, ки ҳасташ, подош фармоем.

Бобак чун аз он ки Ардавон комгортар буд, дигар чора кардан ва он фармон рад кардан натавонист.

Ардавон чун Ардашерро дид, шод шуд ва гиромӣ дошташ. Фармуд, ки ҳар рӯз бо фарзандону шоҳзодагони вай ба нахчиру чавгон шавад. Ардашер чунин кард.

Рӯзе Ардавон бо саворону Ардашер ба нахчир шуда буд. Гӯре дар дашт бигзашт ва Ардашеру писари меҳтари Ардавон аз паси гӯр битохтанд. Ардашер даррасид ва тире ба гӯр чунон зад, ки гӯр ба ҷой бимурд. Ардавону саворон расиданд ва чун ин заниш (зарба) бад-ин оин диданд, тааҷҷуб карданд. Пурсиданд, ки: “Инро

кӣ кард?” Ардашер гуфт, ки: “Ман кардам”. Писари Ардавон гуфт, ки: “Не, ман кардам”. Ардашер хашм гирифт ва ӯ ба писари Ардавон гуфт, ки : “Ҳунару мардонагӣ ба ситамгарию бешармӣ ва дурӯғу бедодгарӣ ба хештан кардан натавон! Ин дашт накуст ва гӯр бисёр, ману ту дубора озмоиш кунем ва некуию далерию чобукӣ аз худ падид оварем”.

Ардавон аз ин тааҷҷуб кард ва пас аз он Ардашерро нагузошт ба асп нишинад. Ӯ Ардашерро ба охури сутурон фиристод ва фармуд, ки : “Нигар, то шабу рӯз аз наздики сутурон ба нахчиру чавгон ва фарҳангистон нашавӣ!” Ардашер донист, ки Ардавон ин аз рашку бадкомӣ гӯяд.

Ардавонро канизаке буд шоиста, ки ӯро аз дигар канизакон арҷмандтару гиромитар дошт ва ҳар парасторӣ, ки Ардавонро буд, он канизак мекард.

Чанд рӯзе Ардашер ба сутургоҳ нишаста, танбӯр мезад ва сурудхонию хуррамӣ мекард, ӯ Ардашерро дида шефта гашт. Пас аз он бо Ардашер дӯстӣ ва хушӣ мекард. Пайваста ҳар шаб чун Ардавони баргаштабахт мехуфт, он канизак пинҳонӣ ба назди Ардашер мешуд ва то наздики бомдод бо Ардашер мебуд ва пас боз пеши Ардавон меомад.

Рӯзе Ардавон доноёну ахтаршуморони дарборро ба пеш хонду пурсид, ки чӣ мебинед? Онҳо гуфтанд, ки солоре ё подшоҳе нав ба пайдоӣ ояд ва басе фармонравоёнро бикушаду ҷаҳон боз ба шоҳии ягона оварад. Ҳар марди бандае, ки аз имрӯз то се рӯз аз назди худованди хеш бигрезад, ба бузургию подшоҳӣ расад ва бар худованди хеш комрону пирӯзгар бувад.

Канизак он сухан, ки ба Ардавон гуфтанд, шаб чун назди Ардашер омад, бозгуфт. Ардашер чун он сухан бишнид, аз он ҷой андеша ба гурехтан ниҳод. Ӯ ба канизак гуфт, ки агар туро андеша бо ман росту ягона аст, омода бош, биравем, то ҷаҳон бигирем. Шаб чун Ардавон хуфта буд, канизак аз ганҷи Ардавон шамшери ҳиндию зини заррин ва камарбанде бо нишони сари меш ва кулоҳи заррину ҷоми заррин бо басе гуҳару дираму динор ва ҷавшану зинафзори оростаи бисёр ва басе чизҳои дигар ситонду ба пеши Ардашер овард.

Ардашер ду асп аз борагони Ардавонро, ки рӯзе ҳафтод фарсанг мерафтанд, зин кард, ба яке худ ва бар дигар канизак нишаст ва роҳ ба Порс гирифту ба шитоб ҳамерафт.

Чун рӯз шуд, Ардавон канизро хост, лек канизак дар ҷой набуд. Сутурбон омад ва ба Ардавон гуфт, ки Ардашер бо ду аспи шумо дар ҷой нест. Ардавон донист, ки канизаки ӯ бо Ардашер гурехтааст. Ӯ ахтаршумарони солорро бихост. Онҳо ба Ардавон гуфтанд, ки Ардашер гурехта ва ӯро рӯй ба сӯйи Порс аст. Агар то се рӯз гирифтан нашояд, пас аз он гирифтан натавон.

Ардавон дарҳол сипоҳе чаҳор ҳазор биорост ва роҳ ба Порс пайи Ардашер гирифт. Чун ба ҷое омад, аз мардуми он пурсид, ки: “Он ду савор чӣ гоҳ бигзаштанд?” Эшон гуфтанд, ки: “Нимрӯз буд, чун боди бузург ҳамерафтанд ва ҳамвора бо эшон баррае низ мерафт”. Ардавон тааҷҷуб кард ва гуфт, ки: “Нигар! Савори дугонаро донем, аммо он барра чӣ шояд будан?” Ва ӯ аз дастур пурсид. Дастур гуфт, ки: “Он фарри подшоҳист, ки ҳанӯз ба ӯ нарасида. Ба зуд савор шавем ва шояд пеш аз он ки он фарр бад-ӯ расад, битавонем гирифтан”. Ардавон бо саворон зуд бишитофт.

Рӯзи дигар ҳафтод фарсанг рафтанд ва ононро гурӯҳи корвоне пеш омад. Ардавон аз эшон пурсид, ки: “Он ду савораро дар куҷо диданд?” Эшон гуфтанд, ки: “Миёни онону шумо бисту як фарсанг замин аст. Моро чунин намуд, ки бо яке аз он саворон баррае бас бузургу чобук ба асп нишаста буд”. Ардавон аз дастур пурсид, ки: “Он барра бо ӯ ба асп чиро намояд?”. Дастур гуфт: “Ҷовидон бодо! Ба Ардашер фарри каён расид ва ба ҳеч чора ӯро гирифтан натавон. Пас, хештану саворон ранҷ мадиҳед. Чораи Ардашер аз дигар роҳ бихоҳед”.

Он чораҳои дигари Ардавон фиристодани сипоҳу ғунд (даста) бо писари хеш ба Порс, ба гирифтани Ардашер буд. Вале он чораҳо коре накарданд, мардум ба Ардашер пайвастанд ва ӯ дар корзор бо Ардавон пирӯзӣ ёфт, духтари Ардавонро ба занӣ гирифт, Ардавонро бикушт, бо курдон, бо бошандагони Ҳафтубод корзор кард. Духтари Ардавон ба Ардашер бо исрори бародаронаш захр доданӣ мешавад, барор намегирад. Ардашер ӯро ба марг фармон медиҳад. Аммо аз фарзанд зодани ӯ Ардашер хабар надошт. Гумон дошт модараш ва ӯ мурдаанд.

Ардашер рӯзе ба нахчир шуд ва асп ба сӯйи гӯри мода ронд, гӯри нар ба теғи Ардашер омад ва гӯри модаро раҳо карду хештан ба марг супурд. Ардашер он гӯр бигзошту ба сӯйи бачаи гӯр афканд. Гӯри мода чун дид, ки савор асп ба бача афганд, омаду бачаро раҳо кард ва хештан ба марг супорид. Ардашер чун

ин бидид, дар ҷой бимонд ва дилаш сӯхту асп бигардонд! Ба худ андешид, ки вой бар мардумон бод! Ин чаҳорпоёни гунг низ бо нодонию безабонии хеш бо ҳамдигар чунон меҳр баста, ки ҷони худ барои зану фарзанд супоранд. Ӯ он фарзандро, ки он зан дар шикам дошт, ба ёд овард ва ба пушти асп истоду ба бонги баланд бигирист. Мубадонмубаду эронсипаҳбад ва пуштбонони солору меҳтари дабирон ва андарзбади шоҳзодагон дар дарбор ба пеши Ардашер омаданд ва саҷда бурданду гуфтанд, ки "Ҷовидон бодо! Бад-ин ҳол хештан андуҳгин ва ранҷу ғам ба дил кардан мафармоед. Агар коре пеш омада, ки мардумон чора кардан натавонанд, моро огоҳ кун, то ҷону тан ва ганҷу дороию зану фарзанди хеш пеш дорем. Магар он газандест, ки чора кардан нашояд, хештан ва мо мардумони кишварро андуҳгин кардан мафармоед. Ардашер дар посух гуфт, ки: "Маро то кунун бадбахтие пеш наомада буд, ба ҷуз имрӯз, ки дар дашт аз чаҳорпойи гунгу ногӯёву нодон, ки худ бад-ин ҳол дидам, он зану он фарзандро бегуноҳ дар шиками модар то кунун дар ёд буд. Аз куштани онон дар андеша пушаймонам, ки ба ин ҷон гуноҳи гарон шояд буда бошад".

Мубадонмубад чун дид, Ардашерро аз он кор ба пушаймонӣ омад, ба рӯй афтод ва гуфт, ки он зану фарзандро, ки шумо фармудед, то бикушам, ман накуштам. Ӯ писаре зод, ки аз ҳар навзоду фарзандони шоҳон некутару шоистатар. Ардашер гуфт, ки: "Чӣ мегӯйӣ!" Мубадонмубад гуфт, ки: "Ҷовидон бодо! Чунин аст, чунонки гуфтам". Ардашер фармуд, то даҳони мубадонмубад пур аз ёқути сурху марвориди шоҳвору гуҳар кунанд.

## БУЗУРГМЕҲРИ ҲАКИМ ВА «АНДАРЗНОМА»-И Ӯ

«Андарзнома»-и Бузургмеҳри Бухтагон – вазири шоҳи сосонӣ Хусрави 1 (531-579) маъруф ба Хусрави Анӯшервон бештар бо номи «Ёдгори Бузургмехр» ёд мешавад. Бинобар ривояти «Шоҳнома», Бузургмехр дар овони кӯдакӣ аз Марв ба дарбори Хусрави Анӯшервон оварда шудааст. Баъдан ӯ ҳамчун шахсияти дар хирад болову дар дониш тавоно шуҳрат ёфтааст. Кушодани рамзи шатранҷ ва рамзи ҳар яке аз донаҳои он ва ҳам ихтирои нардро ба ӯ нисбат медиҳанд. Пасон аз ӯ бештар бо номи Бузургмеҳри Ҳаким зикр кардаанд.

«Ёдгори Бузургмехр» дар шакли пурсишу посух танзим гардида, бо зикри он оғоз мегардад, ки Бузургмеҳри Бухтагон – сар-

парасти ҳарами шаҳрёри неруманд Хусрав ва сарвари дарбор бо фармони шоҳаншоҳ Хусрав онро навиштааст, то китоби хубе бошад барои онон, ки аз Яздон офарида шудаанд.

Муаллиф сипас аз он ёдовар мешавад, ки чун чизи гетӣ ҳама гузарону табоҳпазир ва дар гардиш аст, чунонки на дертар дар замони сад сол тан ба фарҷому шаҳрёрӣ ба нестӣ расад, дар замони сесад сол хонавода ба вайронӣ ва ном ба фаромӯшию аз ёд рафтан ва хонумону меҳан ба вайронию нопокӣ ва нажоду пайванд ба фурӯмондагию пушаймонӣ, кӯшиш ба бебарорӣ ва ранҷу кӯшиш ба тиҳигӣ ва подшоҳӣ ба шаҳрёрони замон расад, чизе ки зинда бипояд ва вайрон нашавад, ашӯӣ (росткирдорӣ) ва кори нек мебошад, ки ҳеч кас рабудан натавонад, сухане чанд барои шукӯҳи гетӣ дар ин ёдгор навиштам.

Бахши асосии матни «Ёдгори Бузургмеҳр» аз пурсишу посух иборат аст. Ҳамчун намуна чанде аз он пандҳоро меорем:

Некӣ чисту бадӣ чист?

– Некӣ пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек ва бадӣ пиндори бад, гуфтори бад ва кирдори бад.

Пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек чист ва пиндори бад, гуфтори бад ва кирдори бад чист?

– Пиндори нек паймон дар андеша, гуфтори нек родӣ ва кирдори нек ростӣ. Пиндори бад фирефторӣ дар андеша, гуфтори бад пастӣ ва кирдори бад дурӯғгӯӣ.

Паймон дар андеша чист, родӣ чист, ростӣ чист? Ва фирефторӣ дар андеша чист, пастӣ чист, дурӯғгӯӣ чист?

– Паймон дар андеша ин, ки кас моли ҷаҳон гузарон бинад ва ком ба он чиз барад, ки тани ӯ ба каффораи (товони) гуноҳ ва равонаш ба дӯзах нарасад. Родӣ ин ки кас сарнавишти танро аз тан ва сарнавишти равонро аз равон ҷудо накунад. Ростӣ ин, ки ба равони хеш рост ва бефирефтор бувад. Фирефторӣ дар андеша ин, ки кас гетиро нопойдор ва менуро ҷовидон донад ва маром бар он чиз барад, ки анҷом вайронии тан ва каффораи гуноҳ ва кайфар ба равонаш бувад. Пастӣ ин ки кас сарнавишти танро аз тан ва сарнавишти равонро аз равон ҷудо дорад. Дурӯғгӯӣ ин ки кас танро ба мароми равон ба фиреб дорад.

Соҳиби «Ёдгори Бузургмеҳр» дар посух ба пурсиши он ки «Девон кистанд ва чанд тананд?» гуфтааст: «Озу ниёз, хашму рашк, нангу шаҳват, кин, танбалӣ ва деви аҳламуғӣ (бадоинӣ) ва туҳмат».

Ҳамчун намуна чанд пурсишу посухи дигаре ҳам аз «Ёдгори Бузургмеҳр»:

Ба мардумон чӣ ҳунар беҳтар?
– Доноӣ ва хирад.
Аз ин кадом беҳтар?
– Он ки хештан бебимтару бегуноҳтар ва беранҷтар тавонад будан.
Барои мардумон хирад беҳ ё дониш?
– Хирад барои шинохтани кор ва дониш барои писандидани кор.
Кадом гуҳар беҳ?
– Фурӯтанию чарбзабонӣ.
Чӣ хӯ беҳ?
– Хештандорию оштихоҳӣ.
Чӣ оин беҳ?
– Некӣ.
Кадом душман ситамгартар?
– Кирдори бад.
Чизе, ки ба мардумон расад, аз бахт бувад ё аз куниш (кор)?
– Бахту куниш бо ҳам монанданд, чунонки тану ҷон.

Шакли пурсишу посухи кӯтоҳро барои баёни пандҳои хеш интихоб кардани Бузургмеҳри Ҳаким тасодуфӣ набуда, аз содиқ будани ӯ ба суннатҳои адабии гузашта гувоҳӣ медиҳад. Ва он барои дар хотир гирифтани пандҳои ӯ ёрӣ мерасонад. Ба ҳамин сабаб аст, ки пас аз чандин садсола низ мардуми мо ба осонӣ аз Бузургмеҳри Ҳаким иқтибос мекунанд ва суханонашонро бо он зеб медиҳанд.

## ТАЛМЕҲ

Маънои луғавии **талмеҳ** ба гӯшаи чашм ишора кардан, нигоҳи сабук намудан ба сӯйи чизе мебошад. Ҳамчун истилоҳ он санъати бадеии маънавиеро гӯянд, ки адиб дар зимни каломи манзум ё мансури худ ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, қиссаву афсонаҳо, ба қаҳрамонон ва шахсиятҳои таърихӣ, асотирӣ, ба шеъри нодири машҳур ё масали машҳур, ё оят ва ҳадиси маъруф ишора намояд. Монанди рубоии зери Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ:

*Юсуфрӯе, к-аз ӯ фиғон кард дилам,*
*Чун дасти занони мисриён кард дилам.*
*З-оғоз ба бӯса меҳрубон кард дилам,*
*Имрӯз нишонаи ғамон кард дилам.*

Дар ин рубоӣ ишора ба баъзе аз лаҳзаҳои қиссаи Юсуф ва Зулайхо меравад. Аз ҷумла ишора ба он ки занони мисриён аз ҳайрати ҷамоли зебои Юсуф ба ҷойи мева дасти худро мебуриданд.

Мисоли дигар. Ҳофизи Шерозӣ мегӯяд:

*Шоҳи туркон сухани муддаиён мешунавад,*
*Шарме аз мазлимаи хуни Сиvушаш бод.*

Ин ҷо ишора ба достони Сиёвуш аст, ки паноҳанда ба назди Афросиёб – подшоҳи Тӯронзамин шуд ва ӯро бегуноҳ куштанд ва эрониён ба саркардагии Рустам интиқоми сахте аз тӯрониён гирифтанд.

Аз санъати талмеҳ шоирони гузашта зиёд истифода кардаанд, аз он ҷумла Хоқонии Шарвонӣ. Ӯ ин санъати шеъриро ба дараҷае фаровон истеъмол намудааст, ки баъзе аз шеърҳояш гумон меравад, ки маҷмӯаи талмеҳҳо мебошад. Чунончи, чанд байте аз як қасидаи шоир, ки дар он силсилаи талмеҳҳо ба кор бурда шудааст ва ишора ба замони Сосониён, шоҳони сосонӣ ва хонадони онҳоро дар худ доранд:

*Маст аст замин, зеро хӯрдаст ба ҷойи май*
*Дар коси сари Ҳурмуз хуни дили Нӯширвон...*
*Кисрову турунҷи зар, Парвизу биҳи заррин,*
*Бар бод шуда яксар, бар хок шуда яксон...*
*Хуни дили Ширин аст он май, ки диҳад разбун,*
*З-обу гили Парвиз аст ин хум, ки ниҳад деҳқон.*

Шоирон ва нависандагон аз санъати талмеҳ барои гунҷонидани маънии бисёр дар лафзи андак, барҷастагӣ ва расоии маънӣ истифода кардаанд. Ишора ба ҳодисаҳо ва шахсиятҳои маъруфу машҳур адибонро аз тафсиру такрори маънӣ бозмедорад. Барои мисол, дар байти зерин аз як ғазали Ҳофиз, ки дар он санъати талмеҳ вуҷуд дорад, омадааст, ки:

*Падарам равзаи ризвон ба ду гандум бифурӯхт,*
*Нохалаф бошам, агар ман ба ҷаве нафрӯшам.*

Ин ҷо ишора ба қиссаи тӯлонии аз биҳишт ронда шудани ҳазрати Одам рафтааст.

Талмеҳ ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ дар адабиёти мардуми дунё густариш ва корбурди фавқулодае дорад.

## «ЁДГОРИ ЗАРИРОН»

«Ёдгори Зарирон» нахуст ба забони портӣ ба гунаи чакома (қасида) суруда шуда, дар замони Сосониён пас аз пазириши оини зардуштӣ ба ҳайси дини давлатӣ тарҷума шудааст. Агарчи матни ин асар бо гузашти замон аз асли портиаш, ки манзум буда, то ҷое дур рафтааст, ҳанӯз ҳам нишонаҳои он ба мушоҳида мерасад. Дар матн чанде аз вожаҳои портӣ ҳамчун луғати иқтибосӣ ба кор рафтаанд.

Дар «Ёдгори Зарирон» сухан аз ҷанги Виштосп (Гурҷосп) шоҳи Эрон ва Арҷосп – шаҳрёри хиюнон барои пазириши дини маздопарастӣ меравад.

Вақте ки Арҷосп огоҳ мешавад, ки Гуштоспшоҳ бо писарону бародарон ва шоҳзодагону ҳамроҳони хеш дини маздояснаро аз Ҳурмузд пазируфт, Видрафши ҷоду ва Номхости Ҳазоронро бо ду ҳазор сипоҳи баргузида ба Эрон мефиристад. Дар номае, ки онҳо оварданд, навишта шуда буд, ки агар шумо шаҳрёронро писандед ва ин динро раҳо кунед ва бо мо ҳамкеш бошед, он гоҳ шуморо ба шаҳрёрӣ парастем, он гоҳ сол ба сол бас зару бас аспи некӯ ва бас гоҳи (тахти) шаҳрёрӣ ба шумо диҳем. Ва агар ин динро раҳо накунед ва бо мо ҳамкеш набошед, он гоҳ бар шумо расем, сабзро хӯрему хушкро сӯзем ва чаҳорпову дупоро аз кишвар ғулом кунем ва шуморо ба тамоми гаронӣ ва душворӣ кор фармоем.

Таҳамтан сипоҳбади нек – Зарир, ки бародари Гуштосп буд, бо фармони Гуштосп номаро посух фармуд. Ва дар он ба Арҷосп – шаҳрёри хиюнон навиштанд, ки нахуст мо ин дини покро, ки аз Ҳурмузд пазируфтем, нагзорем ва бо шумо дигар моҳ анӯш хӯрем (дар набард шавем). Дар ин нома ҷойи ҷанг низ таъйин гардида буд - бешаи тиҳӣ ва марғи Зардуштон, ки на кӯҳи баланд аст ва на дарёчаи жарф.

Гуштоспшоҳ пеш аз набард аз Ҷомоспи вазир, ки донову бино ва шинохта буд, пурсид, ки чӣ хоҳад шуд? Ҷомоспи вазир ба

зинҳор мегӯяд, ки фардо рӯз чун кӯбанд далер ба далер, гурд ба гурд, бас модар бе писару бас писар бе падар ва бас падар бе писару бас бародар бе бародар ва бас зани шӯйдор бе шӯй шаванд. Ва Видрафши ҷоду таҳамтан сипоҳбад Заририро кушад ва аспи ӯ бибарад. Ва Номхости Ҳазорон Подхусрави Фрашевард порсои маздоясна, бародари дигари туро ва писари дӯстдоштаатро кушад ва аспашро ҳам бибарад. Хулоса, дар ин ҷанг аз писару бародар бисту се тан мурда буванд.

Гуштоспшоҳ агарчи барояш душвор буд, эълом дошт, ки агар ҳама писарону бародарону шоҳзодагони ман мурда буванд, он гоҳ ман ин дини поки маздоясна, чунонки аз Ҳурмузд пазируфтам, нагузорам.

Дарвоқеъ, дар ҷанг бо Арҷосп – шаҳрёри хиюнон бародари Гуштосп – таҳамтан сипоҳбад Зарир кушта мешавад ва писари ҳафтсолаи ӯ Баствар ба майдон медарояд ва кини падар мехоҳад. Арҷосп ба муқобили Баствар – кӯдаки каёнӣ Видрафши ҷодуро бо ваъдаи додани духтараш Беҳистан, ки дар ҳама кишвари хиюнон зане аз ӯ хубрӯйтар набуд, мефиристад.

Вақте ки Баствар Видрафши ҷодуро мебинад, хитоб мекунад, ки «Дурванди ҷоду! Ба пеш фароз ой! Чи ман бораи Зарирон дорам, лек тохтан надонам. Ман тир андар тирдон дорам, лек андохтан надонам. Ба пеш фароз ой, то он ҷони хуш аз танам бигир, чунонки ба он таҳамтан сипоҳбади нек Зарир – падари ман кардӣ!» Видрафши ҷоду аз ин суханон густох шуд ва фароз ба пеш омад ва он сиёҳи оҳанинсумб, ки аспи Зарир буд, чун бонги Баствар шунид, чаҳорпо ба замин истод ва нуҳсаду наваду нуҳ бонг кард. Видрафш табар зад, Баствар ба даст фароз пазируфт. Пас равони Зарир бонг зад, ки ин табар аз даст биафкан ва аз тирдони хеш тире ситон ва ин деви дурӯғро посух кун. Баствар табар аз даст биафканд ва аз тирдони хеш тире ситонд ва Видрафшро ба дил зад, аз пушташ гузашт ва бар замин афтонд ва кушт. Баъд Баствар мӯйи сафеди марворидашро афшонд, ҷомаи зарбафти Заририро гирифт, ба аспи падараш нишаст ва аспи хешро ба даст фароз гирифт ва асп пеш ронду душман кушт. Чун Гаромикирд - писари Ҷомосп ва сипоҳи бузург ӯро диданд, барои Зарир гиристанд ва ба писараш гуфтанд, ки чаро ин ҷо омадӣ, чун туро ангушт ба тир озмуда нест ва дифои разм надонӣ. Мабодо хиюнон расанду туро кушанд, чунонки эшон Заририро низ куштанд.

Баствар дар ҷавоб ба Гаромикирд - писари Ҷомосп гуфт, ки дирафши пирӯзон (парчами ғолибон) дор, чӣ агар зинда расам ба пеши Гуштоспшоҳ, гӯям, ки ту чӣ гуна ба некуӣ корзор кардӣ.

Пас Баствар асп пеш меронад, душман мекушад ва ба ҷое мерасад, ки Исфандёри ял корзор мекард. Дере нагузашта аз хиюнон ҳеч зинда намонд, магар як Арҷосп – шаҳрёри хиюнон. Ва Исфандёр – он яли нек Арҷоспро гирифт, як дасту як пой ва як гӯши ӯро бурид ва як чашми ӯро ба оташ сӯхт ва ӯро ба хари думбурида ба шаҳраш мефиристад ва мегӯяд, ки бирав бигӯй, ки чӣ дидӣ аз дасти ман, ки хиюнон низ донанд, ки чӣ бувад ба рӯзи Фарвардин дар аждаҳоразми Гуштоспон.

Ҳамин тавр, «Ёдгори Зарирон» намунаест аз қаҳрамониҳову фидокориҳои гузаштагони мо дар ҳифзи марзу буми хеш ва дину оини хеш, ки ҳама тайёранд нобуд шаванд, аз сипоҳбади таҳамтан Зарир то кӯдаки ҳафтсолааш Баствар, Гаромикирд – писари Ҷомоспи вазир, Исфандёри яли нек, вале дирафши пирӯзиро аз даст нагузоранд.

## АДАБИЁТИ АРАБИЗАБОНИ ТОҶИК (АСРҲОИ VIII ВА IX)

Давраи пас аз истилои араб то замони пайдоиш ва ташаккули адабиёти форсии тоҷикӣ, ки асрҳои VIII ва IX мелодиро фаро мегирад, марҳалаи хоси адабиёти тоҷик ба шумор меравад ва аз тамоми давраҳои дигари он фарқ мекунад. Дар ин давра адабиёти тоҷик ба забони арабӣ буд, агарчи ҳамаи шоирону нависандагоне, ки ин адабиётро ба вуҷуд оварда буданд, эронитабор буданд. Бино ба маълумоти сарчашмаҳо, аз охири асри VII то охири асри IX зиёда аз панҷоҳ шоир ва нависандаи эронинажод дар эҷоди адабиёти арабизабони тоҷик иштирок кардаанд.

Сабаби ба забони дигар, дар айни замон арабӣ, асар навиштани адибони эронитабор он буд, ки бар асари истилои араб марказҳои адабию фарҳангӣ ва илмӣ ба забонҳои эронӣ аз байн рафта, ёдгориҳои маданӣ ва адабӣ нобуд гардида, забони арабӣ ҳамчун забони расмии хилофати араб ва дини ислом бартарӣ пайдо намуда буд. Дар ин вазъият аҳли адаби эронитабор роҳи наҷоти фарҳангу адаби қадимии худро дар тарҷумаи он аз забони форсии миёна ба забони арабӣ диданд ва муҳимтарин асарҳои манзум ва мансури қадимии хешро, аз қабили «Калила ва Димна», «Синд-

боднома», «Маздакнома», «Достони Баҳроми Чӯбина», «Достони Рустам ва Исфандёр», «Достони Баҳром ва Нарсӣ», «Достони Доро ва бути заррин», «Достони Шаҳрбароз ва Хусрави Парвиз», «Хусрав ва Ширин», «Вис ва Ромин», «Худойнома», «Тоҷнома», «Оиннома», «Аҳди Ардашер» ва ғ. ба он забон баргардонданд.

Тарҷума аз забонҳои эронӣ боиси пайдо шудани як қатор асарҳои таълифии тоза дар забони арабӣ шуд, масалан, «Калила ва Димна», «Китоби Билавҳар ва Будосаф», «Китоби Синдбод»-и Абони Лоҳиқӣ, «Сирати Ардашер», «Сирати Анӯшервон», «Китоби Маздак» ва ғ.

Падидаи ба забони дигар офаридани адабиёт аз тарафи шоирону нависандагони миллати дигар дар таърихи чандинҳазорсолаи адабиёти умумиҷаҳонӣ нав нест ва ин анъана имрӯз ҳам давом дорад. Барои мисол, нависандаи бузурги қирғиз Чингиз Айтматов, шоири машҳури қазоқ Олжас Сулаймонов, нависандаи номии тоҷик Темур Зулфиқоров ба забони русӣ асар менависанд, вале ҳар як намояндаи комилҳуқуқи адабиёти миллии худ мебошанд.

Омӯзиши ҳаматарафаи назму насри таълифии арабизабони адибони эронитабори асрҳои VIII-IX ошкор сохт, ки он давоми бевоситаи адабиёти қадими тоҷик буда, марҳалаи хосси гузариши он ба адабиёти форсии тоҷикӣ пас аз вуруди ислом ба ҳисоб меравад. Ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки раванди инкишофи адабиёти тоҷик ҳеч гоҳ, аз он ҷумла пас аз истилои араб, қатъ нагардида будааст ва маҳз ҳамин чиз заминаи боэътимоде барои равнақи беназири адабиёти форсии тоҷикӣ дар замони Сомониён шудааст.

Зуҳури адабиёти тоҷик дар қолаби забони арабӣ дар асрҳои VIII ва IX мелодӣ, ки аз он бо номи наҳзати тарҷумаи осори тоисломӣ ба забони арабӣ низ ёд мекунанд, алоқаи бевосита бо ҷунбиши шуубия дорад, ки дар нимаи аввали асри VIII ба вуҷуд омада, хусусияти истиқлолталабӣ ва эронгароӣ дошт ва адибони эронитабори арабизабон дохили он буданд. Ҳамин гаравиши онҳо ба ҷунбиши шуубия буд, ки умри бисёре аз онҳо ба таври фоҷиавӣ ба поён расид. Ибни Муқаффаъ, Башшор ибни Бурд, Исмоил ибни Ясор, Абдулҳамид ибни Яҳёи Котиб, Ҳаммоди Аҷрад ва ғ. бо туҳмати куфру зиндиқа кушта шуданд. Ибни Муқаффаъро дасту по бурида, ба танӯри оташ партофтанд ва танашро сӯхтанд. Исмоил ибни Ясорро дар оби ҳавз ғарқ кунонданд.

Адабиёти арабизабони тоҷик моҳиятан зодаи тафаккуру андешаи эронӣ буда, тавонист, ки аз тариқи ҳифзу эҳёи дороиҳои

фарҳангу адаби тоисломӣ ва ворид намудани он ба тамаддуни исломӣ растгории маънавии қавмҳои эронинажодро таъмин, ғояҳои миллӣ ва озодихоҳонро тарғиб ва заминаро барои барқарор кардани истиқлоли сиёсӣ ва адабию фарҳангӣ дар давраҳои баъдӣ омода намояд.

Муҳтавои асосии адабиёти арабизабони тоҷик аз ифтихори аслу насаб, гузаштаи пурифтихори ватан, мадҳи аҷдоди эронӣ, рӯҳи шикастнопазири эронӣ иборат мебошад.

Башшор ибни Бурд ифтихор аз он дорад, ки аз Хуросон асту аҷдодаш соҳиби шаъну шавкат буданд:

*Аз Хуросонам, аҷдодам соҳиби шаъну шавкат.*
*Дар накукорӣ барам ман гӯйи сабқат (бозӣ).*[1]

***

*Ман аз он қавми родмардонам, ки Хуросон маскани онҳост,*
*Гӯйӣ онҳо дарахтанду ман шохае сарсабз аз он дарахт.*

Абӯяъқуби Хураймӣ ифтихор аз он дорад, ки аз озодагони Суғд аст:

*Ман марде аз озодагони Суғдам.*
*Рангу пӯстам аз нажоди поки эронист.*

Мутаваккилӣ худро аз дудмони Ҷам мешуморад:

*Ман зодаи родмардонам аз дудмони (хонадони) Ҷам.*
*Вориси тахту тоҷи шаҳрёрони Аҷам ҳастам.*

Исмоил ибни Ясор ошкор эълон медорад, ки бо забони арабӣ аз шуҳрати ҳамқавмонаш ва тоҷварони номдораш дифоъ мекунад:

*Дифоъ кунам ман кунун бо ин забон*
*Аз шуҳрати ҳамқавмони худу тоҷварони номвар.*

Мавзӯи дигар зикри бартарии Аҷам бар Араб, муқобилгузории онҳо буд, ки намунаи хуби онро Башшор ибни Бурд гуфтааст:

---

1 Ин ҷо ва баъд аз ин тарҷумаҳо аз тарафи арабшиноси номӣ Низомиддин Зоҳидӣ аз арабӣ ба наср сурат гирифтааст. – А.С.

Мехоҳам ба араби худсито бифаҳмонам кӣ будани худрову ӯро, чун ӯ даҳон ба лоф кушодааст,

Ман вориси падару модари киромам. Дар Тухористон марзбонон ҳамзӯр бо ман буданд.

Ғизои мо буд кулчаҳои ширмол ва аз соғари симин буд шурби (нӯшокии) мо.

Хилъати мурассаъ бо ҷавоҳир (либоси ороста бо гавҳар) либоси базмии мо буд. Ҷомаи фохири (расмии) мо буд рашки бурди ямонӣ (либоси суннатии араб).

Рӯзгор, ки кунун дигар гаштааст, ғуломро ба арш (осмон) нишонду вологуҳарро ба фарш (замин).

Магар акнун, пас аз он ки бараҳна будӣ ва имрӯз ҳарир (шоҳӣ) ба бар кардаӣ ва май бо каримон (бузургон) мепаймоӣ.

Ва дирҳаме чанд дар ҷайб пайдо кардаӣ, қаля (қайла) мехӯрӣ ва хумор бо майи бунафш мешиканӣ,

Ту, эй чӯпонзода, магар пеши қавми озодагон (ориёӣ) меболӣ?

Бас аст, сухан бар газоф (беҳуда) магӯй!

Савганд бо номи падарам, танҳо хӯришат туро дигар шудааст, вале худат ҳамонӣ, ки будӣ.

Магар фаромӯш кардӣ, ки пештар,чун ташна ба оби гуворо (тоза) шудӣ, сагро дар нӯшидани оби гандидаи назди манзилат шарик будӣ?

Хӯрдани сари гамбуски бирён туро одат буд ва аз гӯшти дурроҷ (кабк) ҳазар доштӣ.

Шаб ба шикори хорпушт мебаромадӣ, рӯз сайди муш туро аз корҳои нек пайваста дур медошт.

Ҳасад мебурдӣ ба оне, ки бӯқаламун (хазанда) бирён мекард ва бӯй бурда ба наздаш ҳозир мешудӣ.

Болидани ту назди ман болидани муши даштию калтакалосро мемонад.

Вуҷуди ту байни мо нанг аст. Эй кош, коми оташи дӯзах туро фурӯ мекашид.

Ба мероси адибони асрҳои VIII ва IX танҳо дар матну ботни замони пас аз истилои араб метавон аз рӯйи инсоф баҳо дод. Вагарна дар зоҳир баъзе аз гуфтаҳои онҳо дар бораи мардуми араб ва фарҳанги арабӣ ба таҳқир ва мазамматиі рӯирост мемонад. Аз як тараф, аксарияти чунин асарҳо дар замонаш мухотаби

муайяни худро доштанд ва танҳо ба ӯ нигаронида шуда буданд. Аз тарафи дигар, як навъ вокунише ба даъвои арабҳо дар бораи бартариашон бар халқҳои дигари хилофат ва таҳқиру мазаммати мардумони ғайриараб аз тарафи Умавиён буд, на бештар аз он. Онҳо зидди нажодпарастии арабҳо буданд.

## АДАБИЁТИ ТОҶИК БА ЗАБОНИ ПОРСИИ ДАРӢ (АСРИ IX)

Аз адабиёти тоҷик ба забони форсии нав, ки онро порсии дарӣ ё форсии дарӣ мегуфтанд, ҳамагӣ чанд пораи манзум боқӣ мондааст. Яке аз нахустин намунаҳои шеър ба забони порсии дариро ба шоире бо номи Язид бинни Муфарриғ (ваф. 678/688 ) нисбат медиҳанд, ки ин аст:

*Об асту набиз*[1] *аст,*
*Асороти забиб*[2] *аст,*
*Самия*[3] *рӯсапид*[4] *аст.*

Пораи дигар ҳамон шеъри масхараомези аҳли Балх аст дар ҳаққи гумоштаи араб дар Хуросон Асад ибни Абдуллоҳ ва баёни ҳоли табоҳаш пас аз шикаст дар Хуталон дар соли 726:

*Аз Хуталон омадия,*
*Ба рӯ табоҳ омадия,*
*Овор*[5] *боз омадия,*
*Хушку низор*[6] *омадия.*

Шеъри Абулянбағии Самарқандӣ (ваф. 824) низ аз аввалин намунаҳои шеър ба забони порсии дарӣ мебошад ва дар он муаллиф бо як дарду ҳасрати бузург аз харобазорҳои зодгоҳаш, ки як замон ободон ва рашки Шош буд ва яқинан пас аз ҳамлаи араб ба ин ҳол афтода буд, сухан мегӯяд:

---

1 Набиз, набид – бода.
2 Забиб – бандагӣ.
3 Самия – номи зане.
4 Рӯсапид, руспӣ – фоҳиша, сабукпо.
5 Овор – овора.
6 Хушку низор – шармандавор.

*Самарқанди кандманд,*[1]
*Баз-инат*[2] *кӣ афганд?*
*Аз Шош*[3] *та*[4] *беҳӣ,*
*Ҳамеша та хуҳӣ.*[5]

Маълум мешавад, ки адибони эронитабор на танҳо адабиёти қадимии худро, ки ба забонҳои форсии қадим ва миёна эҷод шуда буд, ба воситаи тарҷума ба забони арабӣ ва офаридани асарҳои тоза дар он забон зинда нигоҳ доштанд, балки ҳамзамон кӯшиш намуда буданд, ки ба забони форсии нав асар эҷод кунанд ва онро идома диҳанд.

Хусусиятҳои лафзӣ ва маънавии нахустин намунаҳои адабӣ ба забони форсии тоҷикӣ ба таври равшан гувоҳӣ бар он медиҳад, ки онҳо дар заминаи адабиёти китобӣ ва шифоҳии қадим, ки ба забонҳои форсии миёна, аз ҷумла суғдӣ, бохтарӣ ва паҳлавӣ буд, ба вуҷуд омадаанд. Онҳо монанди шеъри қадимии эронӣ иқоӣ буда, дар онҳо микдори ҳиҷоҳо ва ҷойи такя (зада, вақфа, пауза) ба эътибор гирифта мешуд. Онҳо давоми ҳамон навъҳои шеърии қадимӣ – суруд, чома, чакома, чағона ва таронак мебошанд.

Бо забони порсии дарӣ шеъри иқоӣ гуфтан аз охири давраи Сосониён оғоз гардида, дар замони истилои араб низ давом кардааст. Аз Абӯҳафси Суғдӣ (охири а. VII ва ибтидои а. VIII - 832) байте мондааст, ки далел бар он гуфта мебошад:

*Оҳуи кӯҳӣ дар дашт чӣ гуна давадо,*
*Ӯ надорад ёр, бе ёр чӣ гуна бувадо?!*

Дар ин як байти зоҳиран сода шоири самарқандӣ бо калимаву тасвирҳои сирф заминӣ тавонистааст, ки як маънии олии инсонӣ, ҳолати сахти дурӣ аз ёрро барҷаста ва хоно бозтоб диҳад. Ин шеър ҳамчунин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки адабиёти форсӣ, хосса шеъри он, дар асри IX ҳам аз лиҳози маънӣ ва ҳам аз ҷиҳати лафз ба таври назаррас такмил ёфтааст.

1 Кандманд – хароб, нообод.
2 Баз-инат – ба ин ҳол.
3 Шош – номи қадимаи Тошканд.
4 Та – ту.
5 Хуҳӣ – хубӣ.

Оғози гуфтани шеъри арӯзӣ ба порсии дарӣ ба нимаи аввали асри IX рост меояд. Ҳанзалаи Бодғисӣ (862/867-903), Муҳаммад бинни Васиф ас-Сиҷзӣ (Сагзӣ), Бассоми Курди Хориҷӣ, Муҳаммад бинни Мухаллад ас-Сиҷзӣ, Маҳмуди Варроқи Ҳиравии ас-Сиҷзӣ (Сагзӣ) (ваф. 835/36), Фирӯзи Машриқӣ (ваф. 896/897), Абӯсулайки Гургонӣ, Масъуди Марвазӣ ва чанде дигарон аз аввалин шоироне буданд, ки дар гуфтани шеъри порсии дарӣ аз арӯз истифода намудаанд. Ин давра замоне буд, ки дар адабиёти тоҷик суннатҳои адабии адабиёти қадими худӣ ва адабиёти араб ба ҳам омезиш ёфтанд. Дар ин падида саҳми он шоирону адибони арабизабони эронитабор хеле муассир мебошад. Онҳо шоирони дузабона – зуллисонайн буданд. Ва ин омӯзиши онҳо огоҳона ва аз рӯйи зарурат буд. Шиносоӣ бо адабиёти араб, улуми адабии он ва таҷрибаи эҷод ба забони арабӣ ба онҳо имкон дод, ки адабиёти хосси худро ба забони порсии дарӣ ташаккул диҳанд. Арӯзи форсӣ, улуми адабии форсӣ, навъҳои шеъри форсӣ аз арӯзи арабӣ, улуми адабии арабӣ ва навъҳои арабӣ моҳиятан фарқ мекунад. Шеъри ҳамосӣ (дар баҳрҳои мутақориб ва ҳазаҷ), навъҳои шеърии дубайтӣ ва рубоӣ, тарҷеъбанд, таркиббанд, мусаммат ва мухаммас, шеъри панд комилан бар пояи суннатҳои шеъри китобӣ ва шифоҳии эронӣ ба вуҷуд омадаанд, ки назирашон дар адабиёти сирф арабӣ набуд.

Давраи ташаккули адабиёти тоҷик ба забони форсии дарӣ дар нимаи дувуми асри IX ба замони истиқлоли сиёсӣ гирифтани қавмҳои эронӣ ва ташкили давлатҳои ниммустақили Тоҳириён (821-873), хосса Саффориён (867/873-903) ва Сомониён (875-999) баробар омад.

Ривояте машҳур аст: шоирон ба шарофати ғалабаи Яъқуб бинни Лайси Саффорӣ (867-879) дар ҷанги Ҳирот ба арабӣ қасидаҳо гуфтанд. Амир, ки арабӣ намедонист, ба онҳо мегӯяд, ки барои ман шеъри порсӣ гӯед ва Муҳаммад бинни Васиф яке аз аввалин касоне буд, ки шеъри порсӣ гуфт.

Дар байни мероси боқимондаи Муҳаммад бинни Васиф, ки ҳама пораҳое аз қасида мебошанд, дар мадҳи Яъқуб бинни Лайс қасидае ҳаст, ки байти оғозаш ин аст:

*Эй амире, ки амирони ҷаҳон хосаву ом*
*Бандаву чокару мавлову сагбанду ғулом.*

Дар пайравии Муҳаммад бинни Васиф шоирон Бассоми Курд, Муҳаммад бинни Мухаллад ва Абӯсулайки Гургонӣ низ ба порсии дарӣ мадҳ сурудаанд.

Афсӯс, ки аз аввалин намунаҳои шеъри форсии дарӣ низ хеле кам боқӣ мондааст. Миқдори умумии онҳо дар ҳудуди 60 байт аст. Аз онҳо маълум мешавад, ки дар адабиёти тоҷики асри IX гуфтани шеърҳои ошиқона, пандомез ва ҳамосӣ маъмул будааст. Ҳанзалаи Бодғисӣ дар шеъре аз он ёд овардааст, ки ёраш ба оташ сипанд меафканд, то аз чашми баде ба вай газанде нарасад. Ин як одати маъмулест дар байни мардум ва зикри он ҳанӯз осори ҳунарӣ нест. Вале вақте ки ӯ мегӯяд ёри ӯро сипанду оташ ба кор нест, зеро рӯйи вай ҳамчу оташ асту холаш чун сипанд, маънии шоиронаи зебоест ва як тасвири гӯё ва заминие аз зебоиҳои ёраш мебошад.

*Ёрам сипанд агарчи бар оташ ҳамефиганд*
*Аз баҳри чашм, то нарасад мар варо газанд.*
*Ӯро сипанду оташ н-ояд ҳаме ба кор*
*Бо рӯи ҳамчу оташу бо холи чун сипанд.*

Абӯсулайки Гургонӣ маънии ошиқонаро бо ҳазли малеҳе омехтааст. Ӯ лаби дилбарро ба қозию мижгони ӯро ба дузд монанд намудааст ва ба шигифт афтодааст, чӣ тавр мешавад дилбар, ки бо мижааш дили ӯро бибурд, аз ӯ музд мехоҳад. Ва савол медиҳад, ки магар дуздӣ ба музд ҳам мешавад:

*Ба мижа дил зи ман бидуздидӣ,*
*Эй ба лаб қозию ба мижгон дузд!*
*Музд хоҳӣ, ки дил зи ман бибарӣ?*
*Ин шигифтӣ кӣ дид: дузди бамузд?*

Маҳмуди Варроқ ба нигори хеш гуфтааст, ки ту гаронбаҳоӣ, арзон намедиҳам, ҳатто ба нақди ҷони хеш. Чун домани васлатро ба даст гирифтам, ҷон медиҳам, вале домони туро раҳо нахоҳам кард:

*Нигорино, ба нақди ҷон-т надҳам,*
*Гаронӣ дар баҳо, арзон-т надҳам.*

*Гирифтастам ба ҷон домони васлат,*
*Ниҳам ҷон аз кафу домон-т надҳам.*

Пораи дигаре, ки аз Ҳанзалаи Бодғисӣ мондааст, панд аст. Дар он сухан аз он меравад, ки агар меҳтариро, бузургиро мехоҳӣ, рав, худро ба хатар андоз ва онро аз коми шер биҷӯй, зеро роҳи дигаре нест: ё бузургию иззату неъмату ҷоҳ ё бояд чун мардон дар марги рӯёрӯй бимурд. Чунин имтиҳон дар таомули шаҳрёрӣ маъмул буд, тоҷи шоҳиро миёни ду шери жаён меандохтанд ва талабгори тахти шоҳӣ онро мебоист аз он миён мегирифт ва ба сари хеш мегузошт:

*Меҳтарӣ гар ба коми шер-дар аст,*
*Шав, хатар кун, зи коми шер биҷӯй!*
*Ё бузургию иззу неъмату ҷоҳ,*
*Ё чу мардон-т марги рӯёрӯй.*

Абӯсулайки Гургонӣ низ ба худро қурбон намудан барои нарехтани оби рӯй даъват менамояд ва мегӯяд, ки хуни худро бар замин рехтан беҳтар аз он аст, ки оби рӯй бирезонӣ. Тавре ки аз гуфтаҳои ӯ дар байти дувум бармеояд, шоир бутпарастиро, ки барои фарзанди мусулмон гуноҳи кабира аст, беҳтар аз мардумпарастӣ мешуморад:

*Хуни мардум гар бирезӣ бар замин,*
*Беҳ, ки оби рӯй резӣ бар канор,*
*Бут парастидан беҳ аз мардумпараст,*
*Панд гиру кор банду гӯш дор!*

Масъуди Марвазӣ аз шоирони охири асри IX буда, аз се байте, ки аз ӯ боқӣ мондааст, маълум мешавад, ки таърихи Аҷамро аз оғоз то замони фурӯпошии Сосониён дар қолаби маснавӣ дароварда будааст.

*Нахустин Каюмарс омад ба шоҳӣ,*
*Гирифташ ба гетӣ-дарун подшоҳӣ.*

***

*Чу сӣ соле ба гетӣ подшо буд,*
*Ки фармонаш ба ҳар ҷое раво буд.*

***

*Сипаррӣ шуд нишони хусравоно,*
*Ки коми хеш ронданд дар ҷаҳоно.*

Адабиёти тоҷик дар асри IX заминаро барои дар садаи X комилан шакл гирифтани адабиёти форсии тоҷикӣ ва пайдо шудани шоироне монанди Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Абулқосими Фирдавсӣ омода сохт.

## АДАБИЁТИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ ДАР АСРИ X

Забони порсии дарӣ, ки дар се асри пешин аз асри VII то IX ба забони адабӣ табдил ёфта буд, дар асри X дар нахустин давлати мустақили тоҷикон – Сомониён (875-999) забони расмии давлатӣ гардид. Амирони сомонӣ барои таъмини истиқлоли сиёсӣ, адабию фарҳангӣ ва илмии худ пойтахтҳои худ - шаҳрҳои Самарқанд ва Бухороро марказҳои адабию фарҳангӣ қарор дода, шоирону нависандагон ва донишмандонро аз ҳар гӯшаву канори мамлакат гирд оварданд. Омода гардидани заминаи мусоид боиси равнақи фавқулодаи адабиёт, фарҳанг, ҳунарҳои зебо, меъморӣ, наққошӣ, саҳҳофӣ, хаттотӣ, мусиқӣ, илмӣ ва ғ. шуд. Аз ёдгориҳои таърихӣ ва меъмории замони Сомониён имрӯз мақбараи асосгузори давлати Сомониён Исмоили Сомонӣ дар Бухоро боқӣ мондааст, мақбараи ҳамон амири ватанпараст, ки дар замонаш гуфта буд: "То ман зинда бошам, бораи вилояти Бухоро ман бошам". Аз китобхонаи ғании Бухоро Абӯалӣ Сино истифода карда буд. Танҳо дар шаҳри Марв, ки имрӯз дар хоки Туркманистон аст, 12 китобхона будааст, ки дар онҳо 12 ҳазор ҷилд китоб нигаҳдорӣ мешудааст. Аз шукӯҳу шавкати Бухорои он вақт ва амири сомонӣ Рӯдакӣ дар як шеъраш бо қаноатмандӣ ва ифтихор гувоҳӣ додааст:

*Имрӯз ба ҳар ҳоле Бағдод Бухорост,*
*Куҷо мири Хуросон аст, пирӯзӣ он ҷост.*
*Соқӣ, ту бидеҳ бодаву мутриб ту бизан руд,*
*То май хӯрам имрӯз, ки вақти тараби мост.*

*Май ҳасту дирам ҳаст, бути лоларухон ҳаст,*
*Ғам нест,в -агар ҳаст, насиби дили аъдост.*

Аз равнақи беандозаи адабиёт дар ин давра вуҷуди шоирон ва нависандагони бузурге, монанди Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Муродӣ, Абӯшакури Балхӣ, Имораи Марвазӣ, Робиаи Қуздорӣ, Абӯзироаи Гургонӣ, Мантиқии Розӣ, Абулаббоси Марвазӣ, Шокири Бухороӣ, Кисоии Марвазӣ, Абулмуайяди Балхӣ, Дақиқӣ, Маъруфии Балхӣ, Хусравонӣ, Тоҳири Чағонӣ, Мунҷики Тирмизӣ, Абдулфатҳи Бустӣ, Абӯабдуллоҳи Ҷайҳонӣ, Абулфазли Балъамӣ, Абӯалии Балъамӣ, Абӯтаййиби Мусъабӣ, Абулқосими Фирдавсӣ ва дигарон, асарҳои фаровон ва арзишманди онҳо, ки намунаҳояшон то ба мо расидааст, гувоҳӣ медиҳад. Аз нисбаи адибоне, ки баршумурдем, маълум мешавад, ки онҳо бештар аз хоки Мовароуннаҳр ва Хуросон мебошанд (Бухоро, Самарқанд, Марв, Балх, Тирмиз, Сарахс, Гургон, Нишопур, Чағониён, Ҳирот ва ғ.).

Осори манзум ва мансури адибони ин давр барои муайян намудани майл ва падидаҳои асосӣ ва вижагиҳои адабиёти он ва пояҳои инкишофи он, сарфи назар аз он ки комил нест, имкон медиҳад. Дар ин давра ташаккули ҳамаи навъҳои адабие, ки пасон дар адабиёти асрҳои баъдӣ маъмул гаштаанд, монанди қасида, маснавӣ, ғазал, рубоӣ, қитъа, дубайтӣ ба охир расида, доираи муҳтавои онҳо низ муқаррар мегардад, ки аз мадҳ, панд, васф, ҳолия, марсия, баҳория, ишқия ва ҳаҷв иборат аст.

Инкишофи қасида ва навъҳои гуногуни он, монанди мадҳия, ҳолия, хамрия ва ғ. ба бунёди давлатҳои ниммустақил ва мустақили қавмҳои эронӣ, аз ҷумла тоҷикон ва ташаккули доираҳои адабӣ дар пойтахтҳои он хонадонҳо ва сиёсати адабиётпарварӣ, фарҳангдӯстии амирон ва вазирони хонадонҳои Саффориён ва Сомониён вобастагӣ дошт. Ривоҷи панду васфу ишқия, руҷӯъ кардан ба достону ривоятҳои қадимӣ, шоҳномасароӣ, аз як тараф, далели содиқ будани қавмҳои эронӣ ба адабиёти қадим ва гузаштаҳои пурифтихори хеш: ба андарзнома, корнома, суруд, чома ва чакома бошад, аз тарафи дигар, ба тақозои даврони истиқлоли сиёсӣ ва адабӣ ёфтани мардумони Мовароуннаҳр ва Хуросон вобаста буд.

Хусравӣ, яке аз адибони охирҳои асри X, шеъреро, ки маънии мисраъ ва байтҳояш қобили фаҳм буда, яке дигареро равшан месозад, "шеъри нағз" номидааст:

*Зулфайни ту гӯй, ки шеъри нағзест,*
*Анвар шуда маъниш яке бар дигар.*

Яке аз хусусиятҳои шеъри нағз, ки дар ин аср маъмул буд, он аст, ки дар шеър лафз ҳама хубу ҳам ба маънӣ осон бояд бошад:

*Инак, мадҳе чунонки тоқати ман буд,*
*Лафз ҳама хубу ҳам ба маънӣ осон.*

Аз ин навъи шеър ғайр аз Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Хусравӣ, инчунин Абӯшакури Балхӣ, Дақиқӣ, Абулқосими Фирдавсӣ ва дигарон пуштибонӣ намудаанд:

*Суханҳо сабук гӯю баста магӯй,*
*Макун нарм гуфтор бо рангу бӯй.*
*(Фирдавсӣ)*

***

*Чу ёқут бояд сухан безиён,*
*Сабуксанг, лекин баҳояш гарон.*
*(Абӯшакури Балхӣ)*

Сифати дигари шеъри нағз дар асри X дурустию ростии муҳтавои он буд. Шоирон ва адибони он давра ҳатто дар мадҳияҳои худ, ки ғолибан ба таърифу тавсифи ин ва ё он мамдӯҳ бахшида шудааст, ҳамчунин дар ҳамосаҳои худ, ки дар бораи корнамоӣ ва қаҳрамониҳои паҳлавонони номдори устураӣ ва шоҳони афсонавӣ ва таърихӣ мебошад, дурӯғро раво намедоштанд. Фирдавсӣ ҳодисаву воқеаҳои дар "Шоҳнома" баёнгардидаро дурӯғу фасона намешуморад ва мегӯяд:

*Ту инро дурӯғу фасона мадон,*
*Ба яксон равиш дар замона мадон.*
*Аз ӯ ҳар чӣ андар хӯрад бо хирад*
*В-агар бар раҳи рамз маънӣ барад.*

Шеъри шоирони асри X бисёр заминӣ ва воқеӣ буда, саршори тасвирҳои зинда, гӯё ва хонои зиндагии рӯзмарра мебошанд. Дар онҳо тасвиру маъниҳои муҷаррад, бофта ва хаёлию ғайривоқеӣ тақрибан вуҷуд надорад, чунончи:

*Абр ҳамегиряд чун ошиқон,*
*Боғ ҳамехандад маъшуқвор.*
*Раъд ҳаменолад монанди ман,*
*Чунки нинолам ба саҳаргоҳ зор.*
*(Шаҳиди Балхӣ)*

***

*Ба ҳаво дарнигар, ки лашкари барф*
*Чун кунанд андар он ҳаме парвоз,*
*Рост ҳамчун кабутарони сафед,*
*Роҳгумкардагон зи ҳайбати боз.*
*(Абдулҳасан Огоҷӣ)*

***

*Нилуфари кабуд нигаҳ кун миёни об*
*Чун теғи обдодаву ёқути обдор,*
*Ҳамранги осмону ба кирдори осмон,*
*Зардиш дар миёна чу моҳи даҳу чаҳор,*
*Чун роҳибе, ки ду рухи ӯ солу моҳ зард*
*В-аз митрафи кабуд ридо кардаву изор.*
*(Кисоии Марвазӣ)*

***

*Бар пилгӯш қатраи борон нигоҳ кун*
*Чун ашки чашми ошиқи гирёни ғамзада.*
*Гӯӣ, ки: парри бози сапед аст барги ӯ,*
*Минқори боз луълуи носуфта барчида.*
*(Кисоии Марвазӣ)*

***

*Хиромидани кабк бинӣ ба шах,*
*Ту гӯйӣ, зи дебо фигандаст нах.*
*(Абӯшакури Балхӣ)*

***

*Гунҷишк чӣ гуна ларзад аз борон,*
*Чун ёд кунам туро чунон ларзам.*

*(Абулаббоси Марвазӣ)*

***

*Моҳ гоҳе чу рӯйи ёри ман аст,*
*Гаҳ чу ман кӯжпушту зарду низор.*

*(Қамарии Гургонӣ)*

***

*Ошиқӣ хоҳӣ, ки то поён барӣ,*
*Бас бибояд сохт бо ҳар нописанд.*
*Зишт бояд диду ангорид хуб,*
*Заҳр бояд хӯрду пиндорид қанд.*

*(Робиаи Балхӣ)*

Шоирони асри X ба қувваи муъҷизаосои шеър, ки дар хонанда ва шунаванда ҳиссиёти нек ё бадро бармеангезад, ба аҳамияти тарбиятӣ ва зебоишиносии он бовар доштанд. Абӯшакури Балхӣ дар замина чунин мегӯяд:

*Шунидам, ки бошад забони сухан*
*Чу алмоси буррону теғи куҳан.*
*Сухан бифканад минбару дорро,*
*Зи сӯрох берун кашад морро.*
*Сухан заҳру нозаҳру гарм асту сард,*
*Сухан талху ширину дармону дард.*

Устод Рӯдакӣ низ ба ҳамин ҷиҳати шеър ишора намудааст ва гуфтааст:

*Басо дило, ки ба сони ҳарир карда ба шеър,*
*Аз он сипас, ки ба кирдори сангу сандон буд.*

Ҳодисаи баробари шунидани шеъри “Бӯйи Ҷӯйи Мулиён” бо як пойи мӯза ба сӯйи Бухоро шитофтани амири сомонӣ пас аз чаҳор соли дурӣ ривоят нест, балки ҳақиқат аст.

Шеъри форсии тоҷикӣ дар ҷомеаи онрӯза нақши муҳимми адабӣ ва иҷтимоиро мебозид, ҳам дар базм ва ҳам дар майдо-

ни разм иштирок дошт. Байтҳои зерини Абӯзироаи Гургонӣ на танҳо ишора ба баландии пояи шеъри замонааш мебошад, балки нақши бузурги он дар зиндагиро низ таъкид мекунад.

*Он ҷо, ки дирам бояд, динор дарандозам*
*В-он ҷо ки сухан бояд, чун мум кунам оҳан.*
*Чун бод ҳамегардад, бо бод ҳамегардам,*
*Гаҳ бо қадаҳу барбат, гаҳ бо зиреҳу ҷавшан.*

Насри бадеӣ дар асри X ба андозаи шеър ривоҷ надошт, аммо аз намунаҳои боқимондаи он, монанди “Шоҳномаи Абӯмансурӣ”, “Шоҳнома”-и Абулмуайяди Балхӣ, “Марзбоннома”-и Марзбон писари Рустам, тарҷумаҳои “Калила ва Димна” ва “Синдбоднома”, ҳамчунин “Зафарнома”-и Абӯалӣ ибни Сино ва ғ. бармеояд, ки нависандагони он замона суннатҳои насри адабиёти қадим ва адабиёти арабизабонро давом додаанд. Насри асри X мисли шеъри он бо содагии баён ва зебоии муҳтавои хеш фарқ мекунад.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ шеъре дорад, ки машҳур аст:

*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз рози дониш бениёз.*
*Мардумони бихрад андар ҳар замон*
*Рози донишро ба ҳар гуна забон*
*Гирд карданду гиромӣ доштанд,*
*То ба санг-андар ҳаме бингоштанд:*
*“Дониш андар дил чароги равшан аст*
*В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст”.*

Ин маънӣ дар “Шоҳномаи Абӯмансурӣ” ба ин тарз баён гардидааст: “То ҷаҳон буд ва мардум гирди дониш гаштанд ва суханро бузург дошта ва некутарин ёдгорӣ сухан донистанд. Чӣ андар ин ҷаҳон мардум ба дониш бузургвортар ва моядортар. Ва чун мардум бидонист, ки аз вай чизе намонад пойдор, бад-он кӯшад, то номи ӯ бимонад ва нишони ӯ гусаста нашавад”.

Пораи дигар аз “Шоҳнома”-и Абулмуайяди Балхист: “Чун Кайхусрав аз он ҷо бозгашт ва ба Туркистон шуд, ба талаби хуни Сиёвуш – падари хеш ва ҳар чӣ нарина ёфт, андар Туркистон ҳамекушт ва Рустам ва дигар паҳлавонони Эрон бо ӯ. Афросиёб

гурез гирифт ва ба сӯйи Чин шуд ва аз он ҷо ба Ҳиндустон омад ва аз он ҷо ба Сиистон". Ин маъниро Абулқосими Фирдавсӣ дар назм чунин овардааст:

*Чунин гуфт Пирон ба Афросиёб,*
*Ки: «Шуд рӯйи гетӣ чу дарёи об…*
*Чу Рустам биёмад, туро пой нест,*
*Ба ҷуз рафтан аз пеши ӯ рой нест.*
*Бибояд шудан то бад-он рӯйи Чин,*
*Гар эдун, ки гунҷӣ ба рӯйи замин.*
*Сипаҳро чунин саркашида бимон,*
*Худу вижагон сӯйи дарё бирон.»*
*Сипаҳбад чунон кард, к-ӯ роҳ дид,*
*Ҳаме даст аз он разм кӯтоҳ дид.*
*Дирафшаш бимонданду ӯ худ бирафт,*
*Сӯйи Чину Мочин хиромид тафт.*

## ИЛТИФОТ

**Илтифот** дар луғат аз пас нигаристан аст. Дар истилоҳ санъати бадеиеро гӯянд, ки шоир дар шеър аз баёни як маънӣ ба баёни маънии дигар равад. Чунонки устод Рӯдакӣ гуфтааст:

Ҷуз он ки мастии ишқ аст, ҳеч мастӣ нест,
Ҳамин бало-т бас аст, эй ба ҳар бало хурсанд!

Бадеъшиносон аз ду навъи илтифот ёд кардаанд. Агар дар навъи якум шоир аз як маънӣ ба маънии дигар гузарад, дар навъи дувум мухотаби худро дигар мекунад. Чунончи:

*Ҷоно, зи фироқи ту дилам пурхун шуд*
*В-аз ёди рухат сиришки ман гулгун шуд.*
*Алқисса, ба коми душманон гаштам дӯст,*
*Як бор напурсид, ки ҳолат чун шуд?*

Ҳамчунин агар шоирон суханеро тамом кунанд ва сипас ҷумла ё мисраъ ва байте биоваранд, ки ба сари худ мустақил бошад, аммо бо суханони қаблӣ пайваст шавад ва боиси зебоии калом гардад, онро низ **илтифот** номидаанд. Мисол:

*Замони айшу вақти комронӣ*
*Ҷавонӣ бошад, афсӯс аз ҷавонӣ!*
*Лаби соқӣ ба як ханда зи дандон*
*Барад сад дил, илоҳӣ, бод хандон!*

Таркибҳои «афсӯс аз ҷавонӣ» дар байти аввалӣ ва «илоҳӣ, бод хандон» дар байти сонӣ **илтифот** мебошанд.

## ПУРСИШ ВА СУПОРИШ

1. Марҳалаҳои асосии инкишофи адабиёти тоҷик кадомҳоянд? Ҷадвали таърихии онҳоро таҳия намоед.
2. Чаро адабиёти Асрҳои миёнаро “адабиёти форсии тоҷикӣ” меноманд?
3. Намунаҳои адабии боқимондаи адабиёти қадими тоҷикро номбар кунед ва феҳристи онҳоро тартиб диҳед.
4. Оё дар шеъри Давраи қадим вазну қофия вуҷуд дошт?
5. Аҳаммияти адабии “Авесто” аз чӣ иборат аст?
6. “Авесто”-и кунунӣ аз чанд бахш иборат мебошад? Маводи намоишии бахшҳои "Авесто"-ро омода созед.
7. Пандҳои “Андарзи Озарбоди Меҳроспандон” ва “Андарзнома”-и Бузургмеҳри Ҳакимро аз ёд кунед.
8. Муҳтавои “Дарахти Асуриг”, “Корномаи Ардашери Бобакон” ва “Ёдгори Зарирон”-ро нақл кунед.
9. Феҳристи шахсиятҳои адабии "Корномаи Ардашери Бобакон" ва тавсифи мухтасари онҳоро тартиб диҳед.
10. Чаро “адабиёти арабизабони тоҷик” мегӯянд? Намояндагони машҳури онро зикр намоед.
11. Феҳристи намояндагони адабиёти арабизабони тоҷикро таҳия намоед.
12. Нахустин намунаҳои шеър ба забони порсии дарӣ кадомҳоянд?
13. Пораҳои шеърии аввалин шоирони порсигӯйро аз ёд кунед, вазн ва қофияашонро муайян намоед.
14. Аввалин шоирони форсигӯйро номбар кунед ва феҳристи онҳоро бо тавсифи мухтасар танзим намоед.
15. Чӣ гуна шеърро “шеъри нағз” меноманд? Чанд намуна оред.

## ТЕСТҲО

1. Чаро адабиёти Асрҳои миёнаро “адабиёти форсии тоҷикӣ” меноманд?

   а) Дар Асрҳои миёна навишта шудааст.
   б) Онро форсҳо ва тоҷикон эҷод намудаанд.
   в) Ба забони форсии тоҷикӣ навишта шудааст.
   г) Адабиётшиносон чунин мегӯянд.

2. Чаро “адабиёти арабизабони тоҷик” мегӯянд?

   а) Ба забони арабӣ аст.
   б) Номи нависандагонаш арабист.
   в) Онро тоҷикон навиштаанд.
   г) Онро тоҷиктаборон ба забони арабӣ навиштаанд.

3. “Авесто” аз чанд бахш иборат аст?

   а) 3.
   б) 5.
   в) 6.
   г) 4.

4. Аввалин шоирони форсигӯйро номбар кунед.

   а) Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Низомӣ, Хайём.
   б) Масъуди Марвазӣ, Фирӯзи Машриқӣ, Муҳаммад Васиф, Ҳанзалаи Бодғисӣ.
   в) Шаҳиди Балхӣ, Мантиқии Розӣ, Кисоии Марвазӣ, Шокири Бухороӣ.
   г) Абӯзироаи Гургонӣ, Робиаи Қуздорӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ.



# АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

**(858 – 941)**

## МАҚОМИ ШОИР

Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро ҳамасронаш ва адибони асрҳои баъдӣ ҳамчун «Одамушшуароро», «устод», «сари шоирон» ва «соҳибқирони шоирӣ» эътироф доштанд. Кисоии Марвазӣ (охири а. X ва ибтидои а. XI ) аз Рӯдакӣ ҳамчун «устоди шоирони ҷаҳон» ном бурдааст:

*Рӯдакӣ устоди шоирони ҷаҳон буд,*
*Садяк аз ӯ туӣ, Кисоӣ, яргист.*

Рашидии Самарқандӣ (а. XII) гуфтааст:

*Гар сарӣ ёбад ба олам кас ба некушоирӣ,*
*Рӯдакиро бар сари он шоирон зебад сарӣ.*

Низомии Арӯзии Самарқандӣ (а. XII) ӯро ҳам «соҳибқирони шоирӣ» ва ҳам «устод» номидааст:

*К-он кас шеър донад, донад, ки дар ҷаҳон*
*Соҳибқирони шоирӣ устод Рӯдакист.*

Шуҳрати Рӯдакӣ на танҳо дар Самарқанду Бухоро – ду пойтахти Сомониён, балки тамоми Хуросони бузургро фаро гирифта буд. Шеъри ӯро дар ҳама ҷо замзама ва пайравӣ мекарданд, чунонки худ мегӯяд:

*Шуд он замона, ки шеъраш ҳама ҷаҳон бинвашт,*
*Шуд он замона, ки ӯ шоири Хуросон буд.*

Самъонӣ (ваф. 1167) дар тазкирааш бо номи «Китоб-ул-ансоб» аз қавли Абулфазли Балъамии вазир овардааст, ки «Рӯдакиро дар Араб ва Аҷам монанд нест».

Пеш аз Рӯдакӣ ва дар замони ӯ шоироне, ки ба забони форсии дарӣ шеъри нағз менавиштанд, кам набуданд, баъзе аз онҳо соҳибдевон ҳам буданд, мисли Ҳанзалаи Бодғисӣ. Аммо аз гузаштагон ва аз ҳамзамонони Рӯдакӣ касе набуд, ки дар шеъру шоирӣ бо ӯ баробарӣ кунад. Хидмати бузурги ин шоир дар адабиёти тоҷик дар он аст, ки шеърро ҳам аз ҷиҳати лафз ва ҳам маънӣ ба ҳадди камолу ҷамол расонд ва самти инкишофи ояндаи онро барои садсолаҳо муайян намуд. Рӯдакӣ нахустин шоире буд, ки дар навъҳои гуногуни шеърӣ, аз қабили қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ, маснавӣ ва дар мавзӯъҳои гуногуни шеърӣ - мадҳ, ишқ, хамрия, васф, марсия, ҳолия, панду ҳикмат, шиквоия ва ҳамосӣ асарҳое офарид, ки барои адибони баъдина аз давраҳои муаллиф то ба рӯзгори мо намунаи ибрат мебошанд. Барои ҳамин ҳам ӯро, барҳақ, падари адабиёти форсии дарӣ ё бунёдгузори он мешуморанд.

## ЗИНДАГИИ ШОИР

Ин шоири бузург, ки пояҳои адабиёти асили тоҷикро ба забони форсии дарӣ дар асри X гузошта буд, шахсияти фавқулодае буд. Вай дар ҳаштсолагиаш ба гуфтани шеър оғоз намуда, овози хуш ва дилкаше доштааст ва халқ ба ӯ рағбати зиёд кардаанд. Шуҳрати шеър ва овози хуши Рӯдакӣ аз зодгоҳаш Панҷрӯд (воқеъ дар ноҳияи кунунии Панҷакенти вилояти Суғд) то ба Самарқанд ва Бухоро, ба дарбори Сомониён мерасад. Ӯ дар дарбори Сомониён, бино ба гуфтааш, бузургию неъмат меёбад:

*Киро бузургию неъмат зи ину он будӣ,*
*Маро бузургию неъмат зи Оли Сомон буд.*

Рӯдакӣ худро ҳазордастони (булбули) сурудхон, муниси родмардон, пешкори пирон, шоири Хуросон номида, бо он фахр намудааст, ки девони шеърашро ҳама ҷаҳон шунид ва амиру авлиё ва деҳқонони (заминдорони) номвар ба ивазаш инъомҳои зиёде бахшиданд. Шоир аз он замонҳои хуш, ки бузургию неъмат ёфта буд, дертар дар вақти пириаш бо ифтихор ва ҳам аламу ҳасрат дар қасидаи ҳолияаш ёд овардааст.

Яке аз шоирони ҳамасри Рӯдакӣ бо номи Абӯзироаи Гургонӣ аз рӯйи рашку ҳасад ба бузургию неъмати ӯ дар дарбори Сомониён гуфтааст, ки агар ба давлат бо Рӯдакӣ ҳамсон нест, суханро кам аз вай намедонад. Ин шоири ҳасуд ва нотавонбин таъна ба кӯрии чашми Рӯдакӣ намуда, нозидааст, ки аз баҳри гетӣ (дунё, моли дунё) кӯр будан наметавонад. Ба гумони хатои вай, агар мулук аз ҳазор як ҳиссаи он чиро, ки ба Рӯдакӣ ато кардаанд, ба ӯ диҳанд, суханро (шеърро) ҳазор чандон мегуфт:

*Агар ба давлат бо Рӯдакӣ на ҳамсонам,*
*Аҷаб макун, сухан аз Рӯдакӣ на кам донам.*
*Агар ба кӯрии чашм ӯ биёфт гетиро,*
*Зи баҳри гетӣ ман кӯр буд натвонам.*
*Ҳазор як з-он к-ӯ ёфт аз атои мулук,*
*Ба ман диҳӣ, сухан ояд ҳазор чандонам.*

Дар бораи кӯр ё тирачашми модарзод будан ва ё дар поёни умр кӯр кардани ӯ баҳси зиёде ҳаст. Баъзеҳо бовар бар он доранд, ки Рӯдакӣ ба мисли шоирон Абӯлъало ал-Мааррӣ (дар 4-солагӣ), Башшор ибни Бурд, Зарири Бухороӣ, Шӯридаи Шерозӣ (дар 7-солагӣ) ва Ҳомер кӯри модарзод буд. Мавҷуд будани тасвирҳои зинда ва айнӣ дар шеърҳои шоир нишонаи таъсири суннатҳои мавҷудаи шеъру шоирӣ ва натиҷаи равшанбинии тирачашмон мебошад. Гурӯҳи дигар гумон мекунанд, ки чашмони Рӯдакӣ дертар дар поёни умраш ба сабабе кӯр карда шудаанд. Тахмин меравад, ки ин кор баъди аз дарбор рафтани вазири номии Сомониён ва дӯсти наздики шоир - Абулфазли Балъамӣ дар соли 937 сурат гирифта бошад. Аммо худи шоир дар ҳеч яке аз шеърҳои маълумаш, аз он ҷумла дар қасидаи ҳолияаш дар бораи нобиноии худ ишорае надорад. Баръакс дар ин қасида, ки як навъ зиндагиномаи шоиронаи ӯ мебошад, байте дорад, ки аз ҳамеша чашм дӯхтанаш ба "зулфакони чобук" гувоҳӣ медиҳад:

*Ҳамеша чашмам зӣ зулфакони чобук буд,*
*Ҳамеша гӯшам зӣ мардуми сухандон буд.*

Аз шеърҳои Рӯдакӣ бармеояд, ки ӯ ба даврони пирӣ расида ва мусибати пириро дида будааст. Ӯ ду байти зебое дорад ва дар он шаҳодат медиҳад, ки дар пирӣ мӯяшро сафед карда будааст. Шоир аз ҳамин як ҳодисаи маъмули зиндагӣ, яъне сиёҳ кардани мӯй, ки аслан барои ҷавон шудан будааст, шеъре сохтааст, ки пур аз ҳасрати хушиҳои ҷавонӣ ва мусибати пирист.

*Ман мӯйи хешро на аз он мекунам сиёҳ,*
*То боз навҷавон шаваму нав кунам гуноҳ.*
*Чун ҷомаҳо ба вақти мусибат сияҳ кунанд,*
*Ман мӯй аз мусибати пирӣ кунам сиёҳ.*

Рӯдакӣ дар шеъраш бо дарду алам ва ҳасрати зиёд аз саросар судану рехтани дандонҳояш, ки мисли чароғи тобон, ситораи саҳарӣ, дурру марҷон ва қатраи борон буданд, низ хабар додааст.

Чунин ба назар мерасад, ки дар пирӣ шоир илова бар мусибати пирӣ – сафедии мӯй, фурӯ рехтани дандонҳо, нотавонии ҷисмонию барҷомондагӣ бар асари мусибати сахти замона танҳоию бечорагӣ ва бечизию бекасӣ кашида будааст.

*Кунун замона дигар гашту ман дигар гаштам,*
*Асо бисёр, ки вақти асову анбон буд.*

Ин чӣ мусибате буд, ки дар пирӣ ба сари шоири бузург омадааст, ба дурустӣ маълум нест. Вале равшан аст, ки ӯ аз он ки замоне дар дарбор буду атоҳои зиёде меёфт, оқибат пушаймон шудааст.

*Басе нишастам ман бо акобиру аъён,*
*Биёзмудамашон ошкору пинҳонӣ.*
*Нахостам зи таманно, магар ки дастурӣ,*
*Наёфтам зи атоҳо, магар пушаймонӣ.*

Марги Рӯдакии шоир барои аҳли адаби замонааш ва асрҳои баъдӣ андуҳи фавқулода бузурге буд. Онҳо хеле хуб фаҳмида буданд, ки марг шоиреро рабуд, ки ҷовидона чун ӯ дигар нахоҳад буд ва чун ӯ пайдо нахоҳад шуд. Ин маънӣ дар марсияи яке аз ҳамасрони шоир баён гардидааст.

*Рӯдакӣ рафту монд ҳикмати ӯй,*
*Май бирезад, нарезад аз вай бӯй.*
*Шоират ку? Кунун, ки шоир рафт,*
*На бувад низ ҷовидона чун ӯй.*
*Хун бигашт оби чашмам аз ғами вай,*
*З-андуҳаш мум гашт оҳану рӯй.*
*Нолаи ман нигар, шигифт мадор,*
*Шав, бишав, зор-зор нол ба ӯй!*
*Чанд ҷӯйӣ, чун ӯ наёбӣ боз,*
*Аз чун ӯ дар замона даст бишӯй.*

Ҳамон тавре ки дар ин марсия низ ишорае рафтааст, агарчи Рӯдакӣ рафт, аз ӯ ҳикмати вай, шеъри анҷуманафрӯзаш боқӣ монданд ва маҳз онҳо, ба гуфтаи Абдурраҳмони Ҷомӣ, шоири асри XV, номи ӯро зинда медоранд:

*Рӯдакӣ он ки дур ҳамесуфтӣ,*
*Мадҳи Сомониён ҳамегуфтӣ...*
*Номи ӯро, ки мебаранд имрӯз,*
*Ҳаст аз он шеъри анҷуманафрӯз.*
*Ҳамчунин номи Оли Сомонро –*
*Неккорону некномонро*
*Зинда аз назми хеш медорад*
*В-аз паси парда пеш меорад.*

## МЕРОСИ ШОИР

Шумори байтҳои Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро аз 110 ҳазор то 1 млн. 300 ҳазор гуфтаанд. Рашидии Самарқандӣ (а. XII), ки шеърҳои шоирро шумурда будааст, миқдори онҳоро “сездаҳ раҳ сад ҳазор” гуфтааст:

*Шеъри ӯро ман шумурдам сездаҳ раҳ сад ҳазор,*
*Ҳам фузун ояд, агар чунонки бояд бишмарӣ.*

Мутаассифона, аз ин мероси фаровони шоир то ба имрӯз ҳамагӣ дар ҳудуди ду ҳазор байт мондааст. Рӯдакишиносон ба мисли бостоншиносоне, ки аз миёни хоктӯдаҳои ёдгориҳои замони гузашта пас аз ҷустуҷӯҳои зиёде сафолпорае, шишапорае,

порае аз асбобу афзор, хиште аз биное ва борае аз қасреро пайдо менамоянд, аз китобҳои луғат, таърихнома, сарчашмаҳои илмию адабӣ, тазкираҳо ва ғ. порае, чанд байте, мисрае, ниммисраи Рӯдакиро гирдоварӣ мекунанд.

Рӯдакӣ соҳиби девони шеър буда, ғайр аз қасида, ғазал, қитъа ва рубоӣ чанд маснавӣ, аз қабили "Калила ва Димна", "Синдбоднома" ва "Даврони офтоб" ҳам доштааст.

Мероси боқимондаи Рӯдакӣ ба истисної чанд қасида, ғазал, рубоӣ ва қитъа, асосан аз байту мисраъҳои пароканда иборат мебошанд.

## ҚАСИДАИ "ШИКОЯТ АЗ ПИРӢ" ВА ШЕЪРИ ҲОЛИЯ

Камоли шеъри Рӯдакӣ бо тамоми ҷилояш дар қасидаи томи ӯ, ки бо номи "Шикоят аз пирӣ" ёд мешавад, зуҳур намудааст. Ин қасида бо зикри як ҷузъи бисёр сода ва хеле табиии зиндагии одамӣ - судану фурӯ рехтани дандон дар пирсолӣ шурӯъ мешавад, ки худ ба худ ба сабаби бисёр сода ва табиӣ буданаш диққати касеро ҷалб намекунад. Вале шоир онро тавре баён намудааст, ки ба он на танҳо хонанда ва шунаванда бетараф нахоҳад монд, балки ҳатман барои бо муаллиф ҳамдарду ҳамсуҳбат шудан ва аз аҳволи ӯ хубтар ва аз наздик ошно гардидан мароқ зоҳир мекунад. Рӯдакии мӯйсафед, ки ҳар чӣ дандон дошт, суда шуда ва фурӯ рехта буд, дар бораи дандонҳояш бо як меҳру муҳаббати фавқулода ва самимияти барояш хос сухан меронад. Дандонҳояшро **ба чароғи тобон, дурру марҷон, ситораи саҳарӣ ва қатраи борон** ташбеҳ намуда, аз **сафеду симзада** буданашон як-як ёд меорад. Аз ин ташбеҳҳои бисёр сода, вале хеле зебои шоир кас тобону дурахшон ва мисли сим сап-сафед будани онҳоро баръало ҳис менамояд. Аз тарзи баёни бо таъкиду такрор ва оҳанги нарму канда-кандаи муаллиф равшан аст, ки дандон барояш бисёр азиз буд, ӯ ҳар яке аз ин силсилаи ташбеҳу тавсифҳои дандонро, ки пайи ҳам дар се мисраъ овардааст, дар алоҳидагӣ ва бо таъкид ном мебарад. Рӯдакӣ чунон саргарми баёни дилбастагиҳояш ба дандон аст, ки дар ин маврид аз қоидаву қонуни маъмули қасидасароии давр фаромӯш намуда, чор мисраи аввалро пайи ҳам қофия мебандад ва мисраи панҷумро, ки ифодаи эътирофи ҳақиқати барояш талх мебошад, бар хилофи қоидаи маъмули назми классикӣ аз мисраъ ва байтҳои баъдии қасида ҷудо менамояд.

Азбаски эътирофи ҳақиқати талхи саросар судану рехтани дандон барои шоир бағоят аламангез ва ҳасратомез аст, суханони ӯ дар ин мисраъ тағйири оҳанг карда, ба дард гуфта шудаанд:

*Маро бисуду фурӯ рехт, ҳар чӣ дандон буд,*
*Набуд дандон, лобал чароғи тобон буд.*
*Сапеду симзада буду дурру марҷон буд,*
*Ситораи саҳарӣ буду қатраборон буд.*
*Яке намонд кунун з-он ҳама бисуду бирехт.*

Се мисраи дигар, ки бо онҳо, ба назари мо, қисми дувуми қасида оғоз мешавад, аз баёни рафти саволу ҷавоби шоир бо ҳамсуҳбати тасаввуриаш, ки каме дертар ба унвони «моҳрӯй» аз ӯ ёд мешавад, иборат мебошад.

Зикри гуфтугӯйи шоир бо ҳамсуҳбаташ дар асар комилан аз рӯйи талаботи мантиқи баён буда, муаллиф барои пайдоиши он заминаи устувори равонӣ ва бадеӣ омода намудааст. Ӯ ба хубӣ пай бурдааст, ки ҳамсуҳбаташ пас аз шунидани гуфтаҳои гарму нарм, вале аламангезу ҳасратомезаш дар бораи дандонҳои зебояш ва саросар суда шудану фурӯ рехтани онҳо ҳатман ва бидуни ихтиёр ба вай рӯ меорад, ки «чӣ наҳс буд?», «чӣ буд?» ва бо ҳамин ӯ барои донистани сабаби он, албатта, ба андеша фурӯ хоҳад рафт. Ҳамчунин шоир хуб медонист, ки ҳамсуҳбаташ – он моҳрӯйи мушкинмӯй сабаби онро, яқинан, аз наҳси Кайвон, яъне, бахти бад ва рӯзгори дарози пирӣ гумон мебарад. Ҳол он ки сабаби аслии ин аҳвол чизи дигар аст ва онро фақат худи ӯ аз ҳама беҳтар гуфта метавонад. Шиддату изтироби рӯҳии шоир, ки аз баёни ҳасрату алами рехтани дандонҳояш ба ҳамсуҳбати моҳрӯйи мушкинмӯяш сар зада буд, бештар гардида, ба оҳанг ва таркиби ин се мисраъ таъсир расондааст. Суханони муаллиф дар онҳо маҳз аз саволу ҷавобҳои кӯтоҳи таҳдор ва баёни гумону ҳақиқат миёни шоир ва моҳрӯй иборат шудааст. Такрору таъкиди калимаву таркибҳои алоҳида, аз қабили «чӣ буд?», «наҳси Кайвон», «буд», ҳиссачаи инкории «на», ҳамсадои «з» дар таркибҳои «рӯзгори дароз» ва «қазои Яздон» ва ғайра ин оҳангро бештар қувват дода, ҳаракати тасвирро дар шеър афзудааст.

***Моҳрӯй****: - «Чӣ наҳс буд?Ҳамоно ки наҳси Кайвон буд?»*
***Шоир****: - «На наҳси Кайвон буду на рӯзгори дароз!»*
***Моҳрӯй****: - «Чӣ буд? - Ман-т бигӯям қазои Яздон буд».*

Рӯдакӣ агарчи судану фурӯ рехтани дандонҳояшро бо таъкиди махсус гуфтааст, ки аз қазои Яздон - хости Худо буд, аз қазовати баъдии ӯ оид ба оини ҷаҳони гирдгардон намудор аст, ки аслан ақидаи вай дар ин бора дигар буда, шояд гуфтаи болоро фақат барои расмият ва ба тақозои мафкураи маъмули замонаш овардааст. Зимнан мафҳуми «қазои Яздон» дар фалсафаи Юнон, ки таъсирашро ба ҷаҳонбинии шоир наметавон рад кард, ба маънои «қонун» меояд. Ба назари Рӯдакӣ, моҳияти ҳодисоти ҷаҳон аз тазод иборат буда, ҳамвора онҳо дар ҳолати дигаргунӣ ва раддубадалшавӣ мебошанд: гоҳе дард ба ҷойи дармон мешаваду гоҳ дармон боз ба дард табдил мeёбад; замоне макони навбунёде кухнаву валангор мешаваду макони ноободе нав мегардад; басо мешавад, ки шикастабиёбоне ба боғи хуррам бадал мегардаду боғи хуррам ба шикастабиёбон. Аз ин рӯ ба чашми одамизод нисбат додани ҷаҳони гирду гардон аз тарафи ӯ тамоман табиӣ мебошад. Сифати гирду гардон будан ба чашми инсон, ба мардумаки он хос мебошад. Шоир дурустию ростии ақидаи аз тазодҳо иборат будани моҳияти ҳодисаҳои ҷаҳон ва ҳамеша дар тағйир ва радду бадал будани онҳоро ба воситаи тағйири ҷой ва радду бадал овардани мазмунҳо, калимаву таркибҳо, пояҳои ҷудогонаи шеър ва қисме аз мисраъҳои он ва истеъмоли тазодҳо таъкид намудааст. Чунин ба назар менамояд, ки ҳар байт дар гирди меҳвари худ ба мисоли ҷаҳони гирдгардон давр мезанад.

*Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест, гирду гардон аст,*
*Ҳамеша то бувад оин-ш, гирдгардон буд.*
*Ҳамон ки дармон бошад, ба ҷойи дард шавад*
*Ва боз дард, ҳамон к-аз нахуст дармон буд.*
*Куҳан кунад ба замоне, ҳамон куҷо нав буд*
*Ва нав кунад ба замоне, ҳамон ки хулқон буд.*
*Басо шикастабиёбон, ки боғи хуррам буд*
*Ва боғи хуррам гашт, он куҷо биёбон буд.*

Руҷӯи фалсафӣ дар бораи қонуни диалектикии тараққиёти ҷаҳон, ки қисми дувуми қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-ро ташкил медиҳад, ба хотири иҷрои вазифаҳои муайяни ғоявию бадеӣ дар асар гуфта шудааст. Гурези фалсафӣ ба муаллиф имкон додааст, ки на танҳо аз зикри як ҷузъи содаи ҳаёти хеш – судану фурӯ рехтани дандон ба натиҷагирӣ дар бораи қонуни оми инкишофи ҷаҳон би-

расад ва бо ҳамин ният тасвирро вусъат диҳад, балки ҳамсуҳбати тасаввурии шоир, хонандаву шунавандаро барои дарки моҳияти мусибати хеш омода бисозад. Бинобар ин муаллиф баъд аз он ба «моҳрӯйи мушкинмӯй» рӯй оварда, ба баёни ҳол ва сомони хеш дар ҷавонӣ шурӯъ мекунад. Ин қисмат, ки аз рӯйи тартиб севум аст, ҳаҷман калон буда, дар навбати худ боз ба фаслҳои хурдтаре, ки онҳоро шартан «Сурат», «Кайфият», «Қудрат» ва «Сират» номидан мумкин аст, тақсим мешавад.

Дар фасли «Сурат» шоир аз ҳусни ҳайратангези давраи ҷавониаш – зулфи чавгон, рӯйи ба сони дебо, мӯйи ба сони қатрон ва ғайра бо меҳр ёд оварда, бо ҳасрату бо дареғи афзун таъкид мекунад, ки он замона бебозгашт гузаштааст. Беҳуда нест, ки «надидӣ он гаҳ», «шуд он замона» ва «бишуд, ки боз наёмад»-гӯён мисраъ ва байтҳоро ибтидо мекунад. Ва барои таъкиди дурии замон Рӯдакӣ, ки суханро бевосита «маро» – гӯён шурӯъ намуда буд, дар ин қисмат ҳатто дар бораи худаш ҳамчун шахси ғоиб ҳарф задааст.

*Ҳаме чӣ донӣ, эй моҳрӯйи мушкинмӯй,*
*Ки ҳоли банда аз ин пеш бар чӣ сомон буд?*
*Ба зулфи чавгон нозиш ҳамекунӣ ту бад-ӯ,*
*Надидӣ он гаҳ ӯро, ки зулфчавгон буд.*
*Шуд он замона, ки рӯяш ба сони дебо буд,*
*Шуд он замона, ки мӯяш ба сони қатрон буд.*
*Чунонки хубӣ меҳмону дӯст буд азиз,*
*Бишуд, ки боз наёмад, азиз меҳмон буд.*
*Басо, нигор, ки ҳайрон будӣ бад-ӯ-дар чашм,*
*Ба рӯйи ӯ-дар чашмам ҳамеша ҳайрон буд.*

Аз кайфияти ҷавонии шоир ҳамчунин дар байтҳои дигар мулоҳиза меравад. Муаллиф дар онҳо аз ҳамеша шоду хуррам будану беғамиҳояш ва тани осуда доштанаш ёд овардааст ва аз гузашти он айёми фархунда афсӯс хӯрдааст.

*Шуд он замона, ки ӯ шод буду хуррам буд,*
*Нишоти ӯ ба фузун буду ғам ба нуқсон буд...*
*Ҳамеша шоду надонистаме, ки ғам чӣ бувад,*
*Дилам нишоту тарабро фарохмайдон буд...*
*Мёл не, зану фарзанд не, маъунат не,*
*Аз ин ҳама танам осуда буду осон буд.*

Дар фасли «Қудрат» шоир аз дороию тавонгарии худ арз кардааст:

*Ҳамехариду ҳамедод бешумор дирам,*
*Ба шаҳри ҳар кӣ яке турки норпистон буд.*
*Басо канизаки неку, ки майл дошт бад-ӯ,*
*Ба шаб зи ёрии ӯ назди ҷумла пинҳон буд.*
*Ба рӯз чунки наёрист шуд ба дидани ӯ,*
*Ниҳеби хоҷаи ӯ буду бими зиндон буд.*
*Набиди равшану дидори хубу рӯйи латиф*
*Агар гарон буд, зӣ ман ҳамеша арзон буд.*

Фасли «Қудрат»-ро бо «Сират» байти зерин ба ҳам пайвастааст. Агар мисраи аввали он аз лиҳози муҳтаво идомаи фасли пешина аст, аз мисраи дувуми он баёни маънавиёти шоир оғоз мешавад:

*Ҳамеша чашмам зӣ зулфакони чобук буд,*
*Ҳамеша гӯшам зӣ мардуми сухандон буд.*

Сипас Рӯдакӣ дар байтҳои баъдӣ аз он хотирнишон мекунад, ки дилаш хазинаи ганҷи сухан буд ва ба шеър дилҳои сангу сандонро ба сони ҳарир нарм карда буд:

*Дилам хизонаи пурганҷ буду ганҷ сухан,*
*Нишони номаи мо муҳру шеър унвон буд.*
*Басо дило, ки ба сони ҳарир карда ба шеър,*
*Аз он сипас, ки ба кирдори сангу сандон буд.*

Бо байти мазкур ба поён расидани қисмати севуми ин қасида ба эҷоди қисмати чорум, ки дар боби «бузургию неъмат»-и муаллиф ба ҳайси шоир дар дарбори амирони сомонӣ ва гӯшаву канори Хуросон ва тамоми ҷаҳон аст, замина гардидааст. Пайи ҳам, якбора ва бо шиддат гӯшзад кардани тавсифу аломатҳое, ки аз шуҳрати шеъру шоириаш гувоҳӣ медиҳад, баёни эҳсосот ва раванди тасвирро ба авҷ расонида, бо ҳамин тамоми қисматҳои пешинаро ба ҳам аз ҳар ҷиҳат наздик гардондааст ва ба онҳо тамомӣ бахшидааст. Тасвири бошиддат баёни бошиддатро тақозо наму-

дааст. Мисраъ ва байтҳои зиёди ин қисмат саропо аз санъати такрору тарсеъ иборат шудааст.

*Ту Рӯдакиро, эй моҳрӯ, ҳамебинӣ,*
***Бад-он замона надидӣ,*** *ки инчунинон буд.*
***Бад-он замона надидӣ,*** *ки дар чаман рафтӣ*
*Сурудгӯён гӯӣ ҳазордастон буд.*
***Шуд он замона, ки ӯ унси родмардон буд,***
*Шуд он замона, ки ӯ пешкори мирон буд.*
***Ҳамеша шеъри варо зӣ мулук девон аст,***
***Ҳамеша шеъри варо зӣ мулук девон буд.***
***Шуд он замона, ки*** *шеъраш ҳама ҷаҳон бинвашт,*
***Шуд он замона, ки*** *ӯ шоири Хуросон буд.*
*Куҷо ба гетӣ будаст номвар деҳқон,*
*Маро ба хонаи ӯ сим буду ҳумлон буд.*
***Киро бузургию неъмат зи ину он будӣ,***
***Маро бузургию неъмат зи Оли Сомон буд.***
*Бидод мири Хуросон-ш чил ҳазор дирам,*
*Дар ӯ фузунии як панҷи мири Мокон буд.*
***Зи авлиёш*** *пароканда низ ҳашт ҳазор*
*Ба ман расид бад-он вақт, ҳоли хуб он буд.*
*Чу мир дид сухан, дод доди мардии хеш*
***Зи авлиёш,*** *чунон к-аз амир фармон буд.*

Дар се байти охир баёни муаллиф нисбатан оромтар гардида, шиддати аламу ҳасрати ӯ аз бузургию неъмати пешинааш пасттар шудааст. Шоир дар онҳо аз муносибати худ бо мирону авлиёи сахии давр фахр дорад, бинобар ин бо тамкин сухан меронад.

Байти мақтаи қасида дар алоҳидагӣ як қисмати махсуспанҷумро ташкил медиҳад, зеро аз қисматҳои дигари асар бо мазмуну оҳанг ва таркиби дохилиаш фарқ мекунад. Шоир дар он мардона ба тақдири хеш ва тағйири аҳволи хеш тан дода, пирию барҷомондагӣ, танҳоию бечорагӣ ва бечизию бекасияшро эътироф намудааст. Баёни ӯ дар ин байт рехта, ҳамвор ва мустаҳкам буда, дар худ як оҳанги қатъияти мардонагиро таҷассум мекунад. Гӯяндаи он каси диловаре ба назар мерасад, ки агар ҳама гуна душворӣ пеш ояд ҳам, аз зиндагӣ дилмонда нахоҳад шуд. Дар ин қасида қудрати рӯҳӣ ва матонати маънавии Рӯдакӣ нисбатан мукаммал инъикос ёфтааст.

*Кунун замона дигар гашту ман дигар гаштам,*
*Асо биёр, ки вақти асову анбон буд.*

Байти мазкур охирин садои пурқуввати асарҳои мусиқиро ба хотир меоварад.

Рӯдакӣ ба истиснои панҷ мисраи аввал, ки аз судану фурӯ рехтани дандонҳояш гувоҳӣ медиҳад, дар қисматҳои дигар ва асосии қасида бештар дар бораи аҳволи гузаштааш сухан кардааст. Вале ӯ онро тавре баён намудааст, ки зимнан аз онҳо аҳволи кунуниаш ҳам баръало намудор аст. Аз ин сабаб комилан табиӣ ва мантиқист, ки қасидаро бо зикри маҳзи дигар гаштани замону дигар гаштани ҳоли хеш ба охир расонда, аз тафсилоти аҳволи кунунияш худдорӣ менамояд.

Яке аз воситаҳои асосии тасвир дар қасидаи мазкур **тазод ва муқобила** аст: тазоди аҳвол, тазоди ҷаҳон, тазоди замон, тазоди ҳолат ва ғайра. Ба тақозои чунин асли тасвир на танҳо қисми муайяни таркиби луғавии қасидаро калимаву таъбирҳои тазодӣ, монанди: буд – шуд; дармон – дард; куҳна – нав; шикастабиёбон – боғи хуррам; шодӣ – ғам; гарон – арзон; ҳарир – сангу сандон; он замон – кунун; яке-ҳама; киро – маро ва ғайра ташкил медиҳад, балки мисраву байтҳои алоҳида, порчаҳои яклухт ва силсилаи тасвирҳои он ҳам ба ҳамин тарз офарида шудааст. Тасвири «моҳрӯйи мушкинмӯй» ва шоири мӯйсафед ҳам аз ҳамин қабил тасвирҳои тазодӣ мебошад.

Дар ҳаракат будани сужету сохтор, ритму шакли дохилии (архитектоникаи) қасидаи «Шикоят аз пирӣ» ва дар он ба таври равшан зуҳур намудани раванди тасвир низ аз асли тасвири тазодӣ сарчашма мегирад.

Воситаи дигаре, ки Рӯдакӣ дар қасидааш ба кор бурдааст, **такрор ва таъкид** буда, бо асли тасвири тазодӣ робитаи мустаҳкам ва бевосита дорад. Ба туфайли истифода аз чунин асли тасвир шоир ба таъкиди гузаштани замона, давраи ҷавонию комрониҳо, айёми бузургию неъмати худ ва ба тасдиқи такрори ҷараёни ҷаҳони гирдгардон мушарраф гардидааст. Ба тақозои баёни ботаъкиду ботакрор дар қасидаи «Шикоят аз пирӣ» мисраъ ва байт, порча ва қисматҳои ҷудогонаи он бо калимаву таркибҳои таъкидию хитобӣ, мисли: **маро, ҳамеша, ҳамон ки, замоне, басо, ҳаме, дило, бад-он, куҷо, варо, шуд он** ва ғайра сар мешавад ва дар

онҳо феъл, алалхусус феъли замони гузашта мавқеи хосе дорад: **бисуду фурӯ рехт, буд, набуд, намонд, гашт, шуд, бишуд, наёмад, ҳамехариду ҳамедод, наёрист, дошт, надонистаме, карда, надидӣ, рафтӣ, бинвашт, бидод, расид** ва ғайра.

То чӣ андоза дар қасидаи Рӯдакӣ мавқеъ доштани асли таъкиду такрорро махсусан аз рӯйи қофияву радифи он равшан муайян кардан мумкин аст. Зеро қофияву радифе, ки шоир барои асари мазкураш интихоб намудааст, бисёр мумтоз мебошад. Қофияву радиф дар ин қасида ба талаботи вазне, ки муаллиф барои он муносиб дидааст, рукни ҷудогонаро дар шакли «он буд» ташкил медиҳад ва дар якҷояги танҳо дар охири шеър дар сию чаҳор байт сию ҳашт бор таъкиду такрор шудааст. Аз таркиби якҷои қофияву радиф ва такрори ин таркиб дар аввалу охир ва миёнаи мисраъ ва байтҳои қасида садои зангӯлаи корвони даргузари зиндагӣ, қофилаи умру ҷаҳони гирдгардон ва овози ҳасратомезу аламангези шоири барҷомонда ба гӯш мерасад: **он буд, он буд, он буд**...

Фикри дигаре, ки аз муҳтавои ғоявӣ ва бадеии қасидаи «Шикоят аз пирӣ» бармеояд, он аст, ки агарчи ба ҳукми оини ҳамешагии ҷаҳони гирдгардон ҳоли даврон яксон намемонад, ҳаёт зебо ва азиз мебошад. Шояд аз ин сабаб қасидаи мазкурро «фоҷиаи хушбинона» номидаанд ва гуфтаанд, ки: «Агар аз аввалу охир чанд мисраъ партофта шавад, дар пеши назари мо суруди ҷавонӣ, зебоии абадӣ ва хушиҳои зиндагӣ ҳосил мегардад, на шикоят аз пирӣ. Қасидаи мазкур дар ҳақиқат тараннуми хубию зебоиҳои зиндагӣ ва инсон мебошад. Аз аксари мисраъ, байт ва қисматҳои он, ки рангҳои равшани ҳаёти одамиро дар худ доранд, нур меборад ва онҳо аз тавсифу ташбеҳҳои равшан саршоранд, чунончи: **чароғи тобон, сапеду симзада, дурру марҷон, ситораи саҳарӣ, қатраборон, боғи хуррам, моҳрӯйи мушкинмӯй, зулфи чавгон, рӯйи дебо, мӯйи қатрон, азизмеҳмон, шоду хуррам, турки норпистон, канизаки неку, набиди равшан, дидори хуб, рӯйи латиф, хизонаи пурганҷ, ганҷи сухан, нишоту тараб, фарохмайдон, дили ҳарир, зулфакони чобук, мардуми сухандон, ҳазордастони сурудгӯй, унси родмардон, пешкори мирон, девони мулук, шоири Хуросон, Оли Сомон, мири Хуросон, мири Мокон, доди мардӣ** ва ғ.

Муҳтаво, ғояи ҳаётию амиқ, сужету сохтори мустаҳкаму ягона, созмони дохилии мутаносиб, ритму лаҳни рангоранг, сабки баёну тасвирҳои муносиби шеърӣ, ягонагии хусусиёти ғоявию

бадеӣ, ки нишонаи зуҳури гӯяндагии шоири бузурге мисли Рӯдакӣ мебошад, қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-ро ҳамчун асари асили ҳунар мумтоз гардонидааст. Устод Рӯдакӣ ба туфайли қудрати бузурги шоириаш дар қолаби сахти навъи қасида ва арӯзи анъанавӣ ҳунарнамоӣ карда, имкони беандозаи тасвир доштани онҳоро ба исбот расондааст. Ба назари мо, сирри асрҳои аср давом кардани навъҳои маъмули назми классикӣ чун қасида, вазни арӯз дар ҳамин имконоти фаровони дохилӣ ва гунҷоиши онҳост.

Дар миёни ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, аз он ҷумла дар байни сурудаҳои Мантиқии Розӣ (ваф. дар солҳои 977 ва 990), Кисоии Марвазӣ (охири а. X ва аввалҳои а. XI) ва Мунтасир (соли қатлаш 1005), чанд қасида ва қасидагунае боқӣ монда, ки аз бисёр ҷиҳат қасидаи “Шикоят аз пирӣ”-ро ба хотир меорад.

Аз муқоисаи қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и Рӯдакӣ бо ашъори ҳолияи Мантиқии Розӣ, Кисоӣ ва Мунтасир маълум мегардад, ки шоирони асри X дар гуфтани қасидаи ҳолия асосан зери таъсири тарзи сухани устоди Панҷрӯдӣ монда, аз қолаби ихтироънамудаи ӯ дар қасидаи «Шикоят аз пирӣ» берун нарафтаанд.

## ҚАСИДАИ «МОДАРИ МАЙ» ВА ШЕЪРИ МАДҲИЯ

Қасида яке аз навъҳои асосии шеъри Рӯдакӣ мебошад ва ӯ дар навъҳои гуногуни он ҳунарнамоӣ кардааст, махсусан дар гуфтани қасидаҳои мадҳия. Мадҳияҳои ӯ ба амирони сомонӣ ва малику маликзодагони Хуросон бахшида шудаанд.

Хусусияти фарққунандаи мадҳияҳои Рӯдакӣ ва дигар шоирони ҳамзамонаш аз он иборат аст, ки онҳо дар мадҳ ба дурустию ростии он диққати ҷиддӣ медоданд ва дар ҳаққи мамдӯҳ суханҳоеро раво медоштанд, ки ба шахсияти он, рафтору гуфтораш мувофиқати комил дошт. Онҳо “мадҳи шоҳони сарфароз” гуфтаанд, на “мадҳи дунон” (Абдурраҳмони Ҷомӣ). Ба сухани дигар, онҳо дар қасидаи мадҳия дурӯғ намегуфтанд.

*Ман он-ч мадҳи ту гӯям, дуруст бошаду рост,*
*Маро ба кор наояд сирешиму кабдо.*

Барои мисол, Рӯдакӣ дар қасидаи “Модари май” амири Систон Абӯҷаъфар Аҳмад ибни Муҳаммадро ба хотири он ки ӯ ба ҳимояи ҳукумати марказӣ, ваҳдат ва ягонагии давлати Сомониён

ҳокими исёнгари вилояти Рай Мокон ибни Кокуро мағлуб гардонида буд, бо хоҳиши Насри 11 дар маҷлиси маликона васф кардааст ва ӯро чунон тасвир намудааст, ки касоне, ки ин волиро медонистанд, шаҳодат додаанд, ки ҳар он чи Рӯдакӣ дар ҳаққи вай гуфтааст, дурусту рост мебошад.

Рӯдакӣ Абӯҷаъфар Аҳмад ибни Муҳаммадро "меҳи озодагону мафхари Эрон", "малики адлу офтоби замона", "аз офтоби гавҳари Сосон" номида, барои сирату мазҳаби хуб, илму ҳикмат, покнажодӣ, нияти неку макорими эҳсон, далерӣ дар майдони набард, атобахшӣ, сухандонӣ, мададгорӣ, ёрирасонӣ мадҳ намудааст ва ӯро барои ин сифатҳояш ба Амр ибни Лайс, Рустами Дастон, Исфандёр, Сом, Сулаймон, Луқмони Ҳаким, Абӯҳанифа, Суфён, Суқроту Афлотун монанд кардааст.

Он чи Рӯдакӣ дар қисмати тағаззули он дар бораи чӣ тавр тайёр кардани май – аз оғоз то ба анҷом мегӯяд, ба шаҳодати муҳаққиқон ҳеч касе мисли онро бо зикри тамоми ҷузъиёташ ба баён наовардааст:

*Модари майро бикард бояд қурбон,*
*Баччаи ӯро гирифту кард ба зиндон.*
*Баччаи ӯро аз ӯ гирифт надонӣ,*
*То-ш накӯбӣ нахусту з-ӯ накашӣ ҷон.*
*Ҷуз ки набошад ҳалол дур бикардан*
*Баччаи кӯчак зи шири модару пистон.*
*То нахӯрад шир ҳафт моҳ ба тамомӣ*
*Аз сари урдибиҳишт то буни обон.*
*Он гаҳ шояд зи рӯйи дину раҳи дод*
*Бачча ба зиндони тангу модар қурбон.*
*Чун бисупорӣ ба ҳабс баччаи ӯро,*
*Ҳафт шабонрӯз хира монаду ҳайрон.*
*Боз чу ояд ба ҳушу ҳол бибинад,*
*Ҷӯш барорад, бинолад аз дили сӯзон.*
*Гоҳ забар зер гардад аз ғаму гаҳ боз*
*Зер забар, ҳамчунон зи андуҳи ҷӯшон.*
*Зарр бар оташ куҷо бихоҳӣ полуд,*
*Ҷӯшад, лекин зи ғам наҷӯшад чандон.*
*Боз ба кирдори уштуре, ки бувад маст,*
*Кафк барорад зи хашму ронад султон.*

*Марди ҳарас кафкҳош пок бигирад,*
*То бишавад тирагишу гардад рахшон.*
*Охир, к-ором гираду начахад низ*
*Дар-ш кунад устувор марди нигаҳбон.*
*Чун бинишинад тамому софӣ гардад,*
*Гунаи ёқути сурх гираду марҷон.*
*Чанд аз ӯ сурх чун ақиқи ямонӣ,*
*Чанд аз ӯ лаъл чун нигини Бадахшон!*
*В-ар-ш бибӯйӣ, гумон барӣ, ки гули сурх*
*Бӯй бад-ӯ доду мушку анбар бо бон.*
*Ҳам ба хум-андар ҳамегузорад чунин*
*То ба гаҳи навбаҳору нимаи найсон.*
*Он гаҳ агар ними шаб дараш бигушоӣ,*
*Чашмаи хуршедро бибинӣ тобон.*

## АНДЕШАИ ШОИР

Дар шеъри Рӯдакӣ ғайр аз баёни ҳол ва мадҳ, ки бо намунаҳои онҳо шинос шудем, мавзӯъҳои панду ҳикмат, вазъи замон, ишқ, май, табиат ва ҳаҷв асосӣ мебошад. Шоир омӯхтан аз гузашти рӯзгор, баҳра бардоштан аз таҷрибаи онро баҳри дафъи ҳама гуна ҳодиса маслиҳат медиҳад.

*Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,*
*Низ н-омӯзад зи ҳеч омӯзгор.*

***

*Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,*
*Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.*

Ӯ ба ҷаҳон на бо чашми сар, балки бо чашми хирад нигаристанро таъкид мекунад ва мегӯяд, ки ин дунё мисли дарёи бузургест, барои гузаштан аз он аз накукорӣ киштие бояд сохт.

*Ин ҷаҳонро нигар бо чашми хирад.*
*Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ*
*Ҳамчу дарёст в-аз накукорӣ*
*Киштие соз, то бад-он гузарӣ*

Рӯдакӣ барои ба чашми хирад нигаристан ба олам бохирад будан, дониш омӯхтан, фарҳанг омӯхтанро шарти аслӣ мешуморад. Ӯ донишро ба чароғи равшане, ки роҳро равшан мекунад ва ҳам ба ҷавшане, ки тани одамро аз ҳама бадиҳо нигаҳ медорад, монанд кардааст.

Рӯдакӣ ба он бовар дорад, ки дар зиндагӣ барои фарзанди инсон ғайр аз донишу хирад ҳамчунин "тани дурусту хӯи неку номи нек" зарур мебошад, зеро ҳар он кӣ Эзад ин чаҳор хислатро ба ӯ додааст, "шод зияд ҷовидону ғам нахӯрад":

*Чаҳор чиз мар озодаро зи ғам бихарад:*
*Тани дурусту хӯи неку номи неку хирад.*
*Ҳар он ки Эзадаш ин ҳар чаҳор рӯзӣ кард,*
*Сазад, ки шод зияд ҷовидону ғам нахурад.*

Шоир бар нафси худ амир будан, бар кӯру кар нукта нагирифтан, дасти фитодае гирифтанро аз хӯи неки инсонӣ медонад ва номи онро "мардӣ" гуфтааст:

*Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,*
*Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ .*
*Мардӣ набувад фитодаро пой задан,*
*Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.*

Рӯдакӣ мардумро ба дӯст будан даъват менамояд ва беҳтарин суханҳоро дар ҳаққи дӯстон сурудааст. Вай бартар аз дидори дӯст набудани шодии дигаре ва талхие талхтар аз фироқи дӯсти пурҳунарро дар ҷаҳон таъкид менамояд:

*Ҳеч шодӣ нест андар ин ҷаҳон*
*Бартар аз дидори рӯи дӯстон.*
*Ҳеч талхӣ нест бар дил талхтар*
*Аз фироқи дӯстони пурҳунар.*

Ин байт ва бисёре аз байтҳое, ки ба сифати панду ҳикматҳои Рӯдакӣ иқтибос шудаанд, аз маснавии "Калила ва Димна"–и ӯ мебошанд.

Рӯдакӣ бо гуфтани панду ҳикмат ва маснавиҳои ахлоқие, мисли "Калила ва Димна" суннати пандноманависиҳои адабиёти қадимро давом додааст.

Дар шеъри Рӯдакӣ ба ҷуз мадҳ ва панд мавзӯи дигаре, ки мақоми асосиро дорост, ишқ мебошад ва дар ғазал, қитъа ва рубоиҳои ӯ бозтоби густарда дорад. Муҳтавои ишқияҳои шоирро васфи ҷамоли зебои ёр ва шарҳи сангиндилию бемурувватӣ ва бевафоиҳои он, вафои ошиқ ташкил медиҳад.

*Ай аз гули сурх ранг бирбудаву бӯ,*
*Ранг аз пайи рух рабуда, бӯ аз пайи мӯ.*
*Гулранг шавад, чу рӯй шӯйӣ, ҳама ҷӯ,*
*Мушкин гардад, чу мӯ фишонӣ, ҳама кӯ.*

***

*Бе рӯйи ту хуршеди ҷаҳонсӯз мабод,*
*Ҳам бе ту чароғи оламафрӯз мабод.*
*Бо васли ту кас чу ман бадомӯз мабод,*
*Рӯзе, ки туро набинам, он рӯз мабод!*

***

*Бар ишқи туам на сабр пайдост, на дил,*
*Бе рӯйи туам на ақл барҷост, на дил.*
*Ин ғам, ки марост, кӯҳи Қоф аст, на ғам,*
*Ин дил, ки туром, санги хорост, на дил.*

Он чаҳорчӯбе, ки Рӯдакӣ дар ишқиясароӣ муайян намуда буд, дар адабиёти форсии тоҷикӣ асрҳои аср давом кард. Ишқ дар тафсири Рӯдакӣ ва шоирони ишқиясарои порсигӯ баёни ғаму дарди ишқ аз ҷудоӣ, бемурувватӣ ва сангиндилии ёри зебо мебошад.

## ШЕЪРИ РӮДАКИВОР

Шеъри рӯдакивореро, ки сурудани онро маликушшуарои дарбори Ғазнавиён ва шоири тавонои нимаи аввали асри XI Унсурӣ орзу намудаасту бо вуҷуди кӯшишаш натавониста будааст, чӣ шеърест ва чӣ хусусиятҳое дорад?

*Ғазал рӯдакивор неку бувад,*
*Ғазалҳои ман рӯдакивор нест.*
*Агарчи бикӯшам ба борик ваҳм,*
*Бад-ин парда-андар маро бор нест.*

Дуруст аст, ки Унсурӣ танҳо аз ғазали рӯдакивор ёд овардааст, на аз навъҳои дигари шеъри ӯ, мисли қасида, қитъа, рубоӣ, маснавӣ ва ғ., вале, тавре ки маълум шуд, Рӯдакӣ на танҳо ғазалро, балки тамоми навъҳои дигари шеъриро низ рӯдакивор гуфтааст.

Шеъри Рӯдакӣ ё шеъри рӯдакивор се хусусияти барҷаста дорад. Яке он аст, ки **дар он ҳама чиз – муҳтаво, забон, луғат, баён, сабк, воситаҳои тасвир – сода, муқаррарӣ, рӯзмарра, ҳамагонӣ, заминӣ, ошно, табиӣ ва осон мебошад.** Дар он чизе, ки ноошно, ношинос, хаёлӣ, бофта, сунъӣ, ғайримуқаррарӣ, ғайритабиӣ, душвор, нестандарҷаҳон бошад, вуҷуд надорад. Ва ин вижагӣ танҳо хоси қисме, гурӯҳе, микдоре аз шеърҳои шоир ва ё навъе аз навъҳои он, барои мисол ғазал ё қасида ё қитъа ё рубоиёти ӯ нест, балки ба тамоми мероси ӯ, бидуни истисно, хос мебошад.

Шоирони гузашта ва имрӯза аз бӯқаламуниҳои ҷаҳон ё дунё бисёр сухан гуфтаанд. Рӯдакӣ ин маънии ҷиддӣ ва дарднокро ба таври хеле сода, лекин хеле барҷаста баён намудааст:

*Ҷаҳоно, чунинӣ ту бо баччагон,*
*Ки гаҳ модарӣ, гоҳ модандаро!*

***

*Ҷуз ба модандар намонад ин ҷаҳони гурбарӯй,*
*Бо писандар кина дорад ҳамчу бо духтандаро.*

Чунин ташбеҳи заминӣ, гӯёву расо ва хоно дар шеъри шоирони пеш аз Рӯдакӣ ва пас аз ӯ мавҷуд нест. Танҳо Ҳофизи бузургвор тавонистааст пас аз устоди Панҷрӯдӣ ва бо такя бар маънию тасвирҳои вай бигӯяд, ки даҳр (дунё, ҷаҳон) аҷузаи ҳазордомод аст дар бевафоӣ ва нопойдорӣ.

Рӯдакӣ дар ҷои дигаре ҷаҳонро ба нағил, ки имрӯз "оғил"-аш мегӯем, монанд карда, одамонро ба гӯсфандон ташбеҳ додааст ва бо ҳамин содагии тасвиру баён ба гузаранда будани умр ва миранда будани инсон ишора намудааст, ки дар зоти худ нотакрор аст:

*Гӯспандему ҷаҳон ҳаст ба кирдори нагил,*
*Чун гаҳи хоб бувад, сӯйи нагил бояд шуд!*

Кашфи ба истилоҳ «асрори ҷаҳон» аз мавзӯъҳои мураккабтарини шеъри дирӯз ва имрӯз буду ҳаст. Вале шоир ин мураккабтарин мавзӯи шеъриро бо осонӣ ба қалам овардааст:

*Ин ҷаҳон пок хобкирдор аст,*
*Он шиносад, дил-ш бедор аст.*
*Некии ӯ ба ҷойгоҳи бад аст,*
*Шодии ӯ ба ҷойи тимор аст.*

*Чӣ нишинӣ бад-ин ҷаҳон ҳамвор,*
*Ки ҳама кори ӯ на ҳамвор аст?!*
*Куниши ӯ на хубу чеҳра-ш хуб,*
*Зишткирдору хубдидор аст.*

Рӯдакӣ бо баёни содатарин маъниҳои шоиронаву бо истифодаи маъмултарин воситаҳои баёну тасвир ҳолати ошиқро ин тавр ба қалам овардааст:

*Ҳанӯз бо манию аз ниҳеби рафтани ту*
*Ба рӯз вақт шуморам, ба шаб ситора шуморам.*

Дар осори боқимондаи Рӯдакӣ калимаҳое ба назар мерасанд, ки барои хонандаи кунунӣ номафҳум мебошанд, мисли пӯпак (ҳудҳуд ё шонасарак), афшак (шабнам), полик (чорух), капт (занбӯр), ханур (хурма),ованг (ресмон), дева (кирми пилла), фағ (бут), кадӯх (гармоба), вотгар (пӯстиндӯз), фарғанд (зарпечак), пажованд (танба) ва ғ. Ҳамчунин баъзе мисраъ, байт ва пораҳое ҳам ҳастанд, ки ба сабабҳои гуногуне, аз ҷумла носаҳеҳии матн, номафҳумии ин ё он калима ва ё шакли нодурусти қироати он, номаълум будани ангезаи гуфта шудани он маънӣ ва тасвирҳо ва ғ. феълан маънидод кардани онҳо мушкил пеш меорад. Аммо ин ду чиз ба он чи гуфта шуд, ба ҳайси хусусияти аввали шеъри Рӯдакӣ зид нест, зеро он калимаву таъбирҳое, ки барои мо имрӯз пас аз ҳазору саду анд сол ноошно менамоянд, дар замони шоир аз ҷумлаи луғатҳои маъмул ва барои ҳама ошно будаанд.

**Дигар** аз вижагии хоси шеъри Рӯдакӣ ин аст, ки **дар он ҳама чиз – муҳтаво, забон, луғат, баён, сабк, воситаҳои тасвир тозаву тар, нав, бикр, обнахӯрдаву обнарасида мебошад.** Чанд мисол барои тасдиқи наву тару тоза будани маънию тасвирҳои шоиронаи шоир:

*Лола миёни кишт бихандад ҳаме зи дур*
*Чун панҷаи арӯси бо ҳинно шуда хузеб.*

Лолаи шукуфтаи миёни кишт ба панҷаи ҳинобастаи арӯс ташбеҳ шудааст, ки ихтирои худи шоир буд.

*Бунафшаҳои тарӣ хайл-хайл сар баркард,*
*Чу оташе, ки ба гӯгирд бардавид кабуд.*

Ин ташбеҳ ҳам аз ҷумлаи ихтироъҳои худи адиб мебошад: монанд кардани бунафшаҳои навбаромад ба оташи кабудранге, ки вақти даргирондани гӯгирд боло мешавад.

Душманонро чу ҳомун (дашт) паст ва дар тазоди он дӯстонро чу гардун (осмон) воло (баланд) гуфтанро танҳо шоирони бузурге ҳамчанди Рӯдакӣ метавонанд, зеро чунин тасвирро ҳеч шоири қаторӣ ё беҳунаре нагуфтааст ва натавонад гуфт:

*Чу ҳомун душманонат паст боданд,*
*Чу гардун дӯстон воло ҳама сол.*

**Севумин** хусусияти барҷастаи шеъри Рӯдакӣ он аст, ки **дар он ҳама чиз – мухтаво, забон, луғат, баён, сабк, воситаҳои тасвир – ҳамзамон бо содаву осон ва тозаву тар будан олист,** яъне, дар ҳадди камолу ҷамол ва дар таносуб ва ҳамбастагии комили лафзу маънист. Чунончи:

*Зиҳӣ, фузуда ҷамоли ту зебу ороро,*
*Шикаста сунбули зулфи ту мушки сороро.*
*Қасам бар он дили оҳан хӯрам, ки аз сахтӣ*
*Ҳазор тарҳ ниҳодаст санги хороро.*
*Ки аз ту ҳеч мурувват тамаъ намедорам,*
*Ки кас надида зи сангиндилон мудороро.*
*Ҳазор бор худоро шафеъ меорам,*
*Вале чӣ суд, чу ту нашнавӣ «Худоро»-ро?!*
*Ту Рӯдакӣ ба ғуломӣ қабул агар бикунӣ,*
*Ба бандагӣ написандад ҳазор Дороро.*

Дар ин ғазал, ки аз намунаҳои аввалини ғазали форсии тоҷикист, сухан аз ёри зебову соҳибҷамол, вале сангиндилу беилтифот ва ошиқи меҳрубону хидматгузоре меравад, шоир тавонистааст, ки ин тазоди сирату сурати маъшуқа ва миёни ӯву ошиқро бо истифода аз маънию тасвирҳои муносиб, калимаву ашёву ҳолатҳои мутазод бозтоб диҳад. Вазну қофияе, ки шоир барои ифодаи ин маънӣ интихоб намудааст, ба ҳоли дили ғамгин ва оҳу нолаҳои пинҳонии ошиқ мувофиқати комил доранд. Агар қофияи ин ғазалро замзама кунед, он нолаҳоро хоҳед шунид.

Ва мисоли дигаре аз ин қабил:

*Шод зӣ бо сиёҳчашмон, шод,*
*Ки ҷаҳон нест ҷуз фасонаву бод!*
*З-омада шодмон бибояд буд*
*В-аз гузашта накард бояд ёд.*
*Ману он ҷаъдмӯйи голиябӯй,*
*Ману он моҳрӯйи ҳурнажод.*
*Некбахт он касе, ки доду бихӯрд*
*Шӯрбахт он, ки нахӯрду надод.*
*Боду абр аст ин ҷаҳони фусӯс,*
*Бода пеш ор, ҳар чӣ бодо, бод!*
*Шод будаст аз ин ҷаҳон ҳаргиз*
*Ҳеч кас, то аз ӯ ту бошӣ шод?!*
*Дод дидаст аз ӯ ба ҳеч сабаб*
*Ҳеч фарзона, то ту бинӣ дод?!*

Тарғибу талқини шодбошию хушгузаронии умр, ки баъдан дар шеъри форсии тоҷикӣ ривоҷ мегирад, хосса дар рубоиёти Умари Хайём ва ғазалиёти риндонаи Ҳофизи Шерозӣ ва беҳтарин намунаҳои ин гуна шеър суруда мешаванд, бо он ҳама шеъри волои Рӯдакӣ ҳамчунон чун намунаи шеъри олӣ боқӣ мондааст. Шоир дар он чунон сухан мекунад ва далелҳое меорад, ки шунаванда ва ё хонандаи он бидуни чуну чаро ва фурсат хостан ба он мегаравад. Ҳар маънӣ, ҳар тасвир, ҳар калимаву ҳар таркибе, ки дар ин шеър ҳаст, тарғиб ва талқин мекунад, ки дар ин ҷаҳони гузарон бояд шод зист.

Ҳамин тавр, дар шеъри Рӯдакӣ, ин шоири оғозгари шеъри форсии тоҷикӣ, ҳама чиз – лафзу маънӣ, баён, тасвир, вазну қофия, таркибу таъбир, ба як сухан тору пуди шеър, монанди оби сарчашмаҳои зодгоҳаш поку беғаш, тару тоза, ноолуда, хуш ва писандида буда, аз ҳама гуна хасу хошок ва хоку гили суханбозию сухансозӣ, сохтакорию санъаторӣ, такаллуфу танофур, заъфи таълиф, ҳашв, сакта, мураккаботи лафзию маънавӣ, ки пасон дар адабиёти форсии тоҷикӣ маъмул мегарданд, дур мебошад.

Дар покию беғашӣ ба шеъри ноби устоди Панҷрӯдӣ танҳо метавон шеъри нобиғагоне, чун Фирдавсӣ, Хайём, Низомӣ, Ҳофиз, Гёте, Уитмен, Пушкин ва Есенинро монанд кард.

# ДАҚИҚӢ

## (тахминан 929/30 – 977/978)

Абӯмансур Муҳаммад бинни Аҳмади Дақиқӣ аз ҳамасрони номдори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, бунёдгузори адабиёти форсии дарӣ буда, тахминан дар миёнаҳои нимаи аввали асри X дар Балх ба дунё омадааст. Дақиқӣ дар ду маврид аз Рӯдакӣ ба сифати устоди шеъри мадеҳ ёд овардааст: ҷое бо ишораи « шоири тирачашми равшанбин» ва дигаре бо зикри бевоситаи номи ӯ:

*Устод Шаҳид зинда боистӣ*
*В-он шоири тирачашми равшанбин,*
*То шоҳи маро мадеҳ гуфтандӣ*
*Б-алфози хушу маонии рангин.*

***

*Киро Рӯдакӣ гуфта бошад мадеҳ,*
*Имоми фунуни суханвар бувад.*
*Дақиқӣ мадеҳ оварад назди ӯ,*
*Чу хурмо ба сӯйи Ҳаҷивар бувад.*

Дақиқӣ на танҳо монанди Рӯдакӣ шеъри мадеҳ гуфтааст, балки дар дарбори амирони сомонӣ будааст. Ӯ пеш аз он ки ба пойтахти Сомониён – Бухоро биояд , замоне дар дарбори волиёни онон дар Чағониён (водиҳои имрӯзаи Сурхандарё ва Ҳисор ) хидмат кардааст.

Аз соҳиби табъи равон ва истеъдоди гуфтани сухани хуб будани Дақиқӣ Абулқосими Фирдавсӣ дар «Достони Дақиқии шоир» хабар додааст:

*Ҷавоне биёмад кушодазабон,*
*Сухан гуфтани хубу табъи равон.*

Ва афсӯс хӯрдааст, ки аз ҷавонӣ хӯйи бад ӯро ёр буд ва ҳамасола ба он ба пайкор буд ва аз ҷаҳон дилаш як рӯз шод набуд ва оқибат аз ин хӯйи бад ҷони ширин бидод ва ба дасти яке банда кушта шуд.

*Ҷавониширо хӯйи бад ёр буд,*
*Або бад ҳамеша ба пайкор буд.*
*Бар ӯ тохтан кард ногоҳ марг,*
*Ба сар барниҳодаш яке тира тарг.*
*Бад-он хӯйи бад ҷони ширин бидод,*
*Набуд аз ҷаҳон дил-ш як рӯз шод.*
*Якояк аз ӯ бахт баргашта шуд,*
*Ба дасти яке банда-бар кушта шуд.*

Аз ин гуфтаи Фирдавсӣ равшан нест, ки он хӯйи баде, ки аз ҷавонӣ ба Дақиқӣ ёр буд ва оқибат ӯро ба марг расонид, чӣ буд ва он бандае, ки ба дасти ӯ кушта шуд, кӣ буд.

Дақиқӣ пайрави дини зардуштӣ буда, маснавии «Шоҳнома»-ашро ба таърихи пайдоиш ва густариши ин дин бахшида буд ва ба замми ин ба хушгузаронии рӯзаш бо маю мусиқию маҷлиси ёр одат карда буд:

*Дақиқӣ чор хислат баргузидаст*
*Ба гетӣ аз ҳама хубию зиштӣ:*
*Лаби ёқутрангу нолаи чанг,*
*Майи хушрангу дини зардуҳиштӣ.*

Гумони яқин он аст, ки онҳое, ки аз ин рафтор ва кирдорҳои шоир хушашон намеомад, бо истифода аз бандаи зархариде ӯро дар айни авҷи камолоташ ба қатл расониданд ва имкон надоданд, ки ӯ «Шоҳнома»-ашро ба охир расонад. Санаи қатли Дақиқӣ тахминан соли 977-978 мебошад.

Дақиқӣ ҳамчун пайрави мактаби шоирии устод Рӯдакӣ чун ӯ ба ҷуз шеъри мадеҳ-қасида дар навъҳои дигари шеърӣ, мисли ғазал, қитъа, рубоӣ ва маснавӣ эҷод намудааст. Дар тағаззули қасидае дар мадҳи Абӯсаъди Музаффар аз номи «паричеҳра бути айёру дилбар» гуфтааст:

*Маро гӯяд: «Зи чандин шеъри шоҳон*
*Ва чандин ошиқона шеъри дилбар,*
*К-ам аз шеъре, ки сӯи мо фиристӣ,*
*Наям андархури гуфтор в-эдар».*

Носири Хусрави Қубодиёнӣ (1004-1088) дар асари машҳураш бо номи «Сафарнома» пас аз як аср аз соҳибдевон будани Дақиқӣ ёд овардааст: «Дар Табрез Қатрон ном шоиреро дидам, шеър неку мегуфт, аммо забони порсӣ неку намедонист. Пеши ман омад, девони Мунҷик ва девони Дақиқӣ биёвард ва пеши ман бихонд».

Афсӯс, ки бо гузашти айём ва бар асари ҳамлаи хонумонсӯзи муғул аз он девони шеърҳои шоир танҳо ном мондааст. Аз асарҳои ӯ низ монанди мероси фаровони Рӯдакӣ имрӯз пораҳои ҷудогона ва байтҳои парешон боқӣ мондаанд, аз ҷумла ҳазор байти «Шоҳнома»-и ӯро Абулқосими Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-аш ҷой додааст.Тамоми шеърҳои бадастомадаи Дақиқӣ дар ҳудуди 1500 байт мебошад.

«Шоҳнома»-и Дақиқӣ аз ҷумлаи аввалин шоҳномаҳои манзум ба забони порсии дарӣ ба шумор меравад. Шоҳномаҳое, ки то ӯ буданд, дар наср буданд. Шоир ба навиштани «Шоҳнома» бо хоҳиши Нӯҳ бинни Мансури Сомонӣ (976-997) оғоз карда буд ва то поёни умри кӯтоҳаш тавонист, ки танҳо достони «Гуштосп»-ро дар ҳудуди 1000 байт ба назм дарорад, аз ин рӯ онро гоҳе бо номи «Гуштоспнома» низ ёд мекунанд.

Маснавии Дақиқӣ бо баёни он сар мешавад, ки шоҳи яздонпараст Луҳросп тахти шоҳиро ба писараш Гуштосп медиҳад ва ба Балх меравад ва дар оташкадаи Навбаҳор ҷой мегирад ва дар ба рӯйи бегонагон баста, рӯйи ниёиш ба сӯйи Яздон мекунад. Сипас дар маснавӣ сухан аз пайдо шудани Зардушт меравад:

*Хуҷастапаю номи ӯ Зардуҳушт,*
*Ки Оҳармани бадкунишро бикушт.*
*Ба шоҳи ҷаҳон гуфт: «Пайғамбарам,*
*Туро сӯйи Яздон ҳаме раҳбарам».*
*Яке миҷмар оташ биёвард боз,*
*Бигуфт: «Аз биҳишт оваридам фароз...*
*Биёмӯз оини дини беҳӣ,*
*Ки бе дин на хуб аст шоҳаншаҳӣ».*

Гуштосп ин суханҳоро шунидааст ва дину оини зардуштиро пазируфтааст. Аз паси ӯ бародараш Зарир, падари пираш, сарони бузурги кишварҳо, пизишкони донову донишмандон ҳама ба он дин имон овардаанд ва куштӣ – камарбанди зардуштиро ба миён бастаанд.

Гуштосп бо фиристодани сипоҳ ба кишварҳо ва мубадон, бунёди озаронгунбадон (гунбадҳои оташпарастӣ), аз ҷумла Меҳрбарзин ба густариши дини зардуштӣ пардохт ва паём фиристод:

*Бигиред яксар раҳи Зардуҳушт,*
*Ба сӯйи бути Чин бароред пушт.*
*Ба бурзу фари шоҳи эрониён*
*Бибандед куштӣ ҳама бар миён.*
*Ба оини пешинагон мангаред,*
*Бад-ин сояи сарвбун бигравед.*
*Суйи гунбади озар оред рӯй*
*Ба фармони пайғамбари ростгӯй.*

Зардушт ба Гуштосп надодани бож ба солори Чин Арҷоспро маслиҳат медиҳад:

*Ба шоҳи ҷаҳон гуфт Зардушти пир,*
*Ки: «Дар дини мо ин набошад ҳажир,*
*Ки ту бож бидҳӣ ба солори Чин,*
*На андархур ояд ба оину дин.*
*На бошам бар ин низ ҳамдостон,*
*Зи шоҳони мо дар гаҳи бостон*
*Ба туркон надодаст кас божу сов,*
*Ба Эрон набудшон ҳама тӯшу тов».*

Аз ин наррадеве огоҳ мешавад ва ба Арҷосп хабар мебарад, ки Гуштосп бо сипоҳи сад ҳазор савор лашкар кашиданист. Арҷосп ҳама мубадонро бихонд ва ба онҳо шунидаҳояшро дар бораи ба дини зардуштӣ гаравидани Гуштосп, бародараш Зарир гуфт. Арҷосп Зардуштро бо номҳои « пири ҷоду», «пири нопок», «пири мардумфиреб» ёд мекунад ва номаи хусравӣ ба Гуштосп менависад ва ӯро аз «роҳи зишт» – дини зардуштӣ баргардониданӣ мешавад ва ганҷи бекарон бахшиданро ваъда ва ҳушдор медиҳад, агар панди ӯро напазирад, пас аз як – ду моҳ сар ба сар кишвари Эронро табоҳ хоҳад кард:

*Ар эдун, ки бипзирӣ ин нек панд,*
*Зи туркон ба ҷонат наёяд газанд.*
*Замини кашонию туркони Чин*
*Туро бошад он ҳамчу Эронзамин.*

*Ба ту бахшам ин беканор ганҷҳо,*
*Ки овардаам гирд бо ранҷҳо...*
*В-ар эдун, ки напзирӣ ин панди ман,*
*Бисоӣ гарон оҳанин банди ман.*
*Биёям паси нома то як-ду моҳ,*
*Кунам сар ба сар кишваратро табоҳ.*

Гуштосп аз суханони зиште,ки дар номаи Арҷосп буд, барошуфт, меҳтарон, бузургони Эрону донишмандонро гирд овард, аз он огоҳ сохт ва гуфт:

*Чӣ нохуш бувад дӯстӣ бо касе,*
*Ки моя надорад зи дониш басе?!*
*Ман аз тухмаи Эраҷи покзод,*
*Вай аз тухмаи Тури ҷодунажод.*
*Чӣ гуна бувад дар миён оштӣ,*
*Валекин маро буд пиндоште?*
*Касе к-аш бувад номи неку басе,*
*Сухан гуфт бояд-ш бо ҳар касе.*

Баробари шунидани суханҳои Гуштосп Зарир ва Исфандёр

*Кашиданд шамшеру гуфтанд: «Агар*
*Касе бошад андар ҷаҳон сар ба сар,*
*Ки напсандад ӯро ба пайғамбарӣ,*
*Сар андар наёрад ба фармонбарӣ.*
*Наёяд ба даргоҳи фархунда шоҳ,*
*Набандад миён пеши зебанда гоҳ.*
*Нагирад аз ӯ роҳу дини беҳӣ,*
*Мар ин дини беҳро набошад раҳӣ,*
*Ба шамшер ҷон аз танаш барканем .*
*Сарашро ба дори барин бар кунем».*

Ҷавоб навиштанро Зарир ба зимма мегирад ва ҳамроҳ бо Ҷомосп ва Исфандёр ҷавоб менависад ва дар он аз ҷумла мегӯяд, ки:

*Чунин гуфта будӣ ту, то чанд гоҳ*
*Суйи кишвари хуррам орам сипоҳ.*
*На ду моҳ бояд ҳаме, на чаҳор,*
*Ки мо худ биёрем шерони кор.*
*Ту бар хештан бармаяфзой ранҷ,*
*Ки мо худ гушоем дарҳои ганҷ.*

*Биёрем гурдон ҳазорон ҳазор,*
*Ҳама кордида, ҳама номдор.*
*Ҳама эраҷизодаи паҳлавӣ,*
*На афросиёбию на пайгавӣ…*
*Ба рӯзи набард ар бихоҳад Худой,*
*Ба разм андарорам сарат зери пой.*

Арҷосп лашкар гирд овард ва ба ҷанг омода шуд. Рӯзи дигар низ Гуштосп сипоҳ орост ба разми Арҷосп ва аз Балх ба Ҷайҳун расид ва аз ситорашиноси гаронмоя Ҷомосп, сари мубадон анҷому фарҷоми ҷанг бо Арҷоспро донистанӣ мешавад. Ситорашумор бо додани кафолати саломатиаш пешгӯйӣ мекунад, ки дар ҷанг бародари шоҳ Зарир ва писараш Исфандёр, ҳамчунин Ардашер, Шедасп, Настур, Невзор кушта хоҳанд шуд. Гуштосп аз ин пешгӯйии Ҷомосп беҳуш мешаваду меафтад ва пас аз он ки ба ҳуш меояд, аз тахт мефуруояд ва зор-зор мегиряд ва мегӯяд:

*Чӣ бояд маро, - гуфт, - шоҳию гоҳ,*
*Ки рӯзам ҳамегашт хоҳад сиёҳ?!*
*Ҳаме рафт хоҳанд моҳони ман,*
*Далеру саворону шоҳони ман.*
*Чӣ бояд маро подшоҳию бахт,*
*Тавоноию лашкару тоҷу тахт?!*
*Ки бо он ки бар ман гиромитаранд,*
*Гузини сипоҳанду номитаранд.*
*Ҳаме рафт хоҳанд аз пеши ман,*
*Зи тан барканaнд ин дили реши ман!*

Гуштосп бародараш Зарир, писараш Исфандёр ва дигар наздиконашро аз рафтан ба ҷанг нигоҳ доштанӣ мешавад. Ҷомоспи хирадманд барояш мефаҳмонад, ки агар онҳо дар сафи пеши сипоҳ набошанд, касе нахоҳад ёрист, ки пеши гурдони Чин равад ва насиҳат мекунад:

*Ту з-ин хок бархезу бар шав ба гоҳ,*
*Макун фарраи подшоҳӣ табоҳ,*
*Ки рози Худояст, з-ин чора нест,*
*Худованди гетӣ ситамгора нест.*
*Аз андуҳ хӯрдан набошад-т суд,*
*Куҷо буданӣ буд, ин кор буд.*
*Макун дил-тро бештар з-ин нажанд,*
*Ту доди ҷаҳонофарин кун писанд.*

Вақте ки разми эрониёну тӯрониён сар мешавад, тамоми пешгӯйиҳои Ҷомосп, мутаассифона, рост мебароянд. Ардашер, Шер, Шедасп Гиромӣ, Невзор, Зарир бо вуҷуди мардонавор ҷангиданашон дар ҷанги рӯёрӯй не, балки ноҷавонмардона аз қафо ва ё пинҳонӣ кушта мешаванд. Настур пури Зарир ва Исфандёр кини падар ва амуи худро аз тӯрониён мегиранд. Онҳо Бедирафшро мекушанд ва Арҷосп аз корзор мегурезад. Сипоҳиёнаш пеши Исфандёр таслим мешаванд ва савганд мехӯранд, ки ба дини зардуштӣ мегараванд.

Бо вуҷуди зинҳор хостани сипоҳиёни Арҷосп лашкариёни Гуштоспзодагон аз сари кин:

*Задан(д) тегу877 куштанд аз эшон ҳаме,*
*Ҷаҳон шуд зи хуншон дурахшон ҳаме.*

Он гоҳ Исфандёр ба онҳо хитоб намуд, ки аз куштан даст бидоранд:

*Ки:-“Эй номдорони эрониён,*
*Бигардед аз ин лашкари чиниён.*
*Кунун к-ин сипоҳи аду гашт паст,*
*Аз ин пас зи куштан бидоред даст,*
*Ки бас зору хоранду бечоравор,*
*Диҳед ин сагонро ба ҷон зинҳор.*

Баъд аз пирӯзии рустамӣ дар чанг бо Арҷосп, Гуштосп Исфандёрро ба ҳама кишварҳо мефиристад, то дини беҳ – зардуштиро дар он кишварҳо густариш диҳад.

*Бад-ӯ гуфт: “Поят ба зин-андар ор,*
*Ҳама кишваронро ба дин-андар ор”.*

“Шоҳнома”-и Дақиқӣ бо он ба охир мерасад, ки Гуразм ба Гуштосп аз Исфандёр бадгӯйӣ мекунад, ки гӯиё ӯ дар нияти аз тахт рондани падараш ҳаст. Гуштосп номае менависад ва онро бо воситаи Ҷомосп ба Исфандёр мерасонад ва ӯро ба наздаш мехонад. Баробари расидани Исфандёр бандӣ мекунад ва ба Гунбадондиж мефиристад. Вақте ки ин хабар ва ҳам рафтани Гуштосп ба Сиистон ба Арҷосп мерасад, ӯ дубора лашкар меорояд ва барои ҳамла омодагӣ мегирад.

“Шоҳнома”-и Дақиқӣ нотамом аст, бо кушта шудани муаллиф таълифи он қатъ мегардад. Фирдавсӣ ҳам аз нотамом мондани ин маснавӣ ва ҳам ҷавонмаргии соҳиби он афсӯс хӯрдааст:

*Бирафт ӯву ин нома ногуфта монд,*
*Чунин бахти бедори ӯ хуфта монд.*

Сарчашмаи асосии Дақиқӣ достони “Ёдгори Зарирон” аст, ки аслаш ба назм ба забони портӣ буда, пасон дар замони Сосониён ба забони форсии миёна – паҳлавӣ дар наср тарҷума шудааст. Аз ҷиҳати муҳтаво маснавии Дақиқӣ бо достони “Ёдгори Зарирон” усулан монандии тамом дорад. Фарқ дар ҷузъиёт ба назар мерасад. Барои мисол дар маснавии Дақиқӣ аз Арҷосп ҳамчун “солори туркону Чин», “Турконхидев ”, “шоҳи Тӯрон” ёд оварда мешавад, дар “Ёдгори Зарирон” вай "шаҳрёри хиюнон" номида шудааст. Ба ҳамин монанд ихтилоф дар номи баъзе аз қаҳрамонон низ ба назар мерасад. Агар дар “Ёдгори Зарирон” расулоне, ки номаи Арҷоспро ба Гуштосп меоранд, Видрафши ҷоду ва Номхвости Ҳазорон ном доранд, дар достони Дақиқӣ бо андак дигаргунӣ аввалӣ бо номи Бедирафш ва дигаре Номхост омадааст. Писари Заририро дар достони қадим бо номи Баствар, ки ҳафт сол дорад, ёд кардаанд, Дақиқӣ ӯро Настур мегӯяд, ки даҳсола аст. Ҷомосп дар “Ёдгори Зарирон” ба ҳайси вазир, дар достони Дақиқӣ ҳамчун “сари мубадон”, “шоҳи радон”, “ситорашиноси гаронмоя” муаррифӣ шудааст. Ин ду достон дар миқдори қаҳрамонон ва баёни ҷузъиёти разми лашкари Гуштосп ва Арҷосп низ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ин гувоҳӣ аз он медиҳад, ки Дақиқӣ ба ҷуз “Ёдгори Зарирон” аз сарчашмаҳои дигаре низ истифода бурдааст.

Дақиқӣ бар асоси таълимоти зардуштӣ дар маркази маснавиаш муборизаи неруҳои некӣ - аҳуроӣ ва бадӣ - аҳриманиро гузоштааст. Дар як сӯ дар симои шоҳи Эроншаҳр Гуштосп, бародараш Зарир, фарзандонаш, ялон, Ҷомоспи ситорашинос , писари ӯ, сипоҳиёнаш, ки пуштибонашон Аҳурамаздост ва дар тарафи дигар “солори туркону Чин” Арҷосп, бо девону ҷодувонаш, сипоҳиёни истилогар, ситамкор ва бедину бемеҳр мебошанд. Сабаби лашкар кашидани тарафи душман хабари ба дини зардуштӣ имон овардани Гуштосп ва аз додани бож сар печидани ӯ буд. Аз ин рӯ разми эрониён ба хотири ҳифзи дини худ, ватани худ ва истиқлоли худ буд, бинобар ин бо вуҷуди талафот ва қурбонии

зиёд ба пирӯзӣ расиданд, агарчи миқдоран аз сипоҳи душман кам буданд. Гуштосп, ки пешакӣ аз қурбонии азизонаш бохабар буд ва дар аввал розӣ буд, ки онҳоро ба ҷанг нафиристад, аз ҳуш рафта буд, вале вақте ки Ҷомосп моҳияти мавзӯъро барояш шарҳ медиҳад, ба хотири ҳифзи дину имон, ватани худ ба чунин қурбонӣ розӣ мешавад.

Эрониён дар ҷанги рӯёрӯй ҳама мардона меҷанганд ва душманро шикаст медиҳанд, вале душмани бадсиголу бадрафтор аз қафо ва пинҳон ба онҳо тир мезанад. Сипоҳиёни Эронро ба пирӯзӣ расонидани писари даҳсолаи Зарири Гурд Настур бо Исфандёр ва аз майдони корзор гурехтани Арҷосп нишони пирӯзии неруҳои аҳуроӣ бар аҳриманӣ буд ва ин он анҷоме буд, ки аз аввал Дақиқӣ мехост.

Барои эрониён баланд доштани дирафши ковиёнӣ шарафи бузурге буд. Бинобар ин, ҳар вақте дар муҳориба ба замин афтодааст, зуд онро боло бардоштаанд ва нагузоштаанд, ки ба дасти душман афтад.

Дар сурати неруҳои некӣ ва бадӣ ба ҳам муқобил гузоштани эрониён ва туркону чиниён асосҳои таърихӣ дорад ва маснавии Дақиқӣ бозтоби ҳамон ҳақиқатҳои таърихист.

Абулқосими Фирдавсӣ пас аз овардани 1000 байти Дақиқӣ ва пеш аз боз гаштан ба гуфтори худ дар руҷӯе аз он ёд мекунад, ки замона нагузошт, ки вай умри дароз бинад, бисёр ранҷ бинмудаш, намонд, ки номаашро ба охир расонад. Хусусан мулоҳизаҳои Фирдавсӣ дар бораи чигунагии шеъри Дақиқӣ ҷолиб мебошад.

Аз мутолиа ва баррасии сурудаҳои Дақиқӣ дар навъҳои дигари шеърӣ - ғазал, қасида, қитъа ва рубоӣ бармеояд, ки шоир нисбат ба гуфтани маснавӣ дар инҳо ҳунари волотаре доштааст. Дар ин қисмати осори ӯ намунаҳои шеъри нағз, “шеърҳои рӯдакивор” зиёд мебошанд. Барои мисол, ғазали зери Дақиқӣ аз беҳтарин намунаҳои шеъри ӯ ва асри X мебошад.

*Шаби сиёҳ бад-он зулфакони ту монад,*
*Сапедрӯз ба покии рухони ту монад.*
*Ақиқро чу бисоянд нек судагарон,*
*Чу обдор бувад, бар лабони ту монад.*
*Ба бӯстони мулукон ҳазор гаштам беш,*
*Гули шукуфта ба рухсорагони ту монад.*
*Ду чашми оҳуву ду наргиси шукуфтабаҳор*
*Дурусту рост бад-он чашмакони ту монад.*

*Камони бобилиён дидаму тарозуи ту,*
*Ки баркашида шавад, ба абрувони ту монад.*
*Туро ба сарв, ба боло қиёс натвон кард,*
*Ки сарвро қаду боло бад-они ту монад.*

Дар шеъри Дақиқӣ, чун дар сурудаҳои Рӯдакӣ, инсон ва табиат, одаму олам ба ҳам сахт пайваст мебошанд. Онҳо аз ҳамдигар ҷудо нестанд, яке аз дигаре бармехезад. Шоир дар хитоб ба абри борандаи баҳман дар ғазали дигаре онро ба инсони ошиқе, ки аз ёр дур афтодаву аз ғами ишқи ӯ рӯзону шабон мегиряд, монанд кардааст ва як маънии шоиронаи бисёр зебо ва инсонии хотирмон офаридааст.

*Ай абри баҳманӣ, на ба чашми ман андарӣ,*
*Дам зан замонакею баросою кам гирӣ!*
*Ин рӯзу шаб гиристани зор баҳри чист?*
*Не чун манӣ ғарибу ғами ишқ бар сарӣ.*
*Дардо, ҷудо бимондаму дар ғам зи ишқи ёр*
*Ман з-ин тавонгарам, ки мабод ин тавонгарӣ.*
*Ёре гузидам аз ҳама халқон паринажод,*
*З-он шуд зи пеши чашми ман имрӯз чун парӣ.*
*Лашкар бирафту он бути лашкаршикан бирафт,*
*Ҳаргиз мабод кас, ки диҳад дил ба лашкарӣ.*

Дар шеъри Дақиқӣ, чун дар шеъри Рӯдакӣ, ҳама чиз табиӣ, равшан, сода ва шинос мебошад, зеро онҳоро ҳамарӯза дар гирду атрофи худ мебинад. Онҳо ҳосили мушоҳидаҳои ӯ аз зиндагии рӯзмарра мебошанд.

*Кошкӣ, андар ҷаҳон шаб нестӣ,*
*То маро ҳиҷрони он лаб нестӣ.*
*Захми ақраб нестӣ бар ҷони ман,*
*Гар варо зулфи муақраб нестӣ.*
*В-ар набудӣ кавкабаш дар зери лаб,*
*Мӯнисам то рӯз кавкаб нестӣ.*
*В-ар мураккаб нестӣ аз некуӣ,*
*Ҷонам аз ишқаш мураккаб нестӣ.*
*В-ар маро бе ёр бояд зистан,*
*Зиндагонӣ, кош, ё раб, нестӣ!*

Дақиқӣ мисли ҳамаи шоирони ҳамзамонаш дар гуфтани баҳория ҳунари воло дорад.Тасвирҳои ӯ дар ин гуна шеърҳояш бағоят гӯё, зинда ва зебо ҳастанд.

*Барафганд, эй санам, абри биҳиштӣ*
*Заминро хилъати урдибиҳиштӣ.*
*Биҳишти адлро гулзор монад,*
*Дарахт - ороста ҳури биҳиштӣ.*
*Замин бар сони хунолуда дебо,*
*Ҳаво бар сони ниландуда ваштӣ.*
*Ба таъми нӯш гашта чашмаи об,*
*Ба ранги дидаи оҳуи даштӣ…*
*Ҷаҳон товусгуна гашту дидор*
*Ба ҷойи нармию ҷои дуруштӣ.*
*Бад-он монад, ки гӯӣ аз маю мушк*
*Мисоли дӯст бар саҳро наваштӣ.*
*Зи гил бӯйи гулоб ояд бад-он сон,*
*Ки пиндорӣ гил андар гул сириштӣ.*

Содагӣ, покию беғашӣ, самимияти шеъри Дақиқӣ, эҳсоси олии ватанпарварию садоқат ба ростию зебоӣ, ба меҳрварзию динпарварӣ, ба ифтихороти қадимии миллати хеш онҳоро мондагор гардонидаанд ва номи гӯяндаашро асрҳои аср зинда нигоҳ доштаанд.

## ПУРСИШ ВА СУПОРИШ

1. Хидмати бузурги Рӯдакӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ аз чӣ иборат аст?
2. Мероси шоирро номбар кунед ва дар асоси он маводи намоишӣ омода бисозед.
3. Дар бораи сохтор ва муҳтавои қасидаҳои “Шикоят аз пирӣ” ва “Модари май” маълумот диҳед ва дар мавзӯи "Қасидаҳои Рудакӣ" иншо нависед
4. Шеъри рӯдакивор чӣ хусусият дорад? Дар ин мавзӯъ гузорише омода созед.
5. Шеърҳоеро, ки дар фасли “Андешаи шоир” оварда шудаанд, аз ёд кунед ва дар заминаи онҳо иншо нависед.
6. Маводи намоишӣ дар асоси гуфтаҳои ҳамасрон ва муалифони баъдӣ дар бораи шахсият ва шеъри бунёдгузори шеъри форсии тоҷикӣ устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ таҳия намоед.
7. Дақиқӣ кӣ буд? Гуфтаҳои Фирдавсиро дар бораи ӯ ба ёд оред ва гузорише нависед.

8. Муҳтавои “Шоҳнома”- и Дақиқӣ аз чӣ иборат аст?
9. Сабаби асосии набардҳои Гуштосп ва Арҷосп дар чист?
10. Шеърҳои Дақиқӣ ва Рӯдакӣ бо ҳам чӣ шабоҳат доранд? Онҳоро бо ҳам муқоиса намоед.
11. Ғазали Дақиқӣ "Шаби сиёҳ бад-он зулфакони ту монад"-ро аз бар кунед ва қироат намоед, вазн, қофия ва радифашро мушаххас созед.
12. Феҳристи шоирони ҳамасри Рӯдакиро тартиб диҳед.

## ТЕСТҲО

1. Хидмати бузурги Рӯдакӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ аз чӣ иборат аст?
   а) Одамушшуаро буд.
   б) Сари шоирон буд.
   в) 1 300 000 байт гуфтааст.
   г) Шеъри форсии тоҷикиро нав кард ва ба ҳадди камол расонд.

2. Шеъри рӯдакивор чӣ хусусиятҳо дорад?
   а) Онро Рӯдакӣ гуфтааст.
   б) Муҳтаво, забон, баён, сабк ва тасвирҳои сода, табиӣ, нав ва барҷаста дорад.
   в) Душвор нест.
   г) Ба ғазалҳои Унсурӣ монанд аст.

3. Муаллифи ин байт кист?

   Шуд он замона, ки шеъраш ҳама ҷаҳон бинвашт,
   Шуд он замона, ки ӯ шоири Хуросон буд.

   а) Шаҳиди Балхӣ.
   б) Кисоии Марвазӣ.
   в) Рӯдакӣ.
   г) Носири Хусрав.

4. Муҳтавои “Шоҳнома”-и Дақиқӣ аз чӣ иборат аст?

   а) Достони Луҳросп.
   б) Достони Рустам.
   в) Достони Гуштосп.
   г) Достони Арҷосп.



# АБУЛҚОСИМИ ФИРДАВСӢ

## (940 – байни солҳои 1009-1015)

Абулқосими Фирдавсӣ гӯяндаи номитарин ҳамосаи миллии қавмҳои эронинажод “Шоҳнома” аз рӯйи тадқиқоте, ки ба гуфтаҳои худи шоир ва сарчашмаҳои қадимӣ ва боэътимод такя доранд, дар соли 940 мелодӣ дар деҳаи Пожи Тӯс, дар наздикиҳои шаҳри Машҳади имрӯза (Эрон) як сол пеш аз марги поягузори адабиёти форсии тоҷикӣ Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба дунё омада, дар соли вафоти аввалин сарояндаи “Шоҳнома”-и манзум Дақиқӣ сиву ҳашт сол дошт.

Фирдавсӣ аз деҳқонзодагони замонаш буд. Дар он аср калони русто ё раиси заминдоронро “деҳқон” мегуфтанд. Маънии имрӯзаи “деҳқон” ҳамчун барзгар ва кишоварз нав мебошад. Деҳқонон табақаи наҷибзодагон буда, нигоҳбонони суннатҳои бостонӣ буданд. Фирдавсӣ айёми кӯдакию навҷавониро бо иззату сарфарозӣ гузаронида, бо фарҳанги деҳқонон тарбият ёфта буд. Шоир мисли ҳамаи деҳқонзодагон таълими лозимро фаро гирифт ва илова бар забони форсии дарӣ бо забони арабӣ, ки забони хилофати аср буд ва бо забони паҳлавӣ, ки забони ниёгон ва сарчашмаи адабу фарҳангу таърихи гузаштагон буд, ошноӣ дошт.

Ӯ гувоҳӣ медиҳад:

*Басе ранҷ бурдам, басе нома хондам*
*Зи гуфтори тозию аз паҳлавонӣ.*

Калимаҳои “паҳлавонӣ» ва «паҳлавӣ” дар “Шоҳнома” зиёд истифода шудааст ва ҳама муродифи забони паҳлавист. Дар байти боло Фирдавсӣ бо забонҳои паҳлавӣ ва арабӣ (тозӣ) номаҳои зиёд хонданашро таъкид намудааст. Ҷавонии шоир ба солҳое рост омад, ки бо сиёсати мудороҷӯиву озодандешиву фарҳангдӯстии Сомониён озодии тафаккур барқарор буд ва пайравони ҳар андешаву оине ба осоиш мезистанд. Ҳамчунин айёме буд, ки замзамаи мухолифат бо фарҳанг ва мероси эронӣ рӯ ба густариш буд ва ниёз ба якпорчагии ҳамагонӣ барои ҳифзи дастовардҳои фарҳангӣ ва бақои таърих ва қавмияти Эрон беш аз пеш эҳсос мешуд.

Ҳангоме ки бо ирода ва кӯшиши хирадманди деҳқоннажод ва амири фарҳангдӯст Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдурраззоқи Тӯсӣ дар соли 957 “Шоҳномаи мансур” фароҳам омад, Фирдавсӣ ҷавони ҳабдаҳсола буд. Пас аз бист сол онро Дақиқӣ бо фармони Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ ба назм дароварданӣ мешавад. Гумони яқин он аст, ки ошноӣ бо “Шоҳнома”-и Абӯмансурӣ ва ҳазор байти маснавии нотамоми Дақиқӣ дар дили Фирдавсӣ, ки нигарони сарнавишти Эрон ва таъриху фарҳанги он буд, шавқи эҷоди “Шоҳнома”-ро парвариш доданд.

Фирдавсӣ дар чилсолагӣ ба навиштани “Шоҳнома” бар асоси дафтари мансури Абӯмансурӣ оғоз намуда, онро баъд аз сӣ сол, яъне дар ҳафтодсолагиаш, дар соли 1010 ба поён расонидааст:

*Басе ранҷ бурдам дар ин соли сӣ,*
*Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ.*

Пухтагию якдастӣ, устуворӣ ва зебоии сухани Фирдавсӣ дар “Шоҳнома” далолат бар он медиҳад, ки ӯ пеш аз гуфтани асари бузургаш дар шоирӣ табъозмоиҳо кардаву варзидагии бисёр доштааст, вагарна ҳамшаҳри меҳрубонаш, ба қавле Амираки Мансур писари амир Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдурраззоқи Тӯсӣ, ба вай чунин намегуфт:

*Гушода забону ҷавонит ҳаст,*
*Сухан гуфтани паҳлавонит ҳаст.*

Тасаввур кардан метавон, ки шоир дар ҷавониаш баъзе достонҳои куҳанро, ки миёни мардум ривоят мешуданд ва ё китобат шуда буданд, ба назм даровардааст ва онҳоро дар таҳрири нахустини “Шоҳнома” ҷой додааст.

Таҳрири нахустини “Шоҳнома”-ро Фирдавсӣ дар панҷоҳу-панҷсолагиаш, дар соли 384 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 994-995 мелодӣ ба охир расонида будааст ва он бештар достонҳои паҳлавониро дар бар дошта, қисмати таърихӣ дар он ба ихтисор баён шуда буд. Ин таҳрир ба номи ҳеч подшоҳе тақдим нашуда буд, зеро каси сазоворе ёфт нашуд, ки шоир онро ба номи ӯ кунад.

Таҳрири нахустин рангу бӯйи фазои фикрии асри Сомониро дошт. Пас аз таҳрири нахустин Фирдавсӣ наздик ба бист соли дигар дар такмилу тасҳеҳи он кӯшидааст. Ба сухани дигар, ӯ тамоми умри худро ба шоҳномасароӣ гузаронидааст. Вай умед дошт, ки рӯзи пирӣ ҳосили ранҷҳои тӯлониаш бар хоҳад дод, бузургиву динору афсар хоҳад дод:

*Бипайвастам ин номаи бостон*
*Писандида аз дафтари ростон,*
*Ки то рӯзи пирӣ маро бар диҳад,*
*Бузургию динору афсар диҳад.*

Мутаассифона, ҳамаи ин умедҳои Фирдавсӣ барбод рафтанд, зеро ӯ таълифи «Шоҳнома»-ро вақте ба охир расонд, ки давлати Сомониён ба сабабҳои нофармонии сардорон ва ҷангҳо миёни онон, радду бадали пайдарпайи амирони сомонӣ, ҳамлаҳои туркони қарохонӣ, нохушнудии хилофати аббосӣ аз вазъи иҷтимоӣ ва фарҳангии қаламрави Сомониён ва ихтилофандозиҳои он миёни хонадонҳои ҳоким, хиёнат ва носипосии низомиёни турknажоде, мисли Сабуктегин ва писараш Маҳмуди Ғазнавӣ, ки онро ба мақоми сарлашкарӣ расонида буданд ва ғ. дар ҳоли суқут буд ва ниҳоят дар соли 999 бо истилои Қарохониён дар Бухоро аз миён рафт.

Фирдавсӣ чанд сол мунтазири падид омадани марди саховатпешае мешавад, то ба ин восита аз дарвешию зиндагонии баранҷи хеш дар пиронсолагиаш раҳоӣ ёбад:

*Бипайвастам ин номаи бостон,*
*Писандида аз дафтари ростон.*
*Ҳамедоштам, то ки ояд падид*
*Ҷаводе, ки ҷудаш нахоҳад калид.*
*Чунин сол бигзоштам шасту панҷ*
*Ба дарвешию зиндагонӣ ба ранҷ.*

Дар ниҳоят умед ба султон Маҳмуд баст, ки соли 999 аз халифат маншури (санади) ҳукуматро гирифта буд ва аз баркашидагони подшоҳони Сомонӣ буд, тарбияти эронӣ дошт ва худро ҳаводори суннатҳову фарҳанги эронӣ вонамуд мекард ва дам аз эрондӯстӣ, ҳимояти аҳли донишу адаб мезад ва даъво мекард, ки насабаш ба Яздгирди Сосонӣ мерасад. Шоир тасмим мегирад, ки «Шоҳнома»-ро ба номи султон Маҳмуд кунад:

*Ман ин ном фаррух гирифтам ба фол,*
*Ҳаме ранҷ бурдам ба бисёр сол.*
*Ҷаҳондор Маҳмуди бофарру ҷуд,*
*Ки ӯро кунад моҳу кайвон суҷуд,*
*Биёмад, нишаст аз бари тахти дод,*
*Ҷаҳондор чун ӯ надорад ба ёд.*
*Сари номаро номи ӯ тоҷ гашт,*
*Ба фарраш дили тира чун оҷ гашт .*
*Бипайвастам ин нома бар номи ӯй,*
*Ҳама меҳтарӣ бод фарҷоми ӯй,*
*Ки бошад ба пирӣ маро дастгир,*
*Худованди шамшеру тоҷу сарир.*
*Ҳамехоҳам аз Кирдгори баланд,*
*Ки чанде бимонад танам бегазанд,*
*Ки ин нома бар номи шоҳи ҷаҳон*
*Бигӯям, намонам сухан дар ниҳон.*

Фирдавсӣ пас аз тасмими бахшидани «Шоҳнома» ба номи султон Маҳмуд боз шаш сол онро, ки шаҳрири дувум мебошад, ба сурати қобили писанди шоҳ дароварда, дар соли 1000 ё 1001 ба вай ҳадя намудааст.

*Ҳамегуфтам ин нома, то чанд гоҳ*
*Ниҳон буд зи Кайвону Хуршеду Моҳ.*
*Чу тоҷи сухан номи Маҳмуд гашт,*
*Ситоиш ба офоқ мавҷуд гашт.*

«Шоҳнома» ба дарбори Ғазна расид, вале султон Маҳмуд, ки шоири пир умед ба ӯ баста буд, онро қадр накард.

*Чунин шаҳрёрею бахшандае,*
*Ба гетӣ зи шоҳон дурахшандае*
*Накард андар ин достонҳо нигоҳ,*
*Зи бадгӯву бахти бад омад гуноҳ.*
*Ҳасад бурд бадгӯй бар кори ман,*
*Табаҳ шуд бари шоҳ бозори ман.*
*Чу солори шоҳ ин суханҳои нағз*
*Бихонад, бибинад ба покиза мағз,*
*Зи ганҷаш ман эдар шавам шодмон,*
*К-аз ӯ дур бодо бади бадгумон!*
*В-аз он пас кунад ёд бар шаҳрёр,*
*Магар тухми ранҷи ман ояд ба бор.*

Фаридуддини Аттор аз қавли Шайхи акобир Абдулқосим дар мадҳи габракон умр ба сар бурдани Фирдавсиро низ далел овардааст:

*Чунин гуфт ӯ, ки: «Фирдавсӣ басе гуфт,*
*Ҳама дар мадҳи габре, нокасе гуфт.*
*Ба мадҳи габракон умре ба сар бурд,*
*Чу вақти мурдан омад, бехабар мурд».*

Сабаби ин на «рафзу илҳоду қарматигарӣ ва мадҳи габракон», на ҳасад ва бадгӯйии Ҳасани Маймандии вазир, балки рӯҳияи эрондӯстию озодандешию хирадгаройии Фирдавсӣ ва нафраташ аз хилофати арабии Бағдод буд. Маҳз ҳамин дорои рӯҳу тафаккури фарҳанги эронӣ будани «Шоҳнома» боиси он мегардад, ки султон Маҳмуд онро, бо вуҷуди он ки дар муддати шаш сол ба табъу завқ ва эътиқодоти мазҳабии ин подшоҳи мутаассиб мувофиқ гардонида буд, рад намояд.

Ақидаи меросӣ ва нажодӣ будани тахти шоҳӣ ҳам, ки аз оғоз то анҷоми «Шоҳнома» талқин ва таъкид мешавад, наметавонист ба султон Маҳмуди Ғазнавӣ хушоянд бошад.

Султон Маҳмуд пас аз тақвияти салтанати хеш рӯ ба халифат овард, сиёсати худро ба куллӣ дигар кард. Ӯ вазири эронии хеш Ҳасанаки Майколро ба гуноҳи қарматӣ бо исрори халифа ба дор овехт, дар иҷрои сиёсати халифа ва ба қасди ғаниматғундорӣ борҳо ба Ҳинд лашкар кашид. Забони расмии идориро аз фор-

сии тоҷикӣ ба арабӣ гардонид. Султон Маҳмуд барои хушомади дастгоҳи хилофат вонамуд ба диндорӣ кард. Завқи ӯ ба шунидани мадҳ мувофиқ гардида буд, на ба ҳамосаи миллие чун «Шоҳнома». Бинобар ин ҳам шоирони мадҳиясарои дарбори ғазнавиён, аз он ҷумла Фаррухӣ ба шоҳномаситезӣ оғоз намуда, достони безаволи Фирдавсӣ ва қаҳрамонон ва корнамоиҳояшонро паст мезаданд ва беқадр мешумориданд. Чунончи Фаррухӣ мегӯяд:

*Махон қиссаи Рустами Зовулиро*
*Аз ин пас дигар, к-он ҳадисест мункар.*
*Аз ин пеш будаст Зовулситонро*
*Ба Соми Ялу Рустами Зол мафхар.*
*Валекин кунун ор дорад зи Рустам,*
*Ки дорад чу ту шаҳрёре диловар.*
*Зи ҷое, ки чун ту малик мард хезад,*
*Кас он ҷо сухан гӯяд аз Рустами Зар?*

Метавон гуфт, ки охири асри X поёни давраи офариниши «Шоҳнома» ва асри андешаву фарҳанг ва оғози асри ҷаҳлу таассуб буд.

Абулқосим Фирдавсӣ пас аз барбод рафтани ранҷи сиюпанҷсолааш дар эҷоди “Шоҳнома” ва қадрношиносии замона ва зимомдорони он, марги писари сию ҳафтсолааш дар соли 1004 умедашро ба якборагӣ аз зиндагӣ меканад ва дар танҳоию нодорию ранҷ умрашро ба поён мерасонад.

*Чу бар бод доданд ранҷи маро*
*Набуд ҳосиле сию панҷи маро.*
*Кунун умр наздики ҳаштод шуд,*
*Умедам ба якбора барбод шуд.*

Соли вафоти ӯро як-ду сол пас аз соли 1009 ва ё пеш аз соли 1015 ва 1020 тахмин менамуданд. Ҷанозаи Фирдавсиро дар қабристони мусулмонон бо баҳонаи рофизӣ будани ӯ роҳ надодаанд. Ӯро дар боғи падараш гӯронидаанд. Низомии Арӯзии Самарқандӣ соҳиби «Чаҳор мақола» онро дар соли 1117 зиёрат кардааст.

## «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ

«Шоҳнома» ба номи «Худованди ҷону хирад» ва бо байти зер оғоз мешавад:

*Ба номи Худованди ҷону хирад,*
*К-аз ӯ бартар андеша барнагзарад.*

Фирдавсӣ сипас аз Худованд ҳамчун офаринандаи ҷону рой, рӯзидиҳандаву раҳнамо, соҳиби Кайҳону гардонсипеҳр, фурӯзандаи Моҳу Ноҳиду Меҳр зикр мекунад ва мегӯяд, ки Худованд аз ному нишону гумон бартар аст, ӯ нигорандаи баршуда гавҳар аст. Бинобар ин бо ду чашм наметавон Офаринандаро дид, ба ӯ андеша роҳ намеёбад, ҷону хирад низ, зеро хирад онро мегузинад, ки мебинад. Аз ин рӯ кас бо ин олату рою ҷону равоне, ки дорад, ӯро чунонки ҳаст, ситудан ҳам наметавонад. Бояд ба ҳастиаш имон овард, бовар кард, миён ба бандагиаш баст ва ӯро парастид.

Абулқосими Фирдавсӣ, тавре ки худ дар фасли «Ситоиши пайғамбар ва ёронаш», равшан гуфтааст, аз «бандаи аҳли байти набӣ» - ҳазрати Муҳаммад (с) буд. Ӯ раҳи ростгориро дар «донишу дин» медонад, дар дин аз дониш баҳра ҷустанро талқин менамояд. Ба сухани дигар, шоир каси диндори хирадгарост, на мутаассиб.

*Манам бандаи аҳли байти набӣ,*
*Ситояндаи хоки пойи васӣ.*
*Або дигарон мар маро кор нест,*
*Ҷуз ин мар маро роҳи гуфтор нест.*

Фирдавсӣ бар ҷонофаринию хирадбахшии Худованд такя мекунад ва мегӯяд, ки муҳимтар аз ҳар чизе ҷон асту зиндагӣ ва зиндагӣ бояд бо хирадмандӣ якҷо бошад.

Пас аз ин дар бахши «Муқаддима»-и «Шоҳнома» муаллиф фаслҳои «Гуфтор андар ситоиши хирад», «Гуфтор дар офариниши олам», «Гуфтор дар офариниши мардум», «Гуфтор дар офариниши Офтоб», «Гуфтор дар офариниши Моҳ», «Ситоиши пайғамбар ва ёронаш», «Гуфтор андар фароҳам овардани «Шоҳнома»», «Достони Дақиқии шоир», «Гуфтор дар бунёд намудани китоб», «Андар ситоиши Абӯмансур бинни Муҳаммад» ва «Андар ситоиши султон Маҳмуд»-ро ҷо додааст.

Суханро бо номи Офаринанда оғоз намуда, аз офариниши оламу одам, аз тарафи ӯ сухан рондан, аз сабаби таълифи китоб

ва онҳое, ки дар навиштанаш ба муаллиф мадад расонидаанд, ёд овардан ва дар ситоиши амире ё нафаре ҳарф задан дар замонҳои пешин ҳам буд ва муаллифи «Шоҳнома» ин суннати қадимиро давом додааст.

Бахши асосии «Шоҳнома» аз баёни подшоҳии Каюмарс – аввалин мулуки Аҷам оғоз гардида, бо подшоҳии Яздгирди севум ба охир мерасад.

Пас аз кушта шудани Яздгирд бо дасти Хусрави Осиёбон аз тухмаи бузургон касе намонд, ки ному нажод дошта бошад. Дар байти охири ин қисмат ишора ба он рафта, ки ҳоло даври Умар - араб расид:

*Кунун з-ин сипас даври Уммар бувад,*
*Чу дин оварад, тахт минбар бувад.*

Фирдавсӣ «Шоҳнома»-ро бо фасли «Таърихи анҷоми «Шоҳнома»» ва байтҳои зерин поён расонидааст:

*Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам,*
*Ки тухми суханро парокандаам.*
*Ҳар он кас, ки дорад ҳушу рою дин,*
*Пас аз марг бар ман кунад офарин.*

Аз рӯйи муҳтаво «Шоҳнома» ба се бахш тақсим мешавад:

1. Давраи асотирӣ: аз подшоҳии Каюмарс - нахустин башар ва нахустин подшоҳ то замони подшоҳии Фаридун.
2. Давраи паҳлавонӣ: аз қиёми Кова то марги Рустам.
3. Давраи таърихӣ: аз охирҳои аҳди Каён ба баъд.

Давраи асотирӣ ривояти афсонавии силсилаи Пешдодиён ва шарҳи оғози тамаддуни башарию пешрафти таърихии он аст. Дар ин давра подшоҳон бозтоби додгарӣ ва раҳбару омӯзгори мардуманд ва зуҳуру пешрафтҳои тамаддун қадам ба қадам ба дасти онҳо анҷом мегирад. Дар ин давра набарди ҷовидони некиву бадӣ дар қолаби ҷангҳои подшоҳон бо девон, ки тимсоли қавмҳои ғайриориёӣ буданд, баён шудааст.

Дар давраи асотирии подшоҳии ҳафтсадсолаи Ҷамшед, дигар шудани шахсияти ӯ аз подшоҳи додгар ба худкомаи худбин ва пирӯзии ҳазорсолаи Заҳҳоки морон, ки рамзе аз истилои араб ба Эрон мебошад, ҷозибаи бештаре дорад.

Фаридун бар Заҳҳок пирӯз мешавад, бар тахт мешинад ва ҷаҳонро миёни се писараш – Салм, Тур ва Эраҷ тақсим мекунад. Эрон насиби Эраҷ мешавад. Салму Тур бар ӯ рашк мебаранд ва ӯро мекушанд. Ин ҳодиса ангезаи ҷангҳои дарозмуддате миёни эрониён ва тӯрониён мешавад. Фаридун тоҷу тахтро бар набераи худ Манучеҳр писари Эраҷ вомегузорад ва ӯро ба Сом месупорад ва аз ин ҷо хонадони паҳлавонони Сиистон вориди таърихи достонии Эрон мешаванд ва ҷангҳову диловариҳои онон ҳамосаи миллӣ мегардад ва подшоҳон аз ин ба баъд ба дараҷаи дувум қарор мегиранд.

Давраи паҳлавонӣ дорои достонҳои паҳлавонӣ буда, арзандатарин бахши «Шоҳнома» ба шумор меравад, ҳам аз назари муҳтавову маънӣ ва ҳам аз назари лафзию ҳунарӣ. Ин давра бо пирӯзиҳои Рустами Достон авҷ гирифта, бо шикасту марги Рустами дигар - Рустам пури Ҳурмузд дар ҷанги Қодисӣ ва шикасту марги Дорои Каёнӣ ба поён мерасад.

Давраи таърихӣ аз истилои Искандари Мақдунӣ оғоз мешавад. Қисми асосии давраи таърихиро дар «Шоҳнома» давраи Сосониён ташкил медиҳад.

Ин бахш, гузашта аз дар бар доштани достонҳои латиф, лабрез аз маводи судманде аз вазъи зиндагии табақоти мухталифи мардум ва сиёсату кишвардории эрониён ва пандҳои ҳакимонаи шоҳону доноёне, монанди Анӯшервони Одил ва Бузургмеҳри Ҳаким мебошад.

Бо ғуруби асри тиллоии Анӯшервон, ки чилу ҳашт сол тӯл кашид, Эрон аз назари фарҳангию сиёсиву низомӣ дурахшонтарин солҳои рӯзгори бостони худ - ҳукумати назму қонуну адолат ва шукуфтагии фикрию фарҳангии худро мегузаронид, оғози заволи Эрон падидор мешавад.

Ҳурмузд - писари Анӯшервон, мутаассифона, бо бетадбириҳо ба барканор кардану куштани сардорони шоистаи лашкару бузургони хирадманди кишвар ва боло бардоштани касони носазовору ноозмуда боиси дилсардию нохушнудии ҳамагон, хосса сипоҳиён мешавад ва Баҳроми Чӯбина исён мекунад. Бузургони кишвар низ бар зидди Ҳурмузд бархостанд ва ӯро барканор ва нобино карданд ва куштанд.

Хусрави дувум – Парвиз, ки бар ҷойи падар нишаста буд, аз дасти Баҳроми Чӯбина шикаст хӯрд ва ба Рум гурехт. Аз он ҷо бо

сипоҳе, ки импиротури Рум дар ихтиёраш гузошта буд, ба Эрон баргашт ва Баҳроми Чӯбинаро шикаст дод ва дубора ба тахт нишаст. Бо вуҷуди ин ӯ дар назди бузургон эътибори худро аз даст дода буд, бинобар ин барканор шуд ва писараш Шерӯяро ба ҷояш шинонданд ва аз вай хостанд, ки падарашро бикушад. Барои Шерӯя иҷрои ин кор сахт буд. Ду тан аз бузургон паёми Шерӯяро ба падараш Хусрави Парвиз мебаранд, ки дар он вай бо падаркушӣ, сарватғундорӣ, лашкаркашиҳои беҳосилаш ба Чину Рум, барангехтани масеҳиён бар зидди Эрон, дар зиндон нигоҳ доштани фарзандонаш, дар ноамнӣ ва тарсу ваҳм нигоҳ доштани мардум гунаҳгор дониста мешуд.

Посухи Хусрави Парвиз падарона ва дилнишин буд ва бо ин суханон ба поён мерасид:

*Дуруст аст гуфтори хонандагон,*
*Ҷаҳондидагон, пок донандагон,*
*Ки чун бахти бедор гирад нишеб,*
*Зи ҳар гунае дид бояд ниҳеб.*
*Чу рӯзи меҳӣ бар касе бигзарад,*
*Агар бозхонад, надорад хирад.*
*Паёми ман ин аст сӯйи ҷаҳон,*
*Ба назди меҳону ба назди кеҳон.*
*Шумо низ падруд бошеду шод,*
*Зи ман низ бар бад нагиред ёд.*

Посухи Хусрави Парвиз ҳам фиристодагонро ва ҳам Шерӯяро бигирёнд. Гурӯҳи шӯришӣ ҳамон пофишорӣ доштанд, ки ҳукми қатл ба иҷро расад. Онҳо аз ин метарсиданд, ки Хусрави Парвиз дубора ба салтанат баргардад, аз онҳо интиқом хоҳад гирифт. Бинобар ин гаштаву баргашта ба Шерӯя таъкид ва таҳдид менамуданд, ки ду подшоҳ бар як тахт нагунҷад.

Фирдавсӣ саҳнаи қатли Хусрави Парвизро бо сӯзу гудозе тасвир мекунад, ки гӯӣ он саҳнаро на бо ашки чашм, балки бо хуни дил навиштааст. Шоир поёни ҷалолу шукӯҳи Сосониён ва истиқлоли Эронро на дар шикасти Рустам пури Ҳурмузд дар Қодисӣ (637) ва на дар марги Яздгирди севум (651), балки дар қатли Хусрави Парвиз медид.

Фирдавсӣ «Шоҳнома»-ро бо марги Яздгирди севум дар исти-

лои араб ва поёни як давраи таъриху сарфарозии эрониён ба охир мерасонад ва бо ҳамин ба ҳамзамонон ва ояндагон паёме медиҳад, ки агар Эрон мустақил набошад, таърихаш кирои навиштан надорад.

«Шоҳнома» зоҳиран «номаи шоҳон», «номаи хусравон»-и Эрон аз замони бостон то поёни ҳукмронии хонадони Сосонӣ мебошад, дар асл аз силсилаи достонҳои ҷудогонае, монанди «Достони Заҳҳок», «Достони Коваи Оҳангар», «Достони Фаридун», «Достони Рустам», «Достони Суҳроб», «Достони Сиёвуш», «Достони Бежан ва Манижа», «Достони дувоздаҳ рух», «Достони ҳафт хони Рустам», «Достони разми Исфандёр бо Рустам», «Достони ҳафт хони Исфандёр», «Достони Баҳроми Гӯр» ва ғайраҳо, маҷмӯаи устура ва ривоятҳои таърихӣ иборат мебошад. Ваҳдат ва ягонагии маънавӣ ва лафзии онҳоро дарунмояҳои муборизаи некию бадӣ, эронпарастӣ ва хирадгарой, яъне рӯҳи андешаву ҷаҳонбинии воҳид таъмин намудааст. Ваҳдати мавзӯиву ормонӣ ва ҳамоҳангию якпорчагӣ дар саросари он чунон аст, ки гӯиё он ҳама дар як рӯз, як моҳу соле, на дар тӯли тамоми умри шоир , аз ҷавонӣ то пирӣ, дар муддати сӣ-сию панҷ сол эҷод гардидааст.

Агарчи ҳамаи достонҳои “Шоҳнома”, бидуни истисно, олию дилпазиранд, достонҳои Рустам, разми Исфандёр бо Рустам, Суҳроб, Сиёвуш, Фуруд, Кайхусрав, Эраҷ ва бародаронаш аз шоҳкорҳои Абулқосими Фирдавсӣ мебошанд.

## ДОСТОНИ СУҲРОБ

Фирдавсӣ ин достонро дар хитоб ба хонанда бо зикри он ки пеш аз ин достонҳои дигарро шунида буд ва ҳоло навбати шунидани достони разми Суҳроб ва Рустам аст, оғоз мекунад ва дарҳол таъкид менамояд, ки ин достон пур аз оби чашм аст ва яқин, ки дили нозуки хонанда аз Рустам ба хашм хоҳад омад:

*Кунун разми Суҳробу Рустам шунав,*
*Дигарҳо шунидастӣ, ин ҳам шунав.*
*Яке достон аст пуроби чашм,*
*Дили нозук аз Рустам ояд ба хашм.*

Шоир бо ин гуфта шавқи хонандаро фавран барои шунидани чунин як достони пуроби чашм, разми падару писар бедор мекунад ва мехоҳад зуд бидонад, ки чаро аз Рустам ба хашм хоҳад

омад. Вале шоир ба баёни бевоситаи достон шитоб намекунад. Ӯ ба ҷойи он бо солорӣ аз марг андеша меронад, махсусан аз афкандани норасида турунҷ аз тундбоде, аз марги ҷавон. Вай мехоҳад бидонад, ки чаро марг ба пирию ҷавонӣ нигоҳ намекунад, ҳамаро ба хок месупорад. Фирдавсӣ маргро ба оташе монанд мекунад, ки чун афрӯхта шуд, ҳам бехи куҳанрову ҳам шохи навро месӯзад.

*Агар тундбоде барояд зи кунҷ,*
*Ба хок афканад норасида турунҷ...*
*Агар оташе гоҳи афрӯхтан*
*Бисӯзад, аҷаб нест, з-ӯ сӯхтан.*
*Бисӯзад, чу дар сӯзиш ояд дуруст,*
*Чу шохи нав аз бехи куҳна бируст.*
*Дами марг чун оташи ҳавлнок*
*Надорад зи барнову фартут бок.*
*Ҷавонро чӣ бояд ба гетӣ тараб,*
*Ки не маргро ҳаст пирӣ сабаб.*
*Дар ин ҷойи рафтан на ҷойи диранг,*
*Бар аспи қазо гар кашад марг танг.*
*Чунон дон, ки дод аст, бедод нест,*
*Чу дод омадат, бонгу фарёд чист?!*
*Ҷавонию пирӣ ба назди аҷал*
*Яке дон, чу дар дин нахоҳӣ халал.*

Муаллифи “Шоҳнома” бовар бар он дорад, ки маргро Худо медиҳад, доди Худост, аз ин рӯ доду бедод, бонгу фарёд суде надорад, хосса ки он ба дин халал ворид месозад. Бандае, ки ба Худо имон овардааст, бояд хомӯширо авло донад, парастиш намояд ва дар ғами рӯзи пасин бошад.

“Достони Суҳроб” бо он оғоз мегардад, ки бомдоде Рустам бо дили ғамӣ бархосту сози нахчир кард, ба Рахши пилпайкараш нишасту сӯйи марзи Тӯрон монанди шери нахчирҷӯй равон шуд. Дар наздикии марзи Тӯрон биёбоне буд саросар пур аз гӯр. Аз дидани он рухаш чун гул барафрӯхту хандид ва Рахшро пеш ронд ва чанд нахчир биафканд, оташ афрӯхт ва чун оташ хомӯш шуд, аз пайи ҷустуҷӯйи дарахте рафт ва монанди наррагурге бар дарахт бизад ва оташро фурӯзон кард. Чун бирён шуд, хӯрд, бихуфту баросуд аз рӯзгор. Рахш дар марғзор чамону чарон мегашт.

Дар ин ҳангом ҳафт-ҳашт савори турк аз он дашти нахчиргоҳ мегузаштанд, Рахшро диданд ва барои банд карданаш каманд андохтанд. Рахш чун шери жаён бардамид, ду касро бо лагад, севумиро сар аз тан ба дандон гусаст. Вале оқибат саворони дигар бандро тавонистанд, ки ба гардани Рахши ҷангӣ дароваранд ва онро бо худ ба шаҳр баранд.

Ҳангоме ки Рустам аз хоб бедор шуд, Рахшро дар марғзор надид, ғамӣ гашт ва саросема сӯйи Самангон шитофт. Хабари омаданаш ба шоҳу бузургони он шаҳр расид, шоҳ пеши паҳлавон пиёда шуд ва гуфт, ки:

*Дар ин шаҳр мо некхоҳи туем,*
*Ситода ба фармону роҳи туем.*
*Тану хоста зери фармони туст,*
*Сари арҷмандону ҷон они туст.*

Рустам пас аз ин бадгумонӣ накард, вале гуфт, ки Рахшро пайдо кунанд, вагарна “саронро басе сар бихоҳам бурид”. Шоҳи Самангон Рустамро ба нармӣ даъват кард ва ба меҳмонӣ хост ва ваъдаи пайдо намудани Рахшро ҳам дод. Рустам таскин ёфт ва ба ифтихори ӯ дар кох зиёфат оростанд. Вақте ки ӯ маст шуд ва ҳангоми хоб омад, барояш ҷойи ором у хоби сазовор омода сохтанд.

Ҳангоме ки аз тирашаб як баҳра даргузашт, яке банда шамъи хушбӯй ба даст, хиромон ба болини Рустами маст омад, аз паси ӯ яке маҳрӯйи чу хуршеди тобон пур аз рангу бӯй, ду абру камону ду гесу каманд, ба боло ба кирдори сарви баланд, ду рух чун ақиқи яманӣ ба ранг, даҳон чун дили ошиқон гашта танг, равонаш хирад буду тан ҷони пок, ту гуфтӣ, ки баҳра надорад зи хок.

Рустам бо дидани ӯ хира мемонад ва номи ӯро ва сабаби дар шаби тира омаданашро мепурсад, он моҳрӯй чунин посух мегӯяд, ки Таҳмина аст.

*Яке духти шоҳи Самангон манам,*
*Зи пушти ҳизабру палангон манам.*
*Ба гетӣ зи шоҳон маро ҷуфт нест,*
*Чу ман зери чархи барин андакест.*
*Зи парда бурун кас надида маро,*
*На ҳаргиз кас ово шунида маро.*

*Ба кирдори афсона аз ҳар касе*
*Шунидам ҳаме достонат басе…*
*Биҷустам ҳаме китфу ёлу барат,*
*Бад-ин шаҳр кард Эзад обишхурат.*
*Туроам, кунун гар бихоҳӣ маро,*
*Набинад ҳаме мургу моҳӣ маро.*
*Яке он ки бар ту чунин гаштаам,*
*Хирадро зи баҳри ҳаво куштаам.*
*Ва дигар, ки аз ту магар Кирдгор*
*Нишонад яке кӯдакам дар канор.*
*Магар чун ту бошад ба мардию зӯр,*
*Сипеҳраш диҳад баҳра Кайвону Ҳур.*
*Се дигар, ки Рахшат ба ҷой оварам,*
*Самангон ҳама зери пой оварам.*

Рустам дид, ки Таҳмина бо паричеҳра буданаш, аз ҳар дониш низ баҳраманд будааст ва илова бар он аз Рахш огоҳӣ дод, фармуд, ки мубади пурҳунар биёяд ва Таҳминаро аз падараш бихоҳад. Шоҳи Самангон аз шунидани ин сухан шод шуд ва духтарашро ба Рустам дод.

Рустам ҳангоми падруд ба Таҳмина муҳраи бозуяшро, ки андар ҷаҳон шуҳра буд, ба ёдгор мемонад ва мегӯяд, агар духтар ояд, ба гесуяш бидӯз ва агар писар шавад, ба бозуяш ин нишони падарро бибанд.

Фирдавсӣ зодани Суҳробро чунин баён доштааст:

*Чу нуҳ моҳ бугзашт бар духти шоҳ,*
*Яке кӯдак омад чу тобанда моҳ.*
*Ту гуфтӣ гави пилтан Рустам аст*
*Ва ё Соми шер аст ё Найрам аст.*
*Чу хандон шуду чеҳра шодоб кард,*
*Варо ном Таҳмина Суҳроб кард.*
*Чу як моҳ шуд, ҳамчу як сол буд,*
*Бараш чун бари Рустами Зол буд.*
*Чу сесола шуд, builtin майдон гирифт,*
*Ба панҷум дили шермардон гирифт.*
*Чу даҳсола шуд, з-он замин кас набуд,*
*Ки ёрист бо ӯ набард озмуд.*

Суҳроб аз модараш мепурсад, ки:

*Зи тухми киам в-аз кадомин гуҳар?*
*Чӣ гӯям, чу пурсад касе аз падар?*
*Гар ин пурсиш аз ман бимонад ниҳон,*
*Намонам туро зинда андар ҷаҳон!*

Модар ӯро ором мекунад ва мегӯяд:

*Ту пури гави пилтан Рустамӣ,*
*Зи Дастони Сомию аз Найрамӣ.*
*Азеро сарат з-осмон бартар аст,*
*Ки тухми ту з-он номвар гавҳар аст.*
*Ҷаҳонофарин то ҷаҳон офарид,*
*Саворе чу Рустам наёмад падид.*

Таҳмина ба Суҳроб номаи Рустамро бо се ёқути рахшону се бадра зар, ки ҳангоми зода шудани ӯ аз Эрон фиристода буд, нишон медиҳад ва таъкид мекунад, ки аз ин сухан набояд Афросиёб, шоҳи Тӯрон бохабар шавад, зеро:

*Ки ӯ душмани номвар Рустам аст,*
*Ба Тӯронзамин з-ӯ ҳама мотам аст.*
*Мабодо, ки гардад ба ту кинахоҳ,*
*Зи хашми падар пур созад табоҳ.*

Суҳроб чун мефаҳмад, ки писари Рустам аст, ба модараш саволомез мегӯяд, ки ҳоҷате ба ниҳон кардани он нест, ки ӯ писари Рустам мебошад. Ва эълом медорад, ки:

*Кунун ман зи туркони ҷанговарон*
*Фароз оварам лашкари бекарон.*
*Барангезам аз гоҳ Ковусро,*
*Аз Эрон бибуррам пайи Тусро.*
*На Гургин бимонам, на Гударзу Гев,*
*На Густаҳми Нӯзар, на Баҳроми нев.*
*Ба Рустам диҳам ганҷу тахту кулоҳ,*
*Нишонам-ш бар гоҳи Ковусшоҳ.*

*Аз Эрон ба Тӯрон шавам ҷангҷӯй,*
*Або шоҳ рӯй андарорам ба рӯй.*
*Бигирам сари тахти Афросиёб,*
*Сари найза бугзорам аз офтоб.*
*Туро бонуи шаҳри Эрон кунам,*
*Ба ҷанг-андарун кори шерон кунам.*
*Чу Рустам падар бошаду ман писар,*
*Ба гетӣ намонад яке тоҷвар.*

Чун хабари лашкар гирд овардан ва разми Ковус ҷустани Суҳроб ба Афросиёб расид, "хушаш омаду хандиду шодӣ намуд" ва ба сипаҳбадон Ҳумон ва Бормон лашкари бистҳазорнафараи далерони гурдро супорид ва гуфт, ки онҳо чорае кунанд ва ниҳон доранд, то:

*Писарро набояд, ки донад падар*
*Зи пайванди ҷону зи меҳру гуҳар.*
*Чу рӯй андароранд ҳарду ба рӯй,*
*Таҳамтан бувад, бегумон, чораҷӯй.*
*Магар, к-он диловар гави солхурд*
*Шавад кушта бар дасти ин шермард.*
*Чу бе Рустам Эрон ба ҷанг оварем,*
*Ҷаҳон пеши Ковус танг оварем.*
*В-аз он пас бисозем Суҳробро,*
*Бибандем як шаб бад-ӯ хобро.*
*В-агар кушта гардад ба дасти падар,*
*Аз он пас бисӯзад дили номвар.*

Афросиёби бадандешу бадрафтор ба воситаи Ҳумону Бормон ба Суҳроб ҳадяи шаҳрёрӣ мефиристад: даҳ асп ва даҳ астар ба зину ба бор, аз пирӯза тахту аз беҷода тоҷ, сари тоҷ дур, пояи тахт оҷ. Ва дар номае, ки бо лобаву дилписанд ба Суҳроб навишта буд, ӯро барои ба даст овардани тахти Эрон ташвиқ мекунад ва мегӯяд, ки чандон ки бояд, сипоҳ мефиристамат, сипаҳбадоне чу Ҳумону Бормон ба фармони ту хоҳанд буд.

*Агар ҷангҷӯйӣ ту, ҷанг оваранд,*
*Ҷаҳон бар бадандеш танг оваранд.*

Суҳроб аз дидани ҳадяву сипоҳ шод гашт ва баробари хондани нома тез лашкар биронд.

*Суйи марзи Эрон сипаҳро биронд,*
*Ҳамесӯхт, з-обод чизе намонд.*

Суҳроб ба Дижи сапеди эрониён мерасад ва бо нигаҳбони он диж Ҳаҷири размдида ба ҷанг медарояд ва ӯро асир мегирад. Гурдофарид - духтари Гаждаҳам, аз кори Ҳаҷир нангаш меояд ва ба майдон медарояд.

Гаждаҳами пир - падари Гурдофарид ба Ковус нома менависад ва аз омадани паҳлавони чордаҳсола Суҳроби бемислу монанд дар Эрону Тӯрон хабар медиҳад ва ҳушдор медиҳад, ки агар шаҳрёр Ковус сипоҳ нафиристад, аз Эрон ҳама фараҳӣ хоҳад рафт. Чу нома ба назди Ковус расид, ғамӣ шуд, гаронмоягону бузургони лашкарро бихост, бо ҳам нишастанд ва пайи тадбир шуданд. Ковус ба Рустам нома менависад ва ӯро аз Зобулистон мехонад ва хабар медиҳад, ки аз раҳи турк яке тохтан кард бо лашкаре ва дар Дижи Сапед нишастааст.

Рустам номаро мехонад ва хира мемонад, ки саворе, ки монандаи Соми гурд бошад, кист? Буданаш аз озодагон (эрониназодон) шигифт нест, аммо аз туркон чунин чизеро касе ёд надорад. Рустам аз дил мегузаронад, ки вай аз духти шоҳи Самангон писаре дорад, ба дасти яке ба модараш зарру гавҳар фиристода буд ва он арҷманд посух оварда буд, ки ӯ ҳанӯз кӯдак аст, аз даҳонаш ҳанӯз бӯйи шир меояд. Кист он паҳлавонтурки фархунда, ки Ҳаҷири диловарро фиганд? Рустам барои машварат ба айвони падараш меравад.

Гев дувумбора ба Рустам таъкид мекунад, ки вазъ хуб нест, ба Эрон бояд шудан, ин фармудаи шоҳ Ковус аст, ки дар Зобулистон набояд хуфт. Рустам пешниҳод мекунад, ки чанд рӯз шод бо ҳам нишинанд, аз Ковусу гурдон ёд накунанд, лабони хушкро нам барзананд, пас аз он назди шоҳ раванд ва ба гурдон роҳ нишон диҳанд. Рустам бовар дорад, ки агар душман дирафши вайро аз дур бинад, мотам мегирад. Рустам чаҳор рӯз маҷлис оросту маю руду ромишгарон хост.

Ковус, ки бар дер омадани Геву Рустам хашм гирифта буд, нахуст ба Гев ва баъд ба Рустам бонг зад ва гуфт,

*Ки: “Рустам кӣ бошад, ки фармони ман*
*Кунад пасту печад зи паймони ман?*
*Агар тег будӣ кунун пеши ман,*
*Сараш кандаме чун турунҷе зи тан.*
*Бигираш, бибар зинда бар дор кун*
*В-аз ӯ низ макшой бо ман сухун”.*

Хитоби Ковус ба Тӯс буд, ки Рустам ва Гевро зинда баркун ба дор. Ҳангоме ки Тӯс мехост дасти Рустамро бигирад ва пеши Ковус берун барад:

*Таҳамтан барошуфт бо шаҳрёр:*
*«Ки чандин мадор оташ андар канор.*
*Ҳама корат аз якдигар бадтар аст,*
*Туро шаҳрёрӣ на андархур аст.*
*Ту он туркро зинда бар дор кун,*
*Барошӯбу бадхоҳро хор кун.*
*Ҳама Руму Саксору Мозандарон*
*Чу Мисру чу Чину чу Ҳомоварон*
*Ҳама банда дар пеши Рахши мананд,*
*Ҷигархастаи тегу тахши мананд.*
*Ту андар ҷаҳон худ зи ман зиндаӣ,*
*Ба кина чаро дил парокандаӣ?»*
*Бизад тунд як даст бар дасти Тӯс,*
*Ту гуфтӣ зи пили жаён ёфт кӯс.*
*Зи боло нигун омад андар ба сар,*
*Бар ӯ кард Рустам ба тундӣ гузар.*
*Бурун шуд ба хашм андаромад ба Рахш,*
*“Манам, - гуфт, - шеравжани тоҷбахш,*
*Чу хашм оварам, Шоҳковус кист?*
*Чаро даст ёзад ба ман? Тӯс кист?*
*Маро зӯру фирӯзӣ аз довар аст,*
*На аз подшоҳу на аз лашкар аст.*
*Замин бандаву Рахш гоҳи ман аст,*
*Нигин гурзу мигфар кулоҳи ман аст.*
*Сари найзаву гурз ёри мананд,*
*Ду бозуву дил шаҳрёри мананд.*
*Шаби тира аз тег рахшон кунам,*

*Бар овардгаҳ-бар сар афшон кунам.*
*Чӣ озорадам ӯ, на ман бандаам,*
*Яке бандаи офаринандаам!*
*Далерон ба шоҳӣ маро хостанд,*
*Ҳамон гоҳу афсар биёростанд.*
*Сӯйи тахти шоҳӣ накардам нигоҳ,*
*Нигаҳ доштам расми оину роҳ.*
*Агар ман пазируфтаме тоҷу тахт,*
*Набудӣ туро ин бузургию тахт.*
*Ҳама ҳар чӣ гуфтӣ, сазои ман аст,*
*Зи ту некуиҳо ба ҷойи ман аст.*
*Нишондам бад-ин тахт ман Кайқубод,*
*Чӣ Ковус донам, чӣ хашмаш, чӣ бод?*
*В-агар Кайқубодам зи Албурзкӯҳ,*
*Ба зорӣ фитода миёни гурӯҳ,*
*Наёвардаме ман ба Эронзамин,*
*Набастӣ камарбанду шамшери кин,*
*Туро ин бузургӣ набудию ком,*
*Ки гӯйӣ суханҳо ба Дастони Сом".*

Рустам аз Ковус рӯй гардонида ба эрониён мегӯяд:

*Ба Эрон набинед з-ин пас маро,*
*Шуморо замин, парри каргас маро.*

Рустам мераваду дили ҳамаи номдорон ғамин мешавад, ки Рустам шубон буду эшон рама. Онҳо ба Гударз мегӯянд, ки корро танҳо ту дуруст мекунӣ, зеро сипаҳбад танҳо ба суханҳои ту мегаравад. Номдорони эронӣ шоҳро девона мехонанд ва ба натиҷае мерасанд, ки шоҳ дили номдоронро нигоҳ намедорад.

Сипаҳдор Гударз назди Ковус меравад ва бо лаҳне, ки ба як нафари носипосу беандеша суҳбат мекарда бошад, аз ӯ мепурсад, ки "Рустам чӣ кард, ки аз Эрон баровардӣ имрӯз гард?"

*Фаромӯш кардӣ зи Ҳомоварон*
*В-аз ин кори девони Мозандарон?*
*Ки гӯйӣ варо зинда бар дор кун,*
*Зи шоҳон набояд газофа сухун.*

*Чу ӯ рафту омад сипоҳи бузург,*
*Або паҳлавоне ба кирдори гург,*
*Кӣ дорӣ, ки бо ӯ ба дашти набард*
*Шавад, барфишонад бар ӯ тира гард?*
*Ялони туро сар ба сар Гаждаҳам*
*Шунидасту дидаст аз бешу кам.*
*Ҳамегӯяд, он рӯз ҳаргиз мабод,*
*Ки бо ӯ саворе кунад разм ёд!*
*Касеро, ки ҷангӣ чу Рустам бувад,*
*Биёзорад ӯро, хирад кам бувад.*

Ковус аз гуфтааш пушаймон мешавад, иқрор мекунад, ки ба беҳудагӣ мағзаш ошуфта буд, тезию тундӣ кард, ки барои шаҳрёр аз рӯйи хирад нест. Аз Гударз хоҳиш мекунад, ки ба назди Рустам равад, осори тезию тундии варо аз дилаш берун кунад ва аз рӯзгори беҳӣ дар оянда барояш ваъда намояд ва коре кунад, ки ӯро баргардонад. Суханҳои зерин лобаву зориро мемонад, на фармонро:

*Биёвар ту ӯро ба наздики ман,*
*Ки равшан шавад ҷони торики ман.*

Гударз ва ҳама номдорон ба Рустам расиданд, гирдаш анҷуман оростанд ва ӯро ситоишкунон осори кудуратро аз тезии Ковуси бемағз бароварданӣ мешаванд ва мегӯянд, ки шоҳ аз суханҳояш пушаймон шудааст.

Рустам дар ҷавоби онҳо мегӯяд, ки ниёзе ба Ковус надорад, пеши ӯ чи Ковус ва чи мушти хок баробаранд, ҷуз аз пок Яздон натарсад аз кас, аз ин рӯ аз хашми ӯ тарсу боке надорад ва талх мегӯяд, ки сазои мане, ки ӯро аз банд берун овардаму тоҷу тахт додам.

Вақте ки Рустам суханонашро ба охир мерасонад, Гударз барояш мефаҳмонад, ки агар Рустам ба ҷанги зидди Суҳроби ял наравад, шоҳу далерони гарданкашон гумон мебаранд, ки аз турк тарсанда шуд ва пушт бар шоҳи Эрон кард. Гударз дар фуроварди суханаш ҳамчунин ба хотири Рустам мерасонад, ки сабабҳои ҷиддии дигаре ҳам ҳастанд.

*Чунин бар шуда номат андар ҷаҳон,*
*Бад-ин бозгаштан магардон ниҳон.*
*Ва дигар ки танг андаромад сипоҳ,*
*Макун тира бар хира ин тоҷу гоҳ,*
*Ки нанг аст бар мо зи Тӯронзамин,*
*Писанда набошад бари покдин.*

Рустам аз ин далелҳои охири Гударз хира монд ва гуфт, ки бим надорад дилаш, нахоҳад ба тан ҷон аз ӯ бугсилад ва ту донӣ, ки аз корзор ҳаргиз нагурехтаам, валекин чаро шаҳрёр чунин суханҳоро раво дошт? Рустам тасмим мегирад, ки пеши Ковусшоҳ бармегардад. Шоҳ баробари аз дур диданаш бар пой хост ва "басе пӯзиш андар гузашта бихост".

*Ки тундӣ маро гавҳар асту сиришт,*
*Чунон руст бояд, ки Яздон бикишт.*
*В-аз ин носиголида бадхоҳи нав,*
*Дилам гашт торик чун моҳи нав.*
*Бад-ин чора ҷустан туро хостам,*
*Чу дер омадӣ, тундӣ оростам.*
*Чу озурда гаштӣ ту, эй пилтан,*
*Пушаймон шудам, хокам андар даҳан!*

Ковус бо Рустам лашкар мекашад.

Суҳроб аз Ҳаҷир, писари Гударз, ки асир афтода буд, номи сарони Эронро мепурсад ва супоридани ганҷи ороста ва басе хилъату хостаро медиҳад ва талаб мекунад, ки ӯ танҳо ростиро гӯяд. Ҳаҷир якояк аз рӯйи хаймаҳо ва тахту дирафшҳо номи соҳибони онҳоро, ба истиснои номи Рустам, ба Суҳроб мегӯяд. Ҳаҷир огоҳона дурӯғ мегӯяд ба андешаи он ки агар нишонаҳои Рустамро ошкор созад, Суҳроб ӯро мабодо мағлуб бикунад.

Суҳроб аз он ки ҷое нишони падараш Рустамро наёфт, ғамгин мешавад. Дигарбора пурсон мешавад ва ба ӯ хитоб мекунад, ки ин нест дод, "зи Рустам накардӣ сухан ҳеч ёд". Ту гуфтӣ, ки ӯ меҳтари лашкар аст, нигаҳбони ҳар марзу ҳар кишвар аст, чӣ тавр мешавад, ки Ковус лашкар кашаду ҷаҳонпаҳлавон пешкаш набошад. Ҳаҷир посух медиҳад, ки шояд ӯ ба Зобулистон рафта бошад, ки ҳангоми базм аст он ҷо дар гулистон. Суҳроб бори ди-

гар ба Ҳаҷир ваъда медиҳад, ки агар Рустамро намояд, ӯро сарфароз хоҳад кард ва ганҷҳо хоҳад дод. Ва агар ниҳон дорад, сар аз тан ҷудо хоҳад намуд. Ҳаҷир ба дилаш мегӯяд, ки агар нишони “гови шергир” - Рустамро ба ин “турки бо зӯри даст” – Суҳроб гӯяд, Рустам ба чанголи ӯ кушта шавад, дигар касе аз гурдони Эрон ҷангҷӯй наояд ва бо ӯ рӯбарӯ намешавад. Он вақт тахти Ковусшоҳро хоҳад гирифт ва ҳама номдорони боофарин – Гударз, Гев, Баҳром, Руҳом, Шердӯшро нобуд хоҳад кард. Ҳаҷир ғами кушта шудани худро на, ғами онҳоро мехӯрд. Ҳаҷир гуфтаи мубадро ёд меорад ва ба хулосае меояд, ки мурдан ба ном, беҳтар аз зинда душман ба ком ва ба Суҳроб мегӯяд, ки “ ин чӣ ошуфтан аст, ҳама бо ман аз Рустам гуфтан аст?”

*Чаро бояд ин кина оростан,*
*Ба беҳуда чизе зи ман хостан?*
*Ки огоҳии он набошад барам,*
*Бад-ин кина хоҳӣ буридан сарам.*
*Баҳона набояд ба хун рехтан,*
*Чӣ бояд кунун рангат омехтан?*
*Ҳаме Пилтанро нахоҳӣ шикаст,*
*Ҳамоно, к-ат осон наояд ба даст.*
*Набояд туро ҷуст бо ӯ набард,*
*Барорад ба овардгаҳ аз ту гард.*

Суҳроб чу бишнид гуфтаҳои дурушт, рӯяшро ниҳон карду чизе нагуфт, вале аз он гуфтаҳои нуҳуфта дар тааҷҷуб монд. Тунд як пушти даст зад ӯрову бияфганду омад ба ҷой нишаст, басе андешаҳои дароз карду он гаҳ аз пайи кина камар баст ва ба овардгаҳ рафт чу пили маст ва кас аз номдорони эронсипоҳ наёрист кардан ба ӯ нигоҳ.

Суҳроб ба Рустам пешниҳод мекунад, ки ҷое раванд, ки касе аз Эрону Тӯрон набошад. Суҳроб мегӯяд, ки овардгоҳ ҷойи ту нест, бо як мушт аз пой меафтӣ, ту бисёрсол ҳастӣ. Рустам бо нармӣ ба Суҳроб ҷавоб медиҳад, ки ба пирӣ басе овардгоҳ дидаам, басе сипоҳро ба замин паст кардаам, басе дев аз дасти ман табаҳ шуд, шикан надидаам. Ҷангҳои маро бо номдорони тӯронгурӯҳ дарёву кӯҳ, ситораҳо дидаанд ва гувоҳанд.

*Чӣ кардам, ситора гувойи ман аст,*
*Ба мардӣ ҷаҳон зери пойи ман аст.*
*Ҳаме раҳмат орад ба ту-бар дилам,*
*Нахоҳам, ки ҷонат зи тан бигсилам.*
*Намонӣ ба туркон бад-ин ёлу суфт,*
*Ба Эрон надонам туро низ ҷуфт.*

Аз ин гуфтаи Рустам дили Суҳроб меҷунбад ва аз ӯ мепурсад:

*Бад-ӯ гуфт, ки: "Аз ту пурсам сухун,*
*Ҳама ростӣ бояд афганд бун.*
*Якояк нажодат маро ёд дор,*
*Зи гуфтори хубат маро шод дор.*
*Ман эдун гумонам, ки ту Рустамӣ,*
*Ки аз тухмаи номвар Найрамӣ".*

Вале Рустам посух дод, ки Рустам наям, ҳам аз тухмаи Соми Найрам наям. Рустам паҳлавон асту ман кеҳтарам.

Чаро ҳам Суҳроб ва ҳам Рустам кӣ буданашонро ниҳон мекунанд? Дилашон гувоҳӣ медиҳад, ки яке аз туркон нест ва дигаре монанди Рустам аст. Рустам бо вуҷуди он ки пеш аз ин номаи Ковусро хонда буд ва аз дил гузаронда буд, ки паҳлавоне монандаи Соми гурд шигифт нест, ки аз озодагон бошад, гумон намекард, ки Суҳроб писари ӯст, барои он ки касе, ки номаву ҳадяҳояшро бурда буд, посух оварда буд, ки вай ҳанӯз хурд аст. Ниҳон доштани Ҳаҷир кӣ будани Рустамро аз Суҳроб, тавре ки худ мегӯяд, барои он буд, ки намехост Рустам, паҳлавони эрониён аз дасти ҷавонпаҳлавони тӯронӣ кушта шавад. Ҳаҷир кӣ будани Суҳробро намедонист.

Вале Афросиёб аз кӣ будани Суҳроб хабар дошт, бинобар ин ба Ҳумону Бормон, сипаҳбадони хеш таъкид карда буд, ки чорае андешанд, ки писар набояд падарро бидонад.

Разми Рустам бо Суҳроб сар мешавад, онҳо хаста мешаванд ва аз дур ба ҳамдигар нигоҳ мекунанд: "пур аз дард бобу пур аз ранҷ пур". Дар ин фосилаи разм Фирдавсӣ руҷӯи ҷолибе мекунад, ки барои дарки шахсияти Рустаму Суҳроб ва инкишофи воқеаҳои маснавӣ мадад мерасонад.

*Ҷаҳоно, шигифтӣ зи кирдори туст,*
*Шикаста ҳам аз ту, ҳам аз ту дуруст.*
*Аз ин ду якеро наҷунбид меҳр,*
*Хирад дур буд, меҳр нанмуд чеҳр.*
*Ҳаме баччаро боздонад сутур,*
*Чи моҳӣ ба дарё, чи дар дашт гӯр.*
*Надонад ҳаме мардум аз ранҷу оз*
*Яке душманеро зи фарзанд боз.*

Рустамро ноумедӣ фаро мегирад ва чунин андеша меронад:

*Ба дил гуфт Рустам, ки ҳаргиз наҳанг*
*Надидам, ки ояд бад-ин сон ба ҷанг.*
*Маро хор шуд ҷанги Деви Сапед,*
*Зи мардӣ шуд имрӯз дил ноумед.*
*Зи дасти яке носипардаҷаҳон,*
*На гурде, на номоваре аз меҳон.*
*Ба серӣ расонидам аз рӯзгор,*
*Ду лашкар назора бад-ин корзор.*

Вақте ки Суҳроб гурзи гарон аз зин баркашида ба китфи Рустам мезанад, аз дард Рустам мепечад. Суҳроб механдад ва мегӯяд: "Эй савор, ба захми далерон наӣ пойдор! Рахшат, гӯӣ, хар аст".

Суҳроб пас аз бозгаштан аз лашкаргоҳ аз Ҳумон мепурсад, ки он савори далер, пирамарди ба сони шер, ки ёли ялон дошт, чанголи шер ва ҳамзӯри ман дар набард буд ва чун ӯ надонам ба гетӣ дигаре кист? Дар сар ба сари гирди ҷаҳон касеро намедонам, ки бандад гаҳи кина чун ӯ камар. Шуморо чӣ гуфту чӣ кард? Ҳумон посух медиҳад, ки як марди пархошҷӯй омаду мисли он ки аз мастӣ хестааст, басе кушт мард ва аз он пас ба лашкари хеш рафт.

Рустам дар навбати худ аз Гев аз ҷанги Суҳроби размозмой пурсон мешавад ва ғамгин гашт ва назди Ковус рафт ва Суҳробро васф кард ва тан дод, ки пеш аз ин чунин гурдро надида буд,

*Ки: "Кас дар ҷаҳон кӯдаки норасид*
*Бад-ин шермардию гурдӣ надид.*
*Ба боло ситора бисояд ҳаме,*
*Танашро замин баргирояд ҳаме.*

*Ду бозуву ронаш чу рони ҳаюн,*
*Ҳамоно, ки дорад ситабрӣ фузун.*
*Саранҷом гуфтам, ки ман пеш аз ин*
*Басе гурдро баргирифтам зи зин.*
*Гирифтам даволи камарбанди ӯй,*
*Бияфшордам сахт пайванди ӯй.*
*Ҳамехостам, к-аш зи зин барканам,*
*Чу дигар касонаш ба хок афканам.*
*Гар аз бод ҷунбон шавад кӯҳсор,*
*Наҷунбад абар зин мар он номдор.*

Рустам бо "пурандеша ҷону сараш киначӯй" ба лашкаргоҳ меояд ва ба бародараш рози дил мекунад ва маслиҳат ҳам медиҳад, ки мабодо "дигаргуна гардад сухан", зорӣ макунед ва ғамгин нашавед, ҳеч тане ба овардгоҳ маёед ва размҷӯӣ масозед, якояк сӯйи Зобулистон шавед ва наздики Дастон шавед. Ту дили модарамро хурсанд гардон ва гӯй, ки қазои Яздон аст, барои ман дил мабандад ва ҷовидон баҳри ҷони ман нажанд (ғамгин) машавад, зеро:

*Кас андар ҷаҳон ҷовидона намонд,*
*Зи гардун маро худ баҳона намонд...*
*Агар сол гардад фузун аз ҳазор,*
*Ҳамин аст роҳу ҳамин аст кор.*
*Нигаҳ кун ба Ҷамшед - шоҳи баланд,*
*Ҳамон низ Таҳмураси Девбанд.*
*Ба гетӣ чу эшон набуд шаҳрёр,*
*Саранҷом рафтанд зӣ Кирдгор.*
*Чу гетӣ бар эшон намонду бигашт,*
*Маро низ бар раҳ бибояд гузашт.*

Суҳроб низ монанди Рустам гирифтори андешаву гумон буд ва аз Ҳумон пурсид, ки "он шермард, ки бо ман ҳамегардад андар набард", Рустам, падари ман нест, Худо накунад, ки ман бо падар ҷангҷӯй шавам:

*Зи болои ман нест болош кам,*
*Ба разм-андарун дил надорад дижам.*
*Бару китфу ёлаш ба монанди ман,*
*Ту гӯӣ, ки донанда барзад расан.*

*Зи пою рикебаш ҳаме меҳри ман*
*Биҷунбад, ба шарм оварад чеҳри ман.*
*Нишонҳои модар биёбам ҳаме,*
*Ба дил низ лахте битобам ҳаме.*
*Гумоне барам ман, ки ӯ Рустам аст,*
*Ки чун ӯ набарда ба гетӣ кам аст.*
*Набояд, ки ман бо падар ҷангҷӯй*
*Шавам хира, рӯ андарорам бар ӯй.*

Ҳумон, ки амри Афросиёбро дошт, боз ҳам дурӯғ мегӯяд, ки вай Рустамро чанд бор дар корзор дидааст, ин Рустам нест ва ин Рахш низ ба Рахши ӯ монанд аст, вале паю пахши ӯро надорад.

Суҳроб рӯзи дигар баробари бо Рустам рӯбарӯ омадан тавре рафтор мекунад ва сухан меронад, ки онҳо саросар пур аз меҳр мебошанд ва ҳеч ба сухани касе, ки ба майдони набард барои ҷанг омадааст ва бо душман рӯбарӯст, монанд нест.

*Зи Рустам бипурсид хандон ду лаб,*
*Ту гуфтӣ, ки бо ӯ ба ҳам буд шаб,*
*Ки шаб чун будӣ, рӯз чун хостӣ?*
*Зи пайкор дил бар чӣ оростӣ?*
*Зи каф бифган ин тиру шамшери кин,*
*Бизан ҷанги бедодро бар замин.*
*Нишинем ҳар ду пиёда ба ҳам,*
*Ба май тоза дорем рӯйи дижам.*
*Ба пеши ҷаҳондор паймон кунем,*
*Дил аз ҷанг ҷустан пушаймон кунем.*
*Ҳамон то каси дигар ояд ба разм,*
*Ту бо ман бисозу биёрой базм.*
*Дили ман ҳаме бар ту меҳр оварад,*
*Ҳаме оби шармам ба чеҳр оварад.*
*Ҳамоно, ки дорӣ зи гурдон нажод,*
*Кунӣ пеши ман гавҳари хеш ёд.*
*Зи ман ном пинҳон набояд-т кард,*
*Чу гаштӣ ту бо ман кунун ҳамнабард.*
*Магар пури Дастони Соми ялӣ,*
*Гузин номвар Рустами Зобулӣ?*

Аммо Рустам аз меҳр гурезон аст, мавриди муносибтарин буд, ки писараш будани Суҳробро бидонад ва воқеан бо ҳам нишинанд ва оштӣ кунанд. Чаро чунин кард? Хилофи мантиқи инкишофи воқеаҳо рафтор намуд? Магар ин вижагии достонҳои асрҳои миёна аст, аз рӯйи қазову қадар амал кардани қаҳрамонон? Рустам ба ҷойи ин аз меҳру оштӣ гурез мекунад ва ба хотири Суҳроб меорад, ки онҳо дирӯз аҳд карда буданд, ки гӯштӣ мегиранд, чӣ лозим фиреб? Баъд аз ин оҳанги суханҳои Суҳроб дурушт мешавад, рӯҳияи ҷангӣ мегирад ва суханҷанг оғоз мекунад. Ба Рустам "эй марди пир" гӯён хитоб менамояд ва мегӯяд, ки агар панди маро нагирифтӣ, инак ба фармони Яздон ҳушатро хоҳам баровард. Дар гӯштӣ Суҳроб камарбанди Рустамро гирифту кашид ва Рустамро ба замин зад, аз бари синаи ӯ нишаст ва ханҷари обгун баркашид ва ҳамехост аз тан сарашро бурид. Рустам ба Суҳроб мегӯяд, ки оини мо дигар мебошад. Касе, ки дар гӯштӣ пирӯз меояд, пушти ҳарифашро ба замин мениҳад, агар ба кин бошад, сарашро намебурад. Вале агар бори дувум пирӯз шавад, раво бошад, ки сари ӯро аз тан ҷудо кунад. Рустам ба ин чора мехост аз куштан раҳо гардад. Суҳроб сар ба гуфтори пир дод ва Рустамро раҳо кард.

Рустам чу аз чанги Суҳроб озод гашт, сӯйи оби равон рафт мисли каси ҷондодае, ки равон ёфта бошад. Ба ҷаҳонофарин ниёиш кард ва пирӯзию дастгоҳ хост. Яздон ба ӯ он чи мехост, дод ва бияфзуд бар тан ҳар он чи коста буд.

Чун дубора ба гӯштӣ гирифтан оғоз карданд, мисли он ки чархи баланд дастони Суҳробро баста буд, зӯр надоштанд, аз ин ӯ ғамгин гашт. Рустам диловари ҷавонро бар замин зад, сабук теғи тез аз миён баркашид ва бари ӯро бардарид. Суҳроб мегӯяд, ки он чи бар ман расид, аз ман аст. Замона ба дасти вай калидро дод. Агар ин тавр набуд, ин кӯжпушт чаро маро баркашиду ба зудӣ бикушт.

*Нишон дод модар маро аз падар,*
*Зи меҳр андаромад равонам ба сар.*
*Ҳаме ҷустамаш, то бибинам-ш рӯй,*
*Чунин ҷон бидодам бад-ин орзуй.*
*Дарего, ки ранҷам наёмад ба сар,*
*Надидам, дар ин ҳеч рӯйи падар.*
*Кунун гар ту дар об моҳӣ шавӣ*

*Ва ё чун шаб андар сиёҳӣ шавӣ*
*Ва ё чун ситора шавӣ бар сипеҳр,*
*Бибуррӣ зи рӯйи замин пок меҳр,*
*Бихоҳад ҳам аз ту падар кини ман,*
*Чу бинад, ки хишт аст болини ман.*
*Аз он номдорони гарданкашон*
*Касе ҳам барад назди Рустам нишон,*
*Ки Суҳроб куштасту афганда хор,*
*Ҳаме хост кардан туро хостор.*

Фирдавсӣ ҳолати Рустамро пас аз шунидани ин суханҳои Суҳроб чунин баён доштааст:

*Чу бишнид Рустам, сараш хира гашт,*
*Ҷаҳон пеши чашм-андараш тира гашт.*
*Ҳаме бетану тобу бетӯш гашт,*
*Бияфтод аз пою беҳуш гашт.*

Рустам пас аз он ки ба ҳуш меояд, аз Суҳроб мепурсад, ки:

*Бигӯ, то чӣ дорӣ зи Рустам нишон,*
*Ки гум бод номаш зи гарданкашон!*
*Ки Рустам манам, к-ам мамонод ном,*
*Нишинод бар мотамам пури Сом!*

Чу Суҳроб фаҳмид, ки ҳамнабардаш Рустам аст, ба ӯ мегӯяд, ки агар Рустам туӣ, чаро маро бикуштӣ ба бадхӯӣ?

*Зи ҳар гуна будам туро раҳнамой,*
*Наҷунбид як зарра меҳрат зи ҷой.*
*Кунун банд букшой аз ҷавшанам,*
*Бараҳна бубин ин тани равшанам.*
*Чу бархост овози кӯс аз дарам,*
*Биёмад пур аз хун ду рух модарам.*
*Ҳаме ҷонаш аз рафтани ман бихаст,*
*Яке муҳра бар бозӯйи ман бубаст.*
*Маро гуфт, к-ин аз падар ёдгор,*
*Бидору бубин, то кай ояд ба кор.*

*Кунун коргар шуд, ки бекор гашт,*
*Писар пеши чашми падар хор гашт.*

Рустам чу бикшод хафтону он муҳра дид, ҳама ҷома бар хештан бардарид, ҳаме рехт хуну ҳаме канд мӯй, сараш пур зи хоку пур аз об рӯй. Суҳроб ба ӯ мегӯяд, ки ба оби ду дида набояд гирист, аз ин хештан куштан акнун чӣ суд, кори шуданӣ шуд. Рустам аз сахтӣ фурӯ баст дам, бо дили пурзиоташу дидагони пур зи нам, бо дили пур аз хуну лаби пур аз боди сард ба пеши сипаҳ бо хурӯш ва аз кардаи хеш бо дили пурдарду ҷӯш омад.Чун диданд эрониён ӯро, ситоиш карданд Кирдгорро, ки ӯ зинда омад аз корзор.Чун диданд, ки хок бар сар карда, ҳама ҷомаҳо дарида ва хаста, пурсиданд, ки кор чист ва дилат чунин баҳри кист? Рустам он шигифтӣ, ки худ карда буд, куштани гиромиписарашро гуфт. Ҳама бо ӯ хурӯш баргирифтанд.

Рустам дарк мекунад, ки Ҳумон аз зиштхӯӣ нагуфт, ки Суҳроб писараш аст ва бар оташ зад ҷону дидаашро.

Ҳумон гуноҳи худашро ба сари Ҳаҷир мезанад ва мегӯяд, ки Ҳаҷири ситезандаи бадгумон, ки рози сипаҳбадро пинҳон медошт, ба Суҳроб, ки нишонаи падар меҷуст, нагуфт, аз ин сабаб бибояд ӯро сар аз тан бурид. Рустам ба назди Ҳаҷир омад бо кин, гиребонаш бигрифту зад бар замин, мехост сарашро аз тан бибурад, бузургон ба пӯзиш омаданд ва Ҳаҷирро аз дами марг боздоштанд. Рустам дашна бигрифт ба даст, ки аз тан сари хеш бибурад, бузургон ба ӯ андаровехтанд ва Гударз ба вай гуфт, ки акнун чӣ суд, гар аз рӯйи гетӣ барорӣ дуд, ту агар бар хештан сад газанд кунӣ ҳам, ба он арҷманд осон намеояд. Агар замоне монда бошад ӯро, умраш дароз бошад, ту ҳам бо ӯ бимон. Агар аз ин ҷаҳон рафтанист, ба гетӣ нигаҳ кун, ки ҷовид кист?

*Шикорем яксар ҳама пеши марг,*
*Саре зери тоҷу саре зери тарг.*
*Чу ояд-ш ҳангом, берун кунанд*
*В-аз он пас надонем, то чун кунанд.*
*Зи марг, эй сипаҳбад, беандуҳ кист?*
*Ҳаме хештанро бибояд гирист.*
*Дароз аст роҳаш в-агар кӯтаҳ аст,*
*Парогандагонем, агар ҳамраҳ аст.*

Рустам пеши Ковус бо номае Гударзро мефиристад ва нӯшдору мехоҳад, аз он ки дар ганҷи шоҳ аст, нӯшдоруе, ки маҷрӯҳонро кунад тандуруст. Ковус дар посух мегӯяд, ки обрӯйи Рустам пеши ӯ бештар аст, намехоҳам ба ӯ бадиро:

*Валекин агар доруи нӯш ман*
*Диҳам, зинда монад яли пилтан,*
*Кунад паст Рустам ба неру туро,*
*Ҳалок оварад, бегумон, мар маро.*
*Агар як замон з-ӯ ба ман бад расад,*
*Насозем подоши ӯ ҷуз ба бад.*
*Шунидӣ, ки ӯ гуфт: "Ковус кист?*
*Гар ӯ шаҳрёр аст, пас, Тӯс кист?*
*Куҷо гунҷад андар ҷаҳони фарох,*
*Бад-он фарру бурзу бад-он ёлу шох?*
*Куҷо бошад ӯ пеши тахтам ба пой,*
*Куҷо ронад ӯй зери фарри ҳумой?"*
*Ба дашном чанде маро баршумурд,*
*Ба пеши сипаҳ обрӯям бибурд.*
*Чу фарзанди ӯ зинда монад, маро*
*Яке хок бошад ба дар андаро.*
*Суханҳои Суҳроб нашнидаӣ?*
*На марди бузурги ҷаҳондидаӣ?*
*К: "- Аз эрониён сар бибуррам ҳазор,*
*Кунам зинда Ковуси кайро ба дор".*
*Агар монад ӯ зинда андар ҷаҳон,*
*Бипечанд аз ӯ ҳам меҳону кеҳон.*
*Касе душмани хештан парварад,*
*Ба гетӣ-дарун номи бад густарад.*

Гударз зуд баргашт ва аз хӯйи бади шаҳрёр, тундии вай, харидор набудани ӯ ранҷи касро гуфт. Рустам Суҳробро дар ҷомаи зарнигор хобонду ба роҳ баромад. Аз пасаш кас омаду хабар овард, ки писараш мурд. Рустам бинолид ва хок бар сар ниҳод.

*Киро омад ин пеш, к-омад маро,*
*Ки фарзанд куштам ба пиронсаро?...*

*Чу ман нест дар гирди Кайҳон яке,*
*Ба мардӣ будам пеши ӯ кӯдаке.*
*Буридан ду дастам сазовор ҳаст,*
*Ҷуз аз хоки тира мабодам нишаст.*
*Чӣ гӯям, чу огаҳ шавад модараш?*
*Чӣ гуна фиристам касеро бараш?*
*Чӣ гӯям, чаро куштамаш бегуноҳ,*
*Чаро рӯз кардам бар ӯ-бар сиёҳ?*
*Кадомин падар ҳаргиз ин кор кард?*
*Сазоворам акнун ба гуфтори сард.*
*Ба гетӣ кӣ куштаст фарзандро,*
*Далеру ҷавону хирадмандро?!*
*Падар-ш, он гаронмоятар паҳлавон,*
*Чӣ гӯяд бад-он духти поки ҷавон?*
*Бар ин тухмаи Сом нафрин кунад,*
*Маро ном бемеҳру бедин кунад.*
*Кӣ донист, к-ин кӯдаки арҷманд*
*Бад-ин сол гардад чу сарви баланд?!*
*Ба ҷанг оядаш рою созад сипоҳ,*
*Ба ман-бар кунад рӯзи равшан сиёҳ?*

Рустам бифармуд дебои хусравон бар рӯйи пури ҷавонаш биандозанд ва тобуташро аз он дашт бурданд. Рустам сӯйи хаймааш омад, ба пардасарой оташ заданд, лашкар хок бар сар заданд, ҳама хаймаву дебои ранг-ранг, ҳама тахти пурмояи заррин бар оташ ниҳоданд, фарёд бархост. Рустам зорӣ мекард:

*Ҷаҳон чун ту дигар набинад савор*
*Ба мардию гурдӣ гаҳи корзор.*
*Дарег, он ҳама мардию ройи ту,*
*Дарег, он руху бурзу болои ту!*
*Дарег, ин ғаму ҳасрати ҷонгусил,*
*Зи модар ҷудо в-аз падар доғдил!*

Хабари кушта шудани Суҳроб ба модараш низ расид, ки ба теғи падар хаста гашту бимурд. Фирдавсӣ ҳоли зори Таҳминаро чунин баён намудааст:

*Бизад чангу бидрид пероҳанаш,*
*Дурахшон шуд он лаъли зебо танаш.*
*Баровард бонгу гиреву хурӯш,*
*Замон то замон з-ӯ ҳамерафт ҳуш.*
*Мар-он зулфи чун тобдода каманд*
*Ба ангушт печиду аз бун биканд...*
*Ҳама хоки тира ба сар барфиканд,*
*Ба дандон зи бозуи худ гӯшт канд...*
*Ҳамегуфт, к: "- Эй ҷони модар, кунун*
*Куҷоӣ сиришта ба хоку ба хун?*
*Чу чашмам ба раҳ буд, гуфтам магар*
*Зи Суҳробу Рустам биёбам хабар.*
*Гумонам чунин буд, гуфтам, кунун*
*Бигаштӣ ба гирди ҷаҳон - андарун.*
*Падарро ҳамеҷустию ёфтӣ,*
*Кунун б-омадан тез биштофтӣ.*
*Чӣ донистам, эй пур, к-ояд хабар,*
*Ки Рустам ба ханҷар даридат ҷигар.*
*Дарегаш наёмад аз он рӯйи ту,*
*Аз он бурзу болою бозӯи ту...*
*Бипарварда будам танашро ба ноз,*
*Ба рахшандарӯзу шабони дароз.*
*Кунун он ба хун-андарун гарқа гашт,*
*Кафан бар тани поки ӯ хирқа гашт.*
*Кунун ман киро гирам андар канор?*
*Кӣ хоҳад будан мар маро гамгусор?*
*Киро хонам акнун ба ҷойи ту пеш?*
*Киро гӯям ин дарду тимори хеш?...*
*Падар ҷустӣ, эй гурди лашкарпаноҳ,*
*Ба ҷойи падар гӯрат омад ба роҳ...*
*Ҳамегуфту мехасту мекanд мӯй,*
*Ҳамезад кафи даст бар хуб рӯй.*
*Зи бас, к-ӯ ҳаме шевану нола кард,*
*Ҳама халқро чашм пуржола кард...*
*Бияфтод бар хок, чун мурда гашт,*
*Ту гуфтӣ ҳама хунаш афсурда гашт.*
*Ба ҳуш омаду боз нолиш гирифт,*
*Бар он пури кушта сиголиш гирифт...*

*Сари аспи ӯро ба бар даргирифт,*
*Бимонда ҷаҳоне бад-ӯ дар шигифт.*
*Гаҳе бӯса зад бар сараш, гаҳ ба рӯй,*
*Зи хун зери суммаш ҳамеронд ҷӯй...*
*Биёвард он ҷомаи шоҳвор,*
*Гирифташ чу фарзанд андар канор.*

Фирдавсӣ дар поёни достони Суҳроб аз номи Баҳроми неку-сухан мегӯяд, ки дар ин дунё навбати омадану рафтан аст ва ин чиз розест, ки падид намеояд, барои ҳамин ҳам барои боз кардани он калид ҷустан фоида надорад. Барои он ки ин дари баста кушода шавад, умр барбод меравад.

*Дил андар саройи сипанҷӣ мабанд,*
*Сипанҷӣ набошад касе судманд.*

Мавзӯи достон баёни саргузашти Суҳроб аз рӯзи зодан то дами марг мебошад.

Фарқи Суҳроб аз ҳамаи паҳлавонони эронию тӯронӣ, аз он ҷумла Рустам дар он буд, ки ӯ ба муқобили суннати меросӣ будани тахту кулоҳ буд. Ва ин чиз боиси он мегардад, ки ҳам Кайковус – шоҳи Эрон ва ҳам Афросиёб - шоҳи Тӯрон аз пайи нест кардани он мешаванд ва тарҳи ҷанги падару писарро ба роҳ меандозанд ва муваффақ ба он мегарданд, ки падару писар то ба охир ҳамдигарро нашиносанд. Ва вақте ки нақшаҳояшон амалӣ мешавад, Суҳроб аз ханҷари падараш захмӣ мегардад, Кайковус нӯшдоруро намедиҳад.

То ба охир аз Суҳроб пинҳон мондани нишонаҳои Рустам дар назари аввал боварибахш наменамояд ва боиси сар задани пурсишҳои зиёде мегардад, аз ҷумла чаро Суҳроб бо вуҷуди он ки медонад Афросиёб душмани Рустам аст, инро ҳатто модараш ба вай таъкид карда буд, ҳадяҳои ӯро қабул мекунад ва аз он хуш мешавад ва ғ. Аммо дар асл Фирдавсӣ дар достон тамоми заминаҳои равониро барои ҳамдигарро нашинохтани падару писар муҳайё сохтааст. Барои мисол, Таҳмина аз тарси он ки агар Рустам бидонад, ки писараш сарфарози гарданкашон шудааст, ӯро назди хеш хонад ва дили модарро реш гардонад. Ҳаҷири асир - писари Гударз аз бими он ки Рустам дар набард бо Суҳроб куш-

та гардад, Кайковусу Афросиёб ва надимонашон аз хавфи он ки аз тоҷу тахт барангехта нашаванд, кӯшиш мекунанд, ки падару писар ҳамдигарро нашиносанд.

Фирдавсӣ бо гуфтани достони пур аз оби чашми Суҳроб паёме додааст, ки набарди неруҳои некӣ бо бадӣ, меҳр бо кин, оштӣ бо ҷанг, хирад бо ҷаҳл, мубориза барои тоҷу тахт абадист ва онҳо бо ҳам созиш нахоҳанд кард. Фоҷиаи Суҳроб дар он буд, ки ӯ аз ду тухмаи ба ҳам душман зода шуда – аз тухмаи Сому Наримон аз тарафи падарӣ ва шоҳи Самангон аз ҷониби модарӣ, ки яке рамзи Эрон ва дигаре рамзи Тӯрон мебошанд ва бо ҳам дар душмании ҳамешагӣ қарор доранд.

Аммо паёми аслии шоир дар “Достони Суҳроб” иборат аз он аст, ки поёни ҳама гуна хусумату душманӣ ва ҷанг нохушӣ ва фоҷиа аст. Монанди он ки душмании Эрон ва Тӯрон боиси фоҷиаи бузурги инсонӣ – кушта шудани писар аз дасти падар гардид. Барои ҳамин ҳам ҳангоме ки Рустам пас аз рух додани он фоҷиа аз майдони набард ба назди эрониён бармегардад, ба онҳо мегӯяд:

*Шумо ҷанги Тӯрон маҷӯед кас,*
*Ки ин бад, ки ман кардам имрӯз, бас!*

Ва ин он хоҳише буд, ки Суҳроби захмхӯрда дар дами вопасин аз Рустам карда буд.

Рустам дар “Достони Суҳроб” пеш аз ҳама на ҳамчун ҷаҳонпаҳлавон, балки ҳамчун як падари меҳрубону ғамхор нисбат ба фарзандаш ва ҳамсараш инъикос гардидааст. Рустам агарчи баъд аз арӯсӣ ва зода шудани фарзанд онҳоро надидааст, вале ҳамеша дар фикри онҳо будааст ва ғамхорӣ намудааст. Дар достон дар чанд ҷо ишорае рафтааст, ки ӯ барои Суҳроб ва Таҳмина номае бо се ёқути рахшону се бадра зар фиристодааст. Ва вақте ки Рустам мефаҳмад, ки ҳамнабарди тӯрониаш Суҳроби писараш аст ва ӯ ханҷар бар ҷигари фарзанди хеш задааст, сараш хира мегардад ва аз пою аз ҳуш меравад, пасон бо оҳу нола назди Ҳаҷире, ки Рустам буданашро аз Суҳроб пинҳон дошта буд, бо кин меояд, аз гиребонаш мегирад ва мехоҳад, ки сарашро аз тан бибурад, бузургон пешашро мегиранд. Он вақт бо дашна сари худро буриданӣ мешавад, боз ҳам бузургон ва Гударз ӯро аз ин кор бозмедоранд ва насиҳат мекунанд.

Рустам бо тобути писари ҷавонмаргаш ба Зобулистон бармегардад ва пеши падару модари худ зорӣ мекунад. Вай дар бораи он меандешад, ки ба ҳамсараш – модари бечораи Суҳроб – Таҳмина чӣ мегӯяд ва чӣ ҷавоб хоҳад дод.

Таҳминае, ки ба гуфтаи Фирдавсӣ, чу ӯ зери чархи барин андакест, аз рӯйи достонҳои афсонакирдор дар бораи Рустам, хирадро зи баҳри ҳаво (ҳавас) куштааст ва ба вай меҳр бастааст, ҳамчун модари меҳрубон тани Суҳробро ба ноз парваридааст, гумон надошт, ки рӯзе фарзанди азизу нозпарвардаш, ки ба ҷустуҷӯйи падараш ба сафар баромада буд, бо дасти падараш ба хорӣ кушта мегардад. Модар аз ғами писари паҳлавони номуродаш оқибат пас аз як сол мемирад. Саҳифаҳое, ки дар онҳо ҳолати Таҳмина пас аз шунидани хабари марги Суҳроб ва андешаҳои ӯ баён гардидаанд, аз пурсӯзтарин саҳифаҳо дар достон мебошанд.

Кайковусу Афросиёб – шоҳони Эрону Тӯрон, агарчи дар зоҳир дар “Шоҳнома”, аз он ҷумла дар “Достони Суҳроб” чеҳраҳои муҳим ба шумор мераванд: паҳлавонон бо супориши онҳо ва бо иҷозаташон ба коре иқдом менамоянд, ба ҷанг медароянд, дар амал шахсиятҳои вобаста ба паҳлавононе чун Рустам мебошанд, зеро он ҳама тоҷу тахту кулоҳу ганҷе, ки доранд, ба шарофати маҳз паҳлавонон мебошад. Бинобар он вақте ки онҳо аз рӯйи бехирадӣ ва беандешагии худ нисбат ба паҳлавонон тундиеро раво медоранд, хашм мегиранд ва ё бонг мезананд ва ҳукми беҷое мебароранд, обрӯй, арзишу мақоми воқеияшон ошкор мегардад. Чунончи дар “Достони Суҳроб”, ҳангоме ки Кайковус ба Рустам ва Гев барои таъхир карданашон ба онҳо бонг мезанад ва ба Тӯс супориш медиҳад, ки дастҳояшонро бибандад ва зинда ба дор бикашад ва беэътиноёна мегӯяд,

*Ки: “Рустам кӣ бошад, ки фармони ман*
*Кунад пасту печад зи паймони ман?”.*

Рустам барошуфта ба рӯйи Кайковус ошкор мегӯяд, ки ҳамаи корҳоят яке аз дигаре бадтар аст, ту шоистаи шаҳрёрӣ нестӣ, ту андар ҷаҳон аз ман зиндаӣ, ин манам, ки ба ту ва падарат тоҷи шоҳӣ бахшидам, агар ман падарат Кайқубодро аз кӯҳи Албурз ба Эронзамин намеовардам, туро ин бузургию ком ҳаргиз набудӣ. Ва бо хашм аз пеши Кайковус бе ҳеҷ иҷозат мебарояд ва меравад.

Шоҳи Эрон маҷбур мешавад, кас фиристад, аз Рустам пӯзиш пурсад ва ба беақлию беандешагиаш иқрор кунад. Барои Фирдавсӣ дар "Шоҳнома" аз шоҳон паҳлавононе монанди Рустам бештар эътибор доранд ва азиз мебошанд. Ҳамин паҳлавононе мисли Рустам ва Суҳробанд, ки шоир ба воситаи онҳо паёмҳои хешро ба хонандагони хеш, ба наслҳои оянда мерасонад.

## ДОСТОНИ РАЗМИ ИСФАНДЁР БО РУСТАМ

"Достони разми Исфандёр бо Рустам" аз шикояти Исфандёр ба модараш дар бораи бад карданҳои падараш Гуштосп оғоз мегардад. Гуштосп ба писараш ваъда карда буд, ки пас аз он ки ӯ кини бобояш Луҳроспро аз Арҷосп мегирад ва хоҳарони падарашро аз банди вай меорад ва ҷаҳонро аз бадон пок мекунад,

*Ҳама подшоҳию лашкар туровст,*
*Ҳамон ганҷ бо тахту афсар туровст.*

Вале ба ваъдааш вафо намекунад, ганҷу тахту кулоҳро ба Исфандёр доданӣ нест. Инро модараш медонад, бинобар ин насиҳат мекунад, ки вай бо доштани ихтиёри лашкару буму бар қаноат намояд ва мунтазири аз олам гузаштани падараш бошад.

*Чу ӯ бугзарад, тоҷу тахташ туровст,*
*Бузургию ваврангу бахташ туровст.*

Исфандёри ҷоҳталаб назди падар меравад ва ба ёдаш меорад, ки гуфта буд:

*Супорам туро афсару тахти оҷ,*
*Ки ҳастӣ ба мардӣ сазовори тоҷ.*

Гуштосп аз ӯ ба банд овардани Рустам, Завора ва Фаромарзро талаб мекунад, ки аз фармони вай сар печидаанд ва ба Занду Зардушту дини беҳӣ савганд мехӯрад, ки он вақт:

*Супорам туро ганҷу тахту кулоҳ,*
*Нишонам-т бо тоҷ дар пешгоҳ...*
*Агар тахт хоҳӣ ҳаме бо кулоҳ,*
*Раҳи Систон гиру баркаш сипоҳ.*

Исфандёр аз пеши падар бадхашм ва бо лаби пур зи боду дили пур зи ғам бармегардад. Модар ӯро насиҳат мекунад, ки “ба бад тез маштобу бар бад макӯш”, ба ҷанги Рустам марав.

Худи Исфандёр низ медонад, ки Рустам кист ва чӣ корҳои неку ба Эрон кардааст, бинобар ин бастани ӯро ба худ, ба подшоҳзода сазо намедонад. Лекин ҳамзамон наметавонад, ки аз фармони шоҳ сар кашад. Ӯ дар дуроҳа қарор дорад ва аз ин хусус ба модараш мегӯяд:

*Ҳамон аст Рустам, ки донӣ ҳаме,*
*Ҳунарҳош чун Занд хонӣ ҳаме.*
*Накукортар з-ӯ ба Эрон касе*
*Наёяд падид, ар биҷӯйӣ ҳаме.*
*Мар ӯро ба бастан набошад сазо,*
*Чунин бад на хуб ояд аз подшо...*
*Чӣ гуна кашам сар зи фармони шоҳ,*
*Чӣ гуна гузорам чунин пешгоҳ?*

Исфандёр ҳамчунин огоҳ аст, ки Рустам бас ба ҷойи шоҳон ранҷи зиёд кашидааст, низоме, ки дар ҷаҳон аст, аз гурзи гарони ӯст, шаҳрёру бандаи Эрон бо ӯ зиндаанд.

*Басе ранҷ дорад ба ҷойи сарон,*
*Ҷаҳон рост кард ӯ ба гурзи гарон.*
*Ҳама шаҳри Эрон бад-ӯ зиндаанд,*
*Агар шаҳрёранд, агар бандаанд.*

Исфандёр умед ба он мебандад, ки бо сухани нарм Рустамро розӣ хоҳад кард, ки ихтиёрӣ ба фармони падараш Гуштосп сар фурорад ва наздаш ояд. Бо ҳамин ният пас аз лашкар кашиданаш ба Зобул фиристодаи далеру хирадманду бодонишу бофарру зеб писараш Баҳманро ба назди Рустам мефиристад. Рустам розӣ аст, ки назди Исфандёр бесилоҳ биёяд ва аз ӯ бишнавад, ки шоҳ Гуштосп чӣ фармудааст. Аммо ҳаргиз розӣ нест, ки касе ба дасту пойи вай банд андозад, барои ҳамин ҳам ба Исфандёр ҳушдор медиҳад, ки:

*Надидаст кас банд дар пойи ман,*
*На бигрифт шери жаён ҷойи ман.*

*Ту он кун, ки аз подшоҳӣ сазост,*
*Магард аз пайи он ки он норавост.*
*Ба ҳарза зи дил дур кун хашму кин,*
*Ҷаҳонро ба чашми ҷавонӣ мабин.*

Рустам ва Исфандёр бо ҳам вомехӯранд, дар ҳаққи якдигар суханҳои нек ва боэҳтиромона мегӯянд. Исфандёр Рустамро ба меҳмонӣ мехонад ва ба ӯ пешниҳод мекунад, ки банд бар пой ниҳад, зеро аз банди шоҳаншоҳ нанг набошад, агар туро баста пеши шоҳ барам, саросар аз гуноҳат хоҳад гузашт. Ва таъкид мекунад, ки аз бастани Рустам равони худаш хаста аст, аммо қавл медиҳад, ки агар вай то шаб дар банд бимонад, ба ҷонаш газанд нахоҳад расид. Исфандёр Рустамро бовар кунониданӣ мешавад, ки аз Гуштосп бадӣ наояд, ба вай бадгумон нашавад. Исфандёр ба Рустам рӯйирост ошкор месозад, ки агар ӯ ба ин розӣ шавад, шоҳ ба ӯ тахти оҷу ганҷу тоҷи ваъдакардаашро хоҳад дод, он вақт ӯ ҷаҳонро ба дасти Рустам мениҳад ва чандон зару хоста хоҳад дод, ки бару бомаш ороста хоҳад гашт.

Рустами ҷаҳонпаҳлавон, чунонки ӯро муносиб аст, бори дигар ба Исфандёр мефаҳмонад, ки ҳар чӣ хоҳад, фармон кунад, магар банд, ки аз он оре бувад.

Исфандёр ошкоро мегӯяд, ки агар Рустам аз фармони Гуштосп сар печад, падараш рӯзи ӯро табоҳ хоҳад кард, бинобар ин маҷбур аст, ки бо Рустам ҷанг оварад.

Рустам дар яке аз дидорҳо ва маҷлисҳои май, ки миёни ӯ ва Исфандёр тез-тез иттифоқ меафтод, чанги Исфандёрро чунон мефишорад, ки аз нохунаш оби зард мерезад ва пур аз хуноб мешавад ва абрувонаш пур аз тоб мешавад ва мегӯяд:

*Кӣ гӯяд:"Бирав, дасти Рустам бибанд?*
*Набандад маро даст чархи баланд!"*

Исфандёр бо вуҷуди ин бихандиду гуфт ба Рустам, ки имрӯз май бихӯр, ғанимат аст, фардо ба разм мепечию ман ду дастат мебандам, мебарам назди шоҳ ва мегӯям, ки аз ту гуноҳе надидам ва хоҳиш мекунам, ки гуноҳатро бибахшад ва бо ҳамин туро аз ғаму дарду ранҷ мераҳонам. Рустам ба навбати худ дар ҷавоб бо ханда мегӯяд, ки фардо ба дашти набард биёем, аз кӯҳаи зин ба оғӯш бибардорамат

ва наздики Зол орамат, нишонамат бар тахти оҷ, ба сарат тоҷ гузорам ва ҳар чӣ аз Кайқубод ёфтам, пешат ниҳам ва пас аз он ба назди Гуштосп меравам ва тоҷро ба мардӣ туро бар сар ниҳам.

*Чу ту шоҳ бошию ман паҳлавон,*
*Касеро намонад ба тан-дар равон.*

Рустам бори дигар Исфандёрро ба берун кардани кина аз дил ва ба дӯстию рафоқат, меҳмонӣ, мардумӣ ва даст кашидан аз бадӣ даъват мекунад. Вале Исфандёр бар хилофи ӯ бори дигар исрор менамояд, ки ҷаҳонпаҳлавон панди ӯро бипазирад ва ба гуфтори шоҳ ба банд андарояд. Рустам аз ин аз ғам пурандеша шуд ва ба худ андешид, ки агар даст варо бандад ва ё газанде расонад, ҳар ду кор ҳам бонафрину бад аст:

*Ҳам аз банди ӯ бад шавад номи ман,*
*Ҳам аз куштанаш бад саранҷоми ман.*

Рустам дар андешаи он буд, ки дар ҳар ду ҳолат ҳам мардум ва шоҳон ӯро гунаҳкор хоҳанд донист, ӯро марди бенангу ор, пири бедин хоҳанд гуфт. Бар замми ин агар худ кушта шавад, рангу бӯйи Зобулистон нахоҳад монд, тухмаи Дастони Сом гусаста хоҳад шуд. Аз ин сабаб ба Исфандёр кӯшиш мекунад бифаҳмонад, ки падари ӯ - Гуштосп аз тоҷу тахт серӣ надорад, бинобар ин ҳам Исфандёрро гирди гетӣ медавонад ва ба ҳар сахтие равон мекунад. Аммо ӯ набояд ба ҷони худашу Рустам ситам намояд.Бо ин ҳама кӯшишҳо вай натавонист, ки Исфандёри "бадраги девсоз" -ро аз ҷанг кардан бо ӯ боздорад. Боз ҳам ба хотири ба ҳам дар майдони ҷанг рӯйбарӯ наомадан Рустам ба Исфандёр пешниҳод мекунад, ки саворони зобулию эронӣ ба ҷанг дароянд, на онҳо ҳар ду. Исфандёр ин пешниҳодро низ рад менамояд ва мегӯяд:

*Туро гар ҳаме ёр бояд, биёр,*
*Маро ёр ҳаргиз наёяд ба кор.*
*Маро ёр дар ҷанг Яздон бувад,*
*Сарукор бо бахти хандон бувад.*
*Туӣ ҷангҷӯю манам ҷангхоҳ,*
*Бигардем бо якдигар бе сипоҳ.*

Вале рӯзи набард бар хилофи аҳде, ки миёни ду паҳлавон шуда буд, сипоҳи сагзиҳо ба майдон меояд ва писарони Исфандёр – Нӯшозар ва Меҳрнӯш аз дасти онҳо кушта мешаванд. Исфандёр пур аз хашм Рустамро ба аҳдшиканӣ муттаҳам мекунад ва носазо мегӯяд ва аз кушта шудани ду писараш огоҳ месозад.

Ҳангоми набард вақте ки тирҳои Рустам бар тани Исфандёр ба кор намеояд, Рахшу савораш маҷрӯҳ мешаванд, чорае месозад: аз Рахш пиёда мешавад ва ба баландие мебарояд:

*Бихандид чун дидаш Исфандёр,*
*Бад-ӯ гуфт, к-: "Эй Рустами номдор,*
*Чаро кам шуд он неруи пили маст,*
*Зи пайкон чаро кӯҳи оҳан бихаст?*
*Куҷо рафт он мардию гурзи ту,*
*Ба разм-андарун фарраву бурзи ту?*
*Гурезон ба боло чаро бар шудӣ,*
*Чу овози шери жаён бишнудӣ?*
*На онӣ, ки дев аз ту гирён шудӣ,*
*Дад аз таффи теги ту бирён шудӣ?*
*Чаро пили ҷангӣ чу рӯбоҳ гашт,*
*Зи ҷангаш чунин дасткӯтоҳ гашт?*

Ӯ ба Рустами маҷрӯҳ, ки дар баландие истодааст, боз ҳам пешниҳод мекунад, ки аз кардааш пушаймон шавад ва дасташро ба банд диҳад.

Рустам торик шудани шабро баҳона меорад ва мегӯяд, ки сӯйи айвон хоҳад рафт, замоне меосояд, ҷароҳатҳояшро мебандад ва хешонашро даъват хоҳад кард. Исфандёр ӯро зинҳор медиҳад, вале ҳушдор низ медиҳад, ки Рустам ӯро фиреб надиҳад ва ҳар чи ӯ барояш гуфт, бе кажжию камию костӣ ба аҳли айвон бирасонад.

Рустам дар айвон ба Дастон, ки аз дидани ҳоли ӯ мӯй меканду менолид, мегӯяд:

*Ки ман ҳамчу рӯйинтан Исфандёр*
*Надидам ба мардӣ гаҳи корзор...*
*Задам чанд бар кабри Исфандёр,*
*Чунин буд, ки бар санг резанд хор.*
*Ҳамон теги ман гар бидидӣ паланг,*
*Ниҳон доштӣ хештан зери санг.*

*Надаррад ҳаме ҷавшан андар бараш,*
*На як пораи парниён бар сараш...*
*Сипосам зи Яздон, ки шаб тира шуд,*
*Варо дида аз тирагӣ хира шуд.*
*Бирафтам ман аз ҷанги ин аждаҳо,*
*Надонам, ки чун ҷуст хоҳам раҳо?*

Рустам дар андешаи он буд, ки фардо ҷое равад, ки Исфандёр ному нишоне аз ӯ наёбад. Зол Симурғро ба ёрӣ мехонад, вай Рустам ва Рахшро табобат мекунад ва аз паҳлавон мепурсад, ки чаро бо Исфандёр разм ҷуст? Рустам посух медиҳад.

*Чаро разм ҷустӣ зи Исфандёр,*
*Ки ӯ ҳаст рӯйинтану номдор?*
*Бад-ӯ гуфт Рустам, ки: «Гар ӯ зи банд*
*Нагуфтӣ, нагаштӣ дили ман нажанд.*
*Маро куштан осонтар ояд зи нанг,*
*Агар бозмонам ба сахтӣ зи ҷанг».*

Симурғ маслиҳат медиҳад, ки ҷанг наҷӯяд бо Исфандёр, ӯро лоба кунад ва тану ҷони хеш фидо дорад ӯро. Агар пӯзишатро напазирад, он гоҳ чорае хоҳам сохт, ки туро ба хуршед сар барафрозам.

Рустам ба ҷанги Исфандёр бозгашт. Чу бишнид овозаш, Исфандёр ба Башутан гуфт, ки гумон набурдам, ки Рустаму Рахш меоянд. Дастони ҷодупараст ҷоду кардааст. Чун Исфандёр рӯйи Рустам бидид, хурӯшид ва гуфт, ки “номи ту бод аз ҷаҳон нопадид”.

*Фаромӯш кардӣ, ту сагзӣ, магар*
*Камону бари марди пархошгар?*
*Ту аз ҷодуи Зол гаштӣ дуруст*
*В-агарна канорат ҳаме дахма ҷуст.*
*Кунун рафтию ҷодуӣ сохтӣ,*
*Бад-ин сон суйи разми ман тохтӣ.*
*Бикӯбам-т аз он гуна имрӯз ёл,*
*К-аз ин пас набинад туро зинда Зол.*

Рустам ба Исфандёр хитоб мекунад, ки “эй сер ногашта аз корзор”:

*Битарс аз ҷаҳондор Яздони пок,*
*Хирадро макун бо дил андар магок.*
*Ман имрӯз не баҳри ҷанг омадам,*
*Пайи пӯзишу ному нанг омадам.*

Исфандёр Рустамро “нобакор” мехонад ва мегӯяд, аз роҳи Яздон ва фармони шоҳ баргардонидани ҳар касро Худованд намебахшад.

*Ҷуз аз разм ё банд чизе маҷӯй,*
*Чунин гуфтаниҳои хира магӯй.*

Лобаи Рустам ба кор наомад, ӯ натвонист Исфандёрро аз корзор баргардонад.

*Таҳамтан газ андар камон ронд зуд,*
*Бад-он сон, ки Симург фармуда буд.*
*Бизад рост бар чашми Исфандёр,*
*Сияҳ шуд ҷаҳон пеши он номдор.*
*Хам овард болои сарви саҳӣ,*
*Аз ӯ дур шуд донишу фарраҳӣ.*
*Нигун шуд сари шоҳи яздонпараст,*
*Бияфтод чочикамонаш зи даст.*
*Гирифташ фашу ёли аспи сиёҳ,*
*Зи хун лаъл шуд хоки овардгоҳ.*

Он вақт Рустам ба Исфандёр мегӯяд:

*Ту онӣ, ки гуфтӣ, ки рӯйинтанам,*
*Баланд осмон бар замин барзанам.*
*Ба як тир баргаштӣ аз корзор,*
*Бихуфтӣ бар ин бораи номдор.*
*Ҳам акнун ба хок-андар ояд сарат,*
*Бисӯзад дили меҳрубон модарат.*

Исфандёр чунин ба поён расидани сарнавишташро на аз Рустам, балки аз замона ва падараш Гуштосп медонад:

*Замона чунин буду буд он чи буд,*
*Надонад касе рози чархи кабуд.*
*На Рустам, на мургу на тиру камон*
*Ба разм аз тани ман бибурданд ҷон.*
*Ки ин кард Гуштосп бо ман чунин,*
*Бар ӯ барнахонам зи ҷон офарин.*
*Маро гуфт: Рав, Систонро бисӯз,*
*Нахоҳам, к-аз ин пас бувад Нимрӯз.*
*Бикӯшид то лашкару тоҷу ганҷ*
*Бад-ӯ монаду ман бимонам ба ранҷ.*

Исфандёр аз Рустам хоҳиш мекунад, ки писараш Баҳманро дар Зобулистон ороиши корзор, базму разму шикор, маю ромишу захми чавгону гӯй, бузургӣ ва ғ. биомӯзонад. Рустам ваъда дод, ки "сухан ҳар чӣ гуфтӣ, ба ҷой оварам".

*Нишонам-ш бар номвар тахти оҷ,*
*Ниҳам бар сараш-бар дилафрӯз тоҷ.*

Исфандёр аз Башутан хоҳиш мекунад, ки ба падараш паёми ӯро расонад, ки дар асл айбнома буд.

*Замона саросар ба коми ту гашт,*
*Ҳама муҳрҳо зери номи ту гашт.*
*Умедам на ин буд наздики ту,*
*Сазо ин буд аз ҷони торики ту.*
*Ҷаҳон рост кардам ба шамшеру дод,*
*Ҷаҳон пок гашт аз бади баднажод.*
*Ба Эрон чу дини беҳӣ рост гашт,*
*Бузургию шоҳӣ маро хост гашт.*
*Ба пеши сарон пандҳо додиям,*
*Ниҳонӣ ба куштан фиристодиям.*
*Кунун з-ин сухан ёфтӣ коми дил,*
*Биёрою биншин ба ороми дил...*
*Туро тахту сахтию кӯшиш маро,*
*Туро тоҷу тобуту пӯшиш маро.*

Вақте ки Башутан тобути Исфандёрро назди Гуштосп мебарад, бузургони Эрон ба Гуштосп хашм мегиранд ва ӯро гунаҳгори асосӣ мешуморанд.

*Бузургони Эрон гирифтанд хашм*
*В-аз озарми Гуштосп шустанд чашм.*
*Ба овоз гуфтанд, к: "- Эй шӯрбахт,*
*Чу Исфандёре ту аз баҳри тахт*
*Ба Зобул фиристӣ, ба куштан диҳӣ,*
*Худ андар ҷаҳон тоҷ бар сар ниҳӣ.*
*Саратро зи тоҷи шаҳон шарм бод,*
*Ба рафтан пайи ахтарат гарм бод!"*

Хоҳарони Исфандёр – Беҳофариду Ҳумой ба падарашон рӯйирост мегӯянд, ки бародарашонро на касе дигар, балки худи ӯ кушт.

*На Симург кушташ, на Рустам, на Зол,*
*Ту муштӣ мар ӯро, чу муштӣ, манол!*

Фирдавсӣ "Достони разми Исфандёр бо Рустам"-ро бо зикри он ба охир расонидааст, ки Гуштосп ба наберааш Баҳман - писари Исфандёр, ки парваришашро Рустам ба уҳда гирифта буд, нома менависад ва ба наздаш даъват мекунад. Аз шод гаштани Рустам аз ин кор чунин маънӣ бармеояд, ки Гуштосп тоҷу тахту кулоҳи шоҳиро ба Баҳман хоҳад супурд ва он чиро, ки ба падараш Исфандёр – "шоҳи беёру ҷуфт" надода буд, ба писараш хоҳад дод.

Шоир бо баёни разми Исфандёр бо Рустам паёме медиҳад, ки ҷоҳталабӣ ва ҷангхоҳӣ оқибат марг ба бор меоварад.

Исфандёри ҷавону тавоно ва дар паҳлавонӣ ва зӯри бозӯ бемислу монандро маҳз ҷоҳталабӣ ба ҷангхоҳӣ бо Рустам водор мекунад ва оқибат ба марг мерасонад. Исфандёр маҳз ба хотири расидан ба тоҷу тахти шоҳӣ фармонҳои гуногуни падарашро иҷро мекунад. Вай агарчи ҳамеша такрор мекард, ки маҳз ба хотири иҷрои фармонҳои шоҳ ин корҳоро кардааст ва карданист, дар асл, тавре ки баъдан ошкор мешавад, онҳоро маҳз барои расидан ба тоҷу тахти шоҳӣ анҷом медодааст. Оқибат ӯ, модараш, хоҳаронаш ва бузургони Эрон мефаҳманд, ки Гуштосп маҳз ба-

рои он ки Исфандёр ҷӯёи гоҳи шаҳрёрӣ нашавад, ӯро ба гирди ҷаҳон бо ҳар баҳонае мефиристод.

Гуштосп падарест, ки барои ӯ тоҷу тахт болотар аз меҳри фарзанд, зану духтар ва наздиконаш мебошад ва тайёр аст, ки ҳамаро дар ин роҳ қурбон намояд, ба дами марг фиристад, чунонки Исфандёрро фиристод.

Дар "Достони разми Исфандёр бо Рустам" паҳлуи дигари чеҳраи Рустам ошкор гардидааст. Дар ин ҷо Рустам, ҷаҳонпаҳлавони беназири эронӣ, ки пушту паноҳи ягонаи шоҳони Эрон ва мардумони ин кишвар мебошад, ҳамчун пири ботадбири рӯзгордидаву ҷаҳондида ва муқобили ҳама гуна кинаву хашм, бадӣ, номардумӣ, ҷанг намудор мешавад. Ӯ, вақте ки Исфандёр бо фармони шоҳ Гуштосп барои банд кардан ва бурданаш меояд, борҳо такрор ба такрор бо истифода аз роҳу воситаҳои гуногун мехоҳад бифаҳмонад, ки ин кори ношуданӣ ва аз рӯйи хирад нест. Рустам ба Исфандёр роҳи оштию дӯстӣ, ёрию бародархондагиро пешниҳод мекунад, ба меҳмонӣ ва базм даъват менамояд. Афсӯс, ки Исфандёри ҷоҳталаб ин ҳамаро рад мекунад ва роҳи ҷангро пеш мегирад.

Рустам, бо вуҷуди он ки Исфандёр рӯйинтан буд ва бар танаш тир кора намекард, ӯро бо чораву тадбир мағлуб месозад. Фирдавсӣ бо ин таъкид намудааст, ки хираду тадбир оқибат бар зӯру ҳила, ростӣ бар дурӯғ, некӣ бар бадӣ, оштӣ бар ҷанг, дӯстӣ бар душманӣ, мардумӣ бар номардумӣ пирӯз хоҳад шуд. Марги Исфандёр ва ноком монданаш аз тахту тоҷ, ба пирӯзӣ расидани Рустами пир ва маҷрӯҳ, ошкор гардидани найранг ва гуноҳҳои Гуштосп ва умеди ба тахт нишондани наберааш Баҳман – писари Исфандёр исботи он мебошад.

## ҲУНАРИ ШОИРИИ ФИРДАВСӢ

"Шоҳнома" намунаи барҷастаи адабиёти бадеии асрҳои миёна мебошад ва мувофиқи қонунмандиҳои офаринишии ин давра суруда шудааст. Яке аз он қонунмандиҳои маълум дар адабиёти асрҳои миёна гароиши фавқулода ба риояти қолаб буд.

Қолабгароӣ дар "Шоҳнома" аз оғоз то анҷоми он зуҳури тамом дорад, аз он ҷумла дар риояти бахшҳои суннатии "Ҳамд", "Наът", "Мадҳ" ва "Дар сабаби назм", дар маснависароӣ, дар баёни ҳамгуни оини шоҳӣ ("оини тахту кулоҳ"): мароси-

ми бартахтнишастанҳои шоҳон, тоҷгузориҳои онон, озмуну ҳунарнамуданҳои онҳо ва паҳлавононашон дар чустучолокӣ, зӯрозмоиҳо ва дар салоҳияти ақлонию рӯҳонӣ, маросими пазироӣ ва гусели ояндагон ба наздашон, дар оростани хон, тартиби маҷлисҳои маю базм, дар доду диҳиш, дар иншои нома ва фиристодани фиристодаҳо ("расулон"), дар оростани лашкар ва одоби ҷанг, дар шарҳи ҳолатҳои гуногуни рӯҳонии шахсиятҳои адабӣ, аз қабили ғам, хорию зорӣ, ночорию дармондагӣ, хушию мастӣ, дар корбурди санъатҳои бадеӣ ( монанди ташбеҳу муболиға ва ғ.), қофия, маънию мазмунҳои шоирона ва ғ. Чунончи ҳам шоҳон ва ҳам паҳлавонон ва ҳам шахсиятҳои дигари "Шоҳнома" ғолибан, қабл аз он ки ба коре даст зананд, ба таври ҳатмӣ рӯ ба "бихрадону мубадону ситорашиносон" меоранд, фол мебинанд, аз сарнавишти баъдиашон огоҳ мешаванд ва сипас огоҳона амал мекунанд. Ё ин ки чун қоида ба Худо ниёиш менамоянд, то ки тавфиқ биёбанд дар корҳояшон. Дар "Шоҳнома" табдили шабу рӯз, дамиданҳои хуршед, зикри ададҳои ҳафту ҳашт ва сею чор низ дар доираи қолаб сурат мегирад.

Риояти қолаб дар мавридҳое, ки зикрашон рафт, иборат аз он аст, ки шоир дар ҳамаи ин мавридҳо, сарфи назар аз он ки чанд бор такрор хоҳанд шуд, моҳиятан як хел ва аз рӯйи як қолаб сухан мекунад. Барои мисол, ҳар боре, ки Фирдавсиро зарурати тасвири корзор пеш меояд, аввал суханро аз оростани лашкар дар паҳндаште ё ҳомуне шурӯъ менамояд. Ва аз танзим намудани талоя (гурӯҳи пешрав, иктишофӣ), чапу рост (майсараву маймана) ва қалб (миёна, марказ)-и лашкар ва мушаххас сохтани сарони онҳо маълумот медиҳад. Ҳамон тавре ки худи шоир гуфтааст:

*Чапу росту қалбу ҷаноҳи сипоҳ,*
*Чу боист лашкар, биёрост шоҳ.*

Ҷанг мувофиқи қолаби маъмул дар "Шоҳнома" аз бархӯрди қисми талояи ду лашкар ва задани карной ғолибан миёни ду паҳлавон ва гоҳе ҳам байни ду шоҳ ё шоҳзодае сурат мегирад ва то мағлуб шудани яке аз тарафҳо давом меёбад. Вақти ин ҷангҳо аз дамидани субҳ ("чоки рӯзи сапед") то фаро расидани торикӣ, яъне, шаб муқаррар шудааст. Баъди бархӯрди тарафҳои даргир ва муайян гардидани он, ки кадоме аз паҳлавонон ё шоҳу

шоҳзодагон майдондарой хоҳанд кард, онҳо дар размгоҳ рӯ ба рӯйи ҳам меоянд ва одатан корро аз “мунокишоти лафзӣ” ё ба таъбири дигар аз “суханҷанг” сар мекунанд. Ва танҳо баъд аз ин ҳама ва разми паҳлавонон ё шоҳону шоҳзодагон ҷанги тан ба тани лашкариён оғоз мегардад.

Қолабгарой, ки ҳосили ниҳоии он такрор аст, дар адабиёти муосир ҳусн нест, қубҳ аст. Аммо дар асрҳои миёна риояти қолаб ҳусн буд, на қубҳ. Барои ҳамин асари бадеӣ ҳар чи бештар суннатӣ мебуд, ба ҳамон андоза мақбултар ба шумор мерафт. Такрор ба такрор дар тӯли қарнҳои зиёд достони ишқи Лайлию Маҷнун, Юсуфу Зулайхо, Ширину Хусрав, Вомиқу Азро, қиссаи Искандари Мақдунӣ, Баҳроми Чӯбина гуфтанҳо, аз шахсиятҳои шиносу маълуме, мисли Бузургмеҳри Ҳаким, Луқмони Ҳаким, Нӯшервони одил, Хизри фаррухпай ёдкарданҳо, шоҳномахониҳо, тазмину татаббӯъ намуданҳои Фирдавсию Низомӣ ва дигарон ҳамин маъниро дошт.

Барои хонандаи асрҳои миёна мавзӯъ ва мазмуни ошно, ҳикояту ривояти ошно, шахсиятҳои ошно, вазну қофияи ошно, сабки ошно воситаи боэътимоди шинохти адиби нав ва асари нави ӯ ба шумор мерафт.

Тозагӣ, ибтикору ихтирои адабӣ дар адабиёти асрҳои миёна, қабл аз ҳама, дар таъбиру таъвили нави он мавзӯъ ва муҳтавои ба ҳама маълум, тобиши нави вазну қофияҳои ошно, сабки ошно, маъниву мазмунҳои маълум аз тарафи адиби баъдина, дар иловаи ҷузъиёти нав, дар назари тозаи ӯ, дар ҳадафу паёми вай иборат буд.

Тозагии “Шоҳнома” ҳам дар ҳадафу паёмҳои Фирдавсӣ, дар тафсир, дар назари ӯ, дар пуштибонии вай аз некӣ, покӣ, ростӣ, дод, меҳр, мардумӣ, дин, фарри эздӣ, фарри кайӣ, хирад, дониш ва ҳунар бар зидди бадӣ, нопокӣ, норостию кажжӣ, бедодӣ, кин, номардумӣ, бединӣ, ҷодуӣ, аҳриманӣ, бехирадӣ, бедонишӣ ва беҳунарӣ, дар нияти пок намудани ҷаҳон аз бадиҳо ба рой, равону тани одамӣ аз тирагиҳову олудагиҳо, полудану ситондани гетӣ аз нобихрадон, ба дин оварондани дили кинаварон, пеш гирифтани раҳи эздӣ ва печидан аз роҳи бад, дар азми қавии зинда кардани Аҷам, дар ҳимояти Эронзамину саодати ҷовидонаи ӯ буд.

## ШУҲРАТИ ҶАҲОНИИ “ШОҲНОМА”

Пайравӣ ба “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ дар даврони шоир оғоз гардида, то садаҳои охир давом ёфтааст. Аз маснавиҳое, ки дар пайравии ҳамосаи шоири бузург эҷод гардидаанд, бобарортаринашон “Гаршоспнома”-и Асадии Тӯсӣ мебошад.

Низомии Ганҷавӣ, гӯяндаи “Хамса”-и номӣ, агарчи қасди дар пайравии “Шоҳнома” асар навиштанро надошт, онро аз сарчашмаҳои асосии маснавии худ “Искандарнома” медонад.

Нахустин тарҷумаи “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ба забонҳои дигар дар асри XIII ба забони арабӣ буд, ки онро Бундории Исфаҳонӣ анҷом додааст. Пас аз он ин маснавӣ дар асри XV ба забони туркӣ, дар асри XVI ба забони гурҷӣ, дар асри XVIII ба забонҳои фаронсавӣ ва англисӣ ва дар асрҳои XIX ва XX ба забонҳои олмонӣ ва русӣ баргардон шудааст. Ҳоло пора ва достонҳои ҷудогонаи “Шоҳнома” ба аксари забонҳои мардуми дунё тарҷума шудаанд.

Дар пайравӣ ва бо илҳом гирифтан аз достонҳои “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ дар адабиёти Шарқ ва Ғарб шеъру достонҳои зиёде ба вуҷуд омадаанд, монанди достони адиби англис Матео Арнолд (а.XIX) бо номи “Рустам ва Суҳроб”, афсонаи русии “Достони Еруслан Лазаревич”, яъне, достони Рустами Золи Зар ва ғ.

Ба “Шоҳнома” ва шахсияти фавқулодаи гӯяндаи он бузургтарин адибон ва андешамандони дунё, монанди Иоҳан Волфҳанг Гёте, Ҳенрих Ҳейне, Виктор Ҳуго, Байрон, А.Пушкин, В. Жуковский, М. Лермонтов, С. Есенин ва дигарон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудаанд.”Шоҳнома” аниси кунҷи танҳоӣ барои нависанда ва мутафаккири барҷастаи рус Н.Чернишевский дар зиндонҳои Сибир будааст. Шоир ва мунаққиди номии фаронсавӣ Сент Беёв (а.XIX) аз Фирдавсӣ дар қатори саромадони адабиёти ҷаҳон, аз қабили Ҳомер, Верҷилий, Овидий, Тассо ва Данте ном гирифта, нақши бузурги ӯро дар равнақи адабиёти умумиҷаҳонӣ эътироф намудааст.

Бечиз нест, ки дар гузашта ва имрӯз “Шоҳнома”-ро бо ҳамосаҳои маъруфи ҷаҳон, чун “Моҳобҳорото” ва “Ромоёно” дар адабиёти ҳиндӣ, “Илиёдо” ва “Удисӣ” дар адабиёти юнонӣ, “Анйид” дар адабиёти румӣ, “Мазҳакаи илоҳӣ”-и Данте ва ғ. санҷидаанд. Бартарии “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ аз асарҳои мазкур

дар он аст, ки агар дар онҳо ҳодисаҳои маҳаллӣ ва таассуботи қавмию гурӯҳӣ ва интиқомҷӯйиҳои шахсӣ баён гардида бошад, дар он ҳамосаи инсон ва тамаддуни башарӣ мебошад.

## ПУРСИШ ВА СУПОРИШ

1. Абулқосими Фирдавсиро чаро деҳқонзода меноманд?
2. Таърихи навиштан ва таҳрирҳои гуногуни “Шоҳнома”-ро баён кунед.
3. Чаро Фирдавсӣ умед ба султон Маҳмуд баст?
4. “Шоҳнома” аз рӯйи муҳтаво ба чанд бахш тақсим мешавад?
5. Маводи намоишии достонҳои "Шоҳнома"-и Абулқосими Фирдавсиро омода бикунед.
6. Муҳтавои “Достони Суҳроб”-ро мухтасар нақл кунед.
7. Чаро падару писар ҳамдигарро нашинохтанд?
8. Паёми аслии “Достони Суҳроб” чист? Дар мавзӯи "Достони Суҳроб" иншо нависед.
9. Феҳристи шахсиятҳои адабии "Достони Суҳроб"-ро тартиб диҳед ва онҳоро ба таври мухтасар тавсиф намоед.
10. Дар мавзӯи "Низои Шоир ва Шоҳ" гузориш нависед.
11. Порчаҳои шеърии "Зи ҳар гуна будам туро раҳнамой" ва "Бизад чангу бидрид пероҳанаш"-ро аз бар намоед ва қироат бикунед, вазн ва қофияи онҳоро муайян бисозед.
12. Фасли “Достони разми Исфандёр бо Рустам”-ро бо диққат хонда нақл кунед ва иншо нависед.
13. Чеҳраи Рустам ва Исфандиёрро муқоиса намоед ва таассуроти худро нависед.
14. Пораи шеърии "Надидаст кас банд дар пойи ман"-ро аз бар кунед ва қироат намоед, ба вазн ва қофияҳои он диққат диҳед.
15. Ҳунари шоирии Фирдавсӣ дар чӣ намудор аст?
16. Дар бораи пайравиҳо ба “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ва тарҷумаи он дар Шарқу Ғарб чиро медонед? Маводи намоишӣ омода бисозед.

## ТЕСТҲО

1. Чаро Фирдавсӣ умед ба султон Маҳмуд баст?
   а) Подшоҳи замон буд.
   б) Шоирро мешинохт.
   в) Шеърфаҳм буд.
   г) Аз баркашидагони подшоҳони сомонӣ буда, худро аз ҳаводорони суннатҳову фарҳанги эронӣ вонамуд мекард.

2. Чаро Рустам ва Суҳроб ҳамдигарро нашинохтанд?

а) Надида буданд.
б) Афросиёб ва сипаҳбадонаш чора андешиданд.
в) Таҳмина халал расонд.
г) Рустам аз зода шудани Суҳроб бехабар буд.

3. Паёми аслии “Достони Суҳроб” чист?

а) Падар набояд писарро бикушад.
б) Писар набояд бо падар ба ҷанг дарояд.

в) Набарди неруҳои некӣ бо бадӣ, меҳр бо кин, оштӣ бо ҷанг, хирад бо ҷаҳл, мубориза барои тоҷу тахт абадист ва онҳо бо ҳам созиш нахоҳанд кард.
г) Поёни ҳама гуна хусумату душманӣ ва ҷанг нохушӣ ва фоҷиа аст.

4. Сабаби нокомии Исфандёри рӯинтан дар разм бо Рустам дар чист?

а) Ҷоҳталабӣ.
б) Ҷангҷӯйӣ.
в) Нотавонӣ.
г) Кибр.

5. Нахустин тарҷумаи “Шоҳнома” ба забонҳои хориҷӣ ба кадом забон буд?

а) Дарӣ.
б) Арабӣ.
в) Англисӣ.
г) Олмонӣ.

## АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

**(16 – 17 августи 980 – 24 июни 1037)**



Абӯалӣ ибни Сино яке аз абармардони илмҳои ҳикмат, мантиқ, илоҳиёт, табииёт, риёзиёт, тиб, ҳайат, забон, улуми адабӣ ва фанни шеър на танҳо дар Шарқ, балки дар Ғарб мебошад. Ин гуна касони фавқулодаро дар Машриқзамин «нобиға» ва дар кишварҳои ғарбӣ «гений» мегуфтанд. Дар феҳристи китобҳои ӯ, ки онро шогирди бовафояш Абӯубайди Ҷузҷонӣ тартиб додааст ва ҳамроҳаш солҳои дароз то вопасин нафасҳояш буд, яксаду чиҳилу ҳашт номгӯй омадааст, ки бисёре аз онҳо ҳар як аз ду то бист-бисту як ҷилд иборат мебошад. Китоби машҳури ӯ дар илми тиб «Ал-Қонун фӣ-т- тиб» дар Италия аз тарафи Ҳерарди Кремонӣ дар соли 1180 ба забони лотинӣ тарҷума шуда, дувумин асарест, ки пас аз китоби муқаддаси яҳудиён «Таврот» ба табъ расида буд ва то асри XVIII дар донишгоҳҳои ғарбӣ ҳамчун китоби дарсӣ таълим дода мешуд.

Имом Ғазолӣ (охири а. XI ва ибтидои а. XII) бо вуҷуди ихтилофи назаре, ки бо Ибни Сино дошт, мардонавор тан додааст, ки «ва ҳар киро муҷаллади (ҷилди) аввали «Қонун» маълум бошад, аз усули илми тиб ва куллиёти ӯ ҳеч бар ӯ пӯшида намонад, зеро ки агар Буқрот (Ҳиппократ) ва Ҷолинус (Ҳален) зинда шаванд, раво бувад, ки пеши ин китоб саҷда кунанд».

Ибни Сино дар Ғарб бо номи «Авитсена» маъруф аст. Ӯ аз ҷумлаи он донишмандони беназири шарқиест, ки дар рушд ва такомули андешаи илмии ғарбӣ нақши муассири бевосита дорад. Таъсири бобаракати таълимоти фалсафаи Ибни Сино дар такомули ҷаҳонбинии андешамандони бузурги ғарбӣ, монанди Роҷерс Бэкон, Сигери Брабантии Гундиславӣ, Петри Испанӣ, Ҳинонами (Вилҳелми) Овернӣ, Моисей Маймонид, Уилям Оккам, Дунс Скотт, Фома Аквинский, Спиноза, Данте ва дигарон ба исбот расидааст. Дар асри X дар шаҳри Шартри Фаронса мактаби фалсафие мавҷуд будааст, ки дар он аз ҷумла таълимоти Ибни Синоро ташвиқ ва тарғиб менамуданд. Дар донишгоҳи Порис бо сардории Сигери Брабантӣ ҳавзаи илмие ба вуҷуд омада будааст,

ки асарҳои Ибни Синоро ба лотинӣ бармегардонданд. Ба ивази ду китоби Абӯалӣ ибни Сино ва як китоби Ҳален, ки дар китобхонаи яке аз кардиналҳои дарбори папаи Рим будааст, чунон пули калон додаанд, ки эҳтиёҷи касалхонаи шаҳри Монполеро (Фаронса) таъмин намудаанд. Шуҳрати Ибни Сино дар Аврупо ба дараҷае буд, ки рассоми бузурги Давраи Эҳё Микеланҷело эътироф намудааст, ки «Ҳален ва Авитсенаро тарафдорӣ карда, хато намудан беҳтар аст аз он ки дигаронро дастгирӣ карда ҳақ бошӣ».

Данте - шоири машҳури итолиёӣ дар «Мазҳакаи илоҳӣ» Ибни Синоро дар қатори Суқрот, Афлотун, Арасту, Зенун, Уқлидус, Буқрот, Ҷолинус, Ибни Рушд ва чанде дигар аз доноён, Ҷосер дар «Ҳикояҳои Кентербери», Лопе де Вега дар мазҳакаҳояш ном бурдааст.

Шиносоӣ бо «Рисолаи саргузашт», ки зиндагиномаи боэътимодтарини Ибни Сино мебошад ва аз забони худи ӯ онро шогирдаш Абӯубайди Ҷузҷонӣ ҳамроҳ бо мушоҳидаҳои бевоситааш навиштааст, сарчашмаҳои тавоноии беназири ӯро дар илмҳои гуногун муайян месозад.

Бино бар гуфтаи худи Ибни Сино, падараш марде буд аз аҳли Балх, ки дар рӯзгори Нӯҳ ибни Мансур аз он ҷо ба Бухоро омад ва дар яке аз деҳаҳои бузурги он Хармайсон (ҳоло Рометан) бо корҳои девон машғул шудааст ва аз деҳаи Афшана, ки дар наздикии он буд, модарашро ба занӣ гирифтааст. Ибни Сино ва бародараш дар ҳамин деҳа ба дунё омадаанд. Онҳо баъдан аз он ҷо ба Афшана ва аз он ҷо ба шаҳри Бухоро кӯчидаанд ва Ибни Синоро назди муаллими Қуръон ва адаб гузоштаанд ва ӯ дар даҳсолагиаш Қуръон ва бисёре аз илмҳои адабиро ба таври шигифтовар аз бар карда будааст. Ибни Сино ҳамчунин аз омӯхтани илмҳои ҳисоби ҳиндӣ аз марде, ки сабзавот мефурӯхт, фиқҳ аз Исмоили Зоҳид, фалсафа аз Абӯабдуллоҳи Нотилӣ нақл намудааст. Ибни Сино дар назди Нотилӣ, ки падараш ӯро дар ҳавлиашон ҷой дода буд, ба хондани китоби «Исоғуҷӣ» (Исагоге)-и файласуфи Юнони Қадим Порфирий Тир (232-304) доир ба мантиқ оғоз кардааст.

Ҳар масъалаеро, ки муаллим ба ӯ зикр мекардааст, аз ӯ беҳтар тасаввур менамудааст ва ҷавобҳое медодааст, ки муаллимаш монандашро нашунида буд ва аз шогирди худ бисёр дар шигифт мешудааст.

Ҳамин тавр, Ибни Сино аз рӯйи гуфтааш, чизҳои зоҳирии

мантиқро назди Абӯабдуллоҳи Нотилӣ, ки даъвогари фалсафа буд, хондааст, вале нозукиҳои онро мустақилона бо хондани китобҳо ва шарҳҳо аз худ карда, дар мантиқ тавоно шудааст. Чунончи, ӯ омӯхтани китоби Уқлидус (Эвклид), олим ва риёзидони Юнони Қадимро (а. 111 то мелодӣ) дар назди муаллим оғоз намуда, сипас ҳалли бақияи китобро ба уҳдаи худ гирифтааст. Вақте ки ба омӯзиши китоби «Ал-Маҷистӣ» («Ал-Магестум»)-и риёзидон, ситорашинос ва ҷуғрофидони Юнони Қадим Клавдий Птоломей доир ба ҳайат гузаштааст ва аз муқаддамоти он фориғ шудааст, муаллимаш ба ӯ гуфтааст, ки «худат ба хондан ва ҳалли онҳо бипардоз ва сипас чизи хондаатро аз пеши ман гузарон, то дуруст ва нодурусти он ошкор созам». Ибни Сино ҳамин тавр кардааст. Вале аз сабаби он ки худи муаллимаш дар дарки ин китоб устувор набудааст, вай худ ба ҳалли масъалаҳои он шурӯъ кардааст ва дар ин кор ба дараҷае пеш рафтааст, ки ба муаллимаш чандин шакли душвореро аз ин китоб нишон додааст ва фаҳмонидааст. Пас аз ба Гурганҷ (ҳоло Урганҷ) рафтани Абӯабдуллоҳи Нотилӣ Ибни Сино ба омӯхтани китобҳои «Фусус-ул-ҳикам»-и Абӯнасри Форобӣ ва шарҳҳои табииёту илоҳиёти Афлотун ва Арасту машғул шудааст.

Сипас Ибни Сино ба илми тиб рағбат кардааст ва ба хондани китобҳои тиббӣ рӯ овардааст ва дар андак муддат дар он ба дараҷае забардаст шудааст, ки донишмандони тиб илми тибро назди ӯ ба хондан оғоз кардаанд ва парастории беморонро низ ба уҳда гирифтааст. Дар ин ҳангом Ибни Сино ҳамагӣ шонздаҳсола будааст.

Дар ҷавонӣ дар омӯзиши илмҳои гуногун ба ин пояҳои баланд расиданашро Ибни Сино дар «Рисолаи саргузашт» равшан баён намудааст. Ӯ гуфтааст, ки дар ин муддат шабе пурра нахуфтааст ва рӯзона низ ба ҷуз омӯхтани илм ба кори дигаре машғул намешудааст. Ҳар гоҳ хоб бар вай ғалаба мекардааст ва ё сустӣ ҳис менамудааст, каме дам мегирифтааст, то неруяш барқарор гардад ва боз ба хондан машғул мешудааст. Ҳар гоҳ ӯро пинак мебурдааст, он масъаларо дар хоб айнан медидааст ва дар хоб паҳлуҳои бисёр масъалаҳо бар ӯ ошкор мегардидаанд.

Боре Ибни Сино китоби Арасту «Мо баъд-ут-табиа» («Он чи баъди табиат аст»)-ро чиҳил бор такроран хондааст ва онро азбар кардааст, валекин китоб ва мақсади муаллифи онро дуруст

нафаҳмидааст ва навмед шудааст, ки «ин китобро ба ҳеч роҳ фаҳмида намешавад». Рӯзе аз рӯзҳо ҳангоми аср дар миёни онҳое ҳозир будааст, ки китобҳоро саҳифабандӣ мекарданд ва даллоле дар даст як ҷилд китобе нидо мекард. Даллол онро ба Ибни Сино намудааст ва ӯ онро ба сахтӣ рад кардааст, зеро бовар доштааст, ки дар ин илм суде нест. Даллол такроран ба ӯ хариданашро исрор намудааст ва гуфтааст, ки «инро аз ман бихар! Ба ту арзон мефурӯшам, ба се дирҳам. Соҳибаш ба баҳои он муҳтоҷ аст. Ибни Сино онро харидааст ва он китоби Абӯнасри Форобӣ « Фӣ ағрози (дар баёни) китоби «Мо баъд-ут-табиа» будааст. Ибни Сино ба хона баргашта, онро бошитоб хондааст ва дарҳол ғаразҳои он китоб барояш кушода шудааст. Аз он шод шуда, рӯзи дигар барои сипосгузорӣ аз Худой ба бечорагон чизи бисёре садақа кардааст.

Ҳамин заҳмати шабонарӯзӣ ва пайгирӣ ва ҷустуҷӯи ҳамешагӣ дар роҳи илму дониш буд, ки барои Ибни Сино дар ҷавонӣ ҳама чиз ошкор гардид. Ба дараҷае, ки ҳар китоб ё навиштаҷоте, ки ба он менигаристааст, муқаддимаҳои қиёсаш (муҳокимаронииҳои мантиқӣ, силлогизмҳояш) барояш маълум мешудааст ва онҳоро дар зимни чизҳои ошкор ба тартиб медаровардааст. Баъд дар онҳо назар мекардааст, ки шояд натиҷа диҳанд ва ба шартҳои муқаддимаҳои он риоя мекардааст, то ки ҳақиқати он масъала ӯро ошкор мегардидааст.

Ибни Сино навиштааст, ки «дере нагузашта ман дар ҳамаи илмҳо тавоно шудам ва ба андозаи қудрати инсонӣ аз онҳо огаҳӣ доштам».

Ҷузҷонӣ нақл кардааст, ки: «Рӯзе Шайх дар ҳуҷраи амир Алоуддавла нишаста буд ва Абӯмансури Ҷаббон – луғатшинос ва забондон ҳам ҳузур дошт. Дар забон масъалае пеш омад, ки Шайх ҳар чӣ ёдаш омад, дар ин бора гуфт Абӯмансури Ҷаббон ба ӯ рӯ оварда гуфт: «Дарвоқеъ, ту файласуф ва ҳаким ҳастӣ, вале дар забон ту чизе нахондаӣ, ки боиси қабули каломи ту бошад».

Шайх аз ин сухан ба қаҳр омада, ба омӯхтани китобҳои луғат машғул шуд ва дар забон бар пояе расид, ки мисли он кам иттифоқ меафтад. Ӯ се қасида иншо карда, дар зимни онҳо лафзҳои дар луғат камёфтро ба кор бурд ва се китоб навишт: яке ба равиши Ибни Амид, дигаре ба равиши Соҳиб ва севум ба равиши Собӣ. Фармуд, ки онҳоро дар муқоваҳои кухнаи қадимнамо ҷилд кунанд. Ва амир маслиҳат дод, ки ин ҷилдҳоро ба Абӯмансури

Ҷаббон бинамояд ва бигӯяд, ки онҳоро ҳангоми шикор аз саҳро ёфтем. Ту онҳоро бубину ба мо бигӯ, ки дар онҳо чист? Абӯмансур пай мебарад, ки рисола аз таснифоти Шайх аст ва ҷавоб ба он ҳамлаест, ки он рӯз бар зидди вай карда буд. Пас, пушаймон шуд ва бахшиш пурсид.

Ибни Сино дар луғат китобе навишта, онро « Лисон-ул-адаб» ном ниҳод, ки мисли он дар ин фан тасниф нашудааст.

Таъкиди донишманд дар бораи он ки ҳар чӣ дар ҳангоми ҷавонӣ омӯхтааст, «ҳамон аст, ки ҳанӯз медонам ва то имрӯз бар он чизе наафзудааст», бисёр муҳим мебошад ва ба мо сабақ медиҳад, ки илму донише, ки дар ҷавонӣ омӯхта мешавад, ҳаргиз фаромӯш намешавад.

Ибни Синои ҷавон аз бисёр хондан дар миёни пизишкони дарбори Нӯҳ ибни Мансур машҳур будааст, бинобар ин вақте ки подшоҳи Бухороро бемории пеш меояд ва онҳо дар илоҷи он оҷиз мемонанд, ӯро ба дарбор даъват мекунанд. Ибни Сино дар муолиҷаи амири Сомонӣ ба пизишкон ҳамкорӣ менамояд ва ба ҳамин восита ба хидмати вай номзад мешавад. Рӯзе аз амир иҷозат пурсида, ба китобхонааш роҳ меёбад ва ба омӯхтани китобҳои тиб мепардозад. Мувофиқи гуфтаҳои Ибни Сино, китобхонаи амир хонаҳои бисёре дошта, дар ҳар хонае сандуқҳои китоб болои ҳам чида шуда буданд. Дар як хона китобҳои илмҳои арабӣ ва шеър (улуми адабӣ), дар дигараш китобҳои фиқҳ ва ҳамин тавр, дар ҳар хонае китобҳои як илме ҷой дошт. Китобхонаи амир феҳристи китобҳои пешиниёнро низ доштааст ва Ибни Сино аз рӯйи он он чиро, ки ба он ниёз доштааст, ёфтааст. Ӯ таъкид намудааст, ки дар он ҷо китобҳоеро дидааст, ки бисёр касон ҳатто номашонро нашунидаанд. Ибни Сино гуфтааст: «Ман онҳоро на пеш аз ин ва на баъди ин надидаам. Он китобҳоро хонда судҳо бурдам ва андозаи дониши ҳар мардро шинохтам».

Ҷузҷонӣ шаҳодат медиҳад, ки : «Боре надидам, ки агар китоби наве ба дасташ афтад, онро аз як сар мутолиа кунад, балки ҷойҳои душвору масъалаҳои мушкили онро кофта медид, ки муаллифи он дар ин бора чӣ гуфтааст ва бо ҳамин мартабаи ӯро дар илму дараҷаашро дар фаҳм маълум мекард».

Ибни Сино дар ҳаждаҳсолагӣ аз омӯхтани ҳамаи илмҳои замонааш фориғ шудааст ва хеле зуд ба таълифи китобу рисолаҳои илмӣ оғоз намудааст. Нахустин китоберо, ки ӯ бо хоҳиши

ҳамсояаш Абӯҳасани Арӯзӣ навиштааст, «Ал-Маҷмӯъ» буд ва ба номи вай «Ал-Арӯзия» ном ниҳодааст. Ин китоб дар илми риёзӣ ва илмҳои дигар будааст. Дар он ҳангом муаллиф бисту як сол дошт. Бо хоҳиши ҳамсояи дигараш, ки ӯро Абӯбакри Барақӣ мегуфтанд ва зодаи Хоразм буда, дар илмҳои фиқҳ, тафсир ва зуҳд ягона будааст, китоби «Ал-Ҳосил ва-л-маҳсул»-ро дар ахлоқ тасниф намудааст. Барои ин марди доносиришт ин ду китоби Ибни Сино чунон арзишманд буданд, ки онҳоро ба ҳеч касе орият намедодааст, ки нусха бардорад.

Баъди даргузашти падараш ҳоли Ибни Сино дигаргун шуда, баъзе корҳои идориро ба уҳда гирифта будааст. Бинобар зарурате аз Бухоро рахт баста, рӯ ба Гурганҷ овардааст ва бо шарофати вазири ҳокими Хоразм Абулҳусайни Суҳайлӣ, ки дӯстдори илм буд, ба назди амир Алӣ ибн Маъмуни Хоразмшоҳ (997-1000) меравад ва барояш моҳонае муқаррар намудаанд, ки кофӣ будааст.

Сипас оворагардию сарсониҳои Ибни Сино сар шудааст ва ӯ аз Фасо (Нисо) ба Бовард (Абевард) ва аз он ҷо ба Тӯс, Шаккон (деҳае дар Нишопур), Саманқон (Самангон), Ҷоҷарм (шаҳрест дар Хуросон) ва Ҷузҷон сафар кардааст. Тавре ки худаш мегӯяд, мақсадаш рафтан ба назди ҳокими Ҷурҷон Шамсулмаолӣ Қобус ибни Вушмгир будааст. Ибни Сино дар бораи аз Ҷурҷон ба Даҳистон (шаҳре дар Мозандарони Эрон) рафтанаш ва бозгашташ ба Ҷузҷон ва дар он ҷо сахт бемор шуданаш ва пайвастани Абӯубайди Ҷузҷонӣ ба вай ва гуфтани қасидаи арабие дар ҳасби ҳоли худ хабар додааст. Дар «Рисолаи саргузашт» як байт аз ин қасида иқтибос гардидааст:

*Бузург гаштаму майдон васеъ нест маро,*
*Фузуд қимати ман, муштарист нопайдо.*
*(Тарҷумаи С. Ҷавҳаризода)*

Бо иқтибоси байти боло он чи Ибни Сино дар «Рисолаи саргузашт» дар бораи худ ҳикоят карда буд, ба охир мерасад ва қисмате оғоз мегардад, ки шогирдаш Абӯубайди Ҷузҷонӣ ҳар чиро аз аҳволи устодаш мушоҳида намудааст, зикр кардааст. Аз ҷумла ӯ дар бораи он хабар додааст, ки дар Ҷурҷон Шайхурраис барои шогирдаш китоби «Ал-Мухтасар-ул-авсат»-ро дар мантиқ ва барои Абӯмуҳаммади Шерозӣ китоби «Ал-Мабдаъ ва-л-маод»

ва китоби «Ал-Ирсод-ул-куллия»-ро тасниф намудааст.

Бинобар навиштаи Абӯубайди Ҷузҷонӣ, ки бисту панҷ сол дар хидмат ва суҳбати ӯ будааст, сипас Ибни Сино аз Гургон ба Рай (шаҳрест дар наздикии Теҳрон) рафт ва ба хидмати ҳокимаи он ҷо Сайида ва писари ӯ Маҷдуддавла пайваст. Шайхурраис ба муолиҷаи Маҷдуддавла, ки дар табиаташ савдо (бемории рӯҳӣ, савдоӣ) ғалаба карда буд, пардохт.Дар он ҷо китоби «Ал- Маод»-ро тасниф кард.

Аз Рай бино ба пешомаде, ки рӯй дод, Ибни Сино воҷиб шуд ба Қазвин биравад ва аз он ҷо ба Ҳамадон биёяд ва ба хидмати яке аз амирони Шамсуддавла бипайвандад ва кори ӯро пеш гирад. Дар он ҷо бемории қулинҷи (бемории меъда ва рӯда) Шамсуддавларо дармон мебахшад ва баъди чиҳил шабонарӯз дар он ҷо иқомат кардан ва аз надимони амир шудан ба хонааш бармегардад. Аз ӯ хостаанд, ки вазоратро ба уҳда гирад, розӣ мешавад. Баъди он қиёми лашкариён бар зидди ӯ иттифоқ афтод, онҳо гирди хонаашро гирифтанд, ӯро ба ҳабс бурда, чизу чораашро ғорат карданд ва аз амир қатли ӯро хостор шуданд. Вале амир аз қатли вай худдорӣ карда, бо барканории ӯ аз корҳои давлатӣ қаноат намуд. Шайх Абӯсаъд ибни Даҳдук ном касе Ибни Синоро чиҳил рӯз пинҳон дошт. Шамсуддавла дубора ба бемории қулинҷ гирифтор гашт ва боз муҳтоҷи Шайхурраис гардида, ӯро даъват кард ва аз ӯ бахшиш пурсид ва кори вазоратро дубора ба ӯ баргардонд. Аммо баъди марги Шамсуддавла аз ҳамон бемории қулинҷ ва ба ҷойи ӯ ба тахт нишастани писараш ва напазируфтани Ибни Сино ба ҳайси вазир маҷбур мешавад, ки дар ҳавлии яке аз дӯстонаш Абӯғолиби Аттор пинҳонӣ зиндагӣ кунад ва дар ҳамон шароити номуносиб «Китоб-уш-шифо»-ро бо хоҳиши шогирдаш ба поён мерасонад. Бинобар фармудаи Абӯубайди Ҷузҷонӣ, ӯ аз Абӯғолиби Аттор коғазу даво хост, дар ин кор ду рӯз машғул шуда, масъалаҳои асосиро, бидуни китобе, ки пеши худ ниҳад ва асле, ки ба он муроҷиат кунад, аз ёд ва аз дил дар 20 ҷузъ бар ҳаштяк бо хати худ навишт ва баъд он ҷузвҳоро дар пеши худ ниҳода, коғазро гирифт ва дар ҳар масъалае нигариста, шарҳашро навишт. Шайхурраис ҳар рӯз 50 варақ менавишт, то ки тамоми илоҳиёту табииётро фароҳам овард ва ба навиштани мантиқ шурӯъ карда, аз он низ як ҷузъро ба охир расонидааст.

Сипас Тоҷулмулк яке аз амирони Шамсуддавла ва вазири пи-

сари ӯ Самоуддавла бо гумони он ки Ибни Сино пинҳонӣ бо Алоуддавла Кокавейҳ (1007-1041), ҳокими Исфаҳон, ки бо хоҳиши ӯ «Донишнома» навишта шудааст, мукотиба дорад, бо дахолати бархе душманонаш ӯро дар қалъаи Фардаҷон (дар Ҳамадон) ба муддати чаҳор моҳ банд мекунад. Дар ин ҷо китобҳои «Ал-Ҳидоя», рисолаи «Ҳай ибни Яқзон» ва «Ал-Қулинҷ»-ро тасниф кард. Пас аз раҳоӣ аз банд дар Ҳамадон дар ҳавлии Алавӣ ҷой гирифт ва ба тасnифи бахши мантиқи китоби «Аш-Шифо» пардохт.

Аз Ҳамадон ба Исфаҳон ҳамроҳи Абӯубайди Ҷузҷонӣ, бародараш ва ду ғуломе, ки бо ӯ буданд, пинҳонӣ дар ҷомаи сӯфиён берун рафт ва баъди сахтиҳои бисёри роҳ ба Табарон расид. Онҳоро дӯстони Шайх ва надимону аҳли хоссаи амири Исфаҳон Алоуддавла пешвоз гирифтанд ва иззату эҳтиром карданд, ки мисли ӯро муносиб аст.

Дар Исфаҳон китоби «Аш-Шифо», китоб дар илми мантиқ ва «Ал-Маҷистӣ»-ро ба охир расонид. «Уқлидус», «Арисмотиқӣ» ва «Мусиқӣ»-ро мухтасар кард.

Ибни Сино дар роҳ се китобро, аз ҷумла «Ан-Наҷот»-ро тасниф кардааст. Бо хоҳиши Алоуддавла китоби «Алоӣ»-ро дар расади (шинохти) ситораҳо тасниф кард.

Ибни Сино, ки дар амалия ва назарияи илми тиб ягонаи даврон буд ва ҳазорон ҳазор беморонро ба туфайли дониш ва таҷрибаи фаровонаш дармон бахшида, аз чанголи марг раҳонида буд, вақте ки ба бемории қулинҷ гирифтор шудааст, ба табобати худ оғоз мекунад ва барои зудтар шифо ёфтан то ҳашт бор худро ҳуқна ( як навъи махсуси муолиҷаи узвҳои дарунӣ) мекунад. Аз ин ҷо баъзе рӯдаҳояш захмӣ шуда, дар онҳо ҷароҳат пайдо шуда, ба саръ (бемории рӯҳӣ, эпилепсия) табдил ёфтааст. Бо вуҷуди он Шайхурраис барои дуруст кардани бақияи қулинҷ ва ҷароҳат худро ҳуқна мекунад. Рӯзе ӯ фармон додааст, ки ду донг (0,5гр) тухми карафс (сельдерей)-ро ба он чи ба ҳуқна рехта мешавад, илова кунад ва биёмезанд, то боди қулинҷ шикаста шавад. Яке аз пизишкон, ки ӯро табобат мекард, ба ҷойи он панҷ донг тухми карафсро рехтааст, ки аз тезии он тухмҳо ҷароҳат зиёдтар шудааст. Ибни Сино барои дафъи саръ масрузитус (маъҷун) истеъмол мекард. Яке аз ғуломонаш дар он афюни зиёде рехта, ба ӯ додааст. Ин корро Абӯубайди Ҷузҷонӣ «хиёнат» номидааст ва сабабашро гуфтааст, ки пизишк ва ғуломони хиёнаткор мехостанд ба хази-

наи Шайхурраис соҳиб шаванд, барои ҳамин ӯро ҳалок карданд, то оқибати корашонро бехатар созанд. Бар асари ин гуна «табобат» Ибни Сино аз нотавонӣ ба ҷое расида будааст, ки бархостан наметавонистааст. Дар ҳамин ҳолат ҳам ӯ худро муолиҷа мекардааст. Аммо ба сабаби парҳез накардан ҳар сари чанд вақт бемориаш авҷ менамудааст. Ҳангоми сафар аз Исфаҳон ба Ҳамадон дар роҳ бемориаш дубора авҷ гирифтааст ва ба гуфтаи Абӯубайди Ҷузҷонӣ, Сино баъди он донист, ки қувваааш заиф шудааст ва наметавонад, ки бемориро бартараф намояд, дар дармон кардани худ бепарво шудааст ва гуфтааст: «Чорасозе, ки чораи ман месохт, аз чорасозӣ фурӯ монд ва акнун дармон суде надорад». Ин суханони ӯ ба муҳтавои рубоии машҳураш комилан ҳамоҳанг мебошад.

*Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал*
*Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал,*
*Берун ҷастам зи қайди ҳар макру ҳиял,*
*Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал.*

Ибни Сино, ки парвардаи замони Сомонӣ ва муҳити илмию адабии он буд, баъди шикасти ин хонадони худӣ оворагардию озодиро афзалтар медонист нисбат ба он ки дар хидмати сулолаи туркони Қарохонӣ, Ғазнавӣ ва ғ. бошад. Барои ҳамин ҳам ба Хоразм ва шаҳрҳои дигаре рафт, ки амирону ҳокимонашон эронинажод буданд.

Ибни Сино ҳамагӣ панҷоҳу ҳашт сол дошт ва дар айни авҷи камолоти худ даргузашт.

Ҳаёти пурталотум, саргардониҳои зиёд, маҳрумиятҳо, дасисаҳои дарборӣ, таъқибу озор, зиндонигардиданҳо тандурустии ӯро хароб карда буданд.

## МЕРОСИ ИЛМӢ ВА АДАБИИ СИНО

Миқдори асарҳои Ибни Синоро пажӯҳишгарон аз 148 то 482-то гуфтаанд, ки ҳама арзишманд мебошанд. Муҳимтарини онҳо китобҳои «Ал-Қонун», «Китоб-уш-шифо», «Донишнома», «Китоби инсоф», «Ал-Ҳикмат-ул-машриқия», «Ан-Наҷот», «Ишорот ва танбеҳот» мебошанд.

Аксари таълифу таснифи илмии Ибни Сино ба забони арабӣ навишта шудаанд. Ӯ ба забони форсии тоҷикӣ бештар аз 30 рисо-

лаву китоб дар илмҳои гуногун офаридааст, ки муҳимтаринашон «Донишнома», «Рисолаи набз», «Рисолаи илми пешин ва барин», «Мантиқи форсӣ», «Ҳалли мушкилот- ул-маъния», «Рисолаи тамсилоти форсӣ» ва ғ. мебошанд.

Агар Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Абулқосими Фирдавсӣ ба гуфтани шеър ба забони порсии дарӣ тавоноии ин забонро дар офаридани асарҳои бадеӣ исбот намуда бошанд, Ибни Сино бо таълифи китобу рисолаҳо ба забони форсии тоҷикӣ қудрати ин забонро дар офаридани асарҳо дар риштаҳои гуногуни илм ба исбот расонид. Ӯро, барҳақ, бунёдгузори забони форсии тоҷикӣ ҳамчун забони илму дониш ва истилоҳоти илмии он меноманд.

Ибни Сино дар «Донишнома» ва асарҳои дигараш ба забони форсии тоҷикӣ як силсила истилоҳ ва мафҳумҳои навро вазъ кардааст. Вай ин корро бо се роҳ анҷом додааст:

1. Калимаву истилоҳоти муносибро аз забони зинда чида гирифта, онҳоро ба маънию мафҳумҳои илмӣ мувофиқ гардонидааст;

2. Мафҳуму истилоҳотро аз забони арабӣ ба форсии тоҷикӣ баргардонидааст;

3. Аз калимаҳои арабӣ ва форсии тоҷикӣ таркибҳои нави илмӣ сохтааст.

Мафҳуму истилоҳҳои илмии тозае, ки Ибни Сино дар китобу рисолаҳои илмиаш ба забони форсии тоҷикӣ офаридааст, хеле зиёданд, муште аз он хирвор инҳо мебошанд:

| | |
|---|---|
| ҷой | макон |
| ҷон | нафас |
| тан | ҷисм |
| дарозо | тӯл |
| паҳно | арз |
| чандӣ | каммият, миқдор |
| чигунагӣ | кайфият, сифат |
| куниш | феъл |
| порагӣ | ҷузъ |
| ҳадди кеҳин | асғар |
| ҳадди меҳин | акбар |
| илми барин | илми мовароуттабиа |
| илми зерин | илми табиӣ |

| | |
|---|---|
| омезиш | таркиб |
| моя | мода |
| гардиш | тағйир |
| бисёрӣ | касрат |
| созвор | мутаносиб ва мавзун |
| носозвор | ғайримутаносиб ва номавзун |
| миёнгин | васат |
| шояд будан | имкон |
| ҷунбанда | мутаҳаррик |
| ҷунбишпазир | қобили ҳаракат |
| истода будан | қоим будан |
| берунӣ | арзӣ |
| истода ба худ | қоим ба нафс |
| сесӯ | мусаллас |
| чорсӯ | мураббаъ |
| андар расидан | тасаввур |
| гирд овардан | таълиф |
| гӯй | кура |
| пайвастагӣ | иттисол |
| гарданда | мутағаййир |
| ногарданда | ғайримутағаййир |
| бозгир | монеъ |
| бахудкаш | ҷозиба |

ва ғайра ва монанди инҳо.

## ИБНИ СИНО – ШОИР

Донишманди нобиға ҳамзамон бо навиштани китобу рисолаҳои илмӣ ба забони арабӣ ва форсии тоҷикӣ ба ин ду забон шеър ҳам гуфтааст. Дар феҳристи асарҳои ӯ, ки шогирдаш Абӯубайди Ҷузҷонӣ тартиб додааст, “Қасоид ва ашъор” ҳам ҳаст. Аз ин китоб бармеояд, ки ӯ қасида, ғазал ва рубоӣ дар васф, хамриёт, зуҳдиёт ва ҳиҷо месурудааст. Шеърҳои форсии тоҷикии Ибни Сино аз рӯйи миқдор нисбат ба шеърҳои ӯ ба забони арабӣ камтар, вале аз ҷиҳати сифат бартар мебошанд.

Маъмулан рисолаҳои рамзии фалсафии муаллиф, монанди қиссаи “Ҳай ибни Яқзон” (“Зинда пури Бедор”), “Рисолат-ут-тайр” (“Рисола дар бораи мурғон”), қиссаи “Саломон ва Аб-

сол”, ки дар наср мебошанд ва рисолаи “Урҷуза фӣ-л-мантиқ” ва ғайраро, ки дар қолаби назм навишта шудаанд, дар қатори асарҳои адабии ӯ ном бурдаанд. Валекин онҳо, тавре ки ишора рафт, ба ҷуз қолаб, вазн ва қофия нишони дигаре аз адабиёти бадеӣ надоранд. Ҳадафи Ибни Сино аз офаридани онҳо дар қолаби адабӣ, аз ҷумла назм баёни осон ва хотирмони матлабҳои душвори илмӣ барои мардум буд, на эҷоди достоне, қиссае, саргузаште ё шеъре.

Ибни Сино, ки дар назарияи шеър якчанд китобу рисолаҳои ҷудогонае дорад ва табиати адабиёти бадеиро дар назариёти адабии форсии тоҷикӣ маҳз ӯ муайян намуда буд, ба ҳеч ваҷҳ ин китобу рисолаҳо ва асарҳои манзумашро ҳамчун адабиёти бадеӣ наофаридааст. Дар маърифат будани онҳо ва ба “аҳли ҳикмат” нигаронида шуданашонро худи Ибни Сино дар “Ишорот ва танбеҳот” таъкид намудааст: ”Бидон, ки “Саломон” масалест, ки аз баҳри ту задаанд дар маърифат. Агар ту аз аҳли ҳикматӣ, бояд ин рамз кушоӣ”.

Аз шеърҳои форсии тоҷикии Ибни Сино имрӯз 37 рубоӣ, 4 ғазал ва 5 қитъа ва 2 фард гирдоварӣ шудааст. Бештари онҳо шеърҳое мебошанд, ки ба муаллиф нисбат дода мешаванд ва аз они ӯ буданашон ҳанӯз ҳаматарафа собит нашудааст.

Дар байни шеърҳои форсии тоҷикии Ибни Сино рубоиёти ӯ мақоми хос доранд ва ин чиз табиист, зеро қолаби рубоӣ бештар барои баёни андеша мувофиқ мебошад, на барои баёни эҳсос, ки барои он қолаби дубайтиро офаридаанд.

Шоир дар чанде аз рубоиҳояш дар бораи шахсияти хеш ва муносибаташ бо аҳли ҷомеаи замонаш, ки нисбат ба ӯ, илму донишаш дар бисёр ҳолатҳо меҳрубон ва қадршинос набуданд, андеша меронад:

*Куфри чу мане газофу осон набувад,*
*Маҳкамтар аз имони ман имон набувад,*
*Дар даҳр чу ман якею он ҳам кофир?*
*Пас, дар ҳама даҳр як мусулмон набувад.*

Дар бораи он ки Ибни Сино мусулмони комил буд, шакку шубҳае нест. Ба ин худи зиндагӣ ва асарҳои ӯ гувоҳанд. Ӯ ҳастии Худоро эътироф дорад ва бо далелҳо ба исбот мерасонад. Дониш-

манди бузург дар “Рисолаи саргузашт”, дар қисмате, ки аз забони худи ӯ навишта шудааст, шаҳодат додааст, ки “ҳар гоҳ дар масъалае ҳайрон мемондам ва ё ба ҳадди миёнаи қиёсе пай намебурдам, ба масҷиди ҷомеъ рафта намоз мегузоридам ва ба Офаридгори кул лобаву зорӣ мекардам, то гиреҳи он бар ман кушода мешуд ва мушкил осон мегашт”. Ва ё вақте ки китоби Абӯнасри Форобӣ тасодуфан ба дасташ меафтад ва барои фаҳмидани рисолаи Арасту мадад мерасонад, аз он шод мешавад ва барои сипосгузорӣ аз Худой ба бечорагон чизи бисёре садақа мекунад. Вале аз сабаби он ки Ибни Сино дар илм, адабиёт ва дар зиндагӣ ақлгаро буд ва ба ҳама чиз аз рӯйи ақлу дониш муносибат мекард, гуфта ва кардаҳояш барои касони зоҳирбин, ноогоҳу бехабар “куфр” менамуданд ва ӯро кофир мехонданд.

*Бо ин ду-се нодон, ки чунин медонанд,*
*Аз ҷаҳл, ки донои ҷаҳон онананд,*
*Хар бош, ки ин ҷамоат аз фарти харӣ*
*Ҳар к-ӯ на хар аст, кофираш мехонанд.*

Ҳатто пас аз сад соли вафоти Ибни Сино дар соли 1160 дар Бағдод бо фармони халифа китобҳои ӯро сӯзонидаанд. Имом Ғазолӣ дар асри XII Ибни Синоро ба бединӣ бадном кардааст. Фридрих Рейманн дар асараш бо номи “Таърихи умумии мулҳидигарӣ ва мулҳидон” (1725) Ибни Синоро дар мулҳидӣ дар қатори Ҷордано Бруно ва Николай Коперник гузоштааст. Ҳол он ки Ибни Сино, чунонки ишора рафта буд, одами диндор буд. Танҳо фарқи ӯ аз диндорони дигар дар он буд, ки вай ба ҳама чиз аз рӯйи ақл баҳо медод ва рафтор мекард.

Андеша дар бораи хилқати одаму олам, кӣ будану чӣ будани онҳо мавзӯи дигари рубоиҳои шоир мебошанд. Шоири донишманд эътироф намудааст, ки ба кунҳи асрори азал расидан орзуи ӯст, валекин афсӯс, ки натавонистааст ба он муваффақ гардад.

*Эй кош, бидонаме, ки ман кистаме,*
*Саргашта ба олам аз пайи чистаме?*
*Гар муқбилам, осудаву хуш зистаме,*
*В-арна ба ҳазор дида бигристаме.*

***

*Дил гарчи дар ин бодия бисёр шитофт,*
*Як мӯй надонист, вале мӯй шикофт.*
*Андар дили ман ҳазор хуршед битофт*
*В-охир ба камоли заррае роҳ наёфт.*

***

*Дар парда сухан нест, ки маълум нашуд,*
*Кам монд зи асрор, ки мафҳум нашуд,*
*Дар маърифатат чу нек фикре кардам,*
*Маълумам шуд, ки ҳеч маълум нашуд.*

Аз замони Ибни Сино то рӯзгори мо беш аз ҳазор сол гузаштааст. Дар ин фосилаи тӯлонӣ илму дониши инсонӣ ба пояҳои баландтарин расид, валекин ҳанӯз ҳам наметавон гуфт, ки тамоми мушкилот, аз ҷумла сирри хилқати одаму олам ба пуррагӣ равшан шудааст. Бо дар назар доштани ин нукта набояд чунин гумон бурд, ки Ибни Сино дунёро донистанашаванда мешуморид ва ҳама чизро ба сарнавишт пайваста медонист. Баръакс ӯ эътироф намудааст, ки олам донисташаванда аст ва одам онро ба воситаи донишҳои ҳиссӣ ва ақлӣ мешиносад.

Мавзӯи дигари рубоиҳои Ибни Сино май ва майгусорист. Шоир ба май ҳамчун табиб ва ҳаким назар кардааст, ба он ба хотири манфиате, ки ба тану ҷони инсон мерасад, баҳо додааст. Вай андак ва гоҳ-гоҳе нӯшидани онро барои касони ҳушёр –“шоҳу ҳакиму ринд” раво донистааст, на ба масту ноҳушёр, ки бадномӣ меорад.

*Май душмани масту дӯст бо ҳушёр аст,*
*Андак – тарёку беш – заҳри мор аст.*
*Дар бисёраш мазаррати андак ҳаст,*
*Дар андаки ӯ манфиати бисёр аст.*

***

*Гар бода гаҳе хурам, нишони хомист*
*В-ар з-он ки мудом май хурам, бадномист.*
*Май шоҳу ҳакиму ринд бояд, ки хуранд*
*З-ин ҳар се наӣ, махур, ки душманкомист.*

Тавре ки Ибни Сино дар мисраи охири рубоии боло ишора намудааст, дар шариати исломӣ хӯрдани май ва ҳар он чизе, ки одамро махмур (сархуш) мекунад, норавост. Инро донишманди бузург хуб медонист, бо ин ҳама вай, чунонки худ дар "Рисолаи саргузашт" овардааст, гоҳе барои баровардани хастагӣ ва барқарор намудани қувват қадаҳе аз май менӯшидааст. "Ҳар гоҳ хоб бар ман ғалаба мекард ва ё сустӣ ҳис мекардам, қадаҳе шароб меошомидам, то неруи ман барқарор мешуд ва боз ба хондан машғул мешудам".

Абӯубайди Ҷузҷонӣ шаҳодат додааст, ки боре барои иҷрои хоҳиши қозии Шероз, ки додани посухи таъҷилиро мехост, "намози хуфтанро гузоридем ва ӯ пеши шамъ нишаста, маро фармуд, ки шароб биёрам. Ману бародарашро бинишонд ва шаробкашӣ фармуд ва худ ба посухи он масъалаҳо шурӯъ кард".

Ибни Сино дар як навиштааш сабаби чунин рафтор ва гуфтори худро, ки зоҳиран хилофи шариат аст, дар хитоб ба Офаридгор чунин шарҳ додааст. Вай мегӯяд: ”Тобеам ба пайғамбари ту Муҳаммад ва иқрор дорам ба ҳаром будани хамр (шароби масткунанда) ва гувоҳидиҳандаам ранҷи туро ба нӯшандагон бо тафовути дараҷаи табиати онҳо...Лекин қазои ту ҳоким аст бар ман ва қадри ту нофиз аст дар ман ва ахлоқи табиати башарӣ роҳдиҳанда аст нафси аммораи (саркаши) маро... барои мадад ҷустан аз нӯшидани вай. Ин кор барои ду чиз аст: яке барои давои худ дар ҳавоҳои бади мухолиф…Дувум барои гувоҳӣ додан ба он чизе, ки гувоҳӣ додааст ба вай китоби азизи ту (Қуръон) бо ин оят, ки гуфта шудааст: «дар вай (яъне дар шароб) манфиатҳост барои инсон» …Бас ҳосил мешавад ба сабаби вай (шароб) қувваи ҳайкали одамӣ барои тоати ту, ба ин далел, ки пайғамбар, ки гуфтааст: ”Касеро, ки табиаташ саҳеҳ бошад, шариаташ саҳеҳ мешавад". Пас, агар ман ғарқ шудаам дар истеъмоли он (шароб) … ту авло ба ин ҳастӣ, ки маро биёмурзӣ ва бибахшӣ гуноҳи маро, зеро ба ту бахшоиш муносиб аст. Пас, бубахшо маро дар вақти иқтидор доштанат ба ман» (Тарҷумаи Садриддин Айнӣ).

Гуфтани панду ҳикмат низ навъе аз андеша буда, аз ҷумлаи мазмуну мавзӯъҳои суннатии рубоӣ ба шумор меравад. Бинобар ин ҷо доштани он дар рубоиҳои Ибни Сино як чизи табиӣ мебошад. Шоир аз дӯсте, ки ҳамнишини душман аст, парҳез намуданро маслиҳат додааст ва онро ба шакаре, ки бо заҳр омехта шудааст ва бо магасе, ки бар мор нишастааст, монанд донистааст:

*Бо душмани ман чу дӯст бисёр нишаст,*
*Бо дӯст набоядам дигар бор нишаст.*
*Парҳез аз он шакар, ки бо заҳр омехт,*
*Бигрез аз он магас, ки бар мор нишаст.*

Сино ҳамчунин парҳез намудан аз дунёталабиву ҷоҳталабию ишратпарастиро маслиҳат додааст:

*Эй нафс, ки бастаи ҳавову ҳавасӣ,*
*Биштоб, ки дар ҳимояти як нафасӣ.*
*Дунё маталаб, ҷоҳ маҷӯ, ишва махар,*
*К-аз дӯст бароию ба душман бирасӣ.*

Шоир, ки дар умри кӯтоҳаш дақиқаеро ба беҳудагию бекорӣ нагузаронидааст, гуфтааст, ки кореро, ки метавонӣ имрӯз ба иҷро расонӣ, ба фардо магузор, ки шояд фардо натавонӣ.

*З-он пеш, ки аз ҷаҳон фурӯ монӣ фард,*
*Он беҳ, ки набоядат пушаймонӣ х(в)ард.*
*Имрӯз бикун, чу метавонӣ коре,*
*Фардо чӣ кунӣ, чу ҳеч натвонӣ кард?*

Якдастию ҳамворӣ, устувории сухан, таносуби комили лафзу маънӣ, ки дар беҳтарин рубоиёти Ибни Сино ба назар мерасад, далели равшан бар он мебошад, ки онҳо намунаҳои хуби шеъри нағз буда, гӯяндаи онҳо дар шеър, хосса рубоӣ тавоност. Шеърҳои форсии тоҷикии Ибни Сино аз ин ҷиҳат шеъри Рӯдакӣ ва ҳамасронашро ба хотир меоварад ва маълум аст, ки дар заминаҳои онҳо ва ба идомаи суннатҳои адабии ҳамон мактаб суруда шудааст.

## ТАШХИС

**Ташхис** дар луғат ба маънои чизи ҷомид ва беҷонро шахс қарор додан омадааст. Ҳамчун истилоҳ санъати бадеии маънавиест, ки дар адабиёт ба наботот, ҷамодот, ҳайвонот, парандагон, ҷирмҳои осмонӣ ва ғайра сифатҳои шахсро нисбат медиҳанд ва ба онҳо хитоб менамоянд. Монанди он ки Ҳофизи Шерозӣ кардааст:

*Субҳдам мурғи чаман бо гули навхоста гуфт:*
*Ноз кам кун, ки дар ин боғ басе чун ту шукуфт.*
*Гул бихандид, ки аз рост наранҷем, вале*
*Ҳеч ошиқ сухани талх ба маъшуқ нагуфт.*

Дар ин шеър мисли шахс сухан гуфтани мурғи чаман бо гули навхоста ва хандидану суҳбат кардани гул дар ҷавоб ташхис аст.

Ташхисро адибони пешин бештар аз ҳама дар масал, яъне дар асарҳои тамсилӣ ё рамзӣ ба кор доштаанд. Чунончи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Абулмаолии Насруллоҳ дар "Калила ва Димна", Фаридуддини Аттор дар "Мантиқ-ут-тайр" ва ғ. Бо вуҷуди он дар борам санъати ташхис бадеъшиносони гузашта зикре накардаанд. Аз ташхис ҳамчун санъати бадеӣ танҳо донишмандони муосир баҳс оғоз намудаанд. Онҳо ташхисро якҷо бо санъати **интоқ** овардаанд. Бинобар гуфтаи онҳо ташхис аксар бо интоқ якҷо меояд ва интоқ аз забони ҳоли чизҳои беҷон ҷавоб гуфтан аст. Чунонки Саъдии Шерозӣ дар ин қитъаи машҳури худ кардааст:

*Гиле хушбӯй дар ҳаммом рӯзе*
*Расид аз дасти маҳбубе ба дастам.*
*Бад-ӯ гуфтам, ки:"Мушкӣ ё абирӣ,*
*Ки аз бӯйи диловези ту мастам?"*
*Бигуфто:"Ман гиле ночиз будам,*
*Валекин муддате бо гул нишастам.*
*Камоли ҳамнишин бар ман асар кард,*
*В-агарна ман ҳамон хокам, ки ҳастам".*

Аз ташхис шоирони пешина барои барҷастагии маънӣ ва наздик гардонидани он ба зеҳни хонанда ва шунаванда истифода мекарданд. Барои адибони муосир ташхис як воситаи мувофиқи баёни ҳолатҳои гуногуни равонӣ мебошад. Барои мисол, шоире бо истифода аз ташхис андуҳ ва дарди хешро ба ин тариқ баён намудааст:

*Эй обшор, навҳагар аз баҳри чистӣ?*
*Чин бар ҷабин фиканда дар андуҳи кистӣ?*
*Дардат чӣ дард буд, ки чун ман тамоми шаб*
*Сарро ба санг мезадию мегиристӣ?*

## АДАБИЁТИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ ДАР НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XI

Монанди он ки давлати Ғазнавиён аз батни давлати Сомониён берун омада буд, адабиёти форсии тоҷикӣ дар нимаи аввали асри XI аз асарҳои Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ ва ҳамзамононашон сарчашма мегирад. Бунёдгузори хонадони Ғазнавиён Сабуктегин ғуломи яке аз саркардагони Сомониён – Алптегин буда, тарки Хуросон ва хидмат намуда, ба Ғазнин фирор мекунад ва дар он ҷо пас аз Алптегин ба тахт менишинад. Баъди вафоти ӯ тахти салтанат аввал ба Исмоил ва сипас ба султон Маҳмуди Ғазнавӣ (997-1030) мегузарад, ки ӯ дар замони ҳукмронии Сомониён ба мартабаи сипаҳсолори лашкар расида буд.

Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, ки парвардаи муҳити Сомониён буд, кӯшиш менамуд, ки суннатҳои эшонро, аз он ҷумла дар адабиёт барқарор нигаҳ дорад. Дар давраи ҳукмронии ӯ шаҳри Ғазнин ба яке аз марказҳои асосии адабиёти форсии тоҷикӣ табдил меёбад. Дар дарбори султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва писараш Масъуд шоирони зиёди он замон гирд омада буданд, ки машҳуртаринашон Унсурӣ (970/80 – 1050/60), Фаррухӣ (аввали а. XI), Манучеҳрии Домғонӣ (ваф. 1040) ва Асҷадии Марвазӣ (ваф. 1040/41) мебошанд. Унсурӣ нахустин шоири форсигӯй аст, ки унвони расмии «маликушшуаройӣ»-ро дошт.

Агарчанде ки давлати Сомониён дар соли 999 ва охирин амири сомонӣ Абӯиброҳим Исмоили Сомонӣ бо тахаллуси Мунтасир, ки шоири нағз ҳам буд, дар соли 1005 кушта мешавад, суннатҳои мактаби адабии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ ва ҳамасронашон дар нимаи аввали асри XI идома дошт. Шоироне, ки дар ин давра ба майдони адабиёти форсии тоҷикӣ қадам гузошта буданд, шогирдони ҳамин мактаби адабӣ буданд. Дар навиштаҳои онҳо на танҳо ба таври фаровон шоирони асри X, аз ҷумла Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абӯшакури Балхӣ, Абулфатҳи Бустӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ ном гирифта ва асарҳои онҳо тазмину татаббӯъ (пайравӣ) мешаванд, балки илҳом гирифтани онҳо аз мавзӯъ ва муҳтаво ва сабки пешиниён низ равшан аст.

Агар Унсурӣ ғазал гуфтани Рӯдакиро орзу карда буд, Манучеҳрӣ афсӯс хӯрдааст, ки дар замонаи ӯ ҳакимоне чун Рӯдакию Шаҳиди Балхӣ, Абӯшакури Балхию Абулфатҳи Бустӣ нестанд:

*Аз ҳакимони замона ку Шаҳиду Рӯдакӣ,*
*Бӯшакури Балхию Булфатҳи Бустӣ ҳоказо.*

Мисли он ки пайравию суннатнигаҳдориҳои султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва ворисонаш ба Сомониён дар давлатдорӣ бештар хусусияти зоҳирӣ дошта, моҳиятан аз ҳам фарқ мекунанд, адабиёти форсии тоҷикӣ дар нимаи аввали асри XI-ро низ наметавон бо адабиёти асри X баробар кард.

Пеш аз ин ҳам шоирон ва адибони форсигӯй бо дарбори шоҳон робита доштанд ва дар дарбор зиндагӣ ва эҷод кардаанд, мисли Рӯдакӣ дар дарбори Сомониён. Дар ин ё он дарбор будани ин ё он адиб ҳанӯз маънои онро надошт, ки онҳо адибони дарборӣ ва асарҳое, ки офаридаанд, адабиёти дарборӣ ба шумор меравад. Адабиёти дарборӣ адабиёте мебошад, ки манфиатҳои сиёсӣ ва иҷтимоии ин ва ё он дарборро ифода менамояд. Султон Маҳмуди Ғазнавӣ яке аз он шоҳоне буд, ки адабиёти бадеӣ, шеъру шоириро дар хидмати сиёсӣ ва ҳақ баровардани сиёсати истилогарона, золимона ва мутаассибонааш истифода мекард, шоиронро водор мекард, ки лашкаркашиҳои харобиовар ва пайдарпайи ӯро ба Ҳиндустон, ҳамчунин «фатҳу зафарҳояш»-ро васф намоянд. Эҷодиёти Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Асҷадӣ ва шоирони дигари дарбори Ғазнавиён моҳиятан аз ҳамин гуна васфу мадҳҳо иборат мебошанд.

Қасидаи мадҳия ва таърихномаҳои манзум аз маъмултарин навъҳои шеърӣ дар ин давра буда, оҳиста-оҳиста доираи нуфузи шеърҳои рӯдакивор ва фирдавсиворро маҳдуд сохтанд. Фаррухӣ дар қасидае, ки ба муносибати аз тарафи султон Маҳмуд забт гардидани соҳили дарёи Ганг дар Ҳиндустон гуфтааст, ишора ба он дорад, ки дар рӯзгори ӯ ҳама ба ҷойи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ «Маҳмуднома», ки манзураш қасидаҳои мадҳияи шоирони дарбори Ғазнавиён буд, мехонанд. Ҳамин шоир султон Маҳмудро шоҳи дар ҷаҳон беназир номида, таъкид кардааст, ки номи шоҳи Ғазнавӣ номи ҳамаи шоҳону қаҳрамонони «Шоҳнома»-ро бисутурду бибурд ва дигар ҳоҷат ба хондани достонҳои Фирдавсӣ, аз он ҷумла достонҳои Рустами Дастон намондааст, онҳо ҳама сарбасар дурӯғ мебошанд:

*Номи ту номи ҳама шоҳон бистурду бибурд,*
*«Шоҳнома» пас аз ин ҳеч надорад миқдор.*

***

*Гуфто: «Чун ӯ дигар ба ҷаҳон ҳеч шаҳ бувад?»*
*Гуфто: «Зи ман мапурс, ба «Шоҳнома» кун нигоҳ».*
*Гуфто ки: «Шоҳнома» дурӯғ аст сарбасар»,*
*Гуфтам: «Ту рост гиру дурӯғ аз миён бикоҳ».*

Шоҳномаситезӣ ва фирдавсиситезии шоирони нимаи аввали асри XI аз муносибати беэҳтиромонаи султон Маҳмуди Ғазнавӣ ба «Шоҳнома» ва муаллифи он сарчашма мегирад. Шоирони дарборӣ, ки аз рӯйи талаботи завқу шавқи аҳли дарбор ва пеш аз ҳама, султон Маҳмуд шеър мегуфтанд, аз ин моҷаро бохабар буданд ва ҳама медонистанд, ки ӯ «Шоҳнома»-ро рад карда буд. Гуфтаву навиштаҳои шоирони дарбори Ғазнавиён бори дигар исбот менамояд, ки паёми эрондӯстию эронпарастие, ки маснавии Фирдавсӣ бо худ дорад, барои султон Маҳмуди турfigнажод ва шахсе, ки дар шикасти давлати Сомониён худ даст дошт, ба ҳеч ваҷҳ қобили қабул набуд. Ҳамчунин шоҳномаситезӣ нишонаи он буд, ки баъди заволи давлати Сомониён ва ба давлатҳои хурд-хурди ҷудогона –Ғазнавиён, Қарохониён, Салҷуқиён ва ғ. тақсим шудани Мовароуннаҳр ва Хуросон рӯҳияи миллии ориёӣ заиф гардида буд.

Гуфтани мадҳ, ки дар адабиёти форсии тоҷикӣ дар нимаи аввали асри XI хеле маъмул гардида буд, дар давраҳои қадим ва асри X, аз он ҷумла дар шеърҳои Рӯдакӣ ва ҳамасронаш мавҷуд буд. Аммо он мадҳ аз мадҳе, ки шоирони баъдӣ, монанди Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Асҷадӣ, Ғазоирӣ ва дигарон менавиштанд, ба куллӣ фарқ дошт. Ҳар он чи Рӯдакӣ ва шоирони дигар дар қасидаҳои мадҳияшон мегуфтанд, дурусту рост буд. Бинобар ин вақте ки мадҳи Рӯдакиро дар ҳаққи амири Систон Абӯҷаъфар Аҳмад ибни Муҳаммад дар қасидаи «Модари май» бо чеҳраи воқеии ӯ муқоиса намуданд, ба хулосае омаданд, дарвоқеъ ин амир «беш аз он аст, ки Рӯдакӣ дар васфаш гуфтааст». Валекин муқоисаи шахсияти воқеии султон Маҳмуди Ғазнавӣ, рафтор, гуфтор ва андешаи ӯ бо мадҳияҳои бешумори Унсурӣ, Фаррухӣ ва Манучеҳрӣ нишон медиҳад, ки аксари навишта ва гуфтаҳои онҳо ба он мувофиқат намекунанд.

Бо дар назардошти ин Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома» (соли таълифаш 1083) ба шоирони мадеҳасаро дастур додааст, ки мадҳе гӯянд, ки сазои ҳар кас, дархӯри он бошад:

«Он касеро, ки ҳаргиз корд ба миён набаста бошад, магӯй, ки шамшери ту шер афканад ва бо найза кӯҳи Бесутун бардорӣ ва бар тир мӯй бишкофӣ. Ва он ки ҳаргиз бар харе нанишаста бошад, аспи ӯро ба Дулдулу Бароқ ва Рахшу Шабдез монанда макун ва бидон, ки ҳар касро чӣ бояд гуфт». Мутаассифона, шоирони нимаи аввали асри XI аз ин дастур сарфи назар мекарданд ва мисли Манучеҳрӣ он чиро мегуфтанд, ки мамдӯҳашонро хуш ояд:

*Ман шеър беш гӯям, к-он шоҳро хуш ояд:*
*Алфозҳои неку, абётҳои ҷорӣ.*

Дарвоқеъ, на танҳо шеъри Манучеҳрӣ, балки сурудаҳои Унсурӣ ва Фаррухӣ низ дорои лафзи неку ва байтҳои равон мебошанд. Онҳо дар шоирӣ ҳунари воло доранд, устод мебошанд, валекин афсӯс, ки умри худро асосан ба гуфтани шеъри мадҳия дар дарбор гузаронидаанд. Фоҷиаи шоирии онҳо дар он аст, ки ҳунари волои шоириашонро қурбони хостҳо ва сиёсатҳои шахсӣ ва худхоҳонаи шоҳону амирону ҳокимони бефарҳангу ҷоҳил ва ишратпараст намуданд. Як донишманди ғарбӣ бисёр афсӯс хӯрдааст ва гуфтааст, ки агар Фаррухӣ истеъдоди худро қурбон намекард, аз бузургтарин шоирони дунё мебуд.

Ҳунари волои шоирии онҳо дар кӯшиши сурудани ғазалҳои рӯдакивор, қитъа, рубоӣ, маснавӣ, тарҷеъбанд (Фаррухӣ) ва ихтирои мусаммат (Манучеҳрӣ), агарчи миқдоран дар нисбати мадҳияҳояшон ночиз мебошанд, ҳамчунин дар ташбибу тағаззулоти қасидаҳои онҳо ба назар мерасад. Чунончи, Унсурӣ дар ташбиби яке аз қасидаҳояш ҳусни зебои нигорро ба ин хубию зебоӣ ва ба ин содагию расоӣ ба қалам овардааст:

*Гули хандон хиҷил гардад баҳорӣ,*
*Ки ту ранг аз баҳору гул беҳ орӣ.*
*Ба симу мушк нозад ҷон, азеро*
*Ки симиноразу мушкинизорӣ.*
*Нигори қандаҳорӣ қандлаб нест,*
*Ту қандинлаб, нигори қандаҳорӣ…*
*Ба ранг аз лолаи хуршед аксӣ,*
*Ба бӯй аз анбари суда бухорӣ.*
*Ҳамехандӣ, ки моҳи сарвқаддӣ,*
*Ҳамеболӣ, ки сарви ҷӯйборӣ.*

Фаррухӣ дар тасвири манзараҳои табиат, хусусан фасли баҳорон истеъдоди фавқулода дорад. Шеъри зерин яке аз беҳтарин баҳорияҳо дар адабиёти форсии тоҷикӣ мебошад:

*Чун паранди нилгун бар рӯй пӯшад маргзор,*
*Парниёни ҳафтранг андар сар орад кӯҳсор.*
*Хокро чун нофи оҳу мушк зояд беқиёс,*
*Бедро чун парри тӯтӣ барг рӯяд бешумор.*
*Дӯш вақти нимшаб бӯйи баҳор овард бод,*
*Ҳаббазо боди баҳору хуррамо бӯйи баҳор!*
*Бод гӯйӣ мушки суда дорад андар остин,*
*Бог гӯйӣ лўъбатони сода дорад дар канор…*
*Бог бӯқалмунлибосу рог бӯқалмуннамой,*
*Об марворидрангу абр марворидбор.*
*Рост пиндорӣ, ки хилъатҳои рангин ёфтанд*
*Богҳои пурнигор аз доггоҳи шаҳрёр.*

Фаррухӣ рубоие дорад, ки дар он аз замонаи пурнайранги худ ёд меорад ва нуктаеро эрод мекунад, ки дар чунин замона як кушта и баном будан беҳтар аз он аст, ки сад зинда бананг:

*Ё мо сари хасмро бикӯбем ба санг,*
*Ё ӯ сари мо ба дор созад ованг.*
*Алқисса, дар ин замонаи пурнайранг*
*Як кушта баном беҳ, ки сад зинда бананг.*

Манучеҳрӣ аз ихтироъкорони навъи шеърии мусаммат мебошад. Яке аз машҳуртарин мусамматҳои ӯ дар тасвири фасли хазон – тирамоҳ аст. Вақте ки онро мехонед, мебинед, шоир ба воситаи сухан ҳамчун рассоми табиатпардози касбӣ рангҳои тиллоии ин фаслро ба устодӣ бозтоб намуда, хурдтарин дигаргуниро басо нозук ва дақиқ дар ҳар яке аз мавҷудоти табиат ба мушоҳида гирифтааст.

*Хезеду хаз оред, ки ҳангоми хазон аст,*
*Боди хунук аз ҷониби Хоразм вазон аст.*
*Он барги хазон аст, ки бар шохи разон аст,*
*Гӯӣ ба масал пераҳани рангразон аст.*

*Деҳқон ба тааҷҷуб сари ангушт газон аст,*
*К- андар чаману боғ на гул монд, на гулнор.*

Ва ё ӯ дар тасвири абри нилгуни баҳорӣ чунин гуфтааст:

*Баромад нилгун абре зи рӯйи нилгун дарё,*
*Чу ройи ошиқон гардон, чу табъи бедилон шайдо.*
*Чу гардон гашта селобе миёни оби осуда,*
*Чу гардон гирдбоде, тундгарде, тира андарво.*
*Бибориду зи ҳам бигсасту гардон гашт бар гардун,*
*Чу пилони пароканда миёни обгун саҳро.*
*Ту гуфтӣ гарди зангор аст бар оинаи чинӣ,*
*Ту гӯйӣ мӯйи санҷоб аст бар пирӯзагун дебо.*
*Ба сони маргзори сабзранг андар шуда гирдаш*
*Ба як соат мулавван карда рӯйи гунбади хазро.*
*Ту гӯйӣ осмон дарёст аз сабзию бар рӯяш*
*Ба парвоз андар овардаст ногаҳ баччагон анқо.*

Муҳити номусоиди дарбор, завқи пасти аҳли он имкон надодааст, ки Унсурӣ, Фаррухӣ ва Манучеҳрӣ, ки дар гуфтани шеъри форсии тоҷикӣ, бидуни шак, устод буданд, асарҳои шоиста офаранд ва истеъдоди бузурги суханвариашон ба тамомӣ намудор гардад.

# БОБОТОҲИРИ УРЁН

## (тахминан 980 – тахминан 1055)

Дигаргунии дигаре, ки дар муҳтавои адабиёти форсии тоҷикӣ дар нимаи аввали асри XI ба вуҷуд омад, ворид гаштани таълимоти сӯфигарӣ ба адабиёти бадеӣ буд. Яке аз аввалин шоироне, ки ин корро карда буд, Боботоҳири Урён мебошад.

Дар бораи Боботоҳири Урён ба ҷуз он ки чунин ном дорад ва дар шаҳри Ҳамадон зистааст ва дубайтию ғазал ба шеваи ҳамадонӣ гуфтааст, дигар маълумоти боэътимоде нест.

*Му[1] аз рӯзи азал тоҳир бизодам,*
*Аз он рӯ ном Боботоҳир астам[2].*

Номи Боботоҳири Урён дар миёни мардуми форсу тоҷик ба воситаи дубайтиҳояш маълум аст. Миқдори онҳо дар ҳудуди 300-то буда, нисбат ба адабиёти китобӣ ба адабиёти даҳонӣ наздиктар мебошанд. Баробари хондан ва шунидани онҳо фавран ба хотир дубайтиҳои мардумони минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон мерасанд. Дар байни дубайтиҳои имрӯзаи мардумӣ миқдоре аз дубайтиҳое низ ҳастанд, ки ба Боботоҳири Урён нисбат дода мешаванд.

Агарчи намунаҳои дубайтӣ дар адабиёти китобатӣ ба назар мерасанд, дар асл навъи шеърии вижаи адабиёти шифоҳӣ мебошад ва маҳз аз он ба адабиёти китобатӣ ворид гардида, табиати хоси лафзию маънавии худро нигоҳ доштааст.

Дубайтӣ мисли он ки дар даврони Боботоҳири Урён ва пештар аз он бо ҳамин вазни ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ё мақсур – мафоӣлун, мафоӣлун, фаӯлун ё фаӯлон (v - - -/v- - -/v - - ё v - ~) дар ду байт ва дар баёни ишқ ва ҳол гуфта мешуд, имрӯз ҳам дар ҳамин қолаби суннатӣ суруда мешавад.

Боботоҳири Урён шоири ошиқ аст, ошиқи ёр, дилбарону хубони нозанин, лабшакару ёсуманбаре бо рӯю мӯйи хушу чашмони зебо, вале нисбат ба ошиқ бепарвою сангиндил, бевафою бетадбир мебошад. Аз ин рӯ дар дубайтиҳояш аз ғами ёр, ҷудоӣ, дурию маҳҷурӣ аз ӯ, аз ранҷи бепоён ва дарди бедармони худ ва бахти ошуфтааш сухан мекунад, ашк мерезад ва месӯзад.

1 Му – ман.
2 Астам – ҳастам.

*Ду чашмунат пиёлай пур зи май бӣ*[1]*,*
*Ду зулфунат хироҷи мулки Рай бӣ.*
*Ҳаме ваъда карӣ имрӯзу фардо,*
*Надунум*[2] *му, ки фардои ту кай бӣ?*

***

*Саре дорам, ки сомонаш намебу*[3]*,*
*Ғаме дорам, ки поёнаш намебӯ.*
*Агар бовар надорӣ, сӯйи ман ой,*
*Бувин*[4] *дарде, ки дармонаш намебу.*

***

*Му, ки афсурдаҳолам, чун нанолам?!*
*Шикаста парру болам, чун нанолам?!*
*Ҳама гӯян*[5]*: «Фалонӣ нола кам кун»,*
*Ту ойӣ дар хаёлам, чун нанолам?!*

Боботоҳири Урён гоҳе аз зӯри дарду ғами ишқ аз ёри бемеҳру вафо ва бераҳми худ пурсидааст, ки чаро ӯ, ки нӯшаш нест, нешаш ҳаст, ёраш нест, пешаш ҳаст, марҳам нест, намакпоши дили решаш ҳаст.

*Та*[6]*, ки нӯшам наӣ, нешам чароӣ?*
*Та, ки ёрам наӣ, пешам чароӣ?*
*Та, ки марҳам наӣ реши диламро,*
*Намакпоши дили решам чароӣ?*

Шоир бо вуҷуди он тамоми дарду ранҷи ишқро таҳаммул кардааст ва бовар бар он дорад, ки аз касе, ки дард надорад, ишқ надорад, мурда ва аз диле, ки дарди ишқ надорад, афсурда авлотар аст:

*Зи ҳар кӣ дард надора, мурда авло,*
*Дили бе дарди ишқ афсурда авло.*
*Саҳар булбул зана*[7] *ово ба гулбун,*
*Ки: «Ҳар кӣ ишқ надора*[8]*, мурда авло».*

---

1 Бӣ – буд.
2 Надунум – надонам.
3 Намебу – намебошад.
4 Бувин – бубин.
5 Гӯян – гӯянд.
6 Та – ту.
7 Зана – зананд.
8 Надора – надорад.

Дар дубайтиҳои Боботоҳири Урён баёни мазмунҳои ошиқона ва орифона, ки дар гузашта онҳоро таносубан «ишқи маҷозӣ» ва «ишқи ҳақиқӣ» меномиданд, бо ҳам омезиш ёфтаанд. Шоир дар ин роҳ кори орифон Боязиди Бастомӣ (ваф. 874), Абӯсаиди Абулхайр (967/68 - 1049), Алии Бобокӯҳӣ (ваф.1050) ва Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ (1006 - 1088) – ро давом додааст.

Боботоҳири Урён мисли ҳамаи онҳое, ки аз таълимоти ваҳдати вуҷуд пайравӣ мекунанд, дар тамоми мавҷудот ва махлуқоти олам таҷаллии нури ҳақиқати кул – Худоро мебинад ва мегӯяд:

*Ба саҳро бингарам, саҳро та винам*[1]*,*
*Ба дарё бингарам, дарё та винам,*
*Ба ҳар ҷо бингарам – кӯҳу дару дашт,*
*Нишон аз қомати раъно та винам.*

Як шарти расидан ба ваҳдати вуҷуд бехудӣ, яъне худро аз тамоми дилбастагӣ ва алоқамандиҳо бо олами моддӣ озод кардан аст. Дар дубайтиҳои зерини шоир ишораҳо ба ҳамин ҳолати рӯҳонӣ ҷой дорад:

*Зи дасти дидаву дил ҳар ду фарёд,*
*Ҳар он чи дида бинад, дил кунад ёд.*
*Бисозам ханҷаре, нешаш зи пӯлод,*
*Занам бар дида, то дил гардад озод.*

***

*Му он мастам, ки по аз сар надунам*[2]*,*
*Сару пое ба ҷуз дилбар надунам.*
*Дилороме, к-аз ӯ гирад дил ором,*
*Ба ҷуз аз соқии Кавсар надунам.*

Дубайтиҳои орифонаи Боботоҳири Урён аз дубайтиҳои сӯфиёни дигаре, ки пеш аз ӯ ва ё ҳамзамон буданд, бо қавӣ будани заминаҳои мардумии худ, содагӣ ва садоқате, ки дар баёни ӯ ҳаст, фарқ мекунанд.

Қисми зиёди дубайтиҳои шоир дар баёни ҳоли парешону дарвешии худи ӯ мебошанд, ки ба гуфтааш на сар дошту на сомон.

1 Винам – бинам.
2 Надунам – надонам.

*Маро на сар, на сомон офариданд,*
*Парешонам, парешон офариданд.*
*Парешонхотирон рафтанд дар хок,*
*Маро аз хоки эшон офариданд.*

Боботоҳири Урён, бинобар гуфтаи худаш, се дард дошт дар зиндагӣ, ки ба сараш якбора омада буданд: ғарибӣ, асирӣ ва ғами ёр. Дарди охир барояш аз дардҳои дигар мушкилтар афтодааст.

*Мусулмонон, се дард омад ба якбор:*
*Ғарибию асирию ғами ёр,*
*Ғарибию асирӣ саҳл вою,*
*Ғами ёр мушкила, то чун шавад кор?!*

Аз шеърҳои шоир бармеояд, ки ӯ дар ҷоеву манзиле қарор надошта, ҳамеша, дур аз ёру диёр дар ғарибӣ ва бекасӣ умр ба сар мебурдааст.

*Му, ки сар дар биёбунум*[1] *шаву рӯз,*
*Сиришк аз дида борунум*[2] *шаву рӯз,*
*На таб дирам, на ҷоям мекунад дард,*
*Ҳамедунам*[3]*, ки нолунум*[4] *шаву рӯз.*

Боботоҳири Урён мисли ҳамаи адибони пешина ҳоли бади худ дар зиндагиро аз дасти фалак (замона) медонад, бинобар ин рӯ ба он меорад ва аз он пурсон мешавад, ки чаро нисбат ба ӯ раҳме надорад, оҳу фиғонашро намешунавад, бори гаронашро сабуктар намекунад.

*Фалак, дар қасди озорам чароӣ?*
*Гулам гар нестӣ, хорам чароӣ?*
*Та, ки боре зи дӯшам барнадорӣ,*
*Миёни бор сарборам чароӣ?*

***

*Фалак кай бишнавад оҳу фиғонам,*
*Ба ҳар гардиш занад оташ ба ҷонам.*

1 Биёбунум – биёбонам.
2 Борунум – боронам.
3 Ҳамедунам – ҳамедонам.
4 Нолунум – нолонам.

*Як умре бигзаронам бо ғаму дард,*
*Ба коми дил нагардад осмонам.*

Шоир фалакро, замонаро аз сӯзи оҳи мисли худаш сӯхтадилон метарсонад, онро дуои бад мекунад ва ба истинтоқ даъват менамояд.

*Кашам оҳе, ки гардун бехабар шӣ*[1]*,*
*Дили девонаам девонатар шӣ.*
*Битарс аз сӯзи оҳи сӯтадилон*[2]*,*
*Ки оҳи сӯтадилон коргар шӣ.*

***

*Илоҳо, эй фалак, чун му забун шӣ,*
*Дилат ҳамчун дили му ғарқи хун шӣ.*
*Агар як лаҳзаам бегам бибинӣ,*
*Яқин дунум*[3]*, к-аз ин ғам сарнигун шӣ.*

Мухотаби дигари Боботоҳири Урён дар дубайтиҳояш «дил» аст. Дубайтиҳое, ки ӯ дар бораи дил гуфтааст, аз беҳтарин намунаҳои ин навъи шеърӣ буда, бидуни шак, пасон боиси дар адабиёти форсии тоҷикӣ ба вуҷуд омадани дилномаҳои зиёде шуданд, аз ҷумла дилномаҳои машҳури Абулқосими Лоҳутӣ ва Лоиқ.

*Худоё, дод аз ин дил, дод аз ин дил,*
*Ки як дам му нагаштам шод аз ин дил.*
*Чу фардо додхоҳун*[4] *дод хоҳанд,*
*Бигӯям сад ҳазорон дод аз ин дил.*

***

*Магар шеру палангӣ, эй дил, эй дил,*
*Ба му доим ба ҷангӣ, эй дил, эй дил,*
*Агар дастам расад, хунат бирезам,*
*Бибинам, то чӣ рангӣ, эй дил, эй дил.*

Андешаҳои шоиронаи Боботоҳири Урён дар бораи гузашти умр ва маънии зиндагиву марг низ ҷолиб ва арзишманд мебо-

1 Шӣ – шавад.
2 Сӯтадилон – сӯхтадилон.
3 Дунум – донам.
4 Додхоҳун – додхоҳон.

шанд. Шоир баҳору ҷавониро ба ҳам монанд медонад ва мегӯяд, ки мисли он ки баҳор меояду мегузарад, ҷавонӣ ҳам мегузарад ва сари қабри ҷавононе, ки гузаштанд, маҳвашони дигаре ба гулгашт хоҳанд омад.

*Баҳор омад ба саҳрову дару дашт,*
*Ҷавонӣ ҳам баҳоре буду бигзашт.*
*Сари қабри ҷавонон лола рӯяд,*
*Даме, ки маҳвашон оян*[1] *ба гулгашт.*

Боботоҳири Урён бо таъкиди гузарон будани умру ногузирии марг панд медиҳад, ки одамон дар зиндагӣ қадри ҳамдигарро бояд бидонанд.

*Дарахти ғам ба ҷонам карда реша,*
*Ба даргоҳи Худо нолам ҳамеша.*
*Азизун,*[2] *қадри якдигар бидунед,*
*Аҷал санг асту одам мисли шиша.*

Дар дубайтиҳои Боботоҳири Урён на танҳо маънию мазмун, балки лафзу маънӣ, тасвирҳо, забон ва сабки баён ҳам мардумист. Забонаш, таркиби луғавӣ, калимасозиву ҷумлабандиҳояш ҳама сода ва табиӣ, поку беғаш буда, тасвиру таъбирҳои шоиронааш низ мардумианд, на китобӣ, монанди:

*Саҳаргоҳон ки ашкам лова*[3] *гира*[4]*,*
*Зи оҳам ҳафт чарх олова*[5] *гира.*
*Чунон резам зи дида ашки хунин,*
*Ки гетӣ сар ба сар селова*[6] *гира.*

***

*Ҳар он боғе, ки нахлаш сар бадар бӣ,*
*Мудомаш боғбун хунинҷигар бӣ.*
*Бибояд канданаш аз беху аз бун,*
*Агар бораш ҳама лаълу гуҳар бӣ.*

1 Оян – оянд.
2 Азизун – азизон.
3 Лова – ҷорӣ, равон.
4 Гира – гирад.
5 Олова – алов, оташ.
6 Селова – селоб.

Боботоҳири Урён дубайтие дорад ва дар он ба таври равшан ишора ба он кардааст, ки ӯ шӯр дорад, шар надорад. Дарвоқеъ, шеъри ӯ аз некӣ, зебоӣ, меҳру садоқат қисса мекунад ва ба он далолат мекунад, на ба бадию бадкорӣ ва барои ҳамин ҳам арзиш дорад.

*Аз он дилхаставу синафигорам,*
*Ки гирён дар таҳи санги мазорам.*
*Бивоҷандам[1], ки та шӯре надорӣ,*
*Саропо шӯр дорам, шар надорам.*

## АДАБИЁТИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ ДАР НИМАИ ДУВУМИ АСРИ XI ВА АСРИ XII

Бо фурӯпошии давлати марказии Сомониён дар Мовароуннаҳр ва Хуросон ва гузаштани ҳукмронии сиёсӣ ба дасти хонадонҳои турктнажод дар он қаламрав - Қарохониён (999 - 1147), Ғазнавиён (999 -1187), Салҷуқиён (1040 - 1190) ва Хоразмшоҳиён (1097 – 1220) на танҳо фазои сиёсӣ, балки муҳити адабию фарҳангӣ низ дигар шуд. Султонон ва амирони турктнажод агарчи ба тақлид аз Сомониён дар дарборҳои худ гурӯҳи шоирон, фарҳангиён ва донишмандонро нигоҳ медоштанд, ҳадафи аслиашон на равнақи адабиёту фарҳанг ва илму ҳунар, балки шуҳрат ва амалӣ гардонидани ғаразҳои сиёсиашон буд. Маълум аст, ки дар чунин шароит адабиёт, фарҳанг ва илм, чунонки боист, равнақ намеёфтанд. Бинобар ин, комилан табиист, ки аз нимаи дувуми асри XI ва аввалҳои садаи XII дар шеърҳои шоирон ва мероси нависандагони ин давра танқиди адабиёти дарборӣ, намояндагони он ва навиштаҳояшон бештар мегардад ва дар онҳо аз беқадрии сухан, суханшинос ва мақоми иҷтимоии он дар замона баҳс меравад. Чунончи, Анварии Абевардӣ (ваф. 1187/88) ва Саноии Ғазнавӣ (ваф. 1140/1141), ки ҳар ду замоне дар дарбор буданд, аз пастии завқи аҳли дарбор ва бефаҳмии онҳо гувоҳӣ додаанд ва гуфтаанд:

*Рафт ҳангоми шоирию сухан,*
*Рӯзи шӯхист, вақти нодонӣ.*
*Чӣ ҳама рӯз баҳри муште дун*
*Жожхоию ришҷунбонӣ.*

(*Саноӣ*)

1 Бивоҷандам – бигӯяндам.

***

*Эй хоҷа, макун то битавонӣ талаби илм,*
*К-андар талаби ротиби ҳаррӯза бимонӣ.*
*Рав, масхарагӣ пеша куну мутрибӣ омӯз,*
*То доди худ аз меҳтару кеҳтар биситонӣ.*
*(Анварӣ)*

Моҳияти назми дарбории асрҳои XI-XII ва дурӯғу сафсатаи хушку холӣ будани онро Носири Хусрав беҳтар аз дигарон ошкор намудааст:

*То ки шоир ба мадҳ даргӯяд:*
*«Шод бодию қасри ту маъмур!»*
*Қасри ту з-ин сухан ҳамехандад*
*Бар ту, эй фитна бар сарои ғурур!*
*Бар ту хандад, ки ғофилӣ ту аз он-к*
*Дар сарои ғурур нест сурур.*

Анварӣ аз хорию залилии шеъру шоирӣ дар замонаш ба чунин натиҷае расида буд, ки шоирро дар ҷамъият вуҷуди зиёдатӣ ва бефоида шуморида, канносӣ (хокрӯбӣ, фаррошӣ)-ро аз пешаи шоирӣ авлотар медонад:

*Боз агар шоир набошад, ҳеч нуқсон кай фитад*
*Дар низоми олам, аз рӯйи хирад ар бингарӣ.*
*Одамиро чун маунат шарти кори бандагист,*
*Нон зи канносӣ хӯрӣ, беҳ з-он бувад, к-аз шоирӣ.*

Сайфи Исфарангӣ (1175/76 - аввали а. XIII) аз беқадрии шеър дар замона барои шоир дам фурӯ бастанро авло медонад:

*Андалеби нотиқа, гӯ, гунг шав, чун ин замон*
*Дар риёзи офариниш бӯйи гулзоре намонд.*

Бо дигар шудани муҳити адабию фарҳангӣ ва илмӣ ва бо тақозои давр адибони форсигӯйи нимаи дувуми асри XI ва XII талқин кардаанд, ки аз ин ба баъд дар шеър бояд хираду ҳикмат ва ахлоқ ифода гардад. Дар замина Анварӣ фармудааст:

*Рафт ҳангоми ғазал гуфтан, дигар сардӣ макун,*
*Ровиёнро гармии ҳангома, гӯ, ҳаргиз мабош!*
*Тоҷи ҳикмат бо либоси офият бошад, бипӯш,*
*Ҷон чу комил шуд, тирози ҷома, гӯ, ҳаргиз мабош.*
*Дар камоли Бӯалӣ, нуқсони Фирдавсӣ нигар,*
*Ҳар куҷо бошад «Шифо», "Шаҳнома", гӯ, ҳаргиз мабош.*

Тақозои гуфтани шеъри хираду ҳикмат, шеъри ахлоқӣ ва ирфонӣ ба ҷойи «ғазалу мадҳу ҳиҷо» ва «шоҳномагӯйӣ»-ҳои шоирони пешини форсигӯ ба ҳодисаи пайдоиш ва равнақи андешаҳои фалсафӣ, таълимоти тасаввуфӣ ва ирфонӣ, мазҳаб ва ҷараёнҳои гуногун низ алоқаи қавӣ дошт. Падидаи дар адабиёти бадеӣ, дар қолаби назму наср баён намудани таълимоти фалсафӣ, ахлоқӣ, ирфонӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла дар асарҳои адибоне чун Носири Хусрав, Саноӣ, Аттор, Хайём, Хоқонӣ, Низомии Ганҷавӣ ва дигарон маъмул мегардад. Ҷойи қасидаҳои мадҳӣ, маснавиҳои ҳамосӣ ва ишқиясароиҳоро навиштани қасидаҳои ахлоқию фалсафӣ, маснавиҳои ишқию ривоятӣ, ахлоқӣ, фалсафӣ, динӣ ва ирфонӣ, рубоию дубайтӣ мегирад.

Ташаккули адабиёти сӯфигарӣ ва адабиёти ҷавонмардӣ ҳамчун шохаҳои мустақил, ривоҷи суннати пандномагӯйӣ дар шеър ва хосса насри ин давра, аз ҷумла эҷод гардидани «Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насруллоҳ, «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Синдбоднома»-и Заҳирии Самарқандӣ, «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ, тақвияти ҷанбаи иҷтимоии адабиёт, хосса дар шеъри форсии тоҷикӣ низ зуҳури падидаи адабии мазкурро тасдиқ мекунад.

Дар нимаи дувуми асри XI ва XII адабиёти форсии тоҷикӣ дар доираҳои адабии Ғуриён, Ғазнавиён, Қарохониён, Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиён дар Мовароуннаҳр ва Хуросон ҷараён дошта, бо пайдо шудани марказҳои адабӣ дар Ҳиндустон (Деҳлӣ, Лоҳур), Ироқи Форс, Бағдод, Осиёи Хурд ва Қафқоз қаламрави забон ва адабиёти форсии тоҷикӣ густариш меёбад.

# АСАДИИ ТӮСӢ
## ( 1010 – 1072/73)

Асадии Тӯсӣ аз нахустин шоирони форсигӯест, ки дар пайравии «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ маснавии «Гаршоспнома»-ро навиштааст ва дар даврае, ки андешаи «ҳар куҷо бошад «Шифо», “Шаҳнома”, гӯ, ҳаргиз мабош!» торафт бештар паҳн мешуд, суннати ҳамосасароиро зинда нигоҳ доштааст. Ба ин обу ҳавои Тӯс, фазои фарҳангӣ ва сиёсии он, чунонки дар вақташ ба Дақиқии Тӯсӣ ва Фирдавсии Тӯсӣ мадад намуда буд, мусоидат кардааст. Вай дар зодгоҳаш дар даврони ҳукмронони маҳаллии Хуросон, ки суннатҳои пешини хешро пос медоштанд ва ба хонадонҳои навбаромади туркнажод, аз ҷумла Ғазнавиён нафрат доштанд, зиндагӣ ба сар бурдааст ва тавре ки аз асарҳояш, аз ҷумла маснавии «Гаршоспнома» ва қасидаҳои мунозирааш бармеояд, аз аҳли шуубия буд. Ва маҳз пайрави шуубия буданаш ӯро маҷбур мекунад, ки ҳангоми зери тасарруфи Ғазнавиён даромадани зодгоҳаш ба Ғарби Эрон - Озарбойҷон биравад ва дар дарбори ҳокими Нахҷавон Абӯдулафи Дайронӣ, ки ақидаи шуубия дошт, ба хидмат дарояд.

Аз рӯйи гуфтаи шоир, ду нафар соҳибмансаби дарбори амири номбурда ӯро ба наздашон даъват мекунанд ва пешниҳод мекунанд, ки вай монанди ҳамшаҳри бузургаш Фирдавсӣ яке аз достонҳо аз номаи бостонро ба шеър орад барои шоҳи Нахҷавон, ки қадрдони онҳост ва қадрдони заҳмати шоирон. Муаллиф суҳбаташ бо он ду меҳтарро чунин баён доштааст:

*Зи ҳар гуна роҳе фикананд бун,*
*Пас он гаҳ кушоданд банди сухун,*
*Ки Фирдавсии Тӯсии покмагз*
*Бидодаст доди суханҳои нагз,*
*Ба «Шаҳнома» гетӣ биёростаст,*
*Бад-он нома номи наку хостаст.*
*Ту ҳамшаҳрӣ ӯрову ҳампешаӣ,*
*Ҳам андар сухан чобукандешаӣ,*
*Бад-он ҳамраҳ аз номаи бостон*
*Ба шеър ор хуррам яке достон...*

*Ту з-ин достон ганҷе андар ҷаҳон*
*Бимонӣ, ки ҳаргиз нагардад ниҳон.*
*Зи кас ёди ин ганҷ бар дил маёр,*
*Ҷуз аз шоҳи арронии шаҳёр...*
*Ки то ҷойгаҳ ёфтӣ Нахҷавон,*
*Бад-ин шоҳ шуд бахти пират ҷавон.*

Асадии Тӯсӣ худ эътироф намудааст, ки аз кирдори Гаршосп дар гузашта «яке номае буд ёдгор». Тахмин меравад, ки ӯ дар таълифи маснавиаш ба сифати сарчашма аз «Гаршоспнома» -и мансури Абулмуайяди Балхӣ ва китобе бо номи «Китоби Гаршоспнома» ё «Ахбори Гаршоспнома» истифода намудааст.

Муаллифи маснавии «Гаршоспнома» бо он ифтихор дорад, ки ӯ кореро мекунад, ки Фирдавсии нағзгӯй онро анҷом надода буд:

*Ба «Шаҳнома» Фирдавсии нагзгӯй*
*Бас аз пеши гӯяндагон бурд гӯй.*
*Басе ёди разми ялон карда буд,*
*Аз ин достон ёд н-оварда буд.*
*Ниҳоле буд ин руста ҳам з-он дарахт,*
*Шуда хушку бебору пажмурда сахт.*
*Ман акнун зи табъам баҳор оварам,*
*Мар ин шохи навро ба бор оварам.*

Гузашта аз ин Асадии Тӯсӣ қаҳрамони худ - Гаршоспро аз Рустам, ки чеҳраи адабии калидии «Шоҳнома»-и Фирдавсист, боло мегузорад ва мегӯяд:

*Зи Рустам сухан чанд хоҳӣ шунуд,*
*Гумонӣ, ки чун ӯ ба мардӣ набуд?!*
*Агар разми Гаршосп ёд оварӣ,*
*Ҳама разми Рустам ба бод оварӣ.*
*Ҳамон буд Рустам, ки деви нажанд*
*Бибурдаш ба абру ба дарё фиканд.*
*Сутӯҳ шуд зи Ҳумон ба гурзи гарон*
*Задаш даштбоне ба Мозандарон,*
*Забун кард Исфандёри далер,*
*Ба куштиш овард Суҳроб зер.*

*Сипаҳдор Гаршосп то зинда буд,*
*Накардаш забун кас, на афканда буд.*
*Ба Ҳинду ба Руму ба Чин аз набард*
*Бикард , он чи Дастону Рустам накард.*

Ҳол он ки ин ҳама «нотавониҳо»-и Рустам ва «тавоноиҳо»-и Гаршосп дар асл на аз бартариҳои қаҳрамони Асадии Тӯсӣ бар қаҳрамони Фирдавсӣ, балки аз нақси умдаи он ба шумор меравад. Рустам дар тасвири муаллифи «Шоҳнома» бо он ки ҷаҳонпаҳлавони бемислу монанд аст, дар айни замон мисли як одами хокӣ гоҳе мегиряду гаҳе механдад, дар ҷангҳояш бо девону душманон гоҳе даст боло мегардаду гаҳе зери даст, гаҳе зинсавор асту гаҳе зинбапушт. Ва маҳз бо ҳамин сифатҳояш ба дили хонандагон ва алоқамандонаш ҷой гирифтааст ва ҳама дар орзуи дидори ӯ мебошанд ва мехоҳанд, ки Рустам бошанд. Вале Гаршосп дар тасвири Асадии Тӯсӣ як нафарест, ки аз одами зинда ва воқеӣ бештар ба як ҷисми беҷон монандӣ дорад. Ҳамаро бо осонӣ ва содагӣ, бе ҳеҷ мушкилӣ мағлуб мегардонад.

Асадии Тӯсӣ дар баёни чеҳраи қаҳрамонаш ва корнамоиҳои ӯ, чунонки ба маснавиҳои ҳамосӣ, аз ҷумла «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ хос аст, аз муболиға фаровон истифода намудааст. Вале ӯ дар он ҳеч ҳаддеро риоя накардааст, муболиғаро ҳамеша аз иғроқ гузаронида, ба ғулув расонидааст. Барои намуна аз «Гаршоспнома» пораеро меорем, ки дар он аз ҷанги Гаршосп бо чаҳор бабри жаён сухан меравад:

*Бигуррид чун тундар андар баҳор,*
*Ба кин рӯй бинҳод бар ҳар чаҳор.*
*Ба пеш андаромад яке тунд бабр,*
*Ҷаҳон чун дурахшу хурӯшон чу абр.*
*Ду чашмаш зи кин чашмаи хун шуда,*
*Зи дунбол гардаш ба ҳомун шуда.*
*Сари чанг чун суфти алмоси тез,*
*Чу сӯзан ҳама мӯйи пушт аз ситез.*
*Хамонида дум чун камоне зи қир,*
*Ҳама нӯги дандон чу пайкони тир.*
*Дарафганда бонгаш ба ҳомун магок,*
*Зи кафкаш чу қатрон шуда рӯйи хок.*

*Зи дандон ҳамерехт оташ ба ҷанг,*
*Зи хоро ҳамекард сӯҳон ба чанг.*
*Ба як панҷа рони таковар бибурд,*
*Бизад бар замин, гарданаш кард хурд.*
*Яке гурз зад паҳлавон бар сараш,*
*Ки зери замин бурд ними бараш.*
*Ба дигар шуду зад-ш захме дурушт,*
*Чунон ка-ш зи сина бурун бурд пушт.*
*Севум бабр тез андаромад ба хашм,*
*Зи бас хашм чун лола бикшод чашм.*
*Ба дасте гирифташ қафо ялфиган,*
*Ба дасте кашидаш забон аз даҳан.*
*Ба зери лагад пок магзаш бирехт,*
*Чаҳорум давон сӯйи беша гурехт.*
*Биёндохт гурз аз пасаш паҳлавон,*
*Шикасташ ду пою бару паҳлувон.*

Гаршосп агарчи аз ҷиҳати ҷисм ва зӯри бозу ба ҷаҳонпаҳлавон Рустам шабоҳат дорад ва аз тухмаи Ҷамшед ва авлоди Рустам буд, ботинан ба камтарин пояҳои ӯ намерасад. Барои Рустам болотар аз меҳри Эрон ва ҳимояти он аз душманонаш рисолате нест. Аммо Гаршосп душмани муайяну мушаххас надорад. Ӯро ба муқобили ҳар чӣ ва ҳар кие, ки равона накунанд, ба ҷанг медарояд. Ягона қасди ӯ нишон додани зӯри бозуяш, говзӯрӣ мебошад ва беҳуда нест, ки гуфтааст:

*Маро Эзад аз баҳри ҷанг офарид,*
*Чӣ поям, ки ҷанг омад акнун падид.*

Заҳҳок, ки душмани ҷонии тухмаи Гаршосп буд, ӯро ба ҷанги зидди аждаҳои кӯҳи Шикованд, бабри жаён, хусрави ҳиндувон мефиристад. Ҳол он ки Рустам дар «Шоҳнома» ҳамеша бар зидди қувваҳои бадӣ, аҳриманӣ ва онҳое ҷангидааст, ки душманони кишвараш - Эрон буданд, ба он ҳамла овардаанд ва ё бар зиддаш ҷанг эълон намудаанд.

Дар чеҳраи Гаршосп ва муҳтавои маснавии Асадии Тӯсӣ дигаргуниҳои сиёсӣ ва адабию фарҳангие, ки пас аз суқути давлати Сомониён ба вуҷуд омадаанд, монанди заифии хонадонҳои

маҳаллии эронӣ ва ба сари қудрат омадани хонадонҳои туркнажод, шоҳномаситезиҳо, рӯ ба гуфтани шеъри хирад: ирфонӣ, динӣ ва фалсафӣ овардани шоирони форсигӯй дар нимаи дувуми асри XI ва XII таъсири худро гузоштааст. Бесабаб нест, ки як бахши муҳимми «Гаршоспнома» ба баёни саёҳати Гаршосп ба гирди Ҳиндустон, ба ҷазираи Бартоил (Сарандеб) ва аҷоибу ғароибе, ки дар он ҷойҳо мебинад, ба гуфтугӯҳои ӯ бо бараҳмани ҳиндии нуҳсадсола дар кӯҳи Деҳу бахшида шудааст.

Муаллифи «Гаршоспнома» аз забони пири хирад – бараҳмани ҳиндӣ баҳси тану равонро ба миён гузоштааст ва гуфтааст:

*Равон ҳаст зиндонии мустаманд,*
*Тан ӯро чу зиндон, табоеъ чу банд.*
*Чунон аст парвардан аз ноз тан,*
*Ки девори зиндон қавӣ доштан.*
*Чӣ бояд кашид ин ҳама ранҷу бок*
*Ба чизе, ки гавҳар-ш як мушти хок?*
*Чӣ меҳр афганӣ бар тану ин ҷаҳон,*
*Ки бо ту на ин монд хоҳад, на он?!*

Равонро (рӯҳ) бар тан (ҷисм, нафс) бартар гузоштан аз мавзӯъҳои аслии илми фалсафаи он замон (Шаҳиди Балхӣ, Ибни Сино ва дигарон) ва яке аз рукнҳои таълимоти сӯфиён буд. Асадӣ бо бозгӯйи достони «Гаршосп» дар асоси сарчашмаҳои қадимӣ зимнан ишора ба яке аз манбаъҳои ҳиндии он низ намудааст. Дар он замонҳо гузаштагони мо барои баҳра бардоштан маъмулан ба Ҳиндустон рӯ меовардаанд, чунонки китоби «Калила ва Димна»-ро аз он ҷо оварда буданд ва онро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба назм гардонда буд.

Дар маснавии «Гаршоспнома» ба хираду дониш диққати бештар додани Асадии Тӯсӣ, пеш аз ҳама, далели идомаи суннати хирадгароии соҳиби «Шоҳнома» бошад, аз тарафи дигар, сабаби дигар шудани завқи адабии муосиронаш ва таваҷҷуҳи онҳо ба шеъри хирад, панду ҳикмат ва ирфонӣ мебошад. Муаллиф арзиши маснавиашро дар он дидааст, ки дар он аз ҳар донише овардааст:

*Чунин номае сохтам пуршигифт,*
*Ки ҳар донише з-ӯ тавон баргирифт.*

Мусаллам аст, ки Асадии Тӯсӣ бо эҷоди «Гаршоспнома» бар пояи Фирдавсии Тӯсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ нарасидааст, на аз ҷиҳати лафзу на аз ҷиҳати маънӣ. Вале ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки муаллифи «Гаршоспнома» дар ҳунари шоирӣ коре накарда, ки шоистаи арзиш бошад. Бидуни шубҳа, Асадии Тӯсӣ аз шоирони тавоност ва бо зинда нигоҳ доштани суннати ҳамосасароӣ дар пешрафти адабиёт ва забони форсии тоҷикӣ хидмати сазоворе кардааст.

Хидмати дигаре, ки Асадии Тӯсӣ кардааст, таълифи куҳнатарин луғати тафсирии забони форсии тоҷикӣ «Луғати фурс» мебошад. Маҳз ба шарофати ин луғат осори бисёре аз шоирони гузаштаи мо, аз қабили Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абӯшакури Балхӣ боқӣ мондаанд.

Дар байни панҷ қасидаи мунозирае, ки Асадии Тӯсӣ навиштааст, монанди «Замину осмон» , «Найзаву камон», «Шабу рӯз», «Габру мусулмон» ва «Арабу Аҷам» охирӣ арзиши хосса дорад. Дар он шуубӣ будани муаллиф ва дорои ифтихороти миллии эронӣ будани ӯ баён гардидааст. Бинобар гуфтаи муаллиф:

*Рӯзе ману ҷавқе араби ҷалду сухандон*
*Будем ба базми меҳе аз май хушу шодон.*
*Мо дасти тараб бурда ба ҳар дӯстию лаҳв,*
*Хунёгари мо дасти наво бурдаву дастон.*
*Бас фазли Аҷам в-они Араб рафт ба мастӣ,*
*Ман майли Аҷам кардаму майли Араб эшон.*

Арабе барошуфт ва гуфт, ки Аҷам чист, ки ба фахри аҳли Араб расад? Зеро Араб дар асл аз Қурайш асту дар бахшишу фазл чу Банӣ Ҳошиму Ғатфон, дар фасоҳат чу Шайбаи Имрон, Зайду Лақату Узраву Саҳбон, дар шеър чу Абишису Ҷарир у Мутанаббӣ, Бухтарию Даъбалу Ахталу Ҳассон, дар илм чу Ҷину Аҳнаф, дар саховат чу Ҳотам, дар доноӣ чу Сотеҳу Нуъмон, дар макр чу Бин Маъдиву Бин Ос, дар саф чу Алии Асаду Мурраву Марвон, дар пайғамбарӣ чу Муҳаммад касоне дорад. Оё мисли араб ба аслу насаб кист? Аз араб қавитар гурӯҳе дар ҳама сахтӣ, бовафотар дар ҳама паймон, зарфишондатар дар гаҳи маҷлис, пойфишорандатар дар гаҳи майдон, ба нигоҳ доштани ҳақ, ба лутф кардани меҳмон касе нест. Найза, теғи яманӣ, аспони тозӣ, шутурони асил

аз мост. Забони араб беҳтар аст ва як номро ба сесад ранг ном мебарад.

Араб дар ниҳоят хитоб мекунад, ки:

*Бурҳони ман афъоли Араб чанд намудам,*
*Бинмой ту бурҳоне аз афъоли Аҷам, ҳон!*

Посухи Аҷамро дар асл меорем, ки басо омӯзанда мебошад:

*Гуфтам-ш чу девоне басе гуфтию акнун*
*Посух шунав, эй буда чу девони биёбон…*
*Шаҳ з-аҳли Аҷам буд чу Каюмарсу чу Ҳушанг,*
*Чун Ҷам, ки даду деву парӣ буд-ш ба фармон.*
*Чун Нарсию Баҳром, чу Парвизу чу Сосон.*
*Чун Кисро, к-овард бар ӯ фахр Муҳаммад,*
*Чун Ҳурмузи воло, ки ситад бож зи Хоқон.*
*Гурдон чу Наримону чу Соми ялу Гаршосп,*
*Чун Бежану Геву ҳунари Рустами Дастон.*
*Дар дониши тиб хира чу Ибни Закариё,*
*Дар ҳукми фалак ҷалд чу Ҷомоспи сухандон.*
*Шоир чу гузин Рӯдакӣ, он к-аш бувад абёт*
*Беш аз саду ҳаштод ҳазор аз дару девон.*
*Чун Унсурию Асҷадию шуҳра Кисоӣ*
*В -онон, ки зи Балху ҳади Тӯсу Раю Гургон.*

Сипас Аҷам ёд аз он меорад, ки дар забони Қуръон лафзи форсӣ ҳаст, монанди «сангу гил» дар шакли «сиҷҷил», «найза» дар шакли «найзаи фурсон», «шаккар» - «ширшакар», «мушк» - «миск» ва ғ. Ва зимнан таъкид мекунад, ки аҷамиён ҳар сунъи арабиёнро медонанд, вале арабиён дар ҳар сунъи аҷамиён оҷизу ҳайрон мебошанд.

Аҷам ҳамчунин зикр мекунад, ки кони шабаву маъдану пирӯза, зару симу гуҳару лаъли Бадахшон, меваҳои хуши ранг-баранге, ки монандашон дар ризвон (ҷаннат) набошад, дусад рӯд мисли тӯфон хурӯшон, боди сабо бо бӯйи хуши гул ба ҷойи боди самуми (гармсери) бо тафи шум, хоре, ки аз вай асал ояд ба ҷои хори шумо, ки заҳр барояд, аз мост. Хуршед, ки аз Хуросон нахустин ҳар рӯз мебарояд, аввал ба Аҷам нур меафканаду пас он

гаҳ ба Шумо. Хӯрду либосу амволи Аҷам низ нектар аз Араб аст. Агар маъвои Араб хору хаймаву талу рег аст, маъвогаҳи Аҷам гунбадаву гулшану айвон аст.

Мунозираи «Арабу Аҷам» -ро Асадии Тӯсӣ бо муросову мудоро ба охир расондааст ва гуфтааст, ки он чи гуфта шуд, ҳама аз чизҳои дунявӣ буд, аммо охират муҳимтар аз он ҳама аст. Фармони шариат ҳам бар Араб ва ҳам бар Аҷам якест, зеро муъминон чу бародарон ҳастанду дар ҳашр на амволу асбобу амлок ба бар ояд, балки амали некуву имон.

Омезиши андешаҳои шуубигарӣ бо талаботи шариати исломӣ низ аз воқеиятҳои даври Асадии Тӯсӣ буд ва гувоҳи мусулмон будани ӯст, мусулмоне, ки на танҳо ифтихороти миллии хешро фаромӯш накардааст, балки азиз ва зинда нигоҳ медорад.

## ПУРСИШ ВА СУПОРИШ

1. Чаро Абӯалӣ ибни Синоро нобиға гуфтаанд?
2. Муҳимтарин асарҳои илмию адабии Ибни Синоро номбар кунед ва феҳристи онро тартиб диҳед.
3. Нақши Абӯалӣ ибни Сино дар инкишофи забони форсии тоҷикӣ аз чӣ иборат аст? Феҳристи истилоҳоти илмии сохтаи ӯро таҳия намоед.
4. Харитаи сафарҳои Ибни Синоро кашед.
5. Дар мавзӯи "Ибни Сино-шоир" иншо нависед.
6. Идомаи суннатҳои адабии асри X-ро дар адабиёти нимаи аввали асри XI бо далелҳо исбот кунед.
7. Феҳристи намояндагони "Адабиёти форсии тоҷикӣ дар нимаи дуввуми асри XI ва асри XII-ро тартиб диҳед.
8. Намунаҳои шеъри нағзи шоирони ин давраро аз худ бикунед ва ба вазн ва қофияҳои онҳо эътибор диҳед.
9. Муҳтавои дубайтиҳои Боботоҳири Урёнро баён кунед.
10. Чанд дубайтии Боботоҳири Урёнро аз ёд кунед ва луғатҳои нодири онҳоро шарҳ диҳед.
11. Дигаргуниҳое, ки дар адабиёти нимаи давуми асри XI ва асри XII ба вуҷуд омаданд, аз чӣ иборат мебошанд?
12. Асадии Тӯсӣ “Гаршоспнома”-и худро дар пайравии кӣ офаридааст ва муҳтавои он аз чӣ иборат аст?
13. "Гаршоснома"-и Асадии Тӯсиро бо "Шоҳнома"-и Абулқосими Фирдавсӣ муқоиса намоед ва гузориш омода созед.
14. Муҳтавои мунозираи “Арабу Аҷам”-ро нақл кунед. Порае аз онро аз худ намоед ва ба хусусиятҳои забонӣ ва воситаҳои баёни он диққат диҳед.

## ТЕСТҲО

1. Чаро Абӯалӣ Ибни Синоро нобиға гуфтаанд?

   а) 148 китоб дорад.
   б) Муаллифи китоби машҳури “Алқонун” дар илми тиб аст.
   в) Соҳиби “Донишнома” аст.
   г) Абармарди илмҳои ҳикмат, мантиқ, илоҳиёт, табииёт, риёзиёт, тиб, ҳайат, забон, улуми адабӣ ва фанни шеър аст.

2. Ибни Сино чаро чунин гуфтааст?:

   Дар даҳр чу ман якеву он ҳам кофир?
   Пас, дар ҳама даҳр як мусулмон набувад.

   а) Мусулмони комил набуд.
   б) Ақлгаро буд.
   в) Имони маҳкам надошт.
   г) Тоату ибодат намекард.

3. Дигаргуниҳое, ки дар адабиёти нимаи дувуми асри X1 ва асри X11 ба вуҷуд омадаанд, аз чӣ иборат мебошанд?

   а) Дар адабиёт баёни мавзӯи хираду ҳикмат, ахлоқ ва ирфон мавқеъ пайдо карда, ҷанбаи иҷтимоии он қавӣ гардид.
   б) Қаламрави забон ва адабиёти форсии тоҷикӣ густариш ёфт.
   в) Доираҳои адабии нав пайдо шуданд.
   г) Шоирону адибони зиёде ба майдони адабиёт қадам гузоштанд.

4. Муҳтавои асосии мунозираи Асадии Тӯсӣ “Арабу Аҷам” чист?

   а) Баёни таърихи кишварҳои арабӣ.
   б) Баёни таърихи кишварҳои аҷамӣ.
   в) Исботи бартарии Аҷам.
   г) Исботи бартарии Араб.

# АМИР УНСУРУЛМАОЛИИ КАЙКОВУС
## (1020 – 1099)

Нависандаи яке аз китобҳои машҳур ва яке аз беҳтарин намунаҳои насри асри XI «Қобуснома» Унсурулмаолии Кайковус аз амирзодагони хонадони Зиёрӣ дар шимоли Эрон буда, дар соли 1020 ба дунё омадааст. Ӯ мисли ҳамаи амирзодагон дар ҷавонӣ илму ҳунарҳои гуногуни замонааш, аз ҷумла илми котибӣ ва шоирирo омӯхтааст. Аммо пешаи аслиаш амирӣ ва надимӣ буд. Вай дар аввал дар ноҳияҳои шимоли Эрон – Гургон, Табаристон, Гелон ва Дайламистон волӣ буда, пасон ҳашт сол дар дарбори султон Масъуди Ғазнавӣ (1041 - 1048) надимӣ кардааст.

«Қобуснома»-ро Амир Унсурулмаолии Кайковус дар шастусесолагиаш дар соли 1083 сирф барои тарбияи фарзандаш Гелоншоҳ ва иҷрои шарти падарӣ навиштааст, то ки фарзандаш аз рӯйи пандҳое, ки ӯ дар ҳар борае дар ин китоб ҷамъ овардааст, баҳра бигирад ва некномии ду ҷаҳон ҳосил намояд. Ӯ дар муқаддимаи китобаш гуфтааст: «Бидон, эй писар, ки ман пир шудам ва заифию бенеруйӣ ва бетӯшӣ (беқувватӣ) ба ман чира шуд… Маслиҳат чунон дидам, ки пеш аз он ки номаи азл (марг) ба ман расад, номаи дигаре дар накуҳиши рӯзгор ва созиши кор ва баҳра ҷустан аз некномӣ ёд кунам ва туро аз он баҳра диҳам бар мӯъҷиби меҳри падарӣ. То пеш аз он ки дасти замона туро нарм кунад, ту худ ба чашми ақл дар сухани ман нигарӣ ва аз ин пандҳо фузунӣ ёбӣ ва некномии ду ҷаҳон ҳосил кунӣ».

Кайковус ҳамчун каси рӯзгордида агарчи медонад, ки фарзандаш мисли ҷавонони дигар аз рӯйи андешаву бардошти ғалати хеш дониши худро бартар аз дониши падарони хеш ва пирони рӯзгордида медонад, боз ҳам ба сабаби меҳру шафқати падарӣ, ба умеди он ки агар фарзандаш аз гуфтори вай баҳра наҷӯяд, касони дигар бошанд, ки шунидану кор бастани некӣ ғанимат донанд, асарашро таълиф намудааст.

Нависанда аз ҳама панду ҳикматҳои фаровоне, ки дар тӯли умри шастусесолааш ҷамъ оварда будааст, он чи шоиставу беҳтар буд, дар китобаш ҷой додааст. Ҳадафи аслии ӯ он будааст, ки фарзандаш, каси гиромитар ва дӯсттараш худком набошад ва аз ношоист парҳез кунад, ки сазовори тухмаи (аҷдод) поки хеш ва асли шарифи хеш бошад: «Эй писар, ҳушёр бош ва қадри нажоди хеш бидон ва аз камбудагон мабош».

«Қобуснома» аз чиҳилу чаҳор боби алоҳида иборат мебошад ва дар онҳо аз хусуси оину расм, одоб ва тартиби ҳамаи он чизҳое, ки барои тарбияти як амирзодаи ҷавон ва ҷавонони ҳамсинну соли ӯ лозим меояд, сухан рондааст. Барои ҳамин ҳам ӯ диққаташро бештар ба он пеша ва ҳунарҳое ҷалб намудааст, ки донистани онҳо барои амирзодагон зарур буд («кори муҳташамон» буд), мисли шикор кардан, чавгон задан, нарду шатранҷ бозидан, корзор кардан, хидмат кардани подшоҳ, одоби надимӣ кардан, шартҳои подшоҳӣ, вазирии подшоҳ, расми сипаҳсолорӣ, оини уқубат (ҷазо) кардан ва афв кардан, андеша кардан аз душман, сухандонӣ, хештандорӣ ва тартиби хӯрдан ва оини он, тартиби шароб хӯрдан ва шартҳои он, меҳмонӣ кардан ва меҳмон шудан ва шартҳои он, мазоҳ, оини ҷамъ кардани мол, барда (ғулом) харидан ва шартҳои он ва ғ. Муаллиф барои мардони муҳташам, «меҳтарон» ҳамчунин донистани илму ҳунарҳое ҳам, ки ҳангоми дар хидмати шоҳ будан ба кор хоҳад омад, зарур мешуморад, монанди хунёгарӣ, шоирӣ, донистани донишҳои гуногуне – илми тиб, илми нуҷум ва ҳандаса, фиқҳ, пеша омӯхтан ва ғ. Ӯ мегӯяд: «Ва бидон, эй писар, ки чун ин суханҳо, ки дар муқаддима гуфтам, бипардохтам, аз ҳар навъе фасле гуфтам бар мӯҷиби тоқати (мувофиқи тавоноии) хеш, хостам, ки доди сухан тамом бидиҳам, аз пешаҳо низ ёд кунам, то он низ бихонию бидонӣ, ки магарат бад-он ҳоҷат афтад».

«Қобуснома» монанд ба як донишномаест дар бораи ахлоқ, расму оин, илму ҳунару пешаи замони муаллиф, ки дар онҳо таҷрибаи даврони пешин низ ҷамъбаст гардидаанд. Аз ин ҷиҳат як сарчашмаи боэътимодест барои шинос шудан бо ахлоқ, одоб, расму русум, илму ҳунари он замонҳо. Вале арзиши ин китоб танҳо дар он нест, ки моро ба даврони муаллиф ва замонҳои қадимтар аз он ошно мегардонад, балки бисёре аз гуфтаву навишта ва мушоҳидаҳояш, ки ҳикмати зиндагии одамӣ мебошанд, барои рӯзгори мо низ судманданд. Онҳо арзишҳои умумибашарӣ ва ҷовидонианд ва аз ин ба баъд низ қимати худро гум нахоҳанд кард, аз қабили ҳурмати падару модар, омӯхтани касбу ҳунар, илм, одоби сухану муошират (муносибат) ва ғ. Барои ҳамин сарфи назар аз он ки нависанда онро хосса барои писараш Гелоншоҳ ва мисли ӯ ҷавонҳо таълиф намудааст, дар тӯли садаҳои зиёд барои ҳамагон ба сифати китоби зиндагӣ хидмат кардааст ва ба

яке аз асарҳои хонданӣ ва дӯстдоштании намояндагони ҳамаи табақаҳои ҷомеа дар Шарқ, аз ҷумла дар Мовароуннаҳр, Хуросон, Эрону Озарбойҷон ва Осиёи Хурд шуҳрат ёфтааст.

Амир Унсурулмаолии Кайковус барои таъкиди он ки доштани ҳунар барои ҳар як одам шарт аст, мардуми беҳунарро ба хори муғелон (мағелон) монанд кардааст, зеро он «тан дораду соя надорад, на худро суд кунад ва на ғайрро». Муаллиф иқрор аст, ки «мардуми асилу насиб (асилзода ва соҳибнасаб) агарчи беҳунар бувад, аз рӯйи аслу насаб аз ҳурмат доштани мардум бебаҳра набошад», бо вуҷуди ин бояд ҷаҳд кунад, ки дар баробари гавҳари асл аз доштани гавҳари тан (ҳунар) низ бенасиб набошад, зеро гуфтаанд, ки: «Бузургӣ хираду донишро, на гавҳару тухмаро». Кайковус таъкид мекунад, ки набояд ғарра ба гавҳари асл кард ва гирди номи гузаштагони хеш гашт, зеро «ном он бувад, ки ту ба ҳунар бар хештан ниҳӣ, то аз номи Зайду Ҷаъфар ва «амму» ва «хол» ба «устоди фозил» ва «фақеҳу ҳаким» афтӣ, ки агар мардумро бо гавҳари асл гавҳари ҳунар набошад, суҳбати ҳеч касро нашояд ва ҳар киро дар вай ин ду гавҳар ёбӣ, чанг бар вай зан ва аз даст магузор, ки вай ҳамаро ба кор ояд». Ӯ ба фарзандаш насиҳат кардааст, ки: «Тани хешро ба фарҳангу ҳунар омӯхтан одат деҳ. Чизе, ки надонӣ биёмӯзӣ ва ин туро ба ду чиз ҳосил шавад: ё ба кор бастани он чиз, ки донӣ ё ба омӯхтани он чизе, ки надонӣ». Ба сухани дигар, соҳиби «Қобуснома» роҳи дурусти донишомӯзӣ ва ҳунаромӯзиро дар пайванди илм ва амал дидааст.

Кайковус барои омӯхтани илму ҳунар вақту ҳолатеро муайян нанамудааст, баръакс маслиҳат додааст, ки барои омӯхтан бояд аз ҳар вақту ҳар ҳол истифода кард ва аз ҳар кас, ҳатто аз нодоне чизе омӯхт. «Пас, омӯхтанро вақте пайдо макун, чи ҳар вақту ҳар ҳол, ки бошад, бояд, ки як соат аз ту нагузарад, ки дониш наёмӯзӣ. Ва агар дар он вақт доное ҳозир набошад, аз нодоне биёмӯз, ки дониш аз нодон низ бибояд омӯхт.

Аз он ки ҳар гоҳ ба чашми дил дар нодон нигарӣ ва басорати (чашми) ақл дар вай гуморӣ, он чи туро аз вай нописандида ояд, донӣ, ки набояд кард».

Соҳиби «Қобуснома» фазлу ҳунар ва фарҳанг омӯхтанро танҳо барои бузургон, муҳташамон, асилзодагон не, балки барои ҳамаи тоифаи мардум, аз ҷумла фурӯтанон зарур мешуморад, барои он ки, бинобар бовари ӯ, шахс маҳз ба шарофати ҳунар ва

фарҳанг бар ҳамсарони хеш, яъне ҳамдаврону ҳамнаслони хеш фузунӣ хоҳад ёфт: «Ва бар мардум воҷиб аст, ки чи бар бузургон ва чи бар фурӯтанон ҳунар ва фарҳанг омӯхтан, ки фузунӣ бар ҳама ҳамсарони хеш ба фазлу ҳунар тавон ёфт. Чун дар хештан ҳунаре бинӣ, ки дар амсоли (мисли) худ набинӣ, ҳамеша худро фузун аз эшон донӣ ва мардумон низ туро фузунтар донанд аз ҳамсарони ту ба қадру ба фазлу ҳунари ту. Ва чун марди оқил бубинад, ки вайро афзунӣ ниҳоданд бар ҳамсарони ӯ ба фазлу ҳунар, ҷаҳд кунад то фозилтару ҳунармандтар шавад».

Кайковус гузашта аз ин саломатии ду ҷаҳонро дар ҳунар ва сармояи ҳамаи некиҳоро дар донишу адаб дидааст ва фармудааст: «Ба омӯхтани ҳунар саломатии ду ҷаҳон ёфтӣ, ки саломатии ду ҷаҳон андар ҳунар аст ва сармояи ҳамаи некиҳо андар донишу адаб, хосса, адаби нафсу тавозуъ (фурӯтанӣ) ва порсоию ростгӯйӣ ва покдинию покшалворӣ ва беозорию бурдборӣ ва шармгинист».

Муаллифи «Қобуснома» дар омӯхтани фазлу ҳунар аз ду чиз ҳушдор медиҳад, яке аз коҳилӣ, ки онро фасоди тан мехонад ва дигаре аз ғарра шудан ба ҳунару дониши худ, зеро, ба ақидаи ӯ, касе, ки тани хешро фармонбардори хеш намекунад, дар роҳи омӯзиши ҳунару дониш комёб нахоҳад гашт, ҳамчунин касе, ки ба фазлу ҳунари хеш ғарра мешавад, нодон аст. Ӯ менависад: «Он гаҳ, ки ту ҳама чиз омӯхтӣ ва донистӣ, хештанро аз ҷумлаи нодонон шумор, ки доно он гоҳ бошӣ, ки бар нодонии хеш воқиф (огоҳ) гардӣ». Барои тасдиқи ин ҳақиқат аз гуфтаҳои Бузургмеҳри Ҳаким, Суқрот ва Абӯшакури Балхӣ далел овардааст. Аввалӣ гуфта будааст, ки «ҳама чиз ҳамагон донанд ва ҳамагон ҳанӯз аз модар назодаанд», дувумӣ гуфта, ки «агар ман битарсидаме, ки баъд аз ман бузургон ва аҳли ақл бар ман таънот (таънаҳо) кунанд ва гӯянд, ки Суқрот ҳама дониши ҷаҳонро ба як бор даъво кард, ман мутлақ бигуфтаме, ки ман ҳеч чиз надонам ва оҷизам». Севумӣ дар байте овардааст:

*То бад-он расида дониши ман,*
*Ки бидонам ҳаме, ки нодонам.*

Кайковус ҳамчун каси рӯзгордидаву соҳибтаҷриба ва донишманду ҳунарманди рӯзгори хеш ба писараш насиҳат кардааст, ки «агарчи доно бошӣ, чун шуғле пеш ояд, ҳарчанд туро кифояти гу-

зарондани он бошад, писанди ройи хеш мабош, ки марди писанди ройи хеш ҳамеша пушаймон бувад. Ва аз мушоварат (машварат) кардан ор мадор. Бо пирони оқилу бо дӯстони мушфиқ (ғамхор) мушоварат кун… Ва бидон, ки ройи ду кас на чун ройи як бошад, ки як чашм натавон дид, ки ду чашм бинад ва як даст он натавонад бардошт, ки ду даст бардорад». Ва барои қувват додани гуфтаи болояш табиберо шафеъ меорад ва мефармояд, ки «чун табиб бемор шавад ва бемори бар вай сахту душвор шавад, истионат (такя) ба муолаҷоти худ накунад, табиби дигаре орад ба итилои (огоҳӣ) вай илоҷ кунад худро, агарчи сахт доно табибе бошад».

Яке аз бобҳои барои ҷавонон омӯзанда ва муҳимми «Қобуснома» «Андар оини дӯст гирифтан» мебошад. Муаллиф дар оғози он бо зикри ин ки «мардум то зинда бошанд, ногузир бошанд аз дӯстон» дӯстро аз бародар беҳтар донистааст ва ба бисёрдӯстӣ ташвиқ намудааст. Ба ақидаи ӯ «бо дӯстони бисёр айбҳои мардум пӯшида шавад ва ҳунарҳо густарда гардад». Валекин, таъкид кардааст вай, «чун дӯсти нав гирӣ, пушт бар дӯсти куҳан макун. Дӯсти нав ҳаметалабу дӯсти куҳанро бар ҷой ҳамедор, то ҳамеша бисёрдӯст бошӣ, ки гуфтаанд: «Дӯсти нек ганҷи бузург аст».

Кайковус дар китобаш аз навъҳои гуногуни дӯстон ёд овардааст бо номҳои «нимдӯст», «дӯстони дӯстон», «дӯсте, ки душмани туро дӯст дорад», «дӯсти беҳунар», «дӯсти боҳунар», «дӯстони қадаҳ», «дӯсти неку бад», «дӯсти бадон» ва ғ. ва насиҳат кардааст, ки бо ҳар навъе аз онҳо чӣ гуна рафтор бояд намуд. Чунончи бо нимдӯстон некуию созгорӣ кардан ва ба ҳар неку баде бо онҳо дар иттифоқ буданро маслиҳат медиҳад ва мегӯяд, ки «то чун аз ту мардумӣ ёбанд, дӯсти якдили ту гарданд». Муаллифи «Қобуснома» парҳез кардан аз дӯсте, ки душманро дӯст дорад, аз дӯсте, ки «бе баҳонаву бе ҳуҷҷате ба гила шавад», аз дӯсти беҳунар, бехирад, дӯсти томеъ (тамаъкор)», «мардуми ҳақуд (кинадор)» раво мебинад.

Кайковус агарчи дӯстонро ба дӯстони неку бад тақсим намудааст, ба ҳар ду гурӯҳ дӯстӣ карданро маслиҳат медиҳад. «Ва бингар миёни дӯстони неку бад ва бо ҳар ду гуруҳ дӯстӣ кун. Бо некон ба дил дӯстӣ куну бо бадон бо забон дӯстӣ кун, то дӯстии ҳар ду гурӯҳ туро ҳосил бувад, ки на ҳама ҳоҷате ба некон афтад. Вақте бошад, ки дӯстии бадон низ ҳоҷат афтад».

Соҳиби «Қобуснома» барои донистани он мардумон, ки ба дӯстӣ шоянд ё на ду чизро муайян намудааст: 1) ба вақти тангдастӣ, 2) ба вақти фарохӣ: «Ба фарохӣ ба ҳурмат ва ба тангӣ ба суд». Кайковус «дӯстеро, ки душманро душман надорад, ошно хондааст, на дӯст».

Кайковус бо ин ҳама насиҳат кардааст, ки инсон набояд умед ба он бандад, ки «ман дӯсти бисёр дорам» ва «бар эътимоди дӯстон аз худ ғофил шавад», зеро, бинобар гуфтаи ӯ, «чи агар ҳазор дӯст бувад, туро аз ту дӯсттар касе набувад».

Ба ҳар мавзӯъ назари ҳаматарафа ва амиқ кардан хосси Амир Унсурулмаолии Кайковус мебошад. Маълум аст, ки ӯ дар зиндагӣ, сиёсат ва эҷод ақлгаро, хирадгаро аст. Ин чиз шаҳодати он аст, ки вай парвардаи асри Рӯдакӣ, Фирдавсӣ ва Ибни Синост. Чунончи ӯ дар боби «Андар шинохти ҳаққи падару модар» пас аз зикри он ки ҳурмат доштан ва нигоҳубин кардан ба асли худ, ба падару модар аз воҷиботи хирад аст, хитоб ба фарзанд намудааст ва ҳушдор додааст, ки «то нагӯйӣ, ки падару модарро бар ман чӣ ҳақ аст, ки эшонро ғараз шаҳват буд, на мақсуд ман будам», зеро, бинобар гуфтаи вай «ҳарчанд ғараз шаҳват буд, музоафи шаафи (хурсандии дучандони) эшон аст, ки аз баҳри ту хештанро ба куштан диҳанд...».

Кайковус ба ҳаққи падару модар аз рӯйи дин, аз рӯйи хираду мардумӣ нигаристанро ба фарзандон насиҳат мекунад ва мегӯяд, ки азбаски падару модар сабабгори некию асли парвариши нафси фарзанд мебошанд, агар фарзанд дар ҳаққи эшон ба камбуд роҳ диҳад, кӯтоҳӣ кунад, ҳеч гоҳ сазои некӣ набинад. Ӯ таъкид мекунад, ки фарзанд чунонки ба падару модараш бошад, аз фарзандони худаш ҳамон хоҳад дид. «Зеро ки он ки аз ту зояд, ҳамон тамаъ дорад, ки ту аз падар дорӣ, ки масали одамӣ ҳамчу мева аст ва модару падар ҳамчу дарахт. Ҳарчанд дарахтро тааҳҳуд (нигоҳубин) беш кунӣ, мева аз вай накутару беҳтар ёбӣ. Ва чун падару модарро ҳурмату озарм бештар дорӣ, дуову офарини эшон дар ту асари бештар кунад ва мустаҷобтар (қабултар) бувад ва ба хушнудии эшон наздиктар бошӣ».

Як нуктае ҳам, ки муаллифи «Қобуснома» дар шинохти ҳаққи падару модар гӯшзад намудааст, он аст ки «зинҳор, ки аз баҳри мерос марги падару модар нахоҳӣ, ки бе марги падару модар он чи рӯзии ту бошад, ба ту бирасад...». Кайковус бовар бар он до-

рад, ки тавонгарии инсон ба хирад аст, на ба мол, зеро «ба хирад мол тавон ҳосил кард ва ба мол хирад ҳосил натавон кард. Ва ҷоҳил аз мол зуд дарвеш гардад ва хирадро дузд натавонад бурдан ва обу оташ ҳалок натавонад кардан».

Боби «Андар меҳмонӣ кардан ва меҳмон шудан ва шароити он» низ аз назари фароху амиқи ӯ ва таҷрибаи зиёде, ки ба сифати волӣ ва надим дошт, гувоҳӣ медиҳад. Муаллиф баёнашро аз он оғоз мекунад, ки «эй писар, мардумони бегонаро ҳар рӯз меҳмон макун». Сабабашро дар он мебинад, ки «ҳар рӯз ба ҳаққи меҳмон натавон расидан». Бинобар ин ӯ маслиҳат додааст, ки мизбон бояд бинигарад, ки то як моҳ чанд бор меҳмонӣ метавонад кард. Сониян, агар се бор тавонад кардан, як бор кунад, аммо он харҷи се борро кунад, то хонаш аз ҳама айб мубарро (холӣ) бувад ва забони айбҷӯён баста бошад».

Шарти дигари меҳмондориро Кайковус дар он мебинад, ки ба пешвози ҳар меҳмон кас бояд фиристод, наздикӣ кард ва иззати ҳар кас ба сазои ӯ дошт: «Ва чун меҳмонон дар хонаи ту оянд, ҳар касро пешвоз мефирист ва тақаррубе (наздикӣ) ҳамекун ва темори (парастори) ҳар кас ба сазои ӯ медор».

Сипас якояк тартиби меҳмондориро аз оғози пазироӣ то анҷом баён доштааст. Аввал пеш аз таом меваҳои тару хушк бояд кард, каме сабр кард ва он гаҳ хӯрданӣ овард. Мизбон то меҳмонон як бору ду бор нагӯянд, ки биншин, нашинад. Баъди нишастан ба меҳмонон бояд мадад кунад ва нон бихӯрад. Муаллиф ҷойи мизбонро фурӯтар аз ҳама муайян намудааст, ба истисной он ки меҳмон бузург бошад, ки нишастан мумкин набувад.

Кайковус аз меҳмон узр хостан, ки: «Эй фалон, нон нек бихӯр ва ҳеч намехӯрӣ. Шарм мадор, ки аз ҷиҳати ту чизе натавонистам кардан. Иншооллоҳ, ки баъд аз ин узри онҳо бихоҳем»-ро аз табъи бозориён медонад ва мегӯяд, ки: «Ин на суханони муҳташамон бувад», зеро «аз чунин гуфтор мардум шармсор шаванд ва нон натавонанд хӯрдан ва нимсер аз хон бархезанд». Муаллиф аз расми накуи мардуми Гелон ёд овардааст, ки «чун меҳмонро ба хона баранд, хон биниҳанд ва кӯзаҳои об ҳозир кунанд. Ва меҳмонхудой (соҳиби меҳмон) ва пайвастагони ӯ аз он ҷо бираванд, магар як тан аз ҷойи дур бозистад аз баҳри коса ниҳодан, то меҳмон чунонки хоҳад, нон бихӯрад. Он гаҳ мизбон пеш ояд».

Тартиби шароб хӯрдан бо меҳмонро низ баён дошт, таъкид

кардааст мизбон набояд пеш аз меҳмон маст шавад. Бинобар гуфтаи вай, мизбон танҳо пас аз ниммаст шудани меҳмонон метавонад, ки аз хештан мастӣ нишон диҳад ва дар пеши меҳмонон хушхулқу тозарӯй бошад, беҳудаханда набошад. «Ва чун меҳмон маст шавад ва бихоҳад рафтан, яке ду бор хоҳиш кун ва тавозуъ намой ва магзор, ки биравад. Севум бор рухсат деҳ, то биравад».

Аммо дар пеши меҳмонон итоб кардан, ҷанг кардани чокарони хатокорро нек намешуморад.

Кайковус бо зикри он ки «ҳаққи меҳмон доштан воҷиб аст», таъкид намудааст, ки «валекин ҳаққи меҳмоне, ки ба ҳақшиносӣ арзад. На чунонки ҳар қаллошеро (майпараст, бенангу номусро) ба хона барӣ ва он гоҳ чандон эъзозу икром (иззату эҳтиром) кунӣ, ки ин меҳмони ман аст. Бидон, ки ин тақаррубӣ, дилдорӣ ба кӣ бояд кард».

Ҳар яке аз чилу чаҳор боби «Қобуснома» сазовори ин аст, ки мавриди баррасӣ қарор гирад ва зикр шавад. Яке аз он бобҳое, ки бояд ёд шавад, «Андар тартиби пирию ҷавонӣ» мебошад, зеро аз чанд ҷиҳат ҷолиб аст ва пеш аз ҳама, барои он ки онро падари пири мушфиқу меҳрубоне навиштааст, мисли Амир Унсурулмаолии Кайковус , ки аз наздик омадани маргаш огоҳ аст, ба писари ҷавонаш Гелоншоҳ тамоми таҷрибаву омӯхтаҳояшро мерос монданист ва умеди он дорад, ки фарзандаш ҳамчун номбардори сазовори гузаштагони бузургвораш тарбият хоҳад гирифт.

Ин боб як навъ маҷмӯи андешаҳои як пири хирад дар бораи тартиби пирию ҷавонӣ, фалсафаи марг ва зиндагист. Пире, ки медонад ва борҳо таҷриба намудааст, ки дар дунё «ҳар кӣ зод, бешак, бимирад», аз марг эмин нест, зеро «марг на ба пирӣ бувад ва на ба ҷавонӣ».

Кайковус ба писари ҷавонаш насиҳат мекунад, ки ҷавонӣ кунад, баҳраи хеш аз ҷавонӣ ба қадри тавоноӣ бардорад, ки чун пир шавад, худ натвонад. «Чунонки он пир гуфт, ки чандин сол хира ғам хӯрдам, ки чун пир шавам, хубрӯён маро нахоҳанд. Акнун, ки пир шудам, худ эшонро намехоҳам. Ва агар тавонӣ, низ назебад». Бо ин ҳама маслиҳат додааст, ки «эй писар, ҳарчанд ҷавонӣ, пирақл бош. Нагӯям, ки ҷавонӣ макун. Валекин ҷавони хештандор бош ва аз ҷавонони пажмурда мабош».

Кайковус ба фарзандаш насиҳат кардааст, ки танҳо бо ҷавонон нишастухез накунад, бо пирон низ ҳамнишин шавад, ҳамсуҳбат

гардад, ҳурмат кунад, рафиқону надимони пиру ҷавонро омехта дорад. Ҳикмати он дар ин аст, ки агар ҷавоне дар мастии ҷавонӣ муҳоле (кори нокардание) кунад ва гӯяд, пир монеи он муҳол бошад. Гузашта аз ин пирон чизҳое донанд, ки ҷавонон надонанд. Муаллиф хуб огоҳ аст, ки одати ҷавонон аст, ки бар пирон масхара кунанд, ки аз он ки пирон муҳтоҷи ҷавонӣ бошанд, бинобар ин таъкид менамояд, ки ҷавонон набояд бар пирон пешӣ ҷӯянд ва беҳурматӣ кунанд. Вай мегӯяд, ки «агар пирон дар орзуи ҷавонӣ бошанд, ҷавонон низ бешак дар орзуи пирӣ бошанд». Гузашта аз ин пирон бартарӣ доранд, зеро «пир ин орзу ёфтааст ва самараи он бардошта. Ҷавонро бартар, ки ин орзу бошад, ки биёбад ва бошад, ки наёбад».

Кайковус аз суҳбати пирони нопойбарҷой, пирони нопок, пири раъно парҳез кардан ва авло доштани суҳбати ҷавонони пойбарҷойро маслиҳат додааст ва гуфтааст: «Ва то ҷавонӣ, ҷавон бош ва чун пир шудӣ, пирӣ кун. Дар вақти пирӣ ҷавонӣ назебад. Чунонки ҷавононро пирӣ кардан назебад». Пириро нависанда ба ғаллаи сафедгашта ва меваи пухта монанд кардааст ва гуфтааст: «Аз он ки чун ғалла сапед гаштӣ, агар надараванд, ночор худ бирезад ва ҳамчунин мева, ки пухта гашт, агар начинанд, худ аз дарахт бияфтад, чунонки ман гуфтам:

*Гар бар сари моҳ барниҳӣ пояи тахт,*
*Гар ҳамчу Сулаймон шавӣ аз давлату бахт.*
*Чун умри ту пухта гашт, барбандӣ рахт,*
*К-он мева, ки пухта шуд, бияфтад зи дарахт».*

Пирӣ, ба гуфтаи соҳиби «Қобуснома», бемориест, ки кас ба аёдати ӯ наравад, пирӣ иллатест, ки ҳеч табиб доруи ӯ насозад, илло марг, зеро «чун ҳавасҳои ту аз кор фурӯ монад ва дари биноию гӯёӣ ва шунавоию буёӣ ва ламсу завқ ҳама бар ту баста шуд, на ту аз зиндагонии хеш шод бошӣ ва на мардум аз зиндагонии ту ва бар мардумон вуболе гардӣ. Пас марг аз чунон зиндагонӣ беҳ». Кайковус умри мардумонро ба офтоб монанд мекунад, фақат фарқро дар он мебинад, ки «офтоби ҷавонон дар уфуқи машриқ бошад ва офтоби пирон дар уфуқи мағриб. Ва офтобе, ки дар уфуқи мағриб бувад, фурӯрафта дон».

Муаллиф сабаби аз пирӣ дурудароз шикояте карданашро ба писараш дар он медонад, ки «мардум аз пирӣ сахтгила аст. Ва ин

на аҷаб аст, ки пирӣ душман аст ва аз душман гила бувад».

Ниҳоят, Кайковус ба писараш насиҳат кардааст, ки ҷаҳд кунад, то ба пирӣ ба як ҷо мақом кунад ва ба пирӣ сафар кардан аз хирад нест. Хосса, марде, ки бенаво бошад, ки пирӣ душманест ва бенавоӣ душмани дигар. Пас, бо душман сафар кардан на аз доноӣ бувад».

«Қобуснома» ё «Насиҳатнома» китобест аз силсилаи пандномa ва андарзномаҳои даврони бостон ва китобҳои пандуахлоқии садаи X, монанди «Калила ва Димна»-и Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Мавҷуд будани боби ҷудогонае «Андар ёд кардани пандҳои Нӯшервони одил» ва зикри муаллиф дар бораи он ки «кор бастани ин суханҳову пандҳои подшоҳ моро воҷибтар бошад, ки мо аз тухмаи он маликем», ҳамчунин ҷой доштани маънию мазмунҳои монанд ва ҳамоҳанг ба суханҳои Рӯдакӣ, Фирдавсӣ ва дигар пешгузаштагон тасдиқ бар он мебошад.

Арзиши «Қобуснома» на танҳо дар муҳтавои муҳимми он аст, балки дар сабки нигориш, забон, тарзи баён ва воситаҳои баёни сода, поку беғаш, қобили фаҳм, хоно ва гӯёи он низ мебошад, ки давоми бевоситаи суннатҳои адабии мактабу шеъру шоирии асри X, шеъри Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ мебошад. Кайковус, тавре ки худ эътироф намудааст, такаллуф (зиёдаравӣ) ва саҷъро дар номаи тозӣ нишонаи ҳунар медонад ва хушоянд мешуморад, «лекин андар номаи порсӣ саҷъ нохуш ояд, агар нагӯӣ, беҳтар бошад». Ӯ на танҳо дар наср, балки дар шеър низ раво нест. Зеро, мувофиқи гуфтаи ӯ, «шеър аз баҳри мардумон гӯянд, на аз баҳри хеш», бинобар ин бояд сухани шоир саҳли мумтанеъ бошад ва аз сухани торикуноравшан бипарҳезад: «Эй писар, агар шоир бошӣ, ҷаҳд кун то сухани ту саҳли мумтанеъ бошад ва бипарҳез аз суханони ғомиз (торик) ва чизе, ки ту донию дигаронро ба шарҳи он ҳоҷат ояд, магӯй, ки шеър аз баҳри мардумон гӯянд, на аз баҳри хеш».

Забон ва тарзи баёни он, ҷумлабандӣ, воситаҳои тасвир дар «Қобуснома» ба мавзӯи китоб, ки барои писари ҷавони муаллиф таълиф гардидааст, бисёр муносиб ва мувофиқ омадааст. Таркиби луғавиаш асосан аз калимаву таркибҳои содаи форсӣ иборат буда, луғати арабӣ ба нисбати кам мебошад. Дар он ҷумлабандиҳои печ дар печ ва муғлақ нисбатан кам аст. Ҳам таркиби луғавӣ ва ҳам ҷумлабандиҳо пухта ва рехта ва барои ба хотир гирифтан осон мебошанд. Ташбеҳу тавсиф, маҷоз ва истиораҳое, ки ба таври фа-

ровон истифода шудаанд, ҳама табиӣ ва заминию воқеианд.

Ҳар боби «Қобуснома» аз ду қисм иборат мебошад, муаллиф дар аввали ҳар боб он чи марбут ба ҳикмати назарӣ дорад, меорад ва қисми ҳикмати амалиро бо овардани байтҳои шоирон, масалҳои форсию тозӣ, гуфтаҳои ҳакимону донишмандон ва ҳикоятҳо оро медиҳад. Баъдан ин равиш дар насри асрҳои баъдина вусъат меёбад.

Амир Унсурулмаолии Кайковус китоби «Қобуснома»-ро бо зикри он ба поён расонидааст, ки «дар ин китоб андар ин чиҳилу чаҳор боб дар ҳар маънӣ, ки донистам, чунонки маро табъ даст дод, бо ту сухан гуфтам ва дар ҳар бобе насиҳат кардаму панде додам, магар дар боби хирадмандӣ, ки ҳеч наметавонам гуфт, ки ба ситам оқил бош, аз он ки оқилӣ ба ситам (зӯр, ҷабр) натвон омӯхт». Муаллиф ҷонибдори он ақида аст, ки ақл аз ду гуна аст: яке ақли ғаризӣ (ирсӣ, табиӣ) ва дувум ақли муктасаб (касбшуда, омӯхташуда) аст. Онро, ки ақл ғаризӣ бувад, «хирад» хонанд. Аммо ҳар чӣ муктасаб аст, битвон омӯхт, валекин ақли ғаризӣ ҳадяи худоист, он ба таълим аз муаллим бинатавон омӯхт». Бинобар он ба писараш насиҳат кардааст, ки агар дорои ақли ғаризӣ бошад, хуб аст, агар не, дар омӯхтани ақли муктасаб тақсир накунад, зеро «агар аз ҷамъи донишмандон набошӣ, боре аз ҷамъи доноён бошӣ».

Кайковус роҳи омӯхтани хирадро дар ҳикмат медонад ва ба ин муносибат гуфтаи Аристотолиси ҳакимро меорад, ки дар ҷавоб ба саволи «Қуввати хирад аз чист?» гуфтааст: «Ҳама касро қувват аз ғизо бошад ва ғизои хирад ҳикмат аст».

Аз ҷумлаҳои охири «Қобуснома» бармеояд, ки соҳиби ин китоб «он чи ба хештан писандида будааст», ҳамонро ба писараш хоста ва омӯзонда будааст. Ва гуфтааст, ки агар вай беҳтар аз ин хислате ва одате ҳамедонад, чунон бошад, ки беҳтар бувад, вагарна, ин пандҳои ӯ ба гӯши дил шунавад ва ба кор бандад. Ва агар нашунаваду напазирад, бар вай ситам нест. Муаллиф умед ба он мебандад, ки «он кас, ки Худои таоло вайро некбахт офаридааст, худ бихонаду бидонад ва кор бандад, ки ҳар чи ман гуфтам, ҳама аломати некбахтон аст андар ду ҷаҳон».

# НОСИРИ ХУСРАВ
## (1004 – 1088)



### ЗАМОНИ ШОИР ВА ЗИНДАГИНОМАИ Ӯ

Носири Хусрав соле ба дунё омад, ки панҷ сол пеш аз он давлати пуриқтидори тоҷикон Сомониён барҳам хӯрда, дар Хуросон ва Мовароуннаҳр қудрати сиёсӣ ба дасти сулолаҳои гуногуни турк ва султононе, мисли Маҳмуди Ғазнавӣ гузашт, ки дар корҳои мазҳабӣ сахт мутаассиб буданд. Бино бар гуфтаи муаллифи «Маҷмаъ-ут-таворих», султон Маҳмуд соли 1029, ки он вақт Носири Хусрав понздаҳсола буд, дар шаҳри Рай бисёр бузургони Оли Дайламро ба гуноҳи бадмазҳабӣ ва гаравидан ба ботиния ба дор кашида, қисме аз онҳоро дар пӯсти гов дӯхта, боқимондаашонро бо баҳонаи дар он мавҷуд будани китобҳои рофизиён ва мулҳидон асир гирифт. Аз сӯзонидани китобхонаи бузурги Рай, ки танҳо феҳристи китобҳояш дар даҳ ҷилд будааст, муаллифи «Таърихи Байҳақӣ» хабар додааст.

Носири Хусрав аз он ки сарзамини аҷдодиаш Мовароуннаҳру Хуросон, ки «макони илму ҳикмат» буду ҳоло ба чанги туркони «беилму адаб», «авбоши бехонумон», «қавми ҳомун» афтода, ба «мулки девони малъун» табдил ёфтаасту мардумию сарварӣ аз халқ берун шудааст, ғам мехӯрад ва онҳоро ба нафрати зиёд носазо мегӯяд:

*Эй фалаки зудгард, вой бар он,*
*К-ӯ ба ту, эй фитнаҷӯй, мафтун шуд.*
*Ҳар кӣ ба шамъи хирад надид раҳат,*
*Пеши ту мадҳуш гашту Шамъун шуд.*
*Аз чӣ дар ой ҳаме дарун, ки чунин*
*Мардумӣ аз халқ ҷумла берун шуд?*
*Феъли ҳама ҷавр гашту макру ҷафо,*
*Қавли ҳама зарқу ваъда афсун шуд.*
*Мулки ҷаҳон гар ба дасти девон буд,*
*Боз кунун ҳолҳо ҳам-эдун шуд.*

*Бози ҳумоюн чу ҷугд гашт хирӣ,*
*Ҷугдаки шуму хирӣ ҳумоюн шуд.*
*Сар ба фалак баркашид бехирадӣ,*
*Мардумию сарварӣ дар оҳун шуд.*
*Боди фурӯмоягӣ вазид аз ӯ,*
*Сурати некӣ нажанду маҳзун шуд.*
*Хоки Хуросон чу буд ҷойи адаб,*
*Маъмани девони нокас акнун шуд,*
*Ҳикматро хона буд Балху кунун*
*Хона-ш вайрону бахт ворун шуд.*
*Мулки Сулаймон агар Хуросон буд,*
*Чун ки кунун мулки деви малъун шуд?...*
*Бандаи эшон буданд туркон, пас*
*Ҳол гаҳ эдуну гоҳ эдун шуд.*
*Бандаи туркон шуданд боз магар*
*Наҷми Хуросон наҳсу махбун шуд.*
*Чокари қибҷоқ шуд шариф зи дил*
*Ҳурраи ӯ пешкори хотун шуд.*
*Лоҷарам, ар ноқисон амир шуданд,*
*Фазл ба нуқсону нақс б-афзун шуд.*

Шоир ба хулосае омадааст, ки дар ҳар замине, ки қадами номубораки «қавми ҳомун» мерасад, аз он ба ҷойи набомот бало мерӯяд:

*Бало рӯяд набот андар замине,*
*Ки аҳлаш қавми ҳомунанду Қорун.*
*Наботи пурбало гуззасту қибчоқ,*
*Ки рустастанд бар атрофи Ҷайҳун.*

Носири Хусрав, ки аз «пок фарзанди озодагон» – ашрофони заминдори бумӣ буд, аз он ки ҳамнажодонаш бандаи туркон шудаанд, азоб мекашид.

*Туркон ба пеши мардон з-ин пеш дар Хуросон*
*Буданд хору оҷиз ҳамчун зани сароӣ.*
*Имрӯз шарм н-ояд озодазодагонро*
*Кардан ба пеши туркон пушт аз тамаъ дутоӣ.*

Аз ҳамкорӣ бо султонони турктабори ғазнавӣ ва салҷуқӣ ва шиносоии наздик бо сиёсати давлатдории онҳо Носири Хусрав ба хулосае меояд, ки ба онҳо умед бастан нашояд. Бинобар ин соли 1045 аз шуғли девонӣ истеъфо дод ва дар таърихи 6 марти 1046 бо ҳамроҳии бародари хурдиаш Абӯсаид ва ғуломи ҳинду бо роҳи Сарахс ба Нишопур сафар мекунад ва аз он ҷо ба Симнону Рай, Қазвину Табрез меравад ва соли 1047 ба Макка мерасад ва фаризаи ҳаҷро анҷом медиҳад. Пасон се сол дар Миср боқӣ мемонад ва бо роҳбари тариқати исмоилия Ҳибатуллоҳ Абӯнаср ибни Абиимрони Шерозӣ вомехӯрад ва ба шарофати вай дараҷаҳои мазҳаби Исмоилия – мустаҷиб, маъзун, доъӣ, ҳуҷҷатро мепаймояд. Ҳамчунин бо ёрии ӯ ба ҳузури Имоми ҳаштуми Фотимиён – Абӯтамим Маид ибни Алӣ ал-Мустансир (1036-1094) пазируфта мешавад ва «ҳуҷҷати ҷазираи Хуросон» мешавад.

Чӣ шуд, ки дар вазъ ва рӯҳияи Носири Хусрав гардиши қатъӣ ба вуҷуд омад, хидмати дарборро тарк намуд ва ба таълимоти исмоилӣ гаравид? Сабаби беруниашро худи муаллиф дар оғози «Сафарнома»-аш баён намудааст. Мувофиқи гуфтаи ӯ, моҳҳои октябр-ноябри соли 1045 аз Марв ба Панҷдеҳи Марврӯд ва аз он ҷо ба Ҷузҷон меравад ва қариб як моҳ дар он ҷо мемонад ва шароб пайваста мехӯрад. Ва шабе дар хоб мебинад, ки яке ба ӯ мегӯяд: «Чанд хоҳӣ аз ин шароб, ки хирад аз мардум зоил ( паст) кунад, агар баҳуш бошӣ, беҳтар». Ман ҷавоб гуфтам, ки: «Ҳукамо ҷуз ин чизе натавонистанд сохт, ки андуҳи дунё кам кунад». Ҷавоб дод, ки: «Бехирадӣ ва беҳушӣ роҳате набошад, ҳаким натавон гуфт касеро, ки мардумро ба беҳушӣ раҳнамун бошад, балки мардумро чизе бояд талабид, ки хирад ва ҳуш бияфзояд». Гуфтам, ки: «Ман инро аз куҷо орам?». Гуфт: «Ҷӯянда ёбанда бошад» ва пас сӯйи қибла ишорат кард ва дигар сухан нагуфт». Чун аз хоб бедор шудам, он ҳол тамом бар ёдам буд, ин насиҳат бар ман кор кард ва бо худ гуфтам, ки «аз хоби чиҳилсола низ бедор гардам». Андешидам, ки то ҳама афъол (кирдор) ва аъмоли худ бадал накунам, фараҳ (шодмонӣ) наёбам».

Носири Хусрав чӣ андуҳе дошт аз дунё, ки барои кам кардани он пайваста шароб мехӯрд ва он чизе, ки хирад ва ҳушро бияфзояд ва талабашро ба ӯ маслиҳат доданд ва сӯйи қибла ишорат карданд, чӣ буд? Тавре ки аз асарҳои ӯ бармеояд, андуҳаш аз замонаи нооором ва ноодилона буд, ки идораи он ба дасти мардуми ҷоҳил

ва бехирад буда, аҳли илму маърифат ба хорию зорӣ гирифтор буданд. Ӯ аз молу шоҳу мир навмед шуда, рӯ ба аҳли тайласону аммомаву ридо шудааст. Муаллиф дар ҷустуҷӯйи ҳақиқат ва адолат ба сафар мебарояд, ҳаҷ мекунад ва ба Миср, маркази давлати Фотимиён меравад. Шиносоӣ бо он давлат, пешвоёни мазҳаби исмоилия ӯро ба натиҷае мерасонад, ки ҳақиқат ва адолат дар он ҷост. Ӯ бо як таваҷҷуҳи хосса аз тартибу низоми он кишвар, ки осоишу офияти мардумашро таъмин намуда буд ва эътимоди мардумро ба даст оварда буд, сухан меронад Беҳуда нест, ки ӯ се сол дар он ҷо мемонад. Гумон меравад, ки ҳадафи аслии ӯ низ аз сафари ҳафтсолааш маҳз шиносоӣ бо давлати Фотимиёни Миср ва таълимоти мазҳаби исмоилия буд. Аз миёни тамоми мазҳабҳои маъмули он давр фақат пайравони исмоилия мардумро ба мубориза бар зидди салтанати салҷуқӣ даъват мекарданд. Ин чиз, бидуни шак, ба табиати озодиҷӯ ва ҳақиқатҷӯ ва адолатпарвари Носири Хусрав мувофиқ омада буд. Барои муаллиф исмоилия на танҳо ҷаҳонбинии динии дилхоҳ, балки воситаи баёни афкори фалсафӣ, ахлоқӣ ва сиёсиаш низ буд.

*Бархостам аз ҷою сафар пеш гирифтам,*
*Н-аз хона-м ёд омаду н-аз гулшану манзар.*
*Аз порсию тозию аз ҳиндию аз турк*
*В-аз синдиву румӣ зи ибрӣ ҳама яксар*
*В-аз фалсафию монавию собию даҳрӣ*
*Дархостам ин ҳоҷату пурсидам бемар…*
*Пурсанда ҳамерафтам аз ин шаҳр бад-он шаҳр,*
*Ҷӯянда ҳамегаштам аз ин баҳр бад-он бар.*
*Гуфтам, ки мавзӯи шариат на ба ақл аст,*
*Зеро ки ба шамшер шуд ислом муқаррар.*
*Тақлид напазруфтаму ҳуҷҷат saniҳуфтам,*
*Зеро ки нашуд ҳаққ ба тақлид мушаҳҳар.*

Ба хотири пайдо намудани ҷавоб ба саволҳои худ рӯ ба «аҳли тайласону аммомаву ридо» меорад, аммо тавре ки худ мегӯяд, «ҷуз дарду ранҷ ҳеч нагардид ҳосилам» аз он касоне, ки сӯйи онҳо ба умеди шифо шуда буд:

*Ҷуз дарду ранҷ ҳеч нагардид ҳосилам*
*З-он кас, ки сӯйи ӯ ба умеди шифо шудам.*
*В-аз молу шоҳу мир чу навмед шуд дилам,*
*Зӣ аҳли тайласону аммома-в ридо шудам.*
*Гуфтам, ки роҳи дин бинамоянд мар маро,*
*Зеро ки з-аҳли дунё дил пурҷафо шудам.*
*Гуфтанд: «Шод бош, ки растӣ зи ҷаври даҳр»,*
*То шод гашт ҷонаму андар наво шудам…*
*Гуфтам: «Чу номашон уламо буду кор ҷавр,*
*К-аз дасти фақри ҷаҳл бад-эшон раҳо шудам.*
*То чун ба қолу қили мақомоти мухталиф*
*Аз умр чанд сол миёншон фано шудам".*
*Гуфтам: «Чу ришва буду риё молу зуҳдашон,*
*Эй Кирдгор, боз ба чӣ мубтало шудам?»*

Носири Хусрав ҳақиқату адолатеро, ки меҷуст, на аз даргоҳи подшоҳон ва на аз уламои динии аҳли суннат ва динҳои дигар, балки дар таълимоти исмоилӣ ёфтааст. Аз ин хусус ӯ дар як қасидааш ба таври ошкоро баён доштааст. Муаллиф суханро аз он оғоз намудааст, ки замоне ки дили пур дошт, «гоҳе зи дарди ишқ паси хубчеҳрагон», «гоҳе зи ҳирси мол паси кимиё» шуда будаасту пиндоштааст, ки даҳр чарогоҳи ӯ шудаасту вай сутурвор чарост. Замоне ки аз ранҷи рӯзгор ҷонаш хаста гаштааст, якчанд бо сано ба дари подшоҳ шудааст, аммо ҷуз дарду ранҷ ҳеч нагардидааст ҳосилаш. Бинобар он рӯ ба сӯйи банӣ Мустафо шудааст:

*Чун гадр кард, ҳила намондам ҷуз он, к-аз ӯ*
*Фарёдхоҳ сӯйи банӣ Мустафо шудам.*
*Фарёд ёфтам зи ҷафову даҳои дев,*
*Чун дар ҳариму қасри имомулливо шудам.*
*Донӣ, ки чун шудам, чу зи девон гурехтам,*
*Ногоҳ бо фариштагон ошно шудам.*
*Бар ҷони ман чу нури имоми замон битофт,*
*Лайлуссарор будаму шамсуззуҳо шудам.*
*Номи бузург имоми замон аст аз ин қибал*
*Ман аз замин чу Зуҳра бад-ӯ бар само шудам.*

Носири Хусрав 23 октябри 1053 ба Балх баргашта, аз пайи таблиғу ташвиқи мазҳаби исмоилӣ мешавад. Ҳудуди таблиғоти ӯ аз Балх то ба вилоятҳои Табаристону Мозандарон ва Сиистону Хатлон мерасад. Афзоиши нуфузи Носири Хусрав ва миқдори пайравонаш «уламову умарои» мутаассиби Фиръавни рӯз ва замонро ба шӯр меорад ва онҳо оммаи мардумро бар зиддаш барангехтанд, киначӯй гаштанд ва ӯро аз Хуросон, аз хонумонаш ронданд:

*Маро дунон зи хонумон биронданд,*
*Гурӯҳе аз намози хеш соҳун.*
*Хуросон ҷойи дунон шуд, нагунҷад*
*Ба як хона-дарун озода бо дун.*
*Надонад ҳолу кори ман ҷуз он кас,*
*Ки дунонаш кунанд аз хона берун.*

Носири Хусрав ҳайрон аз он аст, ки уммате аз ҷаҳолату шумӣ ба ӯ ба хотири он ки гуфтааст: «Аз Расул Алӣ халқро васист (ҷонишин)» аду шуданд ва ӯро айб мегиранд.

*Эй уммате, зи ҷаҳли адуи расули хеш,*
*Ҳайрон ман аз ҷаҳолату шумий шумо шудам.*
*Гар гуфтам: «Аз Расул Алӣ халқро васист»,*
*Сӯйи шумо сазои мусово чаро шудам?*
*В-ар гуфтам: «Аҳли мадҳу сано оли Мустафост»,*
*Чун зӣ шумо сазои ҷафову ҳиҷо шудам?*
*Айбам ҳамекунед бад-он ч-ам бад-ӯст фахр,*
*Фахрам бад-он ки шиъати Оли Або шудам.*
*Аз баҳри дин зи хона бирონданд мар маро,*
*То бо Расули ҳаққ ба ҳиҷрат сиво шудам.*
*Аҳмад ливои хеш Алиро супурда буд,*
*Ман зери он бузургу муборак ливо шудам.*

Шоир онҳоро уммати бутпараст мехонад ва зикр мекунад, ки онҳо мехоҳанд, ки ӯ ҳам монанди онҳо бошад. Ҳол он ки онҳо мисли ӯ дар дин таҳқиқ надоранд ва ба қадри ӯ намефаҳманд:

*Ин уммати бутпарастро бин,*
*Овехта ҳалқашон ба шастам.*
*Хоҳанд ҳаме, ки ҳамчу эшон*
*Ман ҷуз, ки Худойро парастам.*
*Валлаҳ, ки ҳаме нахӯрд хоҳам*
*Бо шаккари бутпараст пистам.*

Аз хатари дунболагирӣ Носири Хусрав маҷбур шуд, ки Балхро тарк намуда, аввал ба Гургон ва Мозандарон ва баъд ба Самангон рӯ орад. Лекин амирони он ноҳияҳо низ аз тарси зимомдорони турки Хуросон ба ӯ иҷозаи зиндагиро дар мулки хеш надоданд. Ӯ вазъи худро дар он замон чунин ба қалам овардааст:

*Ҷумла гаштастанд безору нафур аз суҳбатам*
*Ҳамзабону ҳамнишину ҳамзамину ҳамнасаб.*
*Кас нахонад номаи ман, кас нагӯяд номи ман,*
*Ҷоҳил аз тақсири хешу олим аз бими шағаб…*
*Ома бар ман туҳмати динею фазле мениҳанд,*
*Бар сарам фазли ман овард ин ҳама шӯру ҷалаб…*
*Майфурӯш андар харобот эмин аст имрӯзу ман*
*Пеши меҳроб андарам бо биму тарсу бо ҳараб.*
*Иззу нозу эминий дунё басе дидам, кунун*
*Ранҷу бими сахтӣ андар дин бибинам як надаб…*
*Гар надорад ҳурматам ҷоҳил, маро камтар нашуд*
*Сӯйи доно на насаб, на ҷоҳу қадру на ҳасаб.*

Носири Хусрав аз аҳли Хуросон, сағиру кабираш ба Худованд нола дорад ва мепурсад, ки: «Чӣ кардам, ки аз ман рамида шуданд, ҳама хешу бегона», ман ҳамон Носирам, ки аз ман маҷлиси миру садру вазир холӣ набуд, аз ман бо эҳтиром ҳамчун «адиб» ва «дабир» ном мебурданд.

Бинобар ин даъвати амири Бадахшон Алӣ ибни-л-Асадро ба хушӣ пазируфт ва соли 1059 он ҷо рафт ва дар дараи Юмгон манзил гирифт ва то поёни умраш дар соли 1088 дар он ҷо, ки «зиндони сангӣ» меномад, «подшоҳвор» нишаст.

*Зи Ҳуҷҷат ин суханҳо ёд медор,*
*Ки дар Юмгон нишастаст подшаҳвор.*

Бо он ки Носири Хусрав дар Юмгондара «подшаҳвор» мезист ва дар миёни мардуми Бадахшон иззату эҳтиром ва қадру манзалати фавқулодае дошт, ӯ аз ғарибӣ ва дурияш аз Балх ва хешовандон ва ёру дӯстонаш бисёр вақтҳо ашки талх мерехт ва дард мекашид.

*Эй бевафо замона, чӣ ҷӯйӣ ҳаме зи ман,*
*К-аз бас муҳолҳот маро дигар аст ҳол.*
*Он рӯзгор чун шуду он дӯстон куҷо,*
*Дидорашон ҳаром шуду ёдашон ҳалол.*
*Он дӯстон, ки хонаи мо қибла доштанд,*
*Аз баҳри чӣ зи ман бибуриданд қилу қол?*
*Эй боди аср, агар гузарӣ бар диёри Балх,*
*Бигзар ба хонаи ману он ҷой ҷӯй ҳол.*
*Бингар, ки чун шудаст пас аз ман диёри ман,*
*Бо ӯ чӣ кард даҳри ҷафоҷӯйи бадфиол.*
*Тарсам, ки зери пойи замона хароб гашт,*
*Он богҳо хароб шуд, ин хонаҳо тилол…*
*Аз ман бигӯй, чун бирасонӣ саломи ман,*
*Зӣ қавми ман, ки нест маро хуб кору ҳол.*
*Қавми маро бигӯй, ки даҳр аз паси шумо*
*Бо ман накард ҷуз баду нанмуд ҷуз малол…*
*З-оби мижа ғариқаму з-оташ ба дил ҳариқ,*
*Чун нол аз ин шудаст танам зору нол нол.*

***

*Салом кун зи ман, эй бод, мар Хуросонро,*
*Мар аҳли фазлу хирадро, на ому нодонро.*
*Хабар биёвар аз эшон ба ман, чу дода бувӣ,*
*Зи ҳоли ман, ба ҳақиқат, хабар мар эшонро.*
*Бигӯяшон, ки ҷаҳон сарви ман чу чанбар кард,*
*Ба макри хеш, худ ин аст кор геҳонро.*

## МЕРОСИ АДАБӢ ВА ИЛМИИ НОСИРИ ХУСРАВ

Тақрибан ҳамаи асарҳои адабӣ ва илмии Носири Хусрав, ки имрӯз боқӣ мондаанд, пас аз сафари ӯ навишта шудаанд, ки муҳимтарини онҳо «Сафарнома», девони шеърҳо, «Зод-ул-мусофирин», «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн», «Хон-ул-ихвон», «Кушоиш

ва раҳоиш», «Ваҷҳи дин», маснавиҳои «Рӯшноинома» ва «Саодатнома» мебошанд. Муаллиф илова ба ин асарҳо аз соҳиби девони арабӣ ва рисолаҳо ба ин забон буданаш низ шаҳодат додааст ва гуфтааст:

*Бихон ҳар ду девони ман, то бибинӣ*
*Яке гашта бо Унсурӣ Буҳтуриро.*

***

*Ин фахр бас маро, ки ба ҳар ду забон*
*Ҳикмат ҳаме мураттабу девон кунам.*
*Ҷонро зи баҳри мидҳати оли Расул*
*Гаҳ Рӯдакию гоҳе Ҳассон кунам.*

Мутаассифона то ҳол аз девони арабии шоир хабаре нест, агарчи ба вуҷуд доштани он дар замонааш ҳеч шакку шубҳа нест.

Носири Хусрав, пеш аз ҳама, ҳаким, файласуф ва донишманд аст, барои ҳамин ҳам дар байни мероси ӯ асарҳои фалсафӣ ҷойи асосиро ишғол мекунанд. Онҳо ба паҳлуҳои гуногуни сарчашма ва асосҳои таълимоти мазҳаби исмоилия ва дини ислом бахшида шудаанд ва аз беҳтарин ва муътамадтарин таълифот дар ин замина ба шумор меравананд. Шеър барои ӯ воситаю василаи ифодаи андешаҳои фалсафӣ, таблиғоти таълимот ва ғояҳои сиёсию ахлоқии мазҳаби исмоилия будааст:

*Мар маро бар роҳи пайғамбар шинос,*
*Шоирам машнос, агарчи шоирам.*

Носири Хусрав бар он ақида аст, ки мурод аз гуфтани шеър баёни панд (насиҳат), ҳикмат (хирад, илм, дониш) ва зуҳд (дин) аст. Ӯ шеъреро, ки дар панд, ҳикмат ва зуҳд аст, «пандинома», «шеъри ҳикмат» ё «сухани ҳикматӣ» ва «шеъри зуҳд» ё «суханони динӣ» номидааст ва баръакси онро аз ҷинси «гуфтори беҳуда», «гуфтори расво», «вайронсухан», «урёнсухан» ва «хирасухан» шумурдааст ва бар асоси ҳамин назариёти хеш шеъри шоирони дигарро арзёбӣ намудааст. Вай ба шеъри Рӯдакӣ, Унсурӣ, Ҳассон ва Саҳбон ба хотири шеъри панд, ҳикмат ва зуҳд гуфтанашон арҷ гузоштааст.

*Эй хонда китобу карда равшан дил,*
*Баста зи илму ҳикмату панд озин.*
*Ашъори зуҳду панд басе гуфтаст*
*Он тирачашм шоири равшанбин.*

***

*Эй Ҳуҷҷати замини Хуросон, ба шеъри зуҳд*
*Ҷуз табъи Унсурит нашояд ба ходимӣ.*

***

*Чу бо доно сухан гӯӣ, сухан неку шавад, зеро*
*Ки ҷуз дар мадҳи пайғамбар нашуд некусухан Ҳассон.*

***

*Сухан чун ҳакимон наку гӯю кӯтаҳ,*
*Ки Саҳбон ба кӯтаҳсухан гашт Саҳбон.*

Сабаби аз тарафи Носири Хусрав пазируфта нашудани мадҳу ғазалу ҳазл низ дар ҳамин назариёти адабии вижаи ӯ мебошад. Муаллиф ин навъҳои шеърии маъмулро маҳз ба сабаби он паст шуморида ва инкор кардааст, ки бино ба гуфтаи вай, онҳо бар асоси тамаъ, фаҳш ва лаҳв мебошанд, на бар панду ҳикмату зуҳд. Ӯ мегӯяд:

*Эй шеършиносони Хуросон, бишиносед*
*Ин жарф суханҳои маро, гар шуароед.*
*Бар ҳикмати мире зи чӣ пойед, чу аз ҳирс*
*Фитнай ғазалу ошиқи мадҳи умароед.*
*Якто нашавад ҳикмат мар табъи шуморо,*
*То бар тамаъи мол шумо пушт дутоед.*

***

*Ай ғазалгӯю лаҳвҷӯй зи ман дур, ки ман*
*На зи аҳли ғазалу руду фусуну лаҳвам.*
*Чу ту аз дунё гӯию ман аз дини Худой,*
*На ту они манию низ на ман они туам.*

Носири Хусрав агарчи мадҳ ва шоирони маддоҳро бад гуфтааст, аммо мадҳиясароиро ба таври мутлақ рад накардааст. Фақат ӯ хоҳони на ҳама гуна мадҳ, балки мадҳи сазовор аст ва мисли Унсурулмаолии Кайковус дар гуфтани ин навъи мадҳ шартҳо гу-

зоштааст. Бинобар гуфтаи ӯ, шоири маддоҳ бояд касеро ба ҳайси мамдӯҳи худ қарор диҳад, ки вай соҳиби ақл, ҳикмат, ҳиммат, адл, фазл, дину ҳунар ва тоату парҳез мебошад.

*Сифат чанд гӯйӣ аз шамшоду лола,*
*Рухи чун маҳу зулфаки анбариро.*
*Ба илму ба гавҳар кунӣ мидҳат онро,*
*Ки моят мар ҷаҳлу бадгавҳариро.*
*Ба назм-андар орӣ дурӯғу тамаъро,*
*Дурӯғ аст сармоя мар кофариро.*
*Писанд аст бо зуҳд Аммору Бӯзар*
*Кунад мадҳ Маҳмуд мар Унсуриро?*
*Ман онам, ки дар пойи хукон нарезам*
*Мар ин қиматӣ дурри лафзи дариро.*

Азбаски Носири Хусрав аз шеър ба гунаи воситаи тарғибу ташвиқи афкори хеш дар миёни мардум истифода мекард, гумон мерафт, ки шеъри ӯ аз лиҳози ҳунарӣ ва фаннӣ камарзиш аст ва гӯиё шоир ба маънӣ ва муҳтаво диққати бештаре намуда, вале ба лафз ва шакли он камтар арҷ мегузоштааст. Гӯиё дар шеъраш аз ҷиҳати вазну баён сактаҳо ва ноҳинҷориҳо ба назар мерасад. Аммо тамоми назариёти муаллиф дар мавриди шеър ва амалияи офариниши ӯ ин тахминро қотеъона рад мекунад. Носири Хусрав бо огоҳии тамом аз арӯз ва балоғату салосати каломи бадеъ вазнҳоеро интихоб намудааст, ки ғолибан сангин (гоҳе номатбӯъ) ба назар мерасанд, вале дар асл ҳамеша мутаносиб ба мавзӯъ ва маънӣ мебошанд. Сабки шоирии Носири Хусрав ҳамоҳангии тамом ба андешааш дорад: устувор, пухта ва боҳайбат. Ӯ калимаву таркибҳоро ҷуз барои баёни мақсуд ба кор намебарад. Вай хеле кам дар пайи ороиши калом мешавад, магар он ки худ ба худ, ба таври табиӣ зуҳур намояд. Он ҳам барои боз ҳам пуртаъсиртар кардани андешааш аст.

Девони Носири Хусрав асосан аз қасида иборат мебошад ва онро ӯ барои баёни назариёти фалсафӣ, динӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии худ мувофиқ гардонидааст ва намунаҳои барҷастаи шеъри зуҳду панду ҳикматро офаридааст ва бо ҳамин ба исбот расонидааст, ки қолаби қасида на танҳо барои мадҳу васф, балки барои баёни андеша низ муносиб мебошад. Каломи ӯ дар қасидаҳояш хоно,

гӯё, расо, фошофош, бепарда, пухта, вазнин, сахт, дурусту рост, ҷасурона ва озодона аст.

*Озурда кард каждуми ғурбат ҷигар маро,*
*Гӯӣ забун наёфт зи гетӣ магар маро.*
*Дар ҳоли хештан чу ҳаме жарф бингарам,*
*Сафро ҳамебарояд з-андуҳ ба сар маро.*
*Гӯям чаро нишонаи тири замона кард*
*Чархи баланди ҷоҳили бедодгар маро.*
*Гар дар камоли фазл бувад мардро хатар,*
*Чун хору зор кард, пас, ин бехатар маро?!*
*Гар бар қиёси фазл бигаштӣ мадори даҳр,*
*Ҷуз бар мақарри моҳ набудӣ мақар маро*
*Не, не, ки чарху даҳр надонанд қадри фазл,*
*Ин гуфта буд гоҳи ҷавонӣ падар маро.*

Шоир замонаашро, ки нисбат ба ӯ ҷаври азимеро раво дошта, аз ватан берун намудааст, донишу донишмандонро хор кардааст, аз рӯйи нафрат ва бадбинӣ дев, аждаҳои бадхӯ, мори бадхӯ, наҳанг ва жандапили маст, гурги мардумхор, рӯбоҳ, модари бадмеҳр, ҷоҳилу бедодгар, мурдахор, маккор, гандапири шӯкуши раъно, сифла, фиребанда, роҳзан, зани раънои ғар ва бофиреб, пири кӯжпушти куҳангашта, мунофиқ, ҳилагар, ҷодугар, пиразани зишт, Аҳриман, бевафо, бадкуниш, сароб, оби тираи жарф, зани ҷоду, ситамгар, бадмеҳр, бадхӯ, сифла, бозигар, дузд, пири ғаддор, зиндони торӣ, сарои баҳоим (ҳайвонот) ва ғ. номидааст.

*Девест ҷаҳони пиру ғаддоре,*
*К-аш нест ба макру ҷодуӣ коре.*
*Богест пур аз гули тарӣ, лекин*
*Бинҳуфта ба зери ҳар гуле хоре,*
*Гар нест мурод хастани дастат,*
*З-ин боғ басанда кун ба дидоре…*
*Зинҳор, машав фитна бар ӯ, зеро*
*Ҳурест зи дуру хубгуфторе,*
*Лекин чу ба доми хеш овардат,*
*Гургест ба феълу зиштгуфторе.*
*Бишкаст ҳазор бор паймонат,*

*Огаҳ нашудӣ зи хӯйи ӯ боре.*
*Сад солат агар зи макри ӯ гӯям,*
*Хонда нашавад хате зи туморе…*
*Ҳар рӯз яке либоси нав пӯшад*
*Аз баҳри фиреби навхаридоре.*
*Фарқе накунад миёни неку бад,*
*Масте нашиносад ӯ зи ҳушёре.*
*Морест, к-аз ӯ касе нахоҳад раст*
*Аз халқи ҷаҳон ба ҷумла дайёре.*

***

*Эй ситамгар фалак, эй хоҳари Оҳарман,*
*Чун нагӯйӣ, ки чӣ афтода туро бо ман?*
*Нарм кардастияму зард чу зардолу,*
*Қасд кардӣ, ки бихоҳим ҳамехӯрдан…*
*Зани ҷодуст ҷаҳон, ман нахарам зарқаш,*
*Зан бувад, он ки мар ӯро бифиребад зан.*

Носири Хусрав замонро барои ҷавр, хунхорӣ, ситамгорӣ, беадолатӣ, бозигарӣ, ҷафопешагӣ, мардумхорӣ, бадмеҳрӣ, ҷоҳилӣ, бедодгарӣ, пастӣ, мунофиқӣ, бевафоӣ, бадкунишӣ, макру фиреб, бадхӯӣ, дунпарварию ҷоҳилпарвариаш бад мебинад, онро қабул надорад, аз вай гила ва шикоят мекунад ва мегӯяд:

*Кору кирдори ту, эй гунбади зангорӣ,*
*На ҳамебинам ҷуз макру ситамгорӣ…*
*Бачаи туст ҳама халқу ту чун гурба*
*Рӯзу шаб бо бачаи хеш ба пайкорӣ.*
*Модаре ҳаргиз чун ту набидидастам,*
*Нест амон бо туву на бе ту, магар хорӣ.*

Шоир, ки ба гуфтаи худаш, замонаро хуб шинохта буд, роҳи халосӣ аз ҷабри замонро дар омӯзиши пайвастаи илм (дониш, хирад, ҳикмат) ва тоату ибодат (дин) дар роҳи Офаридгор медонад ва аҳли замонаашро ба он даъват менамояд. Ӯ бовар бар он дорад, ки агар аҳли замона ҳама боилм, донишманд ва аз ҳикмат бохабар ва парҳезкору порсо бошанд, дар баробари замона монанди ӯ истодагарӣ хоҳанд кард. Ӯ мегӯяд:

*Тоат пеш ору илм ҷӯй, азеро-к*
*Тоату илм аст банду қайди замона.*

***

*Ман зи ҳарби ту чу Оҳарман кай тарсам,*
*Ки маро тоат теғ асту хирад ҷавшан.*

***

*Аз хатари оташу азоби абад*
*Дину хирад кард дар ҳисор маро.*

Ҷавшани дигаре дар баробари ҷаври замона барои Носири Хусрав доштани ахлоқи ҳамида аст ва беҳуда нест, ки ин мавзӯъ ҳам дар қасидаҳояш ва ҳам дар навъҳои шеърии дигараш, хосса маснавиҳои «Рӯшноинома» ва «Саодатнома», мавзӯи меҳварӣ мебошад. Муаллиф шеъру маснавиҳояшро пандномаи маънавӣ номидааст. Шоир мардумонро ба некию накукорӣ, ба ҳалимию хушсуханӣ, тавозуъ, саховат, мардумӣ, қаноат, фурӯтанӣ, дод, адолат, ҳаё, сабр, касбомӯзӣ, дӯстӣ, лутфу марҳамат, хештандорӣ, ростию росткорӣ, парҳезкорӣ, порсоӣ даъват намуда, аз бадию бадкорӣ, тамаъ, беҳаёӣ, беҳунарӣ, душманӣ, бединӣ, кибр, ғурур, ҷоҳилӣ, бешармӣ, ҳасад, нодонӣ, бахилӣ, худбинию худхоҳӣ, пурхӯрӣ, беэҳтиромӣ, хашм, шаҳват, дуруғгӯйӣ, мунофиқӣ, рибохӯрӣ ва ғ. парҳез карданро маслиҳат медиҳад.

Дар девони шеърҳои Носири Хусрав қасидаест, ки аз тамоми қасидаҳои дигари шоир аз ҷиҳати муҳтаво ва сабки баён фарқ мекунад. Дар он тавоноии фавқулодаи Худои бузург ва қудратманд зикр гардидааст:

*Худоё, арзу тӯли оламатро*
*Тавонӣ дар дили мӯре кашидан.*
*На вусъат дар даруни мӯр орӣ,*
*На аз олам сари мӯе буридан…*
*Умуми кӯҳи байни Шарқу Марғиб*
*Тавонӣ дар садаф ҷамъ овaридан.*
*Ту битвонӣ, ки дар як тарфатулъайн*
*Замину осмоне офаридан.*
*Ту дорӣ бар нахилоту наботот*
*Ба ҳикмат бодро ҳукми вазидан.*

*Биноҳо дар азал маҳкам ту кардӣ,*
*Уқубат дар раҳат бояд кашидан.*
*Тафовут дар банӣ инсу банӣ ҷон*
*Муайян гашт дар дидан, надидан.*

Валекин дар баробари ин муаллиф дар хитоб ба Худо аз ӯ мепурсад, ки чаро вай ба баъзеҳо дар иҷрои тоат биҳишт ваъда медиҳаду ба баъзеҳо не, ҳол он ки онҳо агар баданд ё нек, хилқаташон аз худи ӯст.

*Ту дар иҷрои тоат ваъда додӣ*
*Биҳишт аз музди тоат офаридан.*
*Вале он музди тоат бо шафоат,*
*Чӣ миннат аз ту мебояд кашидан?*
*В-агарна музди тоат нест ҳиммат,*
*Ба муздаш ҳар касе бояд расидан.*
*Касе, к-ӯ боядӣ, ёбад мукофот,*
*Наёбад фарқ бар мову ту дидан.*
*Агар бар неку бад қудрат бидодӣ,*
*Чаро бар неку бад бояд расидан?*
*Сириштам з-оҳану ҷавҳар надорам,*
*Надонам хеш ҷавҳар офаридан.*
*Агар сад бор дар кӯра гудозӣ,*
*Ҳамонам боз вақти боздидан.*
*Ба кас чизе, ки наспурдӣ, чӣ хоҳӣ?*
*Ҳисоб андар талаб бояд кашидан.*

Ва ӯ саволи дигареро ба миён мегузорад, ки агар Худо мардумро барои тоат офарида буд, чаро Шайтон офарид?

*Ту гар хилқат намудӣ баҳри тоат,*
*Чаро боист Шайтон офаридан?*

Муаллиф иқрор мекунад, ки аз ин гуна пурсиданиҳо ва гуфтаниҳо бисёр дорад, вале ба баёни ҳамаи инҳо ҷуръат надорад, зеро метарсад. Вай мегӯяд, ки дар пурсидан ва гуфтани онҳо низ исрор нахоҳад кард, зеро медонад, ки Худо нисбат ба ӯ сахтгирӣ хоҳад кард ва маълум нест, ки дар қиёмат кораш чӣ хоҳад шуд. Аз ин рӯ ба Худо мегӯяд:

*Агар мехостӣ, к-инҳо напурсам,*
*Маро боист ҳайвон офаридан.*

Носири Хусрав дар хитоб ба Худо изҳор мекунад, ки рахна дар қалби башарҳоро ӯ додааст. Ӯст, ки ҳаворо бо ҳавас улфат дода, барои лаззати шаҳват чашидан, шикамҳоро ҳариси туъма карда, водор намудааст, ки шабу рӯз аз пайи неъмат бидавад, шунидани нағмаи барбату лаззат бурдан аз лаҳви лаъабро низ худи ӯ додааст. Ҳамчунин агар қасди даридани пардаи мардум надошт, чаро аз парда гулрухон, туркони Хиторо бо лабу дандони базеб берун овард ва ғ.

*Ту додӣ рахна дар қалби башарҳо,*
*Фани Иблисро баҳри танидан.*
*Ҳаворо бо ҳавас улфат ту додӣ*
*Барои лаззати шаҳват чашидан.*
*Намудӣ тори рагҳо пур зи шаҳват*
*Барои рағбати берун кашидан.*
*Шикамҳоро ҳариси туъма кардӣ,*
*Шабу рӯз аз пайи неъмат давидан.*
*Намедонад ҳалоле ё ҳароме,*
*Ҳаме хоҳад ба ҷавфи худ кашидан.*
*Тақозо мекунад доим саги нафс,*
*Дарунамро зи ҳам хоҳад даридан.*
*Ба гӯшам қуввати масмӯъу сомеъ*
*Бисозад нағмаи барбат шунидан.*
*Ба ҷонам риштаи лаҳву лаъабро*
*Тавонам додӣ аз лаззат шунидан…*
*Лабу дандони туркони Хиторо*
*Набоистӣ чунин хуб офаридан,*
*Ки аз дасти лабу дандони эшон*
*Ба дандон дасту лаб бояд газидан.*
*Бурун орӣ зи парда гулрухонро*
*Барои пардаи мардум даридан.*
*Ба мо ту қуввати рафтор додӣ,*
*Зи дунболи накурӯён давидан.*
*Тамоми узв бо ман дар талошанд,*
*Зи доми ҳеч як натвон раҳидан.*

*Набудӣ, кош, дар ниъмот лаззат,*
*Чу хар боист дар саҳро чаридан.*
*Чаро боист аз ҳавли қиёмат*
*Чунин ташвишҳо бар дил кашидан?*

Пас аз зикри ин далелҳо Носири Хусрав ба Худо мегӯяд, ки:

*Худоё, рост гӯям, фитна аз туст,*
*Вале аз тарс натвонам ҷагидан…*
*Агар матлаб ба дӯзах бурдани мост,*
*Тааззур чанд бояд овaридан?…*
*Ба мо фармон диҳӣ андар ибодат,*
*Ба Шайтон дар рагу ҷонҳо давидан.*
*Ба мо исрор дорӣ дар раҳи рост,*
*Ба ӯ дар печутоби раҳ буридан.*
*Ба зоти безаволат дуни адл аст,*
*Ба рӯйи дӯст душманро кашидан.*
*Ту, к-аз даргоҳи хешат боз рондӣ,*
*Чаро боист бар мо раҳ буридан?*

Ин мунозираи Носири Хусрав бо Худо чӣ маънӣ дорад? Магар мутафаккир ҳақиқати зоти Худоро инкор намудааст? Бояд гуфт, ки Носири Хусрав ба Худои ягона ва рисолати Ҳазрати Муҳаммад, пайғамбари барҳақи ислом имон дошт, ҳеч шаке наовардааст, чӣ ҷойи он ки онҳоро инкор намояд. Гузашта аз ин, набояд фаромӯш кард, ки вай аз пешвоён ва марҷаъҳои аввали мазҳаби исмоилия мебошад.

Шакку шубҳаи мутафаккир на ба зоти Худованди яккаву ягона ва Расули Акрами он аст, балки ба тарзи зуҳури ҳастии парвардгор мебошад. Носири Хусрав Худоро ҳамчун вуҷуди муҷарради номушаххаси ақлрас, чунонки дар илоҳиёти исмоилия гуфта мешавад, мешиносад. Бинобар ин «анбоз додани мардумро ба Худо» рад мекард, чунки, бино ба гуфтаи ӯ, ҳангоми дар тимсоли одам шинохтани Худо тафаккур на ба тавҳид, балки ногузир ба ширк моил мешавад.

«Сафарнома» ягона намунаи насри бадеии Носири Хусрав мебошад. Аз он худи муаллиф ҳамчун рӯзнома (ёддошти сафар) ҳангоми сифати масҷиди ҷомеи Байтулмуқаддас ёд овардааст:

«Наздики ҳазира (чордевор) сангест ба болои марде, ки сари вай чунон аст, ки зилуи (гилем, ҷойи намоз) кӯчактар аз он мавзеъ афтад, санги ноҳамвор. Ва гӯянд, ин курсии Сулаймон будааст ва гуфтаанд, ки Сулаймон бар он нишастӣ, бад-он вақт, ки иморати масҷид ҳамекарданд, ин маънӣ дар ҷомеи Байтулмуқаддас дида будам ва тасвир карда ва ҳамон ҷо бар рӯзнома, ки доштам, таълиқ (навиштам) задам». Дарвоқеъ, «Сафарнома» рӯзномаест, ки Носири Хусрав дар он ҳар он чизеро, ки сари роҳи сафараш дидааст ва ба мушоҳида гирифтааст ва ё бо ӯ ва ҳамсафаронаш – бародараш ва ғуломи ҳинду рух додааст, ба таври мухтасар, чунонки ба ин навъи асарҳо хос аст, ёддошт намудааст. Баёни батафсил фақат дар он бахши «Сафарнома» ба назар мерасад, ки ба баёни сифати шаҳри Миср ва вилояташ, сияри султони Миср, сифати шаҳри Макка, Каъба ва ғ., ки дар он ҷо се сол зиндагӣ карда буд ва фурсат барои баёни муфассал дошт, бахшида шуда буд. Аз навъи рӯзномаи сафар будани он аз ин ҳам равшан аст, ки он бар хилофи анъанаи маъмул бо ҳамду наъту мадҳ оғоз намегардад ва ба ҳеч яке аз ҳокимони давр бахшида нашудааст.

Нависанда дар тӯли сафари ҳафтсолаи хеш аз 23 шаъбони соли 437 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 5 марти соли 1046 мелодӣ то 26 ҷимодиюлохири соли 444 ҳиҷрӣ, яъне 23 октябри соли 1053 мелодӣ, ки ба гуфтаи худаш, дар ин муддат «мудом дар сафар буда, ки ба ҳеч ҷой мақоме ва осоише тамом наёфта» будааст, ба ҳар шаҳре, кишваре, ки гузараш ба он ҷо афтодааст, ба чанд чиз таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст: рӯзу моҳу сол, масофа ва андозаи он ҷойҳо, меъморӣ ва иморот: масҷиду мадраса, мазорот, бозор, ҳаммом, будани об, обу ҳаво, табиат, меваҷоту наботот, маъдан, мавзеи ҷуғрофӣ, урфу одат, шахсиятҳои номии илму адаб ва ғ. Аз ин рӯ ин асар ҳам сафарнома, ҳам тазкира, ҳам таърих, ҳам ҷуғрофия, ҳам мардумшиносӣ ва ҳам фарҳангшиносист. Чунончи, ӯ менависад : «Ва аз Балх то ба Рай сесаду панҷоҳ фарсанг ҳисоб кардам ва гӯянд аз Рай то Сова сӣ фарсанг аст ва аз Сова то ба Ҳамадон сӣ фарсанг ва аз Рай ба Сипоҳон панҷоҳ фарсанг ва миёни Рай ва Омул сӣ фарсанг. Ва миёни Рай ва Омул кӯҳи Дамованд аст, монанди гунбаде, ки онро Лавосон гӯянд, бар сари он чоҳест, ки навшодир аз он ҷо ҳосил мешавад ва гӯянд, ки кибрит низ. Мардум пӯсти гов бибаранд ва пури навшодир кунанд ва аз сари кӯҳ биғалтонанд, ки ба роҳ натавон фуруд овардан.

Панҷуми муҳаррами санаи чорсаду сию ҳашт, даҳуми мурдодмоҳи санаи чорсаду понздаҳ аз тариқи Форс ба ҷониби Қазвин равона шудам ва ба деҳаи Кӯҳа расидам, қаҳт буд ва он ҷо як ман нони ҷав ба ду дирҳам медоданд.

Аз он ҷо бирафтам, нуҳуми муҳаррам ба Қазвин расидам, боғистони бисёр дошт ва бе девору хор ва ҳеч чиз, ки монеъ шавад дар рафтани роҳ, набуд. Ва Қазвинро шаҳре неку дидам, бо рӯйи ҳасин (устувор)ва кунгура бар он ниҳода ва бозорҳои хуб, илло он ки об дар вай андак буд, дар корез ба зери замин. Ва раиси он шаҳр марде алавӣ буд ва аз ҳама санноъҳо (косибон), ки дар он шаҳр буд, кафшгар бештар буд».

Қимати фавқулодаи гуфта ва навишта ва маълумоте, ки дар замина Носири Хусрав додааст, дар он мебошад, ки ӯро дар «Сафарнома» «дар ин ғаразе набуда ва нанавиштам, илло он чи дидам ва баъзе, ки шунидам ва навиштам, уҳдаи он бар ман нест».

Маълумоти Носири Хусрав ҳамчун донишманд, шоир ва нависанда дар бораи мулоқот, мубоҳиса ва суҳбатҳояш бо аҳли илму адаби кишвару шаҳрҳое, ки ба он ҷо сафар намудааст, аз ҳар ҷиҳат ҷолиб ва арзишманд аст. Ӯ вақте ки ба Симнон меояд ва талаби аҳли илм менамояд, ба ӯ мардеро нишон медиҳанд, ки ӯро устод Алӣ Нисоӣ мегуфтанд. Соҳиби «Сафарнома» навиштааст, ки: «Наздики вай шудам, марде ҷавон буд, сухан ба забони порсӣ ҳамегуфт, ба забони аҳли Дайлам ва мӯйкушуда, ҷамъ пеши вай ҳозир, гурӯҳе Иқлидус мехонданд ва гурӯҳе тиб ва гурӯҳе ҳисоб. Дар аснои сухан мегуфт, ки бар устод Абӯалӣ Сино, раҳматуллоҳи алайҳ, чунин хондам ва аз вай чунин шунидам.

Ҳамон ғарази вай он буд, ки то ман бидонам, ки ӯ шогирди Абӯалӣ Синост. Чун бо эшон дар баҳс шудам, ӯ гуфт: «Ман чизе сипоҳона донам ва ҳавас дорам, ки чизе аз ҳисоб бихонам».

Аҷаб доштам ва берун омадам, гуфтам: «Чун чизе намедонад, чӣ ба дигаре омӯзад?».

Ё мисоли дигаре. Носири Хусрав навиштааст, ки: «Дар Табрез Қатрон ном шоиреро дидам, шеъре нек мегуфт, аммо забони форсӣ неку намедонист, пеши ман омад. Девони Мунҷик ва девони Дақиқӣ биёвард ва пеши ман бихонд ва ҳар маънӣ, ки ӯро мушкил буд, аз ман пурсид, ба ӯ бигуфтам ва шарҳи он бинавишт ва ашъори худ бар ман хонд».

Дар навиштаи аввал маълумоти ҷолибе дар бораи забони аҳли Дайлам, барномаи таълимии мадрасаҳои он ҷо ва устодо-

ни онҳо дода шавад, дар дувумӣ оид ба вазъи забон ва адабиёти форсии тоҷикӣ дар Табрез ва шаҳрҳои дигари қаламрави забону адаби форсӣ сухан меравад.

Чун «Сафарнома» дар навъи рӯзнома навишта шудааст, муаллиф аз худ ва ҳамсафаронаш камтар сухан кардааст. Аммо гоҳ-гоҳе, ки аз ҳоли худ ва ҳамсафаронаш ҳикоят кардааст, он саҳнаҳо басо хотирмон, зинда, воқеӣ ва инсонӣ баромадаанд. Чунончи, ҳикоят намудааст, ки чун ба шаҳри Басра расидем, «аз бараҳнагӣ ва оҷизӣ ба девонагон монанда будем. Ва се моҳ буд, ки мӯйи сар боз накарда будем ва хостам, ки дар гармоба равам, бошад, ки гарм шавам, ки ҳаво сард буд ва ҷома набуд ва ман ва бародарам ҳар як ба лӯнгии (порчаи махсус дар ҳаммом) куҳна пӯшида будем ва палоспорае дар пушт баста аз сармо, гуфтам акнун моро кӣ ба ҳаммом гузорад? Хӯрҷинаке буд, ки дар ҳаммом ниҳодам, бифурӯхтам ва аз баҳои он дирамаке чанд сиёҳ дар коғазе кардам, ки ба гармобабон диҳам, то бошад, ки маро дамаке зиёдтар дар гармоба бигузорад, ки шух (чирк) аз худ бозканем. Чун он дирамакҳоро пеши ӯ ниҳодем, дар мо нигарист, пиндошт, ки мо девонаем, гуфт: «Биравед, ки ҳамакнун мардум аз гармоба берун меоянд ва нагузошт, ки мо ба гармоба бадар шавем. Аз он ҷо бо хиҷолат берун омадем ва бо шитоб бирафтем. Кӯдакон ба дари гармоба бозӣ мекарданд, пиндоштанд, ки мо девонагонем, дар пайи мо афтоданд ва санг меандохтанд ва бонг мекарданд. Мо ба гӯшае боз шудем ва ба тааҷҷуб дар кори дунё менигаристем».

Сипас Носири Хусрав зикр мекунад, ки ӯро «бо марди порсӣ, ки ҳам аз аҳли фазл буд, ошноӣ афтода буд» ва вайро бо вазири малики Аҳвоз Абулфатҳ Алӣ бинни Аҳмад , ки «марде аҳл буд ва фазле дошт аз шеъру адаб ва ҳам бо караме тамом ба Басра омада, суҳбате будӣ,... ошноӣ афтода буд». Ва ин мард аҳволи ӯро ба вазир бозгуфтааст. Ва вазир чун бишнид, «мардеро бо аспе наздики ман фиристод» ва назди худ хонд. Давоми воқеаро Носири Хусрав чунин баён доштааст, ки мисли бахши аввали саргузашти ӯ ва ҳамсафаронаш ҷолиб буда, аз бӯқаламуниҳои зиндагӣ хеле барҷаста шаҳодат медиҳад. Ӯ менависад: «Ман аз бадҳолӣ ва бараҳнагӣ шарм доштам ва рафтан муносиб надидам, руқъае (номае) навиштам ва урз хостам ва гуфтам, ки «баъд аз ин ба хидмат расам ва ғарази ман ду чиз буд, яке бенавоӣ, дувум гуфтам, ҳамоно

ӯро тасаввур шавад, ки маро дар фазл мартабаест зиёдат, то чун бар руқъаи ман иттилоъ ёбад, қиёс кунад, ки маро аҳаммият чист, то чун ба хидмати ӯ ҳозир шавам, хиҷолат набарам. Дарҳол сӣ динор фиристод, ки инро ба баҳои тан ҷома бидиҳед. Аз он ду даст ҷомаи неку сохтам ва рӯзи севум ба маҷлиси вазир шудем, марде аҳл ва адиб ва фозил ва некуманзар ва мутавозеъ (фурутан) дидем ва мутадаййин (диндор) ва хушсухан…

Ва баъд аз ин ҳоли дунявии мо нек шуда буд, ҳар як либосе пӯшидем, рӯзе ба дари он гармоба шудем, ки моро дар он ҷо нагузоштанд, чун аз дар рафтем, гармобабон ва ҳар кӣ дар он ҷо буданд, ҳама бар пой хостанд ва биистоданд. Чандон ки дар ҳаммом шудем ва даллок (сартарош) ва қайим (нигоҳбон) даромаданд ва хидмат карданд. Ва вақте ки берун омадем, ҳар кӣ дар маслахи (рахткани) гармоба буд, ҳама бар пой хоста буданд ва наменишастанд, то мо ҷома пӯшидем ва берун омадем. Ва дар он миёна ҳаммомӣ ба ёре аз они худ мегӯяд: «Ин ҷавонон ононанд, ки фалон рӯз мо эшонро дар ҳаммом нагузоштем». Ва гумон burданд, ки мо забони эшон надонем. Ман ба забони тозӣ гуфтам, ки: «Рост мегӯйӣ, мо онем, ки палоспораҳо дар пушт баста будем» Он мард хиҷил шуд ва узрҳо хост. Ва ин ду ҳол дар муддати бист рӯз буд. Ва ин фасл бад-он овардам, то мардум бидонанд, ки ба шиддате, ки аз рӯзгор пеш ояд, набояд нолид. Ва аз фазлу раҳмати Офаридгор... ноумед набояд шуд, ки ӯ раҳим (меҳрубон) аст».

Насри «Сафарнома» сода ва бидуни олоиш ва давоми суннатҳои адабии Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ буда, аз таъсири насри маснӯъ ва мутакаллиф озод мебошад.

## ПУРСИШ ВА СУПОРИШ

1. Сохтор ва муҳтавои “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковусро шарҳ диҳед.
2. Аҳаммияти тарбиявӣ ва ахлоқии “Қобуснома” дар чист? Дар мавзӯи мазкур иншо нависед.
3. Сабаби аз сарзамини аҷдодиаш дур афтодани Носири Хусравро гӯед. Харитаҳои сафари ӯро кашед.
4. Носири Хусрав дар Юмгондара чӣ ҳол дошт?
5. Сабабҳои ба мазҳаби исмоилия гаравидани Носири Хусрав дар чист? Дар ин бора гузориш нависед.
6. Носири Хусрав чаро аз замонааш норозист?
7. Дар мавзӯи "Баёни ҳол дар қасидаҳои Носири Хусрав" иншо нависед.

8. Маводи намоишии "Мероси адабӣ ва илмии Носири Хусрав"-ро таҳия намоед
9. Дар мавзӯи "Сафарнома"-и Носири Хусрав ва ҷойгоҳи он дар насри форсии тоҷикӣ" иншо нависед.
10. Муҳтавои қасидаи “Худоё, арзу тӯли оламатро” шарҳ диҳед.

## ТЕСТҲО

1. Чаро “Қобуснома”-ро донишнома (энсиклопедия) мегӯянд?
   а) 44 боби ҷудогона дорад.
   б) Сабкаш монанд аст.
   в) Муаллифаш бисёрфан (энсиклопедист) аст.
   г) Дар бораи ахлоқ, расму оин, илму ҳанару пешаи замон баҳс мекунад.

2. Сабаби ба Юмгондара рафтани Носири Хусрав дар чист?
   а) Саёҳатро дӯст медошт.
   б) Сарзамини аҷдодиашро бад медид.
   в) Таъқибу озори зимомдорони турки Хуросон.
   г) Даъвати амири Бадахшон.

3. Сабабҳои ба мазҳаби исмоилия гаравидани Носири Хусрав дар чист?
   а) Хоббинӣ.
   б) Шиносоӣ бо давлати фотимиёни Миср.
   в) Зиндагӣ дар Миср.
   г) Ҷустуҷӯйи ҳақиқат ва адолат.

4. Носири Хусрав чаро чунин гуфтааст:

   Ман онам, ки дар пойи хукон нарезам
   Мар ин қимати дурри лафзи дариро.

   а) Хукро бад медид.
   б) Мадҳи шоҳону амирону одамони сазовор бояд кард.
   в) Қадри забони дарӣ - форсии тоҷикиро медонист.
   г) Мадҳи дунон - касони носазоворро намехост.

5. “Сафарнома”-и Носири Хусрав чист?
   а) Тазкира.
   б) Таърих.
   в) Хотироти сафар.
   г) Ҷуғрофия.

# УМАРИ ХАЙЁМ

## (18 майи 1048 – 4 декабри 1131)



Зиндагӣ ва фаъолияти офаринишии Умари Хайём пур аз аҷобат аст. Аҷобати аввал он аст, ки дар миёни бузургони илму адаби мо танҳо рӯзи таваллуд ва марги ӯ бо рӯзу моҳу солаш муайян мебошад. Аз рӯйи «Зичи маликшоҳӣ», ки онро Умари Хайём бо супориши султон Маликшоҳ тартиб додааст, донишмандон муайян намудаанд, ки ӯ рӯзи 18 моҳи майи соли 1048 дар Нишопур дар хонадони хаймадӯз ба дунё омадааст ва дар рӯзи 4 декабри соли 1131 дар худи ҳамон шаҳр дар даст «Китоб-уш-шифо»-и Ибни Сино аз дунё гузаштааст.

Низомии Арӯзии Самарқандӣ, як тан аз ҳамасрон ва шогирдони Умари Хайём ва касе, ки бо ӯ ҳангоми зинда буданаш дар шаҳри Балх мулоқоте доштааст, дар «Чаҳор мақола» аз гуфтаи Хайём ёд овардааст: «Гӯри ман дар мавзеъе (ҷое) бошад, ки ҳар баҳоре шамол бар ман гулафшон мекунад». Муаллифи «Чаҳор мақола» вақте дар соли 1136 пас аз чор соли марги Хайём ба Нишопур расидааст, тасдиқ намудааст, ки дарвоқеъ «дар поёни девори боғе хоки ӯ дидам ниҳода ва дарахтони ангуру зардолу сар аз боғ берун ва чандон барги шукуфа ба хоки ӯ рехта буд, ки хоки ӯ дар зери гул пинҳон шуда буд. Ва маро ёде омад он ҳикоят». Ин ҳам аз ҷумлаи аҷобатест, ки дар зиндагии Хайём рух додааст.

Умари Хайём пеш аз он ки манзили гулафшони охираташро дар зодгоҳаш ёбад, замоне бо даъвати подшоҳи қарохонӣ ба Бухоро ва Самарқанд рафта буд, дар он ҷо дер намонда, ба Нишопур бармегардад. Вале вақте ки соли 1095 дар зодгоҳаш таъқибу озори озодандешоне мисли ӯ аз тарафи мутаассибон оғоз мегардад, маҷбур мешавад бо баҳонаи ҳаҷ Нишопурро тарк бигӯяд ва танҳо пас аз хомӯш гардидани балво баргардад. Дар бораи он ки воқеан ҳам, аҳли замонаи Хайём ӯро дар дин таъна мезаданд ва ӯ аз тарси хуни худ ба ҳаҷ рафт, Ибн ал-Қифтӣ (1172-1248) шаҳодат додааст.

Аҷобати дигар он буд, ки Хайём шоир набуд, балки, пеш аз ҳама, ситорашинос, риёзидон, табиб ва файласуф буд ва як силсила рисолаҳое дар илмҳои алҷабр ва алмуқобала, риёзиёт, ҳайат,

фалсафа, тиб ва мусиқӣ таълиф намудааст, ки дар Шарқ ва Ғарб шуҳрати беандоза доранд. Тақвиме, ки бо сардории Умари Хайём дар замонааш дар расадхонаи Исфаҳон дуруст шуда буд, нисбат ба тақвими ҷории григориянӣ, ки дар асри XVI танзим гардидааст, ҳафт сония дақиқтар буда, иштибоҳоти солонааш ҳамагӣ бисту шаш сонияро ташкил медиҳад. Дигар ин ки, ба эътирофи умум, кашфи қонуне, ки имрӯз бо номи «Биноми Нютон» машҳур аст, ба ӯ таалluқ дорад. Аммо ӯ ҳамчун шоир шуҳрати бештаре ёфт нисбат ба олимиаш.

Аҷобати дигар он аст, ки Умари Хайём аз шеър танҳо рубоӣ сароидааст ва он ҳам имрӯз дар шакли ба истилоҳ «рубоиҳои сайёр» мавҷуд мебошанд, яъне, бисёре аз он рубоиҳо, ки ба ӯ нисбат медиҳанд, дар девону куллиёти шоирони дигар низ мавҷуд мебошанд. Аз ин сабаб баҳси нисбати онҳо ба шоир ва миқдори воқеии онҳо то имрӯз давом дорад. Сарчашмаҳои гузашта ва муосир миқдори онҳоро аз шаш то ба панҷ ҳазор зикр намудаанд.

Аҷобати дигар ин аст, ки вақте соли 1852 адиби англис Эдвард Фитсҷералд маҷмӯаи «Рубоиёти Умари Хайём»-ро ба забони англисӣ ба адади ҳамагӣ дусаду панҷоҳ нусха аз ҳисоби худаш ба чоп расонд, ду сол дар дукони китобфурӯшӣ хоб рафт, нусхае аз онро касе харидорӣ накард. Вале баъд якбора ба фурӯш рафт ва овозаи он тамоми Аврупоро фаро гирифт ва ба чандин забони дигари дунё тарҷума шуд.

Ва ниҳоят, аҷобати дигар ин ки ҳамаи тарҷумаҳои рубоиёти Хайём ба забонҳои машҳури аврупоӣ, пеш аз ҳама, баргардонии англисии Эдвард Фистҷералд, пур аз нуқсонанд ва аз асли форсии тоҷикии онҳо хеле дур мебошанд, лекин бо ин ҳама шуҳрат доранд ва он рӯз аз рӯз афзун мегардад.

Сирри ин аҷобат дар чист? Сирри он дар ин аст, ки Хайём чӣ мегӯяд ва чӣ тавр мегӯяд.

Умари Хайём дар рубоиҳояш дар бораи зиндагию марг, маънии ҳастии одам, замон, ҷойи одам дар он ва ғ., яъне дар бораи он муаммоҳое, ки ҳар яки мо ба онҳо ҳамарӯза ҷавоб меҷӯем, мулоҳиза меронад ва кӯшиш мекунад, ки ба саволҳои “Кием?”, “Аз куҷо омадаем?”, “Ба куҷо меравем?”, “Барои чӣ омадаем?” ва ғ. посух бигӯяд. Бино ба қавли Хайём, зиндагӣ даргузар аст, ҳар як пайи якдигар якояк бишаванд, касе дар ин ҷаҳон ҷовидон нест. Аз ин сабаб ҳаётро бояд қадр кард ва онро ба хушӣ гузаронд.

*Гар як нафасат зи зиндагонӣ гузарад,*
*Магзор, ки ҷуз ба шодмонӣ гузарад.*
*Зинҳор, ки сармояи ин мулки ҷаҳон*
*Умр асту бад-он сон гузаронӣ, гузарад.*

***

*Ин қофилаи умр аҷаб мегузарад,*
*Некуст даме, ки бо тараб мегузарад.*
*Соқӣ, гами фардои қиёмат чӣ хӯрӣ?*
*Дардеҳ қадаҳе бода, ки шаб мегузарад.*

***

*Рӯзе, ки гузаштааст, аз ӯ ёд макун,*
*Фардо, ки наёмадаст, фарёд макун.*
*Бар н-омадаву гузашта бунёд макун,*
*Хуш бош кунуну умр бар бод макун.*

***

*Эй бода, ту маъшуқи мани шайдоӣ,*
*Ман мехураму натарсам аз расвоӣ.*
*Чандон хурамат, ки ҳар кӣ бинад, гӯяд:*
*«Эй хумми шароб аз куҷо меоӣ?»*

***

*Ибриқи майи маро шикастӣ, раббӣ,*
*Бар ман дари айшро бибастӣ, раббӣ.*
*Бар хок бирехтӣ майи гулгунро,*
*Хокам ба даҳан, магар ту мастӣ, раббӣ?!*

***

*Майлам ба шароби ноб бошад доим,*
*Гӯшам ба наю рубоб бошад доим.*
*Гар хоки маро кӯзагарон кӯза кунанд,*
*Он кӯза пур аз шароб бошад доим.*

Хайём гуфтааст, ки агар лавҳаи қазо (тақдир, сарнавишт) дар дасти ӯ мебуд, онро ба майлу муроди хеш менавишт ва ғамро яксара аз ҷаҳон бармедошт ва аз шодӣ сар ба чарх меафрохт:

*Гар даст ба лавҳаи қазо доштаме,*
*Бар майлу муроди хеш бингоштаме.*
*Ғамро зи ҷаҳон яксара бардоштаме*
*В-аз шодӣ сар бар чарх афроштаме.*

Аз назари Хайём марг давоми мантиқии зиндагист, аз ин сабаб аз он набояд тарсид. Ӯ мегӯяд, ки инсон агар сад сол зияд, ҳазор сол умр бинад, оқибат хоҳад рафт ва назди марг ҳама баробаранд, чи шоҳу чи гадо, чи пиру чи барно. Вале ин дунё ҳазорҳо сол боқӣ хоҳад монд. Аз ин рӯ ӯ донистанист, ки чаро одам ба дунё меояд ва барои чӣ зуд аз он меравад.

*Онон ки куҳан буванду онон ки наванд,*
*Ҳар як пайи якдигар якояк бишаванд.*
*В-ин мулки ҷаҳон ба кас намонад ҷовид,*
*Рафтанду равему боз оянду раванд.*

***

*Ин куҳна работро, ки олам ном аст,*
*Оромгаҳи аблақи субҳу шом аст.*
*Базмест, ки вомондаи сад Ҷамшед аст,*
*Гӯрест, ки такягаҳи сад Баҳром аст.*

Хайём бовар бар он дорад, ки дар табиат чизе нест намешавад, вай пас аз марг дар шакли дигаре зуҳур мекунад. Ҳамчун далел ӯ бештар мисоли хок ва кӯзаро меорад.

*Пеш азману ту лайлу наҳоре будаст,*
*Гарданда фалак бар сари коре будаст.*
*Зинҳор қадам ба хок оҳиста ниҳӣ,*
*К-он мардумаки чашми нигоре будаст.*

***

*Ин кӯза чу ман ошиқи зоре будаст,*
*Дар банди сари зулфи нигоре будаст.*
*В-ин даста, ки дар гардани ӯ мебинӣ,*
*Дастест, ки дар гардани ёре будаст.*

Дигар аз мавзӯъҳои асосии рубоиёти Умари Хайём хушбошию хушгузаронии зиндагист, ки онро ба истилоҳи аврупоиён «гедонизм» мегӯянд. Шоир бар он ақида аст, ки чун умри одамӣ гузарону кӯтоҳ буда, марги ӯ ногузир аст, илова бар он зиндагонӣ ва замона чунон номуносиб ва номувофиқ мебошад, беҳтар он аст, ки ӯ аз қисмати бади хеш ва рӯзгори бадаш фаромӯш кунад ва хуш бошад. Дар ин чиз инсондӯстӣ ва зиндагидӯстии шоир ба хубӣ намудор шудааст. Ӯ мегӯяд:

*З-он май, ки шароби ҷовидонист, бихур.*
*Сармояи айши инҷаҳонист, бихур.*
*Сӯзанда чу оташ аст, лекин ғамро*
*Бурранда чу оби зиндагонист, бихур.*

***

*Хайём, замона аз касе дорад нанг,*
*К-ӯ дар ғами айём нишинад дилтанг.*
*Май нӯш дар обгина бо нолаи чанг,*
*З-он пеш, ки обгина ояд бар санг.*

***

*Хайём, агар зи бода мастӣ, хуш бош,*
*Гар бо саname даме нишастӣ, хуш бош.*
*Поёни ҳама кори ҷаҳон нестӣ аст,*
*Пиндор, ки нестӣ, чу ҳастӣ, хуш бош.*

Дар асоси рубоиҳое, ки шоир дар мавзӯи маю майгусорӣ ва хушбошию хушгузаронии умр, асрори азал, ин дунёву охират, сарнавишт, биҳишту дӯзах ва ғ. сурудааст, баҳси доманадоре ба вуҷуд омадааст, ки Хайём кист: каси бадмаст, даҳрӣ ё сӯфӣ? Ин баҳсро худи ӯ тезутунд намудааст, зеро ба забони ҳол омадааст, ки:

*Гар ман зи майи муғона мастам, ҳастам*
*В-ар ошиқу ринду бутпарастам, ҳастам.*
*Ҳар кас ба хаёли худ гумоне дорад,*
*Ман худ донам, ҳар он чи ҳастам, ҳастам.*

***

*Як даст ба Мусҳафему як даст ба ҷом,*
*Гаҳ марди ҳалолему гаҳе марди ҳаром.*
*Моем дар ин гунбади фирӯзарухом,*
*На кофири мутлақ, на мусулмони тамом.*

Умари Хайёмро наметавон шоири бадмаст ё бадмастӣ номид, зеро майи ӯ сирф майи ангурӣ нест, балки майи адабӣ ва майи маънавист. Маест, ки аз дараҷаи майи ангурӣ берун рафта, ба рамзи хушӣ, зебоӣ, лаззати индунёӣ, ба тасвири шоирона табдил ёфтааст.

*Ман бода хурам, валек мастӣ накунам,*
*Илло ба қадаҳ дарoздастӣ накунам.*

*Донӣ, ғаразам зи майпарастӣ чӣ бувад?*
*То ҳамчу ту хештанпарастӣ накунам.*

Умари Хайёмро ҳамчунин наметавон шахси даҳрӣ, бедин номид, зеро ӯ мусулмони комил буд. Аммо вай азбаски олим буд, ба ҳар чиз ва ба ҳар ҳодиса аз рӯйи ақлу мантиқ менигарист, чунонки ин корро пеш аз ӯ Ибни Сино ва Носири Хусрав карда буданд. Вай ҳам мисли ин саромадони бузурги худ ҳар чиву ҳар касро, ки ба ақл мувофиқ буд, пазируфтааст ва он чиро, ки мувофиқ нест, рад кардааст. Чунончи:

*Ёраб, ту гилам сариштаӣ, ман чӣ кунам?*
*Пашму қасабам ту риштаӣ, ман чӣ кунам?*
*Ҳар неку баде, ки аз ман ояд ба вуҷуд,*
*Ту бар сари ман набиштаӣ, ман чӣ кунам?*

***

*Нокарда гунаҳ дар ин ҷаҳон кист? Бигӯ!*
*В-он кас ки гунаҳ накард, чун зист? Бигӯ!*
*Ман бад кунаму ту бад мукофот диҳӣ!*
*Пас, фарқ миёни ману ту чист? Бигӯ!*

Умари Хайём мавҷудияти биҳишту дӯзах, зиндагии пас аз марг, мукофоти амал, қазову қадар, сарнавишти азалиро хилофи мантиқ шуморида, онҳоеро, ки аз инҳо тарафдорӣ намудаанд, мазаммат ва масхара карда, дар ҳаққашон суханҳои тунду талх зиёд гуфтааст.

*Дар фасли баҳор агар бути ҳурсиришт*
*Як соғари май бардиҳадам бар лаби кишт,*

*Ҳарчанд ба назди ома ин бошад зишт,*
*Саг беҳ зи ман аст, агар кунам ёди биҳишт.*

***

*Гӯянд: «Туро биҳишт бо ҳур хуш аст».*
*Ман мегӯям, ки: «Оби ангур хуш аст».*
*Ин нақд бигиру даст аз он нася бишӯй,*
*К-овози duҳул шунидан аз дур хуш аст.*

Шоири озодандеш ва донишманди ҳамадон ба даъвои ононе, ки гӯиё аз асрори азал ва ҳикмати зоти Худованд бохабаранд, бовар надорад ва ҳамаи гуфтугӯву суханҳояшонро беҳуда ва ғайримантиқӣ мешуморад.

*Асрори азалро на ту донию на ман*
*В-ин ҳарфи муаммо на ту хонию на ман.*
*Ҳаст аз паси парда гуфтугӯйи ману ту,*
*Чун парда биюфтад, на ту монию на ман.*

***

*Онон, ки муҳити фазлу одоб шуданд,*
*Дар кашфи улум шамъи асҳоб шуданд.*
*Раҳ з-ин шаби торик набурданд бурун,*
*Гуфтанд фасонаеву дар хоб шуданд.*

Ниҳоят Умари Хайём сӯфӣ набуд, на сӯфии амалӣ ва на сӯфии назарӣ. Хайём аз рӯйи ақида пайрави Арасту ва шогирди Ибни Сино буд ва аз таълимоти фалсафии машшоӣ (ақлгароӣ) ҷонибдорӣ мекард. Ӯ инсонпарвар (ҳуманист), зиндагидӯст ва зебоипараст буд. Аз ин рӯ бесомониҳои дунё, аҳли он, нобаробарӣ ва беадолатиҳоро қабул надошт, бар зидди онҳо эътироз мекард.

*Эй чарх, чӣ шуд, хасисро чиз диҳӣ,*
*Гармобаву осиёву даҳлез диҳӣ.*
*Озода ба нони шаб гаравгон бидиҳад,*
*Бояд ки бар ин чунин фалак тиз диҳӣ.*

***

*Он беҳ, ки дар ин замона кам гирӣ дӯст,*
*Бо аҳли замона суҳбат аз дур накуст.*
*Он кас ки ба куллӣ эътимоди ту бар ӯст,*
*Чун чашми хирад боз кунӣ, душманат ӯст.*

Қаҳрамони ғиноии Хайём ринд аст, каси озод, озодандеш, фарохназар, ҷӯянда, мутафаккир, поктинат, зиндагидӯст, ҳаётдӯст, касе, ки аз рӯйи ақл амал мекунад, ошӯбгар ва лоубол низ мебошад ва бинобар он ҳам эълом медорад, ки:

*Гар бар фалакам даст будӣ чун Яздон,*
*Бардоштаме ман ин фалакро зи миён.*
*В-аз нав фалаке дигар чунон сохтаме,*
*К-озода ба коми дил расидӣ осон.*

Ин қаҳрамон, ки баъдан дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ нақши асосиро хоҳад гирифт, то андозае бозтобдиҳандаи чеҳраи муаллиф ва монанд ба ӯ донишманди ақлгаро мебошад.

Аз рӯйи гуфтаҳои маълуми ду муаллифе, ки ба замони ӯ наздик буданд, яке – Абӯбакр Наҷмиддини Розӣ (ваф. 1256) ва дигаре – ал-Қифтӣ (1172-1248), ба хубӣ эҳсос мешавад, ки дар замонааш ҳомиёни бардурӯғи шариат рубоиёти Хайёмро хилофи он дониста, онҳоро ба морони дар зоҳир зебо ва дар ботин заҳрпош монанд карда, ҳушдор медоданд, ки фирефтаи гуфтаҳои ӯ нашаванд, ба маъниҳои ниҳонии онҳо диққат диҳанд, ки басо хатарнок мебошанд.

Ал-Қифтӣ бемонанд будани Умари Хайёмро дар илмҳои нуҷум ва ҳикмат эътироф намуда, орзу кардааст, ки «Эй кош, дар ақидаи динӣ низ ҳамин зайл устувор мебуд!».

Умуман тамоми рубоиҳои Хайём дар моҳият қасида дар васфи бузургии инсон мебошад, ки ӯро шоир нақши нигини ангуштарини ҷаҳон мешуморад ва мегӯяд:

*Мақсуд зи ҷумла офариниш моем,*
*Дар чашми хирад ҷавҳари биниш моем.*
*Ин доираи ҷаҳон чу ангуштарӣ аст,*
*Бе ҳеч шаке, нақши нигинаш моем.*

Шуҳрати Умари Хайём ҳамчун шоир танҳо дар он нест, ки мавзӯъ ва мазмунҳоеро баён доштааст, ки онҳо ҷовидонӣ буда, ба дили ҳар фард дар тамоми гӯшаҳои дунё наздик аст, балки дар он ҳам мебошад, ки шоир тавонистааст, ки онҳоро дар қолаби хурди рубоӣ бо баёни мӯҷаз, расо, нишонрас, рангин ва бо мантиқи қавӣ бигунҷонад. Ба дараҷае, ки пас аз ӯ шоирони зиёде дар пайравии ӯ рубоӣ гуфтаанд, аммо касе ба ӯ баробар шуда натавонистааст. Барои мисол, рубоии зерин монанд ба як намоишномаест, ки аз чаҳор бахш (саҳна): «Гардун», «Ҷайҳун», «Дӯзах» ва «Фирдавс» иборат буда, дар худ умри фарсудаи одамиро бисёр барҷаста ва бо вусъати ҳамосӣ инъикос намудааст:

***Гардун*** *камаре зи умри фарсудаи мост,*
***Ҷайҳун*** *асаре зи чашми полудаи мост.*
***Дӯзах*** *шараре зи ранҷи беҳудаи мост,*
***Фирдавс*** *даме зи вақти осудаи мост.*

Хайём кӯтоҳӣ ва зудгузарии умри одамиро бо баёни ду-се маънии шоирона чунон устодона ва ҳунармандона ба қалам додааст, ки онро хотирмон ва фаромӯшношуданӣ гардондааст.

*З-овардани ман набуд гардунро суд*
*В-аз бурдани ман ба иззу ҷоҳаш нафузуд.*
*В-аз ҳеч касе низ ду гӯшам нашунуд,*
*К-овардану бурдани ман аз баҳри чӣ буд?*

Тазод ва баёни тазодӣ аз воситаҳои дӯстдоштатарини Хайём дар шеър мебошад. Истифода аз чунин воситаи тасвир гунҷоиши қолаби кӯчаки рубоиро вусъати беандозае бахшидааст. Шоир бо зикри он ки хишти сари хумро аз мулки Ҷамшед, як ҷуръаи майро аз ғизои Марям ва оҳи саҳарӣ аз синаи масти харобро аз нолаи Абӯсаиди Абулхайр ва Иброҳими Адҳам хуштар медонад ва бо ҳамин ғанимат донистани чизи накдро аз нася ва дастнорас авло мешуморад.

*Хишти сари хум зи мулкати Ҷам хуштар,*
*Як ҷуръа май аз гизои Марям хуштар.*
*Оҳи саҳарӣ зи синаи масти хароб*
*Аз нолаи Бӯсаиду Адҳам хуштар.*

Хайём дар рубоии дигар «гул»-ро бо «хор», «нур»-ро бо «нор» ва «хирқаву хонақоҳу шайхӣ»-ро бо «ноқусу калисиёву зуннор» муқобил гузошта, қаноат ба қисмати бади хеш кардааст, ки дар амал эътирози сахтест ба беадолатиҳои замона ва муҳити носозгори динию мазҳабии он.

*Гар **гул** набувад насиби мо, хор бас аст*
*В-ар **нур** ба мо намерасад, нор бас аст.*
*Гар **хирқаву хонақоҳу шайхӣ** набувад,*
***Ноқусу калисиёву зуннор** бас аст.*

Ҳар сухан, ҳар калима, ибора, ҳарфу ҳиҷо, лафзу маънии шоир дар рубоиҳояш дар ҷояш, бо ҳадафе омадааст, дар он ҳеч гуна ҳашв, на малеҳу на қабеҳ, овардани калимаву ибораеро ба хотири анбориши мисраъ ва байт намебинем. Хайём мисли як меъмори забардаст хишти суханро болои хишт чунон мегузорад, ки ҳеч холигоҳе дар байни онҳо намемонад, мисли як наққоши забардаст ҳар рангро бо тобишҳои зиёдаш чунон бо ҳам мувофиқ меорад, ки ҷое барои серу кам ва таносуби рангҳоро вайрон кардан намемонад. Муаллиф бо зикри як ё ду ҷузъиёт фазои баҳоронро ба ин зебоӣ ба қалам додааст:

*Рӯзест хушу ҳаво на гарм асту на сард,*
*Абр аз рухи гулзор ҳамешӯяд гард.*
*Булбул ба забони паҳлавӣ бар гули зард*
*Фарёд ҳамекунад, ки: «Май бояд х(в)ард».*

Дар байни мероси илмӣ ва адабии Умари Хайём дар наср рисолаи «Наврӯзнома» низ ҳаст, ки тахминан дар соли 1079 навишта шудааст. Тавре ки аз муқаддимаи ин асар бармеояд, онро муаллиф бо хоҳиши як дӯсти наздикаш ба баёни мухтасари сабаби ниҳодани ҷашни Наврӯз ва кадом подшоҳ ниҳодааст ва дигар оини подшоҳон ва сиришти эшон дар ҳар коре бахшидааст. Ҳар коре, ки муаллиф дар оғози «Наврӯзнома» ба он ишора намудааст, аз инҳо иборат мебошад: «Андар оини подшоҳони Аҷам», «Омадани мубади мубадон ва наврӯзӣ овардан», «Офарини мубади мубадон ба иборати эшон»,«Андар ёд кардани зар ва он чи воҷиб бувад дар бораи ӯ», «Андар аломати дафинаҳо», «Ёд кардани ангуштарин ва он чи воҷиб ояд дар бораи ӯ», «Ёд кардани хавил (неши ҷав) ва он чи воҷиб ояд дар бораи ӯ», «Ёд кардани шамшер ва он чи воҷиб ояд дар бораи ӯ»,«Ёд кардани тир ва камон ва он чи воҷиб ояд дар бораи он»,«Ёд кардани қалам ва хосияти он ва он чи воҷиб ояд дар бораи он», «Ёд кардани асп ва ҳунари ӯ ва он чи воҷиб ояд дар бораи ӯ», «Номҳои аспон ба забони порсӣ», «Андар зикри боз ва ҳунари ӯ ва он чи воҷиб ояд дар бораи ӯ», «Андар гузидани боз», «Гуфтор андар манфиати шароб», «Ҳикоят андар маънии падид омадани шароб» ва «Гуфтор андар хосияти рӯйи неку».

Муҳтавои «Наврӯзнома», ҳадаф ва сабки баёни он «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковусро ба ёд меорад. Умари Хайём агарчи нагуфтааст, ки он дӯсташ кӣ буд, аммо маълум аст, ки аз онҳое будааст, ки мехостааст бо оини мулуки Аҷам ошноӣ пайдо бикунад ва онҳоро биомӯзад ва аз онҳо кор гирад.

Бино ба навиштаи Умари Хайём, «аммо сабаби ниҳодани Наврӯз он будааст, ки чун бидонистанд, ки офтобро ду давр бувад: яке он ки ҳар сесаду шасту панҷ рӯз рубъе (чаҳоряке) аз шабонарӯз ба аввали дақиқаи Ҳамал боз ояд ба ҳамон вакт ва рӯз, ки рафта буд… ва чун Ҷамшед он рӯзро дарёфт, Наврӯз ном ниҳод ва ҷашн оин овард ва пас аз он подшоҳон ва дигар мардумон бад-ӯ иқтидо (пайравӣ) карданд.

Ва қисса он чунон аст, ки чун Каюмарс аввал аз мулуки Аҷам

ба подшоҳӣ бинишаст, хост, ки айёми солу моҳро ном ниҳад ва таърих созад, то мардумон онро бидонанд. Бингарист, ки он рӯз бомдод, офтоб ба аввали дақиқаи Ҳамал омада, мубадони Аҷамро гирд кард ва бифармуд, ки таърих аз он ҷо оғоз кунанд. Мубадон ҷамъ омаданд ва таърих ниҳоданд ва чунин гуфтанд мубадони Аҷам, ки доноёни он рӯзгор буданд».

Каюмарс ҳар солро ба дувоздаҳ қисмат кард, ҳар бахше сӣ рӯз ва ҳар якеро аз он номе ниҳодааст, ки то ба ҳол дар Эрон расман маъмул мебошанд.

Умари Хайём пас аз шарҳи сабаби ниҳодани ҷашни Наврӯз нуктаеро таъкид намудааст, ки то ба ҳол дар байни мардуми моривоҷ дорад. Ӯ гуфтааст, ки «ҳар кӣ Наврӯз ҷашн кунад ва ба хуррамӣ пайвандад, то Наврӯзи дигар умр дар шодӣ ва хуррамӣ гузорад».

«Наврӯзнома»-и Умари Хайём донишномаест дар бораи ҷашни Наврӯз ва он чи воҷиб ояд дар бораи он, яъне, расму оинҳои маъмули мулуки Аҷам, ва барои ҳамин ҳам як сарчашмаи муътабарест барои омӯхтани таърихи пайдоиши ҷашни бостонии Наврӯз ва расму оинҳое, ки дар миёни подшоҳони гузаштаи Аҷам маълум ва машҳур буданд. Муаллиф гоҳе барои тасдиқи гуфтаҳои хеш аз хондаву шунидаҳои хеш, аз саргузашти шоҳони Аҷам ҳикоятҳо овардааст, чунонки муаллифи «Қобуснома» низ карда буд.

Наздикии «Наврӯзнома» бо «Қобуснома» танҳо бо доштани ҳикоят ва монандии бобу фаслҳои алоҳидаи онҳо тамом намешавад, балки дар забон, таркиби луғавӣ, сабки баён низ ба ҳам монанд мебошанд ва аз ин ҷиҳат низ арзиши муайяни адабӣ доранд ва аз ривоҷи наср дар баробари шеър дар он замон гувоҳӣ медиҳанд.

# САНОИИ ҒАЗНАВӢ

## (1080/81 – 1141/42)

Саноии Ғазнавӣ шоире буд, ки бузургтарин сӯфии дунё Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ худро аз ҷумлаи пайравони ӯ шуморидааст.

*Аттор рӯҳ буду Саноӣ ду чашми ӯ,*
*Мо аз пайи Саноию Аттор омадем.*

Саноӣ дар зодгоҳаш таълиму тарбият ёфта, дар баробари омӯзиши Қуръон, ҳадис, калом, луғат ва адаб аз илмҳои нуҷум, тиб, мусиқӣ ва ҳикмат баҳра бардоштааст. Вай бо унвони «ҳаким» шуҳрат меёбад ва дар сафаре, ки баъдҳо ба Нишопур карда буд, ба ҳаким Умари Хайём ошно мешавад. Пас аз он ба сабаби озурдагии хотире, ки аз аҳли Ғазна дошт, ба Балх меравад ва дар он ҷо дӯстони қадрдоне пайдо менамояд. Аз Балх ба ҳаҷ меравад ва баъд аз бозгашт аз Балх ба Сарахс меояд ва дар он ҷо нисбатан тӯлонӣ боқӣ мемонад. Саноӣ дар тӯли умраш ба Ҳирот, Марв ва Хоразм низ сафарҳо доштааст ва пас аз бист соли дурӣ аз зодгоҳаш дар соли 1124/1125 ба Ғазна бозгаштааст ва умрашро дар ҳамин ҷо дар манзиле, ки яке аз дӯстони мухлисаш барояш фароҳам оварда буд, ба поён расонидааст. Бинобар ривояте дар вопасин нафасҳояш зери лаб чизеро замзама менамудааст ва дӯстонаш гӯш ба даҳонаш бурда будаанд ва ӯ ин байтро мегуфт:

*Бозгаштам, з-он чи гуфтам, з-он ки нест*
*Дар сухан маънию дар маънӣ сухан.*

Абдурраҳмони Ҷомӣ, яке аз шахсиятҳои барҷастаи илму адаби форсии тоҷикӣ ва аз сӯфиёни маъруф, ин ривоятро аз қавли Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ нақл кардааст ва гуфтааст, ки азизе инро бишунид ва гуфт: «Аҷаб ҳолест, ки дар вақти бозгаштан аз сухан низ ба сухан машғул буд».

Саноӣ агарчи гуфтааст, ки: “Аз кешу тариқатам чӣ пурсӣ, Ишқ аст маро тариқату кеш”, пеш аз он, ки ишқро – сӯфигариро тариқату кеши худ қарор диҳад, дар аввал сӯфӣ набуд, балки шоири мадеҳасарои дарбори Ғазнавиён буда, баъди инқилоби дарунӣ ба сӯфигарӣ рӯ овардааст. Дар ин бора худи ӯ чунин шаҳодат медиҳад:

*Якчанд дар ислом фарас тохтаем,*
*Якчанд ба куфру кофирӣ сохтаем.*
*Чун қоидаи ишқи ту дарёфтаем,*
*Аз куфр ба ислом напардохтаем.*

Сабаби инқилоби дарунии Саноии Ғазнавиро ҳар навъ шарҳ додаанд. Баъзеҳо ривоят кардаанд, ки гӯё шоир рӯзе аз назди майкадае мегузашт ва ба гӯшаш садои девонаи лойхӯре (дурдиошоме) мерасад, ки ба кӯрии султон Иброҳими Ғазнавӣ ва ҳам ба кӯрии чашми Саноӣ, ки ӯро мадҳи беҳуда мекунад, қадаҳ мебардошт. Гӯиё Саноӣ пас аз ин тарки мадҳиясароӣ карда ва рӯй ба ирфон овардааст. Аммо иллати аслӣ дар он буд, ки шоир ба таълимоти сӯфигарӣ ошно мегардад ва маҳз ин шиносоӣ кори беҳуда будани гуфтани мадҳияро барояш ошкор месозад ва баъд аз ин ӯ шеъри ҳазлу фаҳшро аз шеъри ҷид, яъне, шеъри сӯфиёна, ҷудо менамояд.

*Эй дарего, ки дар замонаи мо*
*Ҳазл ояд ба корхонаи мо.*
*Ҳазлро хостгор бисёр аст,*
*Занаху ришханд даркор аст.*
*Майли эшон ба ҳазл бештар аст,*
*Ҳазл, алҳақ, зи ҷид азизтар аст.*
*Мардро ҳазл бар гуноҳ барад,*
*Ҷид сӯйи олами Илоҳ барад.*
*Чун ту ҷид ёфтӣ, бибур аз ҳазл,*
*То аз он мамлакат набошӣ азл.*
*Ман чу з-ин шева рух битофтаам,*
*Ҳар чӣ кардам талаб, биёфтаам.*

Аз вазъи бади замонаи Саноии Ғазнавӣ, ҳолати ногувори худи ӯ, муносибаташ бо замонаву аҳли он як қасидаи ҳолияи шоир хеле хуб гувоҳӣ медиҳад ва қасидаҳои монанди Носири Хусравро ба ёд меорад, ки ҳамчун каси оқилу фозил аз дасти ҷоҳилон ва мутаассибон гирифтори зиндони сангии Юмгондара гардида буд. Мухтасари он қасидаи машҳур чунин аст:

*Мансух шуд мурувввату маъдум шуд вафо,*
*З-ин ҳар ду монда ном чу симурғу кимиё.*
*Шуд ростӣ хиёнату шуд зиракӣ сафаҳ,*
*Шуд дӯстӣ адовату шуд мардумӣ ҷафо.*

*Гаштаст божгуна ҳама расмҳои халқ*
*З-ин олами набаҳраву гардуни бевафо.*
*Ҳар оқиле ба зовияе монда мумтаҳан,*
*Ҳар фозиле ба доҳияе гашта мубтало.*
*Он кас , ки гӯяд аз раҳи маънӣ кунун ҳаме*
*Андар миёни халқ мумайийз чу ман куҷо?*
*Девонаро ҳаме нашиносад чу ҳушёр,*
*Бегонаро ҳаме бигузинад бар ошно.*

Бо вуҷуди ҳама сахтиҳо ва хорию зориҳо, нодориҳо ва саргардониҳо Саноӣ кӯшиш намудааст, ки озодии хешро ба бандагӣ ба шоҳону зимомдорони замонаш нафурӯшад. Аз як номаи Саноӣ маълум мешавад, ки Баҳромшоҳи Ғазнавӣ ӯро ба дарбораш даъват карда, хостааст, ки ба хоҳари худ хонадор намояд. Вале ӯ ин даъват ва пешниҳодро рад намудааст:

*Дарвеш наям, агарчи кам мекӯшам,*
*Девона наям, агарчи кам шуд ҳушам.*
*Гар бебаргӣ ба барг молад гӯшам,*
*Озодиро ба бандагӣ нафрӯшам.*

## МЕРОСИ АДАБИИ САНОӢ

Мероси адабии Саноии Ғазнавӣ бой буда, аз «Девон» дар ҳафт қисмат: зуҳдиёт, мадҳияҳо, қаландариёт, ғазалиёт, қитъа, марсия ва ҳаҷв, маснавиҳои «Корномаи Балх», «Тариқат-ут-таҳқиқ», «Ишқнома», «Ақлнома», «Сайр-ул-ибод», «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа», «Мактубот» иборат мебошад.

Аз ин миён маснавии «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа» аз муҳимтарин асарҳои муаллиф ва қадимтарин шоҳкории азими ирфони Аҷам ба шумор меравад, ки онро дар тӯли ёздаҳ сол навиштааст. Онро донишномаи тасаввуф гуфтаанд. Саноӣ дар даҳ боби он масъалаҳои таваҷҷуҳ ба ҳақ ва бениёзӣ аз ғайр, қурбон кардани ақл дар пеши Қуръон ва қавли расул, раҳбарии илм ба сӯйи доруллоҳ (хонаи Худо), на ба сӯйи мол ва нафсу ҷоҳ, роҳбаладии ишқ ба доруллоҳ, зарурати марҳалаҳои такомули нафс, дур доштани ғафлату ғурур касро аз роҳи ҳақ ва ғ.-ро баён намудааст. Дар ҳар боби маснавӣ ҳикоят, ривоят ва тамсилоти фаровоне ҷой дорад. Дертар ин тавр сухан гуфтанро аз Саноӣ шоироне монанди Низомӣ дар «Махзан-

ул-асрор», Амир Хусрав дар «Матлаъ-ул-анвор», Аттор ва Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар маснавиҳояшон истифода кардаанд.

Аз сабаби он ки дар маснавии «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа» танқиди замон ва аҳли он, аз он ҷумла, рӯҳониёни мутаассиб бисёр аст, онро китоби хилофи шариат эълон карда, шоирро ба бидъат ва куфр айбдор намудаанд. Саноӣ маҷбур шудааст, ки барои ҳимояи худ аз ҷоҳилон ва зоҳирпарастон маснавиашро ба маркази хилофат барои баҳои беғаразона додан ва ба олимони он ҷо арза намудан бо номаи манзуме бифиристад ва бигӯяд:

*Ҷоҳилон ҷумла նописанд кунанд*
*В-аз сари ҷаҳл ришханд кунанд.*
*В-он ки бошад суханшиноси ҳаким,*
*Ҳамчу Қуръон ниҳад варо таъзим.*

Дар асл Саноӣ ҳеч динро ва нақши он дар такомули инсонро инкор накардааст. Вай танҳо он диндорони мутаассиб ва ҷоҳилро танқид намудааст, ки сурати Қуръонро дидаанду аз сираташ сарфи назар кардаанд.

*Ту зи Қуръон ниқоби ӯ дидӣ,*
*Ҳарфи ӯро ҳиҷоби ӯ дидӣ...*
*Ҳис чӣ бинад, магар ки сурати нағз,*
*Мағз донад, ки чист андар мағз.*
*Сурати сураташ ҳамехонӣ,*
*Сифати сираташ ҳамедонӣ.*

Аз «Девон»-и Саноӣ равшан бармеояд, ки шоир на танҳо дар гуфтани маснавиҳои орифона, балки дар навъҳои дигари шеърӣ, монанди қасида, ғазал, қитъа ва рубоӣ низ маҳорате доштааст. Дар «Девон»-и ӯ паҳлуи ҳам ҷой доштани қасидаҳои мадҳия ва қасидаҳо дар зуҳд, ғазалҳои ошиқона бо ғазалҳои орифонаву қаландариёна падидаи табиӣ буда, бозтоби табиии марҳалаҳои ҷудогонаи зиндагӣ ва фаъолияти офаринишии ӯ мебошад. Бо ин ҳама мазмунҳои ирфонӣ бештар дар маснавиёти ӯ ба назар мерасад ва камтар дар ғазалиёт ва навъҳои дигари шеърӣ.

Шоири ориф дар хитоб ба соқӣ – Худованд гуфтааст, ки қолаби фарзанди Одам оз – тамаъро манзил шудааст ва андуҳи бешию пастӣ – нобаробариҳои айёмро тира кардааст, бинобар

он ҷомро – ишқи илоҳиро дардеҳ, ки аз он ҳама озу тамаъҳо ва андуҳи бешиву камиҳо фаромӯш гардад ва соате оромӣ диҳад. Аз сӯфиёни бузурге мисли Боязиду Шиблию Кархӣ ёд оварданаш низ далолат бар он медиҳад, ки шоир ин ғазалро дар ишқи ҳақиқӣ – илоҳӣ сурудааст, на маҷозӣ, яъне инсонӣ.

*Соқиё, донӣ, ки махмурем, дардеҳ ҷомро,*
*Соате ором деҳ ин умри бооромро.*
*Мири маҷлис чун ту бошӣ, бо ҷамолат дарнигар*
*Хом дардеҳ пухтарову пухта дардеҳ хомро.*
*Қолаби фарзанди Одам озро манзил шудаст,*
*Андуҳи бешию пастӣ тира кард айёмро.*
*На биҳишт аз мо тиҳӣ гардад, на дӯзах пур шавад,*
*Соқиё, дардеҳ шароби аргавонифомро.*
*Қилу қоли Боязиду Шиблию Кархӣ чӣ буд?*
*Кор кори хеш дон, андарнавард айёмро.*
*То замоне мо бурун аз хоки Одам дам занем,*
*Нангу номе нест бар мо ҳеч хосу омро.*

Ғазали зерини Саноӣ, ки ошиқона, яъне дар ишқи маҷозӣ – инсонист, ҳолу ҳавои заминӣ ва муайяне дорад ва дар он аз ин сухан меравад, ки ошиқи ғариб илтиҷои онро дорад, ки маъшуқааш як шабе ба назди ошиқон гузар кунаду рӯйи зарду чашми гирёни онҳоро бубинад, аз бадаҳдии хеш бохабар шавад ва ҷони онҳоро зеру забар накунад, ба ҷойи куштани ошиқони хастаҷигар кори дигаре анҷом диҳад.

*Ғарибу ошиқам бар ман назар кун,*
*Ба назди ошиқон як шаб гузар кун.*
*Бибин он рӯйи зарду чашми гирён,*
*Зи бадаҳдӣ дили худро хабар кун.*
*Туро рухсат кӣ дод, эй меҳрпарвар,*
*Ки ҷони ошиқон зеру забар кун?!*
*На бас корест куштан ошиқонро,*
*Бирав, фармон бару кори дигар кун.*
*Саноӣ рафту бо худ бурд ҳиҷрон,*
*Ту номаш ошиқи хастаҷигар кун.*

Тавре ки аз зиндагиномаи Саноии Ғазнавӣ, ин шоири озода ва боиззату сарбаланд маълум шуд, замон ва аҳли замона, хусусан рӯҳониёни мутаассиб нисбат ба ӯ номардиҳо ва беадолатиҳоро

зиёд раво дошта буданд. Аз ин рӯ табиист, ки мавзӯи шикоят аз онҳо ва танқид аз эшон дар шеъри ӯ аз мавзӯъҳои асосӣ ба шумор меравад. Шоир бар он бовар аст, ҳар кӣ адлу инсоф надорад, подшоҳ не, дад бувад, на одамӣ:

*Ҳар кӣ инсоф аз ӯ ҷудо бошад,*
*Дад бувад, дад, на подшо бошад.*
*Чун аз ӯ адлу бегамӣ набувад,*
*Худ чӣ султон, ки одамӣ набувад.*

Саноӣ аз ҳисоби вайрон кардани мулк гирд овардани ганҷи фаровонро аз тариқи бедодон медонад.

*Мулк вайрону ганҷ ободон*
*Набувад ҷуз тариқи бедодон.*
*Мулки обод беҳ зи ганҷи равон,*
*Шодии дил надорад эч равон.*

Шоир вайронии мулк ва бенизомии замонаро аз подшоҳи шаҳватпарасту тамаъкор, амирони золиму фасодхор ва фақеҳони ҳилагару рибохор медонад.

*Подшоро зи пайи шаҳвату оз*
*Рух ба симинбару симинсанам аст.*
*Умароро зи пайи зулму фасод*
*Дил ба зӯру зару хайлу ҳашам аст.*
*Фуқаҳоро гараз аз хондани фиқҳ*
*Ҳилаи байъи рибову салам аст.*

Шоҳи ормонӣ дар назари Саноӣ монанд ба сар асту раият ба тан ва яке аз дигаре қувват гирад. Ӯ тани бесарро ғизои занбӯр ва сари бетанро сазои косаи танбӯр медонад ва таъкид мекунад, ки равғани ҷони раийят аз адли шоҳ бувад, вагарна мулки беадл ба барги коҳ монанд аст, ки аз вазидани андак шамоле аз ҷой беҷо мешавад.

*Масали шаҳ сару раийят тан,*
*Ҳар ду аз якдигар фузуд саман.*
*Тани бесар ғизои занбӯр аст,*
*Сари бетан сазои танбӯр аст.*

*Равғани ҷон зи адли шоҳ бувад,*
*Мулки беадл барги коҳ бувад.*

Суханони Саноӣ махсусан дар бораи рӯҳониёни риёкори молиятимхӯр хеле сахт ва фошофош мебошад ва чеҳраи воқеии онҳоро ошкор месозад.

*Дар ҳама умр ар шабе қасд ба масҷид кунӣ,*
*Гарчи ба рӯю риё барканӣ аз машъала.*
*Дар рамазону раҷаб моли ятимон хӯрӣ,*
*Рӯза ба моли ятим мор бувад дар сала.*
*Моли ятимон хурӣ, пас чиладорӣ кунӣ,*
*Роҳ мазан бар ятим, даст бидор аз чила.*
*Сӯфии софӣ шавӣ бар дари миру вазир,*
*Сӯф кунӣ ҷомаро, то бибарӣ з-он зала.*

Дар шеъри орифе, мисли Саноии Ғазнавӣ ҷой доштани баёни панду ҳикмат агар, аз як тараф, комилан мантиқӣ ва табиӣ бошад, аз тарафи дигар, идомаи ҳамон суннати қавии адабиёти форсии тоҷикӣ – пандноманависӣ мебошад. Панду ҳикмат дар ҳамаи навъҳои шеърии шоир ба назар мерасад. Чунончи:

*Манишин бо бадон, ки суҳбати бад*
*Гарчи покӣ, туро палид кунад.*
*Офтоб арчи равшан аст, варо*
*Пораи абр нопадид кунад.*

***

*Ҳарчанд бувад мардуми доно дарвеш,*
*Сад раҳ бувад аз тавонгари нодон беш.*
*Инро бишавад ҷоҳ, чу шуд мол аз пеш*
*В-он шод бувад мудом аз дониши хеш.*

Саноии Ғазнавӣ аз ҷумлаи аввалин касонест, ки дар гуфтани шеъри таълимии сӯфиёна саҳм гузоштааст. Аз ин сабаб ҳунари шоириаш батамом такмил наёфтааст, вай дар нимароҳи камоли шеъри форсии орифона мебошад. Дар шеърҳои ӯ аз ҷиҳати ҳунари гӯяндагӣ дар баён ва сабки нигориш ноҳамвориҳо ва берабтиҳо ба назар мерасад, аз он ҷумла дар муҳимтарин асари ӯ маснавии «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа» низ.

## ПУРСИШ ВА СУПОРИШ

1. Аҷобатҳои зиндагӣ ва фаъолиятҳои офаринишии Хайёмро дар чӣ мебинед?
2. Сирри шуҳрати ҷаҳонии рубоиёти Хайём дар чист? Маводди намоишӣ омода созед.
3. Қаҳрамони ғиноии Хайём чӣ гуна одам аст? Гузориш нависед.
4. Дар мавзӯи "Муҳтавои рубоиёти Хайём" иншо нависед.
5. Чанд рубоии Хайёмро аз худ кунед, тасвирҳои бадеӣ ва маъниҳои шоирона ва луғатҳои нодири онро ҷудо намоед.
6. Дар бораи "Наврӯзнома"-и Хайём маълумот диҳед ва гузориш омода бисозед.
7. Феҳристи суннатҳои наврӯзӣ дар "Наврӯзнома"-и Хайёмро тартиб ва ба таври мухтасар тавсиф диҳед.
8. Сабаби ба сӯфигарӣ рӯй овардани Саноӣ чӣ буд?
9. Мероси адабии Саноиро номбар кунед ва феҳристи онҳоро тартиб диҳед.
10. Саноӣ чӣ мегӯяд? Дар ин мавзӯъ иншо нависед.
11. Порчаи шеърии "Мансух шуд муруввату маълум шуд вафо"-ро аз худ кунед, луғатҳои нодири онро барои худ сабт намоед ва ба вазн ва қофияи он эътибор диҳед.

## ТЕСТҲО

1. Хайём кист?
   а) Бадмаст; б) Даҳрӣ – бедин; в) Сӯфӣ.
   г) Инсонпарвар, зиндагидӯст ва зебоипараст.

2. Сирри шуҳрати ҷаҳонии рубоиёти Хайём дар чист?
   а) Кӯтоҳ аст; б) Дар бораи он муаммоҳоест, ки ҳар яки мо ба онҳо ҷавоб меҷӯем; в) Онҳоро Хайём гуфтааст; г) Ёд карданашон осон аст.

3. Қаҳрамони ғиноии Хайём кист?
   а) Ринд; б) Озодандеш; в) Ошӯбгар; г) Мутафаккир.

4. Муҳтавои "Наврӯзнома".
   а) Тасвири фасли баҳор; б) Дар бораи Наврӯз; в) Ҷашннома;
   г) Расму оинҳои гузашта.

5. Сабаби ба сӯфигарӣ рӯй овардаи Саноӣ чӣ буд?
   а) Таълими динӣ гирифта буд; б)Ғазнавиён тавсия карданд.
   в) Бо гуфтаи девонаи шаробхӯре; г) Шиносоӣ бо таълимоти сӯфигарӣ.

# АБУЛМАОЛИИ НАСРУЛЛОҲ

## (асри XII)

Абулмаолии Насруллоҳ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ҳамчун яке аз нависандагони асари машҳур «Калила ва Димна» маълум аст. Пеш аз ӯ ин ёдгори адабиёти ҷаҳонӣ, ки аслаш ҳиндӣ мебошад, бори нахуст дар замони Анӯшервон (531- 579) ба забони паҳлавӣ баргардонида мешавад. Дар асоси ин баргардон онро дар нимаи аввали асри VIII нависанда ва тарҷумони забардаст Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ (721-759/760) ба арабӣ тарҷума мекунад, ки дертар дар асри X аз рӯйи он устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ин асарро ба назм медарорад. Баъд аз ин «Калила ва Димна» борҳо ба забони форсии тоҷикӣ аз тарафи адибони гуногун таълиф ва нашр мешавад.

Аз зиндагии Абулмаолии Насруллоҳ танҳо ҳаминаш маълум аст, ки ӯ дар дарбори охирин намояндагони Ғазнавиён – Баҳромшоҳи Ғазнавӣ (1118-1152/53) ва Хусравмалики Ғазнавӣ (1160 - 1186) дабир ва замоне вазир ҳам будааст. Аммо, тавре ки бисёр воқеъ шудааст, ӯро баъди чанд соли вазириаш бо туҳмати ҳасудон ва бадхоҳонаш зиндонӣ гардонидаанд ва ба қатл расонидаанд. Тахмин меравад, ки ин ҳодиса дар замони ҳукмронии Хусравмалики Ғазнавӣ рух додааст.

«Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насруллоҳ қадимтарин тарҷумаи «Калила ва Димна»-и Ибни Муқаффаъ ба забони форсии тоҷикӣ мебошад, ки то замони мо дар шакли комил боқӣ мондааст. Онро муаллиф соли 1144 таълиф намуда, ба Баҳромшоҳи Ғазнавӣ бахшидааст, бинобар ин бо номи «Калила ва Димна»-и Баҳромшоҳӣ низ ёд мешавад.

Сабаби ба тарҷумаи нави «Калила ва Димна», бо вуҷуди будани чандин тарҷумаи манзум ва мансур ба забони форсии тоҷикӣ, даст заданашро муаллиф дар дебочаи асар шарҳ додааст. Аз рӯйи гуфтаи ӯ, тарҷумаҳои мавҷуда накс доштанд. Тарҷумон нақси онҳоро дар он дидааст, ки пешиниён ба баёни афсонаву ривоят ва ҳикоят диққат дода, аз ҳикмат ва панд сарфи назар кардаанд. «Ин китобро, - навиштааст ӯ, - пас аз тарҷумаи писари Муқаффаъ ва назми Рӯдакӣ тарҷумаҳо кардаанд ва ҳар кас дар майдони баён

бар андозаи маҷоли (қудрат ва тавоноии) хеш қадаме гузорида, лекин /чунин/ менамояд, ки муроди эшон таҳрири самар (афсона) ва таҳрири ҳикоят будааст, на тафҳими (дарки) ҳикмат ва эзоҳи мавъизат (панд додан), чи сухани неку ва матин рондаанд ва бар эроди қисса ихтисор намуда ва дар ҷумла рағбати мардумон аз мутолиаи кутуби тозӣ (хондани китобҳои арабӣ) кӯтоҳ гаштааст ва он ҳикоят ва мавоъиза (панду ҳикматҳо) маҳҷур (дур) монда буд». Абулмаолӣ илова бар барқарор намудан ва нигаҳ доштани ҳикмату пандҳои матни арабӣ ба хотири зинда гардонидани ин «мурдаи чандинҳазорсола» тарҷумаашро бо овардани «оёт, ахбору абёт ва амсол», ба истилоҳи худаш, пурқувват гардонида будааст. Ӯ менависад: «Ба хотир гузашт, онро тарҷума карда ояд ва дар басти сухан ва кашфи ишорат…онро ба оёт, ахбор (хабарҳо) ва абёт (байтҳо) ва амсол (мисолҳо) муаккад (пурқувват) гардонида шавад, то ин китобро, ки мурдаи чандҳазорсола аст, эҳё бошад (зинда шавад) ва мардум аз фоидаҳои он бебаҳра намонанд ва ҳам бар ин дастур сар карда шуд ва шароити суханронӣ дар зимни амсол, овардани оёт ва шарҳи рамуз (рамзҳо) ва ишорот (ишораҳо) такдим намуда омад».

Дар тарҷума, чи адабӣ ва чи илмӣ, дар асрҳои миёна ворид намудани дигаргунӣ ва иловаҳо ба ҳукми қонун даромада буд. Аз ин сабаб асарҳои тарҷумавӣ дар он вақт асарҳои мустақил ва таълифӣ ба шумор мерафтанд ва тарҷумонҳои онҳо ба сифати муаллиф эътироф гардидаанд.

«Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насруллоҳ чун китоби Ибни Муқаффаъ аз шонздаҳ боб иборат мебошад, аз ҷумла бобҳои «Шер ва Гов», «Бозҷусти кори Димна», «Дӯстии Кабӯтар, Зоғ, Муш, Боҳа (Сангпушт) ва Оҳу», «Бум ва Зоғ», «Бӯзина ва Боҳа», «Зоҳид ва Росу (Мири мушон)», «Гурба ва Муш», «Шер ва Шағол», «Тирандоз ва Модашер», «Подшоҳ ва бараҳманон», «Заргар ва Сайёҳ», «Шоҳзода ва ёрони ӯ» ва ғ.

Ҳар боб бо зикри масъалае оғоз мегардад ва баъд аз он барои шарҳ ва тасдиқи дурустии он масъала ҳикояте оварда мешавад. Барои мисол, дар оғози боби шашум рои Ҳинд аз бараҳман хоҳиш менамояд, ки барояш масали ду танро, ки ба якдигар дӯстӣ доранд ва бо иғво ё фитнаи хоине он дӯстӣ ба адоват ва ҷудоӣ табдил мешавад, баён намоянд. Бараҳман дар ҷавоб мегӯяд, ки ҳар гоҳ , ки ду дӯст ба дахолати бадхоҳе мубтало гарданд, миёни

эшон ҷудоӣ афтад ва монанди он ҳикояти Шер аст ва Гов. Рой мепурсад, ки: «Чӣ гуна аст он?» Бараҳман ҳикояти Шер ва Говро нақл мекунад.

Бозаргоне буд бисёрмол ва ӯро фарзандон ба воя мерасанд, вале аз омӯхтани касбу ҳунар рӯ тофта, даст ба исрофи моли падар дароз мекунанд. Падар додани насиҳат ва маломати онҳоро воҷиб мебинад. Пас аз он фарзандон панди падар ва насиҳатҳои ӯро гирифта, одамони нек мешаванд. Фарзанди калонӣ рӯй ба тиҷорат оварда, сафари дурдастро ихтиёр кард ва бо вай ду гов буд: яке Шатраба ва дигаре Бандаба. Шатраба дар роҳ дармемонад, ӯро бо машаққат берун овarданд, аммо тоқати ҳаракат надошт. Бозаргон муздуреро мегирад, то он говро нигоҳубин кунад ва чун қувват гирад, ба ӯ бирасонад. Муздур пас аз як-ду рӯз Шатрабаро ба ҳоли худ бигзошту бирафт ва бозаргонро гуфт, ки нобуд шуд. Шатраба ба муддати андак дар талаби чарохӯрӣ ба марғзоре расид ороста бо навъҳои наботот ва гулҳои рангин. Чун Шатраба якчанд он ҷойгоҳ бибуд, фарбеҳ ва ободон (солим) гашт ва аз мастии неъмат ба нишоти ҳар чӣ тамомтар бонге баланд кард. Дар он наздикиҳо шере буд, ки ҳамаи даррандагону чарандагон дар фармони ӯ буданд. Чун бонги Шатраба ба гӯши ӯ расид, ҳаросе ва ҳайбате дар дили ӯ роҳ ёфт, аммо намехост, ки ҳайвонҳо бифаҳманд, ки ӯ меҳаросад, бинобар ин бар ҷой сокин мебуд ва ба ҳеч ҷониб ҳаракат ва нишот намекард.

Дар миёни табааи шер ду шағол ҳам буданд: якеро Калила ном ва дигареро Димна ва ҳар ду ақлу закои (фаросати) тамом доштанд, валекин Димна ҳушёртар ва боақлтар. Ӯ аз Калила пурсон мешавад, ки ба назари вай сабаб дар чист, ки малик бар ҷое қарор гирифтааст ва ҳаракат ва нишоти шикорро фурӯ гузошта. Калила ба Димна дар ҷавоб мегӯяд, ки туро ба ин чӣ кор? Мо дар даргоҳи малик осоиш дорем ва туъма меёбем, кофист. Мо аз он табақае нестем, ки ба мулук машварат диҳем ё сухани мо ба наздики подшоҳон шунида шавад.

Димна гуфт: «Бидонистам, лекин ҳар кӣ ба мулук (маликон, подшоҳон) наздикӣ ҷӯяд, барои туъма ва қут набошад, ки шикам ҳар ҷо ва ба ҳар чиз сер шавад. Фоидаи наздикӣ ба мулук боло бурдани манзалат (мартаба) аст ва истинос (унс)-и дӯстон ва қаҳри душманон ва қаноат аз данонати (пастии) ҳиммат ва қиллати мурувват (камии лутф) бошад. Ва ҳар кӣ ҳиммати ӯ барои туъма

аст, дар зумраи ҳайвонот ба шумор гардад, чун саге гурусна, ки ба устухоне шод шавад ва ба нонпорае хушнуд. Ва шер агар дар миёни шикори харгӯш харгӯреро бинад, даст аз харгӯш бидорад ва рӯй сӯйи харгӯр орад… Ва ҳар кӣ ба маҳалли (мақоми) боло расид, агарчи чун гул кӯтаҳзиндагонӣ бувад, оқилон онро умре дароз шуморанд»…

Калила гуфт: «Шунидам, он чи баён кардӣ, лекин ба ақли худ руҷӯъ (муроҷиат) кун ва бидон ҳар тоифаро (гурӯҳро) манзалате ҳаст ва мо аз он табақа нестем, ки ин дараҷаҳоро сазовор тавонем буд ва дар талаби он қадам тавонем гузорид. Моро саломат беҳтар:

*Ту сояӣ, нашавӣ ҳаргиз осмонафрӯз,*
*Ту, ки гилӣ, нашавӣ ҳаргиз офтобандой.*

Ба ҳамин тарз ва сабк гуфтугӯй миёни Димна ва Калила давом мекунад, онҳо дар бораи мартабаҳои мавҷудаи миёни асҳоби мурувват (некон) ва арбоби ҳиммат, заҳмати рафтан ба дараҷаҳои шариф ва ғайра назарашонро радду бадал менамоянд. Димна зарурати ба Шер насиҳат кардан ва ба ин восита ӯро аз ҳолати тарс ва нигаронӣ берун овардан ва наздик шудан ба ҷоҳеро исбот карданӣ мешавад. Калила ишора ба хидмати мулук накардани Димна ва надонистани расму русуми он мекунад. Димна бовар бар он дорад, ки чун мард тавоно ва доно бошад, мубоширати (иҷрои) кори бузург ва ҳамли бори гарон ӯро ранҷур нагардонад:

*Чу мард бо ҳунари хеш эманӣ дорад,*
*Шавад зи доира берун ба ҷустани пайкор.*

Калила ба Димна ҳамчунин аз шарту шароити дигари наздикӣ бо мулук ва хидмат ба онҳо ёд меоварад, то Димнаро аз нияти қаробат бо Шер баргардонад. Вай ниҳоят хатари бузург доштани нияти Димнаро таъкид менамояд. Димна аз ин ҳама Шарту шароит ва хатарҳои эҳтимолӣ огоҳ буд ва огоҳона бирафт ва ба Шер салом кард.

Шер аз наздикони худ пурсид, ки : «Кист?»

Гуфтанд: «Фалон писари фалон».

Шер гуфт: «Оре, падарашро бишнохтам». Пас ӯро бихонд ва гуфт: «Куҷо мебошӣ?»

Гуфт: «Бар даргоҳи малик муқим шудаам ва онро қиблаи ҳоҷат ва мақсади умед сохта ва мунтазир мебошам, ки агар муҳимме (коре, масъалае, мушкиле) бошад, ман онро бо хирад ва ройи хеш кифоят кунам, ки бар даргоҳи малик муҳиммот (воқеаҳои муҳим) ҳадис шавад (рух диҳад), ки ба зердастон дар кифоят (бас кардан, ҳал намудан)-и он ҳоҷат афтад:

*К-андар ин мулк чу товус ба кор аст магас.*

Ва ҳеч хидматгор, агарчи фурӯмоя бошад, аз дафъи мазаррате (зараре) ва ҷазби манфиате холӣ намонад ва он чӯби хушки ба роҳ афганда охир ба кор ояд ва аз он хилоле кунанд, ё гӯш хоранд ва ҳайвон, ки дар ӯ нафъ ва зарру хайр ва шар бошад, чӣ гуна бе интифоъ (нафъ) шояд гузошт.

*Гар дастаи гул наёяд аз мо,*
*Ҳам ҳимаи дегро бишоем.*

Чун Шер ин суханҳои Димна шунид, барояш писанд омад. Димна аз ин шод шуд ва донист, ки афсуни ӯ дар гӯши Шер таъсир кард, ба баёни назарҳояш давом дод. Таваҷҷуҳи Шер ба ӯ зиёдат гашт ва ҷавобҳои неку ва саноҳои (офаринҳои) бисёр фармуд. Димна бо истифода аз фурсат он чиро, ки гуфтанӣ буд ва он чиро, ки донистан мехост, пурсид. Шер дар аввал хост, ки асли ҳолаташро аз Димна пӯшида нигоҳ дорад. Дар ин миён Шатраба бонге баланд бикард ва овози ӯ чунон Шерро аз ҷой бибурд, ки инони (лаҷоми) ихтиёр аз дасти ӯ бишуд ва рози худ бар Димна бикшод. Димна гуфт: Нашояд, ки малик бад-ин сабаб макони хеш холӣ гузорад ва аз ватани маълуф (унсгирифта) ҳиҷрат кунад, ки гуфтаанд: офати ақл тасаллуф (лофзанӣ) аст ва офати мурувват чурбак (дурӯғгӯйӣ) ва офати дили заиф овози қавӣ ва дар амсол (масал) омадааст, ки ба ҳар овозе баланд ва ҷуссае қавӣ илтифот (таваҷҷуҳ) набояд намуд, чун қиссаи «Табл ва Рӯбоҳ».

Шер пас аз шунидани қиссаи «Табл ва Рӯбоҳ» аз забони Димна ба ӯ иҷозат дод, ки ба назди Гов биравад ва бифаҳмад, ки миқдори қувваи Гов чист? Пас аз бозгашт Димна Шерро ба

овардани Гов ба наздаш розӣ мекунад. Шер пас аз дидани Гов ва шунидани қиссааш ба вай мефармояд, ки ин ҷо бошад ва шафқату икром (эҳтиром) ва инъоми (бахшиш) тамоме насибаш мегардад. Гов дуо ва сано гуфт ва камари хидмат бар миён баст. Шер ӯро ба худ наздик гардонид. Чун Димна дид, ки Шер ва Гов аз ҳад зиёд наздик мешаванд, ҳасад мебарад. Бо шикоят наздики Калила меравад ва мегӯяд, ки то Гов ба Шер қудрат ва матонат (матинӣ, эътибор) ёфт, ман аз маҳал (мақом, ҷой) ва дараҷоти (мартабаҳои) худ бияфтодам. Димна пайи ҳила ва дур кардани Шер ва Гов мешавад ва ӯ бар он дошт, ки «он чи ба рой ва ҳилат тавон кард, ба зӯру қувват даст надиҳад». Ба Шер аз Гов бадгӯӣ мекунад ва онро бо хилват кардан бо муқаддамони (сарони) лашкар туҳмат мезанад. Ба Гов мегӯяд, ки Шер туро, ки фарбеҳ шудаӣ, куштанист ва гӯштатро ба ҳайвонҳо доданист.

Муроди Абулмаолии Насруллоҳ аз овардани ҳикояти «Шер ва Гов» нақли саргузашти онҳо нест, балки ба воситаи он баёни одоби муоширату бо мулук ва хидмат ба онҳо ва ҳушдор додани мулук аз макру ҳилаи ходимон ва раъият мебошад, ки парҳез ва эҳтиёт накардан боиси халал ёфтани дӯстии эшон бо ходимон ва раъият мегардад ва миёни дӯстон фитна бармеангезад ва онҳоро ба ҳам душман мегардонад.

«Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насруллоҳ як навъ сиёсатномаест, ки онро муаллиф барои огоҳӣ ва тарбияти шоҳоне мисли Баҳромшоҳи Ғазнавӣ таълиф намудааст. Аз забон ва сабки баёни ин асар равшан мешавад, ки он давоми асарҳое мисли «Қобуснома»-и Амир Унсурулмаолии Кайковус ва «Сиёсатнома»-и Низомулмулк буда, дар байни насри сода ва насри маснӯъ қарор дорад. Сабки ҳикоят андар ҳикоят ё қисса андар қисса дар насри форсии тоҷикӣ аз ҳамин асар рӯ ба инкишоф овардааст. Абулмаолии Насруллоҳ аз нахустин нависандагонест, ки дар наср овардани шеърро расм намудааст. Пас аз ӯ дар пайравӣ аз сабки нигориши вай дар асрҳои баъдӣ китобҳои сершуморе таълиф гардидаанд. Ин ҳама гувоҳи равшани он аст, ки «Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насруллоҳ аз намунаи беҳтарини насри форсии тоҷикӣ дар асри XII ба шумор меравад ва дар таърихи адабиёти мо мақоми сазовор дорад.

## ФАРОМУЗ ИБНИ ХУДОДОД ВА КИТОБИ «САМАКИ АЙЁР»

Фаромуз ибни Худодод ҷамъкунандаи китоби «Самаки Айёр» мебошад, на муаллифи он. Ӯ дар оғози ин асар дар ин бора равшан навиштааст: «Чунин гӯяд ҷамъкунандаи ин китоб Фаромуз». Китобҳое монанди «Самаки Айёр» муаллифи муайяне надоранд, зеро онҳо аз ҷумлаи насри ривоятӣ буда, аз тарафи касони зиёде нақл шудаанд. Чунончи, муҳтавои «Самаки Айёр» чанд аср пештар аз он ки аз тарафи Фаромуз ибни Худодод дар шакли китобе ҷамъоварӣ шавад, дар шакли достон - қиссаву ривоятҳои ҷудогона дар бораи корномаҳои Самак, Шағоли Пилзӯр, Сурхвард ва айёрони дигар, ишқи Маҳпарию Хуршедшоҳ дар байни мардум маълум будаанд ва онҳоро ровиён, гӯяндагону қиссахонон–қавволон мехондаанд. Яке аз ҳамин гуна гӯяндагон Садақа бинни Абулқосими Шерозӣ будааст, ки аз забони ӯ Фаромуз ибни Худодод достони «Самаки Айёр»-ро дар охирҳои давраи салҷуқӣ ва замони муғул китобат намудааст.

«Самаки Айёр» достони бузург мебошад, ки онро ба истилоҳи имрӯзӣ «роман» меноманд. Вай се хати сужет дорад: яке ишқи Хуршеди Ҳалабӣ ва Маҳпарии Чинӣ, дигаре ҷангҳои байни Чину Мочин ва Ҳалаб, севумӣ корномаи ҷавонмардону айёрон. Хати аввал танҳо воситаи баён буда, ба муҳтавои аслии асар алоқаи зоҳирӣ дорад. Гуфтан кофист, ки яке аз чеҳраҳои асосии ин хат, яъне Маҳпарӣ вафот мекунад, аммо воқеаҳо дар он давом меёбанд. Баёни саҳнаҳои ҷангу муборизаҳои байни мамлакатҳо дар хати дувуми сужет низ асосӣ нест, воситаи ёридиҳандаест барои баёни матлаби асосӣ. Хати асосии сужети китобро амалиёти айёрону ҷавонмардон ташкил медиҳад. Ва он чунон шавқовар ва таъсирбахш баён ёфтааст, ки хонанда аз он ба осонӣ дил канда наметавонад ва ҳаргиз аз хондану шуниданаш дилгир намешавад. Ин ҷиҳатҳо дар якҷоягӣ «Самаки Айёр»-ро намунаи барҷастаи адабиёти ҷавонмардии форсии тоҷикӣ намудаанд.

Ҷавонмардӣ ё истилоҳҳои арабии он «айёр» ва «ахӣ» ҷунбиши ахлоқӣ ва иҷтимоии табақаи ҳунармандони шаҳр буда, ҳадафи аслии он ҳифзи ҳаққу ҳуқуқи аҳли ҳунар, додхоҳию ҳоҷатбарории афтодагон ва ҳоҷатмандон, дастгирии заифон мебошад. Ҷунбиши мазкур назм ва тартиби худро дошт. Ҳар касеро, ки ба узви ин ҷунбиш қабул карданӣ мешуданд, савганд мехӯрд. Барои мисол,

яке аз шахсиятҳои адабии «Самаки Айёр» бо номи Рӯҳафзои Мутриба ҳангоми қабул шуданаш ба сафи ҷавонмардон чунин савганд ёд мекунад, ки аҷиб аст: «Ба Яздони додор, Парвардгори омурзгор ва ҷони покону ростон, ки дил ба шумо яке дорам ва бо дӯстони шумо дӯст бошаму бо душманони шумо душман ва ҳаргиз рози шуморо ифшо накунам».

Ҷавонмардон дар шаҳрҳо сарои махсус доштанд ва бегонагонро бо иҷозат ба ҳарамашон роҳ медоданд, вале дари онро ба рӯйи меҳмонону мусофирон ҳамеша боз нигоҳ медоштаанд. Онҳо ростгӯю росткор, поктинат ва дар дӯстию рафоқат содиқ, берӯю риё, қавлу амалашон як, далеру нотарс, розпӯш, сарсупурда, дастгиру пуштибони ҳамаи аъзои ҷомеа мебошанд. «Дар ҷавонмардӣ, - гуфтааст Самак, - раво нест, ки қавме дар бало раҳо (гирифтор) кунем ва худ берун шавем. Чун эшон барои мо ҷон фидо карданд, то ҷон дорем, бо эшон хоҳем будан». Чанде аз хислатҳои баргузидаи ҷавонмардонро муаллифи «Қобуснома» Амир Унсурулмаолии Кайковус дар боби «Дар оини ҷавонмардӣ» ба тариқи мухтасар зикр намудааст. Ӯ навиштааст, ки: «Асли ҷавонмардӣ се чиз аст: яке он, ки ҳар чӣ бигӯйӣ, бикунӣ; дигар он ки хилофи ростӣ нагӯӣ; севум он ки шикебро (сабрро) кор бандӣ… Ҷавонмардтарини айёрон он бувад, ки ӯро аз чанд гуна бувад: яке он ки далеру мардона ва шикебо бувад ба ҳар коре ва содиқулваъд (содиқ ба ваъда) ва покаврату (покдомону) покдил бувад ва зиёни касе ба суди хеш накунад ва зиёни худ аз баҳри суди дӯстон раво дорад ва бар асирон даст накашад ва асирону бечорагонро ёрӣ диҳад ва баданро аз бад кардан боздорад ва рост шунавад, чунонки рост гӯяд ва дод аз тани худ бидиҳад ва бар он сурфа, ки нону намак хӯрда бошад, бадӣ накунад ва некиро бадӣ мукофот накунад ва аз риё нанг дорад ва балоро роҳат бинад ва сабр кунад ва чашм аз дидани бадиҳо нигоҳ дорад ва дида нодида ангорад (вонамуд кунад) ва асрори мардумон зоҳир (фош) накунад ва ба нигоҳ доштани сирру амонат худро хазинаи мардумон созад ва агар ҳар чӣ батар ба вай расад аз мардумон, сирри эшон ба берун наяфканад ва беамонатӣ накунад, ки агар ранҷ аз вай ба ту расид, ту шояд, ки худро ба беамонатӣ зоҳир накунӣ ва забон нигоҳ дорӣ ва беҳосилӣ ва ноҳифозӣ (бепарвоӣ) накунӣ, ки ин худ дар дигарон ҳаст».

Ростӣ, ки аксари меъёрҳои ахлоқии ҷавонмардони асрҳои ми-

ёна имрӯз ҳам ба кор меоянд ва шоистагии онро дорад, ки ба онҳо пайравӣ карда шавад ва суннатҳои ахлоқии онҳо эҳё гардад.

Ҷавонмардон дар шаҳрҳои Мовароуннаҳр ва Хуросон бо номҳои "ятимон", "олуфтагон" ва "лавандон" то асрҳои XIX ва ибтидои XX мавҷуд буданд.

Барои шиносоии бевосита бо китоби «Самаки Айёр» яке аз достонҳои онро аз назар мегузаронем, ки тарафҳои гуногуни асар дар он ба таври барҷаста инъикос гардидааст. Ин достон «Самак ва Қатрон» ном дорад.

Самак ва Қатрон, паҳлавони номдори тарафи душман, ки дар рӯзи ҷанг бо ҳазор мард меҷангид, бори нахуст дар майдони муҳориба вомехӯранд. Ҷанг миёни лашкари Хуршедшоҳ ва Қизилмалик башиддат давом дошт. Фаррухрӯз, паҳлавони Хуршедшоҳ чиҳил марди Қизилмаликро бияфканда буд ва ҳеч кас аз тарафи муқобил намеёрист дар майдон равад. Шоҳи душман Қизилмалик худаш силоҳ мехоҳад ва ба ҷанг даромаданӣ мешавад. Дар ҳамин ҳолат Қатрони паҳлавон ба шоҳзода мегӯяд, ки ӯ ба майдон медарояд. Паҳлавонон ба Хуршедшоҳ мегуфтанд, ки:

«– Эй шоҳ, Фаррухрӯзро аз майдон бозгардон, ки Қатрон дар рӯзи масоф (ҷанг) бо ҳазор мард ниҳодаанд».

Хуршедшоҳ ба дилтангӣ ҷавоб медиҳад:

«– Агар ӯро бозгардонам, лашкари мо дилшикаста шаванд. Эшон гӯянд, битарсид. Агар ӯро бигзорам, тарсам, ки ранҷе ба вай расад». Дар ин вақт Самак ба шоҳзода мегӯяд, ки:

«– Эй шоҳзода, банда раҳо накунад (намегузорад), ки эшон ҷанг кунанд».

Самак пеши Қатрон меояд ва байни онҳо чунин гуфтугӯе сурат мегирад:

«Гуфт:

– Чун ту марде, ки бо бист ҳазор мард ниҳоданд, раво бошад, ки бо кӯдаке баробарӣ кунӣ, хосса, ки чиҳил мард афканда бошад. Агарчи ин маънӣ зиён надорад, аммо ба ту писандида набошад.

Қатрон гуфт:

– Эй ҷавон, номи ту чист, ки хуш сухан мегӯйӣ?

Гуфт:

– Эй паҳлавон, номи ман Самаки Айёр аст.

Қатрон гуфт:

– Эй ҷавонмард, аз баҳри дили ту ҷанг накунам.

Ин бигуфтанд ва бозгаштанд. Табли осоиш бизаданд. Ҳар ду сипоҳ рӯй ба осоиш ва ором ниҳоданд».

Дар маҷлиси базме, ки ба ифтихори пирӯзии Фаррухрӯз шоҳзода Хуршедшоҳ ороста буд, сухан аз он мерафт, ки ба ҳар ҳол Фаррухрӯз чун Қатрон набошад. Самаки Айёр дар хитоб ба аҳли базм мегӯяд, ки :

«– Чанд гӯед, ки Қатрон марди азим аст. Агар шоҳ дастур диҳад, ман имшаб Қатрон баста биёварам».

Шағол бонг бар Самак зад, гуфт:

– Чаро чизе, ки натвонӣ кардан, мегӯйӣ?

Самаки Айёр гуфт:

– Эй устод, ба ҳиммати ту ва иқболи (бахти) шоҳзода, Яздон ақл додааст маро, ки он чӣ гӯям, битавонам.

Паҳлавонон аз гуфтори вай хуррам шуданд. Хуршедшоҳ бар вай офарин кард, то соате буд».

Шабона Самак бархост ва корду каманд ва он чӣ ба кор боист, бардошт, бар канори лашкаргоҳ омад. Дид, ки амири талояи (гурӯҳи пешрави) лашкари Хуршедшоҳ бо номи Сиёҳгил пой аз рикоб (узангу) бадар оварда. Корд баркашид ва рикоб бибурид ва бо худ бибурд. Сиёҳгил вақте ки аз хоб бедор шуд, мехост пой дар рикоб ниҳад, наёфт. Фурӯ монд ва дилтанг шуд. Пас аз он Самак ба талояи Қизилмалик наздик расид ва назора мекард, то Қизилмаликро дид, ки бар тахт нишаста буд ва шароб мехӯрд. Вай то хуфтани шоҳзода ва Қатрон мунтазир шуд. Баъд дар паси хаймаи Қатрон рафт ва мех барканд ва ба хайма даромад. Дид, ки чанд зиндапиле хуфта ва аспе хинг ҳамчанди кӯҳе ва полҳанг (лаҷом) дар дасти рикобдор ба хоб. Пой ба ҳалқи рикобдор ниҳод, то бимурд, ҷомаи вай берун кард ва худ дарпӯшид ва ба ҷой бинишаст ва аспро чандон бимолид, ки ром кард ба худ анис гардонид. Сипас ба болини Қатрон омад ва дид, ки кӯҳе дар хоб аст. Ба худ гуфт: «Эй Самак, ту бо ин басанда (баробар) набошӣ. Агар бедор гардад ва як даст бар ман занад, маро бикушад. Надонам, ки ӯро чӣ гуна тавонам бурдан». Каманд аз миён бикшод ва ҳар ду пой ва дастҳои Қатронро дар гӯшаи тахт устувор бибаст, корд баркашид ва бар синааш нишаст.

Қатрон бедор гашт. Агарчи маст буд, хост, ки боз нишинад, худро баста дид, натвонист. Якеро дид бар синаи вай нишаста ва корд баркашида.

Гуфт:

– Ту кистӣ?

Самак гуфт:

– Эй нодон, маро намешиносӣ? Манам Самаки Айёр. Агар сухан гӯйӣ, туро бикушам».

Қатрон дам даркашид. Самак доруи мадҳушкунандаро ба даҳони вай ниҳод ва бозбаст маҳкам, чунонки сухан натавонист гуфт. Самак болишеро бишкофт, онро холӣ кард ва Қатронро дар он болиш афканд, болои асп гирифт ва бар он нишаст. Ва рӯй бар роҳ ниҳод. Аммо аспи айғири (нари) Қатрон чун наздики талоя расид, ба бӯйи модиён шиҳа зад ва саркашӣ кард. Самак ҷаҳд кард, ки аспро нигоҳ дорад, натавонист. Бинобар он маҷбур шуд, ки аз асп пиёда шавад ва болише, ки Қатрон дар дарунаш буд, ба ҷарие партояд ва худ биравад.

Талояи душман бо дидани асп ва ёфтани болиш дар он ҷар ҳайрон мешаванд ва гумон мекунанд, ки ин кори дуздест. Аммо вақте диданд, ки болиш гарон аст, он бикшоданд ва Қатрони паҳлавонро диданд, фарёд бароварданд ва аз он ғамнок шуданд, ҳатто бародари Қатрон низ ҷуръат нанамуд, ки бипурсад, ки чӣ шуду чӣ монд. Қатрон низ нагуфт, савор гашт ва ба лашкаргоҳ омад.

Вақте ки Самак аз ин воқеа ба ёрони худ ва ба паҳлавонону ба Хуршедшоҳ нақл намуд, шоҳзода ва дигарон ба ханда дарафтоданд.

Қатрон бо ин кинае, ки дошт, рӯзи дигар асп дар майдон ҷаҳонид ва гуфт: «Ман имрӯз коре кунам ба эшон, ки то ҷаҳон бошад, аз он бозгӯянд». Дар ҷанги онрӯза ӯ панҷоҳ мард биафканд ва ҳар дафъа мехост, ки паҳлавон Фаррухрӯз ба майдон дарояд. Валекин вай ба дарди шикам гирифтор буд ва наметавонист ҳаракат бикунад. Боз Самак пеш медарояд ва наздики Қатрон меравад ва ӯро аз ҷанг бозмегардонад. Қатрон дар дил гумон бурд, вале дуруст Самакро нашинохт.

Чун ҷаҳон сиёҳу тира шуд, Самак боз бо иҷозаи Хуршедшоҳ аз пайи овардани Қатрон шабравӣ мекард. Роҳи бероҳ дар пеш гирифт ва ногоҳ якеро дид, ки рӯй ба лашкаргоҳи эшон ниҳода буд. Чун Самакро дид, худро ба ҷарӣ андохт ва ба камин нишаст.

Самак худро ба нодонӣ зад ва вонамуд кард, ки ба қазои ҳоҷат меравад. Ногоҳ худро бар сари он мард афканд ва ӯро бигрифт ва корд баркашид, то ӯро бикушад.

Аз суҳбат бо он мард маълум шуд, номаш Оташак аст аз айёрон ва дар шабравӣ ҳунарманд ва ӯро Қатрон барои овардани Самак фиристода будааст. Оташак ба ивази саломат монданаш ба фармони Самак медарояд. Самак барояш он чизеро, ки Қатрон ваъда дода буд, овардани духтари подшоҳи Мочин – Диломро ваъда медиҳад. Оташак ба Яздони додори Кирдгор (Худованд) ва ба насиҳати нуру нору меҳр ва ба нону намаки ҷавонмардон савганд мехӯрад, ки ғадр (макр) накунад ва хиёнат наандешад ва он кунад, ки Самак фармояд ва бо дӯсти вай дӯст бошад ва бо душмани вай душман.

Самак ва Оташак пас аз бастани аҳди бародарӣ маслиҳат мекунанд, ки Оташак дасти Самакро бозбандад ва полҳанг бар гарданаш афканад ва кашон то пеши Қатрон бибарад. Онҳо яқин намуданд, ки Қатрон баробари дидани Самак хоҳад гуфт, ки: «Ӯро гардан бизан». Он вақт Оташак ба ӯ бояд бигӯяд, ки: «Эй паҳлавон, чӣ ҷойи куштан аст? Марде чунин бигзор, то фардо доре дар майдон фурӯ барем ва ӯро бар дор кунем, то аломате бошад ва ҷаҳониён бидонанд, ки мо бо Самак чӣ кардем ва бо дигарон чӣ хоҳем кардан. Он вақт Қатрон ҳатман хоҳад гуфт: «Касе бояд, ки ӯро нигоҳ дорад». Оташак ҷавоб хоҳад дод, ки: «Ман ӯро тавонистам овардан, нигоҳ низ тавонам дошт». Қатрон дар воқеъ розӣ мешавад ва ба шодии гирифтории Самак шароб зиёд мехӯрад, то ин дам аз бими Самак наменӯшидааст.

Самак ва Оташак Қатрони мастро дар маҳд менишонанд ва бо ҳамроҳии сӣ ғуломи аз асли кор бехабар ба осонӣ ба канори лашкаргоҳи Хуршедшоҳ расиданд. Амири талояи шаҳзода Сиёҳгил бо пешниҳоди Самак сӣ ғуломро асир мегирад ва Самак ва Оташак бо Қатрони маст ба хидмати Хусравшоҳ мерасанд. Пас аз шарҳи шабравӣ шаҳзода ва паҳлавонон ҳама механдиданд аз кори Самак ва бар вай офарин мекарданд.

Дар маркази достони «Самак ва Қатрон» на муҳорибаи лашкарҳои Чин бо Мочин ва паҳлавонони онҳо, балки тадбир, илоҷсозӣ ва шабравиҳои Самаки Айёр ва ёри наваш – Оташак меистад. Самак бо тадбирҳои хеш ду бор пеши кушттори беҳударо мегирад ва Қатронро аз ҷанг мегардонад, бо рабудани паҳлавони

пурзӯри тарафи душман боиси қатъи ҷанг миёни Чин ва Мочин мешавад ва дар ҳақиқат, ҳамон тавре ки Қизилмалик ба падараш Арманшоҳ дар номае икрор мекунад, «корҳое мекунад, ки дар ҷаҳон касе накардааст». Вақте ки пас аз расидани нома ва воқиф гардидан аз користони Самаки Айёр Арманшоҳ мепурсад, ки:

«– Ин Самак чӣ гуна мардест, ки аз дасти вай чунин корҳо бармехезад ва чун паҳлавон Қатрон марде бо сӣ ғулом метавонад бурдан?

Касоне, ки медонистанд, гуфтанд:

– Эй шоҳ, марди айёрпеша аст ва ҳанӯз кӯдак аст ва устоде дорад, номи ӯ Шағоли Пилзӯр. Мардӣ ва шабравӣ аз вай омӯхтааст. Ва чунин менамояд, ки ба ҳамаи ҳунарҳо аз устод даргузаштааст».

Сабки тасвир, забон, баён ва таҳия дар «Самаки Айёр» чунон ҳунармандона ва олӣ аст, ки дар тамоми ҷараёни хондан ё шунидани он хонанда ва шунаванда ҳеч осори хастагиро дар худ эҳсос намекунад. Воқеаҳо чунон шавқангез, нав ва бидуни такрор оварда шудаанд, ки хонандаро дар ҳоли бедорӣ ва ҳушёрӣ нигаҳ медоранд. Забони «Самаки Айёр» беҳтарин намунаи забони сараи форсии тоҷикӣ мебошад ва нисбат ба забони насри таълифии он, хосса насри маснӯъ бартарии тамом дорад ва барои омӯхтани забони сара имрӯз низ сармашқи нотакрор мебошад.

## ТАЗМИН

**Тазмин** дар луғат чизе дар миёни чизе ниҳодан аст. Дар истилоҳ чунон бошад, ки шоир мисрае ё камтар аз мисрае ё байте ё ду байт ё зиёда аз ду байти шеъри шоири дигареро дар миёни шеъри худ ба ҷойи лоиқи нек ва маҳалли мувофиқ ва сахт муносиб ба таври тамсил ва орият, на ба ваҷҳи сирқа (дуздӣ) ба кор барад. Ин мисраъ ё байти тазмин бояд, ки машҳур бошад ва ё ишорате ба он бувад, то шунавандаро туҳмат ва шубҳа ба сирқа наафтад. Агар шоири тазминкунанда дар аввал ба таври равшан ишора ба он кунад, ки чизе аз фалонӣ шоир тазмин мекунам ё аз гуфтаи худ, писандидатар аст. Чунонки Ҳофизи Шерозӣ ошкоро гуфтааст, ки ба шеъри Камолиддини Исмоил тазмин кардааст:

*Гар боварат намешавад аз банда ин сухан,*
*Аз гуфтаи Камол далеле биёварам:*

*“Гар барканам дил аз туву бардорам аз ту меҳр,*
*Он меҳр бар кӣ афканам, он дил куҷо барам?”*

Бадеънигорон бар асоси он ки дар тазмин ишорае ба шоири дигар ё шеъри дигаре шуда ё нашуда, онро ба ду навъ бахш намудаанд: тазмини мусарраҳ ва тазмини мубҳам. Бинобар гуфтаи онҳо, **тазмини мусарраҳ** он аст, ки дар аснои калом ишорае бошад бар он ки ин шеъри каси дигар аст ва агар зикри он шоир ба сареҳ биёранд, бағоят зебо намояд. **Тазмини мубҳам** он аст, ки дар аснои сухан аз шоире, ки шеъри ӯро тазмин кардаанд, ном набаранд. Дар ин навъ шарт он аст, ки шеъре, ки тазмин мекунанд, шуҳрати тамом дошта бошад, то туҳмати сирқа наафтад. Мисол Ҳофизи Шерозӣ мисраи машҳури Саъдии Шерозиро тазмин кардаст, ки нек афтодааст:

*Ҳофиз аз ҷаври ту, ҳошо ки бигардонад рӯй,*
*“Ман аз он рӯз, ки дар банди туам, озодам”.*

Дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ғазали шоирони пешина ва муосирро тазмин кардан дар қолибҳои тарҷеъбанд, мухаммас, мусамман ва монанди он ривоҷи тамом дорад. Чунонки шоирони баъдӣ бар ғазалиёти Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Соиби Табрезӣ, Калими Кошонӣ ва дигарон тазмин зиёд намудаанд.

Бадеънигорон ёдовар шудаанд, ки дар тазмин андак дигаргунӣ дар шеъри тазминшаванда зарар намекунад, чунонки асли мисраи тазминшуда аз байти машҳури Амир Шоҳии Сабзворӣ андак дигар аст:

*К-ин бодия ҳамчун ту овора басе дорад;*

Аммо ин мисраъ дар байти худи ҳамин шоир дар ин шакл омадааст:

*Аз кӯйи бутон, Шоҳӣ, кам ҷӯ раҳи баргаштан,*
*“К-ин бодия ҳамчун ӯ саргашта басе дорад”.*

# АНВАРИИ АБЕВАРДӢ
## (охири асри XI – 1187/88)

### РӮЗГОРИ ШОИР

Шоири гумноме Анварии Абевардиро дар қасидасароӣ пайғамбар хондааст ва гуфтааст:

*Дар назм се тан паямбаронанд*
*Ҳарчанд ки «лонабия баъдӣ».*
*Авсофу қасидаву газалро*
*Фирдавсию Анварию Саъдӣ*

ва то имрӯз касе ин гуфтаро рад накардааст, зеро ҳақиқати таърихиро тасдиқ намудааст.

Анварӣ тахаллуси шоирии ӯ буда, номаш Авҳадуддини Алӣ бинни Муҳаммад бинни Исҳоқ мебошад. Ӯ тахминан дар охирҳои асри XI дар деҳаи Баднаи Абевард таваллуд шудааст. Аз хусуси он ки вай дар ҷавониаш илмҳои гуногуни замонааш, аз ҷумла мантиқ, мусиқӣ, ҳайат, илоҳиёт, риёзиёт, табииёт, нуҷум, ҳикматро омӯхта будааст, худаш маълумот додааст:

*Мантиқу мусиқию ҳайат бидонам андаке,*
*Ростӣ, бояд бигӯям бонасибу вофирам.*
*В-аз илоҳӣ он чи тасдиқаш кунад ақли сареҳ,*
*Гар ту тасдиқаш кунӣ, бар шарҳу басташ моҳирам.*
*В-аз риёзӣ мушкиле чандам ба хилват ҳал шудаст,*
*В-андар он ҷуз воҳиб аз тавфиқи кас не ёвирам!*
*В-аз табиӣ рамз чанд арчанд бе ташвир нест,*
*Кашф донам кард, агар ҳосид набошад нозирам.*
*Нестам бегона аз аъмолу аҳкоми нуҷум,*
*Дар баёни ӯ багоят устоду моҳирам.*
*Чун зи Луқмону Фалотун нестам кам дар ҳикам,*
*В-ар ҳаме бовар надорӣ, ранҷа шав, ман ҳозирам.*

Анварӣ аз рӯзгори ҷавонӣ, ҳангоме ки дар мадраса таҳсил мекардааст, шеър мегуфтааст ва ба шарофати дар гуфтани шеър маҳорат доштанаш ба дарбори султон Санҷари Салҷуқӣ роҳ

ёфтааст ва чанд солеро дар он ҷо гузаронидааст. Аз шикоятҳои ҷонгудози шоир дар шеърҳояш, аз он ҷумла дар қасидаҳояш бармеояд, ки зиндагии ӯ дар дарбори султонони давр низ ором ва осуда набудааст. Ба гуфтаи вай дар зимистон либоси пӯшиданӣ, шаб баъзан равғани чароғ, барои навиштан коғаз надоштааст.

*Як шабе, ин ҳама шаб дар ғами андешаи он,*
*К-аз куҷо в-аз кию чун касб кунам панҷ дирам.*

Сабаби дар нодорӣ ва қашшоқӣ умр ба сар бурдани Анварӣ, ҳатто дар дарбор, ба шахсияти шоир ва забони тезу тунд доштани ӯ ва бо суханҳои нешдору қабеҳ ҳаҷв гуфтанаш вобастагӣ дорад. Бо истифода аз ин ҳасудонаш муваффақ шудаанд, ки дар назди султонон ӯро бадном кунанд ва ба ин восита лутфу марҳамати онҳоро ба ӯ камтар намоянд. Анварӣ гуфта:

*Ҳар балое, ки з-осмон ояд,*
*Гарчи бар дигаре қазо бошад,*
*Ба замин норасида мегӯяд:*
*«Хонаи Анварӣ куҷо бошад?»*

Анварӣ тахминан дар байни солҳои 1187 –1188 вафот кардааст.

## МЕРОСИ ШОИР

Анварӣ шоири соҳибдевон мебошад, ки он аз қасида, қитъа, ғазал, рубоӣ ва маснавӣ иборат аст.

Мавзӯи асосии шеърҳои шоир дар мадҳ, шикояти замона, накуҳиши аҳли он, ҳикмат (мавъиза, насиҳат), ишқ, ҳаҷв (мутоиба, мазаммат), баёни ҳоли худ мебошад.

Агар шеърро дар вақташ Носири Хусрав ва дертар Саноии Ғазнавӣ дар хидмати баёни андешаҳои динӣ, фалсафӣ ва ирфонии хеш қарор дода бошанд, Анварии Абевардӣ онро аз аввали ба фаъолияти шоирӣ оғоз намуданаш ба воситаи таъмини маишати ҳаррӯзаи хеш ва баровардани хост ва эҳтиёҷоти гуногунаш табдил додааст. Ба тарзи дигар, вай шеърро ба нома, талабнома, рӯзнома ва шоириро ба дабирӣ як кардааст. Ӯ дар қолаби шеър аз касе талаби шароб, инъом, шамъ, қабо, коғази сафед, пунба ва равған, масҳӣ ва шолвор, ҷав, асп карда, аз касе барои ин ва ё он

рафтораш узр хоста, аз дигаре шукр ва сипосгузорӣ ва севумиро мазаммат намудааст, ба шахсе ҷавоб додааст ва ғ.

Анварӣ пас аз сӣ соли «шеъри ботил» гуфтан дарк намудааст, ки он ҳама мадҳу ғазалу ҳаҷве, ки навиштааст, кори беҳуда буда, аз рисолати аслии шеъру шоирӣ дур мебошад. Бинобар ин аз гуфтани ғазалу мадҳу ҳиҷо даст мекашад ва мегӯяд, ки ғазалу мадҳу ҳиҷо аз «шаҳвату ҳирсу ғазаб» сарчашма мегирад ва навиштани онҳо ҷафо ба нафс ва ситам ба ақл мебошад. Шоир қитъае дорад дар узлат ва қаноат ва қиссаи шеър гуфтани худ.

*Дӣ маро ошиқаке гуфт: «Ғазал мегӯӣ?»,*
*Гуфтам: «Аз мадҳу ҳиҷо даст биафшондам ман».*
*Гуфт: «Чун?» Гуфтамаш: «Он ҳолати гумроҳӣ рафт»,*
*Ҳолати рафта дигар боз наёяд зи адам.*
*Ғазалу мадҳу ҳиҷо ҳар се бад-он мегуфтам,*
*Ки маро шаҳвату ҳирсу газабе буд ба ҳам…*
*Ғазалу мадҳу ҳиҷо гӯям, ё Раб, зинҳор,*
*Бас ки бо нафс ҷафо кардаму бо ақл ситам.*

Анварӣ ишора ба он намудааст, ки аз ғазалу мадҳу ҳиҷо, яъне «шеъри ботил», даст кашидан ва ба шеъри ҳикмат рӯ овар-данаш аз он аст, ки дар замонаи ӯ на мамдӯҳи сазовори мадеҳ ва на маъшуқе сазовори ғазал боқӣ мондааст:

*Хотире чун оташам ҳасту забоне ҳамчу об,*
*Фикрате тезу закое рому табъе бехалал.*
*Эй дарего, нест мамдӯҳе сазовори мадеҳ*
*В-эй дарего, нест маъшуқе сазовори газал.*

Ин дигаргуние, ки дар андеша, ҳолати равонӣ ва шеъру шоирии Анварӣ ба вуҷуд омад, танҳо ба ӯ хос набуда, дар бисёре аз шоирону нависандагони нимаи дувуми асри XI ва аввалҳои асри XII ба мушоҳида мерасад. Ин гуна инқилоби дарунӣро пеш аз ин Носири Хусрав ва Саноии Ғазнавӣ аз сар гузаронида буданд. Онҳо ҳам «роҳи ҳикмат», яъне гуфтани «шеъри ҳикмат»-ро пеш гирифта буданд. Ин падидаи адабӣ аз беқадр шудани сухану суханшинос ва паст гардидани мақоми иҷтимоии онҳо дар ин давра – замони ҳукмронии Ғазнавиён (999 - 1187), Қарохониён (999

- 1141), Салҷуқиён (1040 - 1190) ва Хоразмшоҳиён (1097 - 1220) ва гарм шудани бозори шӯхию жожхоию ришҷунбонӣ, масхарагию мутрибӣ, шеъри ботил гувоҳӣ медод.

Мавзӯи шикоят аз замона ва мазамматӣ аҳли он аз аввал дар шеърҳои Анварӣ ҷой дошт ва ба табиати тунд ва оташмизоҷии ӯ созгор буд. Аммо бо дигар шудани андеша ва ҳолати рӯҳию равониаш баёни ин мавзӯъ бештар гардида, ба масъалаи марказии шеърҳояш табдил ёфтааст. Ин чиз на танҳо дар қасидаву қитъа, балки ҳатто дар ғазалиёти вай низ зуҳури тамом дорад ва аз қавӣ шудани мабдаи иҷтимоии шеърҳояш шаҳодат медиҳад. Аз рӯйи мушоҳида ва мулоҳизаҳои Анварӣ, агар дар замонҳои пеш, рӯйи замин дар дасти одамӣ буд, ҳоло ба ихтиёри деву дад гузаштааст ва дар он аз одамӣ нишоне намондааст. Шоир давраашро «даври хушксолии дину қаҳти дониш» даври бебoронӣ, даври ҷаҳлу Абӯҷаҳлҳо, даври номусулмонӣ номида, афсӯс хӯрдааст, ки имрӯз на Салмони Форс асту на ҳазрати Нӯҳ, ки аҳли замонаро аз куфр ва аз ҳама нопокию олудагиҳо раҳоӣ диҳанд.

*Рубъи маскун одамиро буд, деву дад гирифт,*
*Кас намедонад, ки дар офоқ инсоне куҷост?*
*Давр даври хушксоли дину қаҳти дониш аст,*
*Чанд гӯӣ фатҳи бобе куву бороне куҷост?*
*Ман туро бинмоям андар ҳол сад Бӯҷаҳли ҷаҳл,*
*Гар мусулмонӣ ту, таъйин кун, ки Салмоне куҷост?*
*Осмон бехи камол аз хоки олам баркашид,*
*Ту занах мезан, ки дар ман ганҷи пинҳоне куҷост?*
*Хокро тӯфон агар ғусле диҳад, вақт омадаст,*
*Эй дарего, доие чун Нӯҳ, тӯфоне куҷост?*

Шоир аз ҷаври бедоду зулм «бар нуҷуму бар фалак» - сарнавишт ва замона лаънат фиристодааст ва гуфтааст:

*Агар олам саросар зулм гирад,*
*Наёбад ҳеч мазлум аз фалак дод!*
*Ҳама зулм аз нуҷуму аз фалак дон,*
*Ки лаънат бар нуҷуму бар фалак бод!*

Анварӣ гоҳе, вақте ки «ҷафои гунбади гардон ба пояе» бирасидааст, ки болотар аз он ҷое набуд, фурӯ рехтани сипеҳрро,

ки пур аз оташи балост ва дар он ҷое барои офият намондаасту ҳатто дев низ роҳи гурезро меҷӯяд, орзу намудааст.

*Кай бувад ин сипеҳри ҳодисазой*
*Ҷумла аз якдигар фурӯ резад?!*
*Ё чу парвезан аст ӯ, ки мудом*
*Бар ҷаҳон оташи бало безад.*
*Дар ҷаҳон бӯйи офият нагзошт,*
*Чанд аз ин ранг фитна омезад?!*
*Барнахезад магар ба дасти ситам,*
*Ман надонам, к-аз ин чӣ бархезад!*
*Менаёрам гурехт, гарна , на ман,*
*Дев аз ин рӯзгор бигрезад.*

Яке аз намунаҳои хуби шеъри Анварии Абевардӣ қасидаест, ки дар асл «Номаи аҳли Хуросон ба хоқони Самарқанд» унвон дошта, бо номи «Ашкҳои Хуросон» машҳур аст ва матлаи он чунин аст:

*Бар Самарқанд агар бигзарӣ, эй боди саҳар,*
*Номаи аҳли Хуросон ба бари хоқон бар.*

Ин қасида, тавре ки шоир гуфтааст, номаи аҳли Хуросон ба хоқон аст, ки дар Самарқанд менишаст. Шоир он номаро ҳамчун матлаи ранҷи тану офати ҷон, мақтаи дарди дилу хуни ҷигар, номае, ки дар он оҳи азизон рақам гардида, дар ҳар шиканаш хуни шаҳидон дарҷ аст, номае, ки сабки таҳрираш аз синаи мазлумон хушк ва сатри унвонаш аз дидаи маҳрумон тар мебошад ва дили шунаванда аз шуниданаш реш ва мардумаки дидааш хун шавад, шинос кардааст.

Сипас бо зикри он, ки «ҳоли Хуросону раоёаш» ҳеч мумкин нест, ки бар хоқон - «Худованди ҷаҳон», подшоҳи каюмарсбақову кисроадл, манучеҳрлиқову афредунфар пӯшида бошад, ӯро ба шунидани «қиссаи аҳли Хуросон», «дилафгору ҷигарсӯхтагон» ва лутф кардан ба онҳо даъват менамояд.

Аз рӯйи навиштаи шоир, шарҳи қиссаи аҳли Хуросон чунин аст, ки ғузони шум тамоми аҳли Хуросонро зеру забар карда, аз ҳар чӣ хайре, ки дар Эрон буд, чизе намонда, бар бузургони за-

монаву каримони ҷаҳон солору меҳтар шуда, аҳрору аброрро бар дари дунон ва дар кафи риндон ҳайрону ҳазин ва асиру музтар намудаанд. Анварӣ гуфтааст, ки аз дасти ғузони лаъим касе шод ва аз духтарон духтари бокира ҷуз дар шиками модараш намонд, масҷидҳо ба пойгоҳи сутурон табдил шуданд. Ғузон нисбат ба мусулмонон чунон бадиҳо ва зулмро раво диданд, ки ҳеч як «мусулмон накунад садяки он бар кофар».

*Хабарат ҳаст, к-аз ин зеру забар шумғузон*
*Нест як пай зи Хуросон, ки нашуд зеру забар.*
*Хабарат ҳаст, ки аз ҳар чи дар ӯ хайре буд,*
*Дар ҳама Эрон имрӯз намондаст асар.*
*Бар бузургони замона шуда хурдон солор,*
*Бар каримони ҷаҳон гашта лаимон меҳтар.*
*Бар дари дунон аҳрор ҳазину ҳайрон,*
*Дар кафи риндон аброр асиру музтар.*
*Шод илло ба дари марг набинӣ мардум,*
*Бикр ҷуз дар шиками мом наёбӣ духтар.*
*Масҷиди ҷомеи ҳар шаҳр сутуроншонро*
*Пойгоҳест, ки на сақфаш пайдову на дар.*
*Накунад хутба ба ҳар шаҳр ба номи ғуз, аз он-к*
*Дар Хуросон на хатиб аст, кунун на минбар.*
*Куштафарзанди гиромиро гар ногоҳон*
*Бинад, аз бим хурӯшид наёрад модар.*
*Он киро сад раҳ ғуз зар ситаду боз фурӯхт,*
*Дорад он навъ, ки гӯйиш харидаст ба зар,*
*Бар мусулмонон з-он гуна кунанд истихфоф,*
*Ки мусулмон накунад садяки он бар кофар.*
*Ҳаст дар Руму Хито амн мусулмононро,*
*Нест як зарра саломат ба мусулмонӣ-дар.*

Анварӣ баъд аз баёни қиссаи талхи аҳли Хуросон дар хитоб ба хоқони шоҳнажод ва покгуҳар хоҳиш мекунад, ки дили халқи Худойро аз фурӯмоя ғузи шумпайи ғоратгар фориғу осуда бисоз, мисли он ки порина ба як ҳамла чунин карда будӣ. Шоир хоқонро ба раҳм кардан бар қавме, ки замоне аз ноз шакар намехӯрду имрӯз ба нони ҷавин зор аст, бар онҳое, ки пеш бистарашон атлас буду ҳоло намад намеёбанд, барои қавме, ки шабу рӯз корашон

навҳагарист, бар он қавме, ки дар мастурию покдоманӣ ном бароварда буданду имрӯз раҳо шудаанд, даъват мекунад.

Анварӣ кӯшиш намудааст, ки хоқонро бо ҳар роҳ ба разм ташвиқ намояд. Ӯ гаштаву баргашта таъкид бар он кардааст, ки дареғ аст, ки Эрон вайрон ва Хуросон ба хокистардон - атлол табдил шавад. Шоир Эронро ба шӯразор ва хоқонро ба абри боранда монанд карда, аз ӯ хоҳиш намудааст, ки аз лутфи худ кишвари Эронро маҳрум нагардонад ва пою инони ғузонро аз ин хок бикашад. Вай чашминтизори шунидани хабари хуши фатҳи хоқон аз гӯшаву канори Хуросон мебошад.

Қисмати боқимондаи қасидаро муаллиф ба мадҳи Бурҳониддин бахшида, мамдӯҳро бо ҳамон сабки маъмули мадеҳасароӣ, ки худ аз он парҳез намуда буд, васф кардааст. Ва бо зикри он, ки вай парвардаи султони ҷаҳон Санҷар мебошад, мегӯяд, ки мардумони Хуросон гуфтаанд, ки «қиссаи мо ба Худованди ҷаҳон - хоқон бар».

Анварӣ қасидаашро бо зикри умеде иросол мекунанд, ки хоқон аз дарди дили халқи ҷигарсӯхта хабар ёбад, бегумон, мисли хуршед ҷаҳонро бифурӯзад ва аз адли худ бар бихӯрад.

*Бегумон, халқи ҷигарсӯхтаро дарёбад,*
*Чун зи дарди дилашон ёбад аз ин гуна хабар.*
*То ҷаҳонро бифурӯзад хури гетипаймой,*
*Аз ҷаҳондорӣ, эй хусрави одил, бар х(в)ар!*

Қасидаи «Ашкҳои Хуросон», тавре ки аз муҳтавои он маълум шуд, аз ҳамлаи ғузҳои кӯчии турк ба Хуросон, ки дар соли 1153 рух дода буд ва оқибатҳои ғамангези он ҳикоят мекунад. Ва онро ҳамчун номаи аҳли Хуросон ба воситаи вазир Камолиддини Маҳмуд ба хоқони Самарқанд Рукниддини Маҳмуд мефиристад, ба умеди он ки вай Хуросон ва аҳли онро аз дасти ғузони истилогар озод менамояд.

## ҒАЗАЛИЁТИ АНВАРӢ

Анварӣ ғазал бисёр гуфтааст ва он як қисми асосии девони ӯро ташкил намудааст.

Мавзӯи асосии ғазалҳои ӯ мавзӯи суннатии ин навъи шеър дар адабиёти форсии тоҷикӣ ишқ аст. Шоир дар яке аз ғазалҳояш ишқу ошиқиро шарҳ додааст, ки ҳамон тафсири маъмулӣ мебошад.

*Ошиқӣ чист? – Мубтало будан,*
*Бо ғаму меҳнат ошно будан.*
*Сипари ханҷари бало гаштан,*
*Ҳадафи новаки қазо будан.*
*Банди маъшуқ чун бибастат пой,*
*Аз ҳама бандҳо ҷудо будан,*
*Зери бори балои ӯ ҳама умр*
*Чун сари зулфи ӯ дуто будан.*
*Офтоби рухаш чу рух бинмуд,*
*Пеши ӯ зарраи ҳабо будан.*
*Бо ҳама меҳнате ризо додан*
*В-аз ҳама давлате ҷудо будан.*
*Гар лагадкӯби сад ҷафо бошӣ,*
*Ҳамчунон бар сари вафо будан.*
*Ишқ агар устухонат ос кунад,*
*Санги зерини осиё будан.*

Дар ғазалиёти Анварӣ на танҳо мавзӯъ, балки лафзу маънӣ, воситаҳои баён, забон ва сабк низ анъанавӣ буда, тозагӣ камтар ба назар мерасад.

Чизи дигаре, ки ғазалиёти шоирро ба қасидаву қитъаҳои ӯ наздик гардонидаанд, дар он ҷо доштани бозтоби вазъи замонаи ӯ мебошад.

*Бидидам ҷаҳонро, навое надорад,*
*Ҷаҳон дар ҷаҳон ошное надорад.*
*Бад-ин моҳи заррин-ш дар хайма мангар,*
*Ки дар андарун бориёе надорад.*
*Ба умре аз он хилвате даст надҳад,*
*Ки берун аз ин хайма ҷое надорад.*
*Ба нодир агар бозии рост бозад,*
*Набошад, ки бо он дагое надорад.*
*Наёяд ба санге дар ангушти пое,*
*Ки то ӯ дар ӯ дасту пое надорад.*
*Ба машъуқ натвон гирифтан касеро,*
*Ки то ӯст бо кас, вафое надорад.*
*Бикаш, Анварӣ, даст аз хони гетӣ,*
*Чунин чарбу ширин абое надорад.*

Ин чиз на танҳо дар ғазалҳои ҷудогона бевосита инъикос гардидааст, балки хубтар ва барҷастатар дар чеҳраи қаҳрамони ғиноии ғазалҳои Анварӣ зоҳир гардидааст. Ӯ қаҳрамонашро ҳамранги замона бад, бевафо, ҷафокор, пурбало, кинакашу ситезакор медонад.

*Дар кори ту зи дасти замона ғамӣ шудам,*
*Эй чун замона бад, назаре кун ба кори мо.*

***

*Анварӣ, аз сари ҷаҳон бархез,*
*Ки на маъшуқаи вафодор аст.*

***

*Маъшуқа ба ранги рӯзгор аст,*
*Бо гардиши рӯзгор ёр аст.*
*Баргашт чу рӯзгору он низ*
*Навъе зи ҷафои рӯзгор аст.*
*Бас булаҷабу баҳонаҷӯй аст,*
*Бас кинакашу ситезакор аст.*

***

*Ҳар ғам, ки аз ишқи ёр мебинам,*
*Аз гардиши рӯзгор мебинам.*

Вазъи замона дар ғазали Анварӣ гоҳо бо баёни ҳоли муаллиф ба ҳам омадаанд ва он ғазалҳоро аз ин ҷиҳат мумтоз гардонидаанд. Чунончи:

*Зардрӯям зи чархи дандонхой,*
*Тирарӯям зи умри меҳнатзой.*
*На умеде, ки сурх дорам рӯй,*
*На навиде, ки тоза дорам рой.*
*Бо кӣ гӯям, ки ҳаққи ман бишнос,*
*Бо кӣ гӯям, ки банди ман бикшой?!*
*Аз қиёсе, ки такягоҳи ман аст,*
*Боз ҷустам замонаро сару пой.*
*Равшанам шуд, ки дар басити замин*
*Некаҳде наёфарид Худой.*

## ПУРСИШ ВА СУПОРИШ

1. Бандубаст ва муҳтавои “Калила ва Димна”-и Абулмаолии Насруллоҳро баён кунед.
2. Муроди нависанда аз овардани ҳикояти “Шер ва Гов” чист?
3. Омода кардани гузориш дар бораи робитаи "Калила ва Димна"-и Абулмаолии Насурллоҳ бо "Калила ва Димна"-и Рӯдакӣ.
4. Фаромуз ибни Худодод ба китоби “Самаки Айёр” чӣ нисбат дорад?
5. Чаро “Самаки Айёр”-ро намунаи барҷастаи адабиёти ҷавонмардии форсии тоҷикӣ меноманд?
6. Муҳтавои достони “Самак ва Қатрон”-ро нақл кунед.
7. Феҳристи шахсиятҳои адабии "Самаки Айёр-ро тартиб диҳед.
8. Луғатҳои нодири "Самаки Айёр"-ро ҷудо кунед ва шарҳ диҳед.
9. Мавзӯъҳои асосии шеъри Анварӣ кадомҳоянд?
10. Муҳтавои қасидаи “Ашкҳои Хуросон”-и Анвариро нақл кунед, чанд порчаи онро аз бар намоед, вазн ва қофияҳои онро муайян созед.

## ТЕСТҲО

1. Сарчашмаи асосии “Калила ва Димна” кадом аст?
   а) “Калила ва Димна”-и Рӯдакӣ.
   б) “Калила ва Димна”-и Ибни Муқаффаъ.
   в) “Қобуснома”- и Кайковус.
   г) “Калила ва Димна”-и Баҳромшоҳӣ.

2. Фаромуз ибни Худодод ба “Самаки Айёр” чӣ нисбат дорад?
   а) Муаллиф.
   б) Тарҷумон.
   в) Котиб.
   г) Ҷамъкунанда.

3. Анварӣ кист?
   а) Пайғамбари баъдӣ.
   б) Донишманд.
   в) Мантиқшинос.
   г) Шоир.

4. Номи аслии “Ашкҳои Хуросон” чист?
   а) “Хуросоннома”.
   б) “Ашкнома”.
   в) “Самарқанднома”.
   г) “Номаи аҳли Хуросон ба хоқони Самарқанд”.

# ФАРИДУДДИНИ АТТОРИ НИШОПУРӢ

## (тахминан 1148/51 – 1219/21)

Фаридуддини Аттори Нишопурӣ яке аз бузургтарин шоирони сӯфӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ мебошад. Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, ки дар кӯдакӣ бо ҳамроҳии падараш ба мулоқоти Аттор мушарраф гардида буд, ӯро "рӯҳ"-и адабиёти сӯфигарӣ номида, бузургии ӯро эътироф намудааст.

*Ҳафт шаҳри ишқро Аттор гашт,*
*Мо ҳанӯз андар хами як кӯчаем.*

Аттор тахминан дар солҳои 1148/51 дар деҳаи Кадкани наздики Нишопур таваллуд ва ба қавле ҳангоми қатли оми аҳолии Нишопур дар солҳои 1219/21 аз дасти сарбозони муғул кушта шудааст.

Падару модари шоир касоне буданд, ки ба таълимоти сӯфигарӣ таваҷҷуҳ доштанд ва писарашонро дар ҳамин рӯҳия тарбият кардаанд. Аттор аз падар на танҳо рӯҳияи сӯфиёнаро, балки пешаи ӯ - дорусозӣ ва доруфурӯшӣ, яъне атториро низ ба мерос гирифтааст. Лафзи "аттор"-ро тахаллуси шоирии хеш қарор доданаш низ аз ҳамин ҷост.

Аттор тамоми умр атториро бо шоирӣ якҷо давом додааст. Аз хусуси он ки ӯ баъзе аз асарҳояшро дар дорухона оғоз кардааст ва ба охир расондааст, худ мегӯяд:

*"Мусибатнома", к-андуҳи ҷаҳон аст,*
*"Илоҳинома", к-асрори ниҳон аст,*
*Ба дорухона кардам ҳар ду оғоз,*
*Чӣ гӯям, зуд растам з-ину он боз.*

Ба гуфтаи ӯ, аз асарҳояш бӯйи кулбаи аттор меояд:

*Аз он дар шеъри ман асрор ёбанд,*
*Ки бӯй аз кулбаи аттор ёбанд.*

Реша доштан дар аҳли ҳунар ва ҳунарманд будани шоир боис бар он шудааст, ки ба шарофати ӯ ба адабиёти суннатии

форсии тоҷикӣ андешаву эҳсосоти мардум ва аҳли кӯчаву бозор, достонҳои мардумӣ, чеҳраҳои мардумӣ – орифон, девонагон, шӯридагон, саққоён, гӯрканон, посбонон, пешаварон, гадоён, бандагон ва ғ. ба таври густарда ворид гаштанд.

## МЕРОСИ АДАБИИ ШОИР

Фаридуддини Аттори Нишопурӣ мероси адабии фаровон дорад. Худи шоир аз соҳиби чил китоб буданаш хабар додааст:

*Бидон худро, ки сию даҳ кутубро*
*Ниҳодам бо тариқи илм асмо.*

ва аз сенздаҳтояш ном бурдааст, монанди "Асрорнома", "Илоҳинома", "Мусибатнома", "Мухторнома", "Тазкират-ул-авлиё" ва ғ. Аз ин миён "Тазкират-ул-авлиё" дар наср буда, боқӣ ҳама дар назм мебошанд. Асарҳои манзуми ӯ асосан дар қолаби маснавӣ буда, танҳо "Мухторнома" аз маҷмӯаи рубоиёт иборат мебошад. Асарҳои дигари ӯ, ки ба онҳо муаллиф бевосита ишора накардааст, маснавии "Мантиқ-ут-тайр" ва девони шеърҳои шоир мебошанд.

Мероси шоирро метавон ба ду бахш ҷудо кард:

1. Асарҳои сирф назарӣ, монанди аксари маснавиҳояш;
2. Асарҳои сӯфиёнаи ҳунарӣ, мисли "Девон", маснавии "Мантиқ-ут-тайр".

Масъалаи асосии ҳам асарҳои назарӣ ва ҳам ҳунарии Аттор баёни таълимоти ваҳдати вуҷуд аст. Мувофиқи таълимоти мазкур, Худо ҳақиқати кул буда, тамоми мавҷудоти олам партаве аз нури он мебошанд. Роҳи расидан ба ваҳдати вуҷудро ин шоири сӯфӣ дар бехудӣ ва фано дидааст ва гуфтааст, ки то инсон дар банди худист, худпараст аст. Аз ин сабаб агар мехоҳад, ки ба вуҷуди ҳақ – Худо бирасад, бояд фориғ аз ҳама вобастагиҳои дунёи моддӣ шавад.

*Хоҳӣ, ки дар бақои ҳақиқӣ расӣ ба кул,*
*Аз ҳастии маҷозии худ шав ба кул фано.*

***

*То ту дар банди худӣ, худро бутӣ,*
*Бутпарастӣ аз ту кай зебо бувад?!*

***

*Мо сӯфии сӯффаи сафоем,*
*Бе худ зи худему аз Худоем.*

***

*Мазҳаби Аттор ин ҷо чист? Аз худ гум шудан,*
*З-он ки ин ҷо на ҷароҳат ҳечу на марҳам равост.*

Робитаи байни ҳақиқати кул ва мавҷудотро дар адабиёти сӯфигарӣ одатан бо тасвирҳои рамзии дарёву шабнам (қатра), хуршеду зарра, шамъу парвона ифода кардаанд. Аттор низ аз онҳо истифода намудааст ва дар ғазале ин тавр овардааст:

*Гум шудам дар худ чунон, к-аз хеш нопайдо шудам,*
*Шабнаме будам зи дарё, ғарқа дар дарё шудам.*
*Сояе будам зи аввал бар замин афтода хор,*
*Рост, к-он хуршед пайдо гашт, нопайдо шудам.*
*З-омадан бас бенишону аз шудан бас бехабар,*
*Гӯиё як дам баромад, к-омадам ман ё шудам?*
*На, мапурс аз ман сухан, зеро ки чун парвонае*
*Дар фурӯғи рӯйи ӯ пайдои нопайдо шудам.*
*Дар раҳи ишқаш қадам дарнеҳ, агар бодонишӣ,*
*Лоҷарам дар ишқ ҳам нодону ҳам доно шудам.*
*Чун ҳама тан дида мебоист буду кӯр гашт,*
*Ин аҷаб бингар, ки чун бинои нобино шудам.*
*Хок бар фарқам агар як зарра дорам огаҳӣ,*
*То куҷост он ҷо, ки ман саргаштадил он ҷо шудам.*
*Чун дили Аттор берун дидам аз ҳар ду ҷаҳон,*
*Ман зи таъсири дили ӯ бедилу шайдо шудам.*

Аз рӯйи таълимоти Аттор, барои расидан ба марҳалаи ваҳдати вуҷуд марди раҳ, ки ба арабӣ “солик” мегӯянд, бояд ҳафт марҳаларо тай намояд: талаб, ишқ, маърифат, истиғно, тавҳид, ҳайрат ва фақру фано. Ин маънӣ дар маснавии “Мантиқ-ут-тайр” нисбат ба дигар асарҳои шоир беҳтар ва барҷастатар ифода гардидааст.

Маснавии мазкур чун анъана аз ҳамди Худо ва наъти пайғамбар сар шуда, ба он зикри маноқиби чорёр –Абӯбакр, Умар, Усмон ва Алӣ низ илова гардидааст. Қисмати асосии маснавӣ аз чиҳилу панҷ

мақолаи ҷудогона иборат буда, дар аксари он мақолаҳо бар иловаи матлаби аслӣ чанд ҳикоят оварда шудааст.

"Мантиқ-ут-тайр" дар хитоб ба Ҳудҳуд оғоз гардидааст:

*Марҳабо, ай Ҳудҳуди ҳодӣ шуда,*
*Дар ҳақиқат пайки ҳар водӣ шуда.*
*Ай ба сарҳадди Сабо сайри ту хуш,*
*Бо Сулаймон мантиқуттайри ту хуш.*

Сипас дар мақолаи аввали он хитоб ба Мусича, Тӯтӣ, Кабк, Боз, Дурроҷ, Андалеб, Товус, Тазарв, Қумрӣ, Фохта ва Ҳумой омадааст. Дар мақолаи сонӣ ва баъдӣ сухан аз он меравад, ки мурғони ҷаҳон маҷмае карданд ва ҷумла гуфтанд, ки ин замон дар рӯзгор нест холӣ ҳеч шаҳр аз шаҳрёр, бояд подшоҳеро талабгорӣ кунем.

*Маҷмае карданд мурғони ҷаҳон,*
*Он чи буданд ошкорову ниҳон.*
*Ҷумла гуфтанд: "Ин замон дар рӯзгор*
*Нест холӣ ҳеч шаҳр аз шаҳрёр.*
*Чун бувад, иқлими моро шоҳ нест?*
*Беш аз ин бе шоҳ будан роҳ нест!*
*Якдигарро шояд, ар ёрӣ кунем,*
*Подшоҳеро талабгорӣ кунем.*
*З-он ки бе кишвар бувад чун подшоҳ,*
*Назму тартибе намонад дар сипоҳ.*

Ҳудҳуди тезфаҳм ва аз баду аз нек, аз тариқат ва ҳақиқат огоҳ хабар медиҳад, ки подшоҳе, ки шумо меҷӯед, дар паси кӯҳи Қоф аст ва номи ӯ Симурғ – султони парандагон аст. Пас шумо агар бо ман ҳамроҳ шавед, маҳрами он шоҳу он даргаҳ шавед. Лекин роҳ то даргаҳи ӯ дур асту дарё жарфи жарф. Аз ин рӯ:

*Мардуме бояд тамом ин роҳро,*
*Ҷон фишонад бояд ин даргоҳро.*
*Даст бояд шуст аз ҷон мардвор,*
*То тавон гуфтан, ки ҳастӣ марди кор.*
*Ҷони бе ҷонон наярзад ҳеч чиз,*
*Ҳамчу мардон барфишон ҷони азиз.*

*Гар ту ҷоне барфишонӣ мардвор,*
*Баски ҷонон ҷон кунад бар ту нисор!*

Вақте ки мурғон аз дурию душвории роҳ то султони парандагон -Симурғ ва шарту шароити он бохабар мешаванд, як-як узр пеш меоранд, ки онро “узри ланг”, яъне беасос меномад ва Ҳудҳуд ба ҳар яке аз онҳо ҷавоб мегӯяд ва беасос будани узри онҳоро ба исбот мерасонад. Аввал Булбул, сипас Тӯтӣ, Товус, Бат, Кабк, Ҳумой, Боз, Бутимор, Куф, Саъва ва мурғони дигар сарбасар узрҳо гуфтанд. Барои мисол, Булбули шайдо чунин узр пеш овардааст:

*Ман чунон аз ишқи гул мустағрақам,*
*К-аз вуҷуди хеш маҳви мутлақам.*
*Дар сарам аз ишқи гул савдо бас аст,*
*З-он ки маъшуқам гули раъно бас аст.*
*Тоқати Симург н-орад булбуле,*
*Булбулеро бас бувад ишқи гуле.*

Ҳудҳуд ба ӯ ҷавоб медиҳад ва он ин аст:

*Ҳудҳудаш гуфт: “Ай ба сурат монда боз,*
*Беш аз ин дар ишқи раъное маноз!*
*Ишқи рӯйи гул басе хорат ниҳод,*
*Коргар шуд бар туву корат ниҳод.*
*Гул агарчи ҳаст бас соҳибҷамол,*
*Ҳусни ӯ дар ҳафтае гирад завол.*
*Ишқи чизе, к-он завол орад падид,*
*Комилонро з-он малол орад падид.*
*Хандаи гул гарчи дар хорат кашад,*
*Рӯзу шаб дар нолаи зорат кашад.*
*Даргузар аз гул, ки гул ҳар навбаҳор*
*Бар ту механдад, на дар ту, шарм дор!*
*Гар туро шарме будӣ, ҳаргиз ба чашм*
*Дар рухи гул нангаридӣ ҷуз ба хашм!*

Пас аз он ки селаи мурғон узр пеш меоранд ва Ҳудҳуд ба онҳо ҷавоб мегӯяд, гурӯҳе аз мурғон ба савол кардан аз Ҳудҳуд оғоз мекунанд аз хусуси нафс, тардид, гунаҳкорӣ, дӯстии зар, гирифтории ишқи маҷоз, ҷондӯстӣ ва тарсидан аз марг, номуродии

дунё, лофи ишқи ҳақ задан ва ғ. ва ҷавоби ӯ мешунаванд ва барои рафтан ба сӯйи Симурғ иттифоқ мекунанд ва Ҳудҳудро аз роҳи қуръакашӣ пешвои худ, раҳбари худ интихоб менамоянд ва бо ӯ ҳамчун раҳбари худ машварат мекунанд. Ҳудҳуд дар навбати худ ба онҳо ваъз мегӯяд.

Сипас ҳалли мушкилиҳои мурғоне аз ҷониби Ҳудҳуд баён гардидааст, ки ҳангоми сафар пеш меояд ва ё дар сарашон пайдо мешавад. Дар ҷараёни сафар низ гурӯҳе аз мурғон узрҳо пеш меоранд ва Ҳудҳуд ба онҳо ҷавоб медиҳад. Ин гуна узр пеш овардану савол додан ва ҷавобҳои Симурғ аз ин баъд ҳам такрор шудаанд.

Дар ин миён мурғе савол медиҳад, ки чанд фарсанг аст ин роҳе, ки ба даргаҳи Симурғ мебарад. Дидаи мо сиёҳ шуд, роҳ пурсиёсат ва хавфнок менамояд. Ҳудҳуд ҷавоб мегӯяд:

*Гуфт: “Моро ҳафт водӣ дар раҳ аст,*
*Чун гузаштӣ ҳафт водӣ, даргаҳ аст”.*

Аттор дар “Мантиқ-ут-тайр” ҳафт водии сулукро як-як дар мақолаҳои ҷудогона васф намудааст: талаб, ишқ, маърифат, истиғно, тавҳид, ҳайрат ва фақру фано.

Пас аз он ки мурғон аз ҳафт водии сулук бохабар мешаванд, ба сӯйи Симурғ огоҳона ба роҳ мебароянд ва ба кӯҳи Қоф мерасанд ва мебинанд, ки он Симурғе, ки дар ҷустуҷӯяш буданд, худашон ҳастанд. Мурғоне, ки пас аз тайи ҳафт водӣ ба саломат расиданд, сито будаанд. Онҳо дар ҳайрат мемонанд ва надонистанд , ки худашон он Симурғ шудаанд.

*Чун нигаҳ карданд ин сӣ мург зуд,*
*Бешак, ин сӣ мург он Симург буд.*
*Дар таҳайюр ҷумла саргардон шуданд,*
*Менадонистанд ин то он шуданд.*
*Хешро диданд сӣ мурги тамом,*
*Буд худ Симург сӣ мурги мудом.*
*Чун сӯйи Симург кардандӣ нигоҳ,*
*Буд худ сӣ мург дар он ҷойгоҳ.*
*В-ар ба сӯйи хеш кардандӣ назар,*
*Буд ин сӣ мург эшон, он дигар.*
*В-ар назар бар ҳар ду кардандӣ ба ҳам,*

*Ҳар ду як Симург будӣ бешу кам.*
*Буд ин як ону он як буд ин,*
*Дар ҳама олам касе нашнуд ин.*
*Он ҳама гарқи таҳайюр монданд,*
*Бе тафаккур дар тафаккур монданд.*
*Чун надонистанд ҳеч аз ҳеч ҳол,*
*Бе зафон карданд аз он ҳазрат суол.*
*Кашфи ин сирри қавӣ дархостанд,*
*Ҳалли моию туӣ дархостанд.*
*Бе зафон омад аз он ҳазрат ҷавоб,*
*К-оина-ст он ҳазрати чун офтоб.*
*Ҳар кӣ ояд, хештан бинад дар ӯ,*
*Ҷону тан ҳам ҷону тан бинад дар ӯ.*
*Чун шумо – сӣ мург ин ҷо омадед,*
*Сӣ дар ин оина пайдо омадед.*

Тавре ки аз муҳтавои маснавии “Мантиқ-ут-тайр”-и Фаридуддини Аттори Нишопурӣ бармеояд, мавзӯи асосии он баёни сафари мурғон – соликони роҳи ҳақиқат ба даргоҳи Симурғ – рӯҳи мутлақ, яъне сафари рӯҳонии инсон аз олами касрат ба олами ваҳдат буда, дар он ғояи дар роҳи расидан ба ваҳдати вуҷуд фано бояд шуд, таъкид ёфтааст. Муаллиф ин мавзӯъ ва ғояро ба воситаи рамзу тамсил ва бо фаровон овардани ҳикоятҳои хурду бузург ифода намудааст.

## ПУРСИШ ВА СУПОРИШ

1. Мероси адабии Фаридуддини Аттор аз чӣ иборат аст? Феҳристи онро тартиб диҳед.
2. Сохтор ва муҳтавои маснавии “Мантиқ-ут-тайр”-ро баён кунед. Маводи намоишӣ омода созед.
3. Ҳафт водие, ки мурғон тай карданд, кадомҳоянд? Онҳоро мухтасар тавсиф намоед.
4. Дар мавзӯи “Мантиқ-ут-тайр”-и Фаридуддини Аттор иншо нависед.

## ТЕСТҲО

1. Чаро Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ чунин гуфтааст?

   Ҳафт шаҳри ишқро Аттор гашт,
   Мо ҳанӯз андар хами як кӯчаем.

   а) Аттор сайёҳ буд.
   б) Мавлоно сайёҳ набуд.
   в) Аттор сӯфии комил буд.
   г) Мавлоно пайрави Аттор буд.

2. Чаро "Мантиқ-ут-тайр" мегӯянд?

   а) Дар бораи мурғон аст.
   б) Мурғон сухан мекунанд.
   в) Қаҳрамони он мурғон мебошанд.
   г) Сухани мурғон мантиқ дорад.

3. Симурғ чист?

   а) Султони парандагон.
   б) Сӣ мурғе, ки дар охири сафар боқӣ монда буданд.
   в) Мурғе, ки дар паси кӯҳи Қоф лона дорад.
   г) Тамсили рӯҳи мутлақ.

# ХОҚОНИИ ШАРВОНӢ

## (тахминан 1126 – 1198)

Ҳеч шоире ба монанди Хоқонии Шарвонӣ дар фахри худ зиёд сухан нагуфтааст ва зиёдаравӣ ҳам накардааст. Чунончи:

*Нест иқлими суханро беҳтар аз ман подшоҳ,*
*Дар ҷаҳон мулки сухан рондан мусаллам шуд маро.*

***

*Ман дар сухан азизи ҷаҳонам ба Шарқу Ғарб,*
*К-аз Шарқу Ғарб номи суханвар накутар аст.*

***

*Сухан гуфтан ба кӣ хатм аст, медонию мепурсӣ,*
*Фалакро бин, ки мегӯяд: “Ба Хоқонӣ, ба Хоқонӣ”.*

***

*Шоири муфлиқ манам, хони маонӣ мароост,*
*Резахури хони ман Унсурию Рӯдакӣ.*

”Ҷаҳон” ва “Шарқу Ғарбе”, ки Хоқонӣ мегӯяд, ба маънии қаламрави забони форсии тоҷикӣ ва тарафҳои олам аст, на ба мафҳуми имрӯзаи ҷуғрофӣ ва сиёсии онҳо. Дигар ин ки ҳаргиз сухан гуфтан ба Хоқонӣ хатм нашуда буд. Баъдан, Рӯдакию Унсуриро резахӯри хони худ хондани ӯ камоли беинсофӣ мебошад. Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар “Чаҳор мақола” ба куллӣ дуруст гуфтааст, ки ин суханон дар ҳаққи соҳибқирони шоирон Рӯдакӣ аз ҷоҳилию кӯдакист. Ин фахри беҳуда ва муболиғаомез аз шеъру шоирии худ беш аз ҳама ба шоирони мадеҳасарои дарбор хос аст ва нишонаи хусумат ва рақобати онҳо барои ҷалби таваҷҷуҳи мамдӯҳ ва ситондани молу зари бештар аз вай мебошад. Дар бораи хусумату рақобати Хоқонӣ бо бисёре аз шоирони замонааш, аз ҷумла бо Рашиди Ватвот ва ҳатто бо устодаш Абулъалои Ганҷавӣ, сухан зиёд аст.

Хоқонӣ шахси худписанд ва мағрур буд. Бо ин ҳама аз рӯйи инсоф бояд гуфт, ки ӯ яке аз шоирони ҳунарманди ҳавзаи адабии мовароu Қафқоз (Табрез, Мароға, Ганҷа ва ғ.) буда, тахминан дар соли 1126 дар Шарвон таваллуд шуда, дар соли 1198 дар Табрез аз олам гузаштааст. Низомии Ганҷавӣ марсияи ҷонгудозе дар марги шоир суруда будааст, ки як байти он чунин мебошад:

*Ҳамегуфтам, ки Хоқонӣ дарегогӯйи ман бошад,*
*Дарего, ман шудам охир дарегогӯйи Хоқонӣ.*

Хоқониро падари мискинаш аз ҷаври айём дар хурдӣ ба амакаш месупорад, бинобар ин ӯ кӯдакӣ ва ҷавониашро дар тарбияти амакаш, ки яке аз донишмандони замонааш будааст, мегузаронад ва аз вай илмҳои сарфу наҳв, фалсафа, риёзиёт ва нуҷумро меомӯзад. Аз ин хусус худи шоир чунин гувоҳӣ додааст:

*Мискин падарам зи ҷаври айём*
*Афканд маро чу Золро Сом.*
*Симург намуд ӯ чу дарҳол*
*Дар зери парам гирифт чун Зол.*
*Оварда ба кӯҳи Қофи дониш,*
*Парварда маро ба ошёнаш.*

Хоқонӣ шеъру шоириро аз шоири номдори ҳавзаи мовароӣ Қафқоз Абулъалои Ганҷавӣ омӯхта, баъдан ба воситаи вай ба хидмати дарбори Шарвоншоҳиён медарояд. Барои раҳоӣ ёфтан аз муҳити пур аз биму хатари дарбор ва аз дасти ҳасудони бадгӯяш аввал ихтиёри сафари Хуросон мекунад, вале ӯро нагузоштаанд.

*Чӣ сабаб сӯйи Хуросон шуданам нагзоранд?*
*Андалебам, ба гулистон шуданам нагзоранд?*
*Нест бустони Хуросонро чун ман мурге,*
*Мургам, овах, суйи бустон шуданам нагзоранд...*
*Аз хурӯсони Хуросон чу мане нест, чӣ суд,*
*Ки гаҳи субҳ хурӯшон шуданам нагзоранд...*
*Дарди дил дораму дармон-ш Хуросон, зи сарон*
*Чун сазад, к-аз пайи дармон шуданам нагзоранд...*
*Фитна аз ман чӣ нависад, ки маро донишу дин*
*Ду рақибанд, ки фаттон шуданам нагзоранд.*
*Тарси ҷоҳу гами ҷон дораму з-ин ҳар ду сабаб*
*Ба Хуросон суйи ихвон шуданам нагзоранд.*

Бинобар ин ӯ ба Ироқ рафтааст. Вале пас аз бозгаштан аз сафар зиндонӣ шудааст ва ҳабсиёти машҳурашро навиштааст.

Шоир дар ниҳоят ба хулосае омадааст, ки бояд аз мидҳати

шоҳон канор биравад, то аз миёни мавҷи дарёи сиёсат берун равад ва аз биму бало халос шавад.

*Хоқониё, зи мидҳати шоҳон карон талаб,*
*То аз миёни мавҷи сиёсат бурун шавӣ.*

## МЕРОСИ ШОИР

Аз Хоқонии Шарвонӣ “Девон” иборат аз қасида, ғазал, қитъа ва рубоиёт, маснавии “Туҳфат-ул-Ироқайн” ва “Муншаот” (номаҳо) боқӣ мондааст.

Навоварӣ ва тозакориҳои шоир дар шеър на дар мадҳияҳои ӯ, балки бештар дар қасидаҳои кӯчакаш ба назар мерасад, монанди “Харобаҳои Мадоин” ва ғ.

Қасидаи “Харобаҳои Мадоин”-ро Хоқонӣ дар соли 1171 пас аз сафаре навиштааст, ки ба Макка дошт ва дар рафти он харобаҳои қасри овозадори Сосониёнро дар Мадоин, ки бо номи Тоҷи Кисро машҳур буд, дидааст. Ин ҳамон қасрест, ки дар вақташ Хусрави Парвизи Сосонӣ (591- 629) дар пойтахти давлати Сосониён - шаҳри Тайсафун (Тисефун) сохта буд.

Шоир қасидаашро бо хитоб ба дилу дидаи ибратбин оғоз карда, даъват менамояд, ки айвони Мадоинро бояд ҳамчун оинаи ибрат шинохт:

*Ҳон, эй дили ибратбин, аз дида назар кун, ҳон,*
*Айвони Мадоинро оинаи ибрат дон.*

Сипас таассуроти ғамангез ва пур аз ҳасрату дарду сӯзи дилу ҷигари бирён ва дидаи гирёни худро аз харобаҳои айвони Мадоин бо маънию тасвирҳои равшан ва таъсирбахш баён доштааст.

*Як раҳ зи раҳи Даҷла манзил ба Мадоин кун*
*В-аз дида дувум Даҷла бар хоки Мадоин рон.*
*Худ Даҷла чунон гиряд, сад Даҷлаи хун гӯйӣ,*
*К-аз гармии хунобаш оташ чакад аз мижгон.*
*Бинӣ, ки лаби Даҷла чун каф ба даҳон орад?*
*Гӯё зи тафи оҳаш лаб обила зад чандон.*
*Аз оташи ҳасрат бин бирён ҷигари Даҷла,*
*Худ об шунидастӣ, к-оташ кунадаш бирён?*

*Бар Даҷла гирӣ нав-нав в-аз дида закоташ деҳ,*
*Гарчи лаби дарё ҳаст аз Даҷла закотистон.*
*Гар Даҷла даромезад, боди лабу сӯзи дил,*
*Ниме шавад афсурда, ниме шавад оташдон.*
*То силсилаи айвон бигсаст Мадоинро,*
*Дар силсила шуд Даҷла, чун силсила шуд печон.*
*Гаҳ-гаҳ ба забони ашк овоз деҳ айвонро,*
*То бу, ки ба гӯши дил посух шунавӣ з-айвон.*

Хоқонӣ хонандаи худро ба гирифтани панд аз ҳар дандонаи қасри Мадоин ташвиқ мекунад ва аз номи он мегӯяд, ки эй он ки аз хокӣ, хоки маро бибин ва бар рӯйи он қадам бинеҳ ва ашке биафшон. Мо аз навҳаи ҷуғд ба дарди сарем, ту аҷаб мадор, ки дар чамани гетӣ ҷуғд аз пайи булбул асту навҳа аз пайи илҳон. Мо боргаҳи дод будем, ситам бар мо рафт. Ту мегӯйӣ, ки ин айвони фалаквашро кӣ нагун кардааст: ҳукми фалаки гардон ё ҳукми фалакгардон?

*Дандонаи ҳар қасре панде диҳадат нав-нав,*
*Панди сари дандона бишнав зи буни дандон.*
*Гӯяд, ки ту аз хокӣ, мо хоки туем акнун,*
*Гоме ду-се бар мо неҳ в-ашке ду-се ҳам бифшон.*
*Аз навҳаи ҷуғдалҳақ, моем ба дарди сар,*
*Аз дида гулобе кун, дарди сари мо биншон.*
*Оре, ки аҷаб дорӣ, к-андар чамани гетӣ*
*Ҷуғд аст пайи булбул, навҳа-ст пайи алҳон.*
*Мо боргаҳи додем, ин рафт ситам бар мо,*
*Бар қасри ситамкорон то худ чӣ расад хазлон.*
*Гӯйӣ кӣ нигун кардаст айвони фалаквашро,*
*Ҳукми фалаки гардон ё ҳукми фалакгардон?*
*Бар дидаи мо хандӣ, к-он ҷо зи чӣ мегиряд?*
*Гирянд бар он дида, к-ин ҷо нашавад гирён.*
*Не золи Мадоин кам аз пирзани Кӯфа,*
*На ҳуҷраи танги ин камтар зи танӯри он.*
*Донӣ чӣ? Мадоинро бо Кӯфа баробар неҳ,*
*Аз сина танӯре кун в-аз дида талаб тӯфон.*

Шоир ба хонандаи қасидааш гӯшзад мекунад, ки ин айвону даргаҳи харобазоре, ки мебинед, ҳамон айвонест, ки аз нақши рухи мардуми бисёре, ки ба он ҷо меомаданд, хоки дараш монанди Нигористон буд, ҳамон даргаҳест, ки Дайлам малики Бобилу ҳинду шаҳи Туркистон буд, ҳамон суфаест, ки аз ҳайбати он шери тани шодирвон ҳамла ба шери фалак карданд, пиндор ҳамон аҳдест, ки дар баробари даргоҳ ва майдони шоҳони сосонӣ аз аспону пилон пиёда мешуданд ва рух ба замин мениҳоданд, таъзим мекарданд.

*Ин аст ҳамон айвон, к-аш нақши рухи мардум*
*Хоки дари ӯ будӣ девори Нигористон.*
*Ин ҳаст ҳамон даргаҳ, к-ӯро зи шаҳон будӣ*
*Дайлам малики Бобил, ҳинду шаҳи Туркистон.*
*Ин ҳаст ҳамон суффа, к-аз ҳайбати ӯ бурдӣ*
*Бар шери фалак ҳамла шери тани шодирвон.*
*Пиндор ҳамон аҳд аст, аз дидаи фикрат бин*
*Дар силсилаи даргаҳ, дар кавкабаи майдон.*
*Аз асп пиёда шав, бар наъти замин рух неҳ,*
*Зери пайи пилаш бин, шаҳмот шуда Нуъмон.*
*Не-не, ки чу Нуъмон бин – пилафкани шоҳонро,*
*Пилони шабу рӯзаш гашта ба пайи даврон.*
*Эй шаҳ, паси пил афкан, к-афканда ба шаҳ пиле,*
*Шатранҷии тақдираш дар мотгаҳи ҳирмон.*

Валекин афсӯс, ки аз ҳама даргаҳу айвону суфа ва шукӯҳу шавкате, ки буд, имрӯз ҷуз хароба чизе намондаасту замин ба ҷойи май маст аст аз хӯрдани хуни дили Нӯшервон дар косаи сари Ҳурмуз. Бас пандe, ки он гаҳ бар тоҷи сараш пайдо буд, имрӯз дар мағзи сараш пинҳон аст. Ҳамин тавр Кисрову Парвизу турунҷи зар ва тараи зарринашон барбод шуда яксару бар хок шуда яксон. Шиками хок аз он тоҷварон обистани ҷовидон аст. Он мае, ки имрӯз токи ангур – разбун медиҳад, хуни дили Ширин асту хуми мае, ки деҳқон мениҳад, аз обу гили Парвиз аст. Ин хок чандин тани ҷабборонро фурӯ хӯрдааст, аммо ин гурусначашм ҳанӯз ҳам сер нашудааст. Ин золи сапедабрӯ ва ин моми сияҳпистон – фалак аз хуни дили тифлон рухи худ сурх мекунад.

*Маст аст замин, зеро хӯрдаст ба ҷойи май*
*Дар коси сари Ҳурмуз хуни дили Нӯширвон.*
*Бас панд, ки буд он гаҳ бар тоҷи сараш пайдо,*
*Сад панди нав аст акнун дар мағзи сараш пинҳон.*
*Кисрову турунҷи зар, Парвизу тарай заррин*
*Барбод шуда яксар, бар хок шуда яксон.*
*Парвиз ба ҳар хоне зарринтара густардӣ,*
*Кардӣ зи бисоти зар зарринтараро бустон.*
*Парвиз кунун гум шуд, з-он гумшуда камтар гӯ,*
*Зарринтара ку бар хон, рав камтараку бархон.*
*Гуфтӣ, ки куҷо рафтанд он тоҷварон инак,*
*З-эшон шиками хок аст обистани ҷовидон.*
*Бас дер ҳамезояд обистани хок, оре,*
*Душвор бувад зодан, нутфа ситадан осон.*
*Хуни дили Ширин аст он май, ки диҳад разбун,*
*З-обу гили Парвиз аст ин хум, ки ниҳад деҳқон.*
*Чандин тани ҷабборон, к-ин хок фурӯ хӯрдаст,*
*Ин гуруснача́шм охир ҳам сер нашуд з-эшон.*
*Аз хуни дили тифлон сурхоби рух омезад*
*Ин золи сапедабрӯ в-ин моми сияҳпистон.*

Андешаҳои ҳасрату дардолуди Хоқонӣ дар бораи фалаки гардон, дигар шудани замону макон, маргу зиндагӣ дар мисоли аҳволи айвони Мадоин ва соҳибони он – шоҳони сосонӣ аз ҷумлаи беҳтарин бахшҳои қасидаи “Харобаҳои Мадоин” мебошад ва аз ҳунари баланди шоир дар гуфтани шеър ба забони форсии тоҷикӣ шаҳодат медиҳад.

Қасидаи “Харобаҳои Мадоин»-ро Хоқонӣ дар хитоб ба худаш дар бораи баҳраи ибрат кардан аз даргаҳи шоҳони сосонӣ ба охир расонда, пас аз ишора ба ҷаҳони гузарон гуфтааст, ки ҳар кас аз Макка субҳа аз гили Ҳамра мебарад, ӯ аз Мадоин сабҳа аз гили Салмон хоҳад овард. Ин субҳаи ӯ ҳамин қасида аст, ки аз баҳри дили бародарон суруда шудааст.

*Хоқонӣ аз ин даргаҳ дарюзаи ибрат кун,*
*То аз дари ту з-ин пас дарюза кунад хоқон.*
*Имрӯз гар аз султон ринде талабад тӯша,*
*Фардо зи дари ринде тӯша талабад султон.*

*Гар зоди раҳи Макка туҳфа-ст ба ҳар шаҳре,*
*Ту зоди Мадоин бар туҳфа зи пайи Шарвон.*
*Ҳар кас барад аз Макка субҳа зи гили Ҳамза,*
*Пас, ту зи Мадоин бар субҳа зи гили Салмон.*
*Ин баҳри басират бин, бе шарбат аз ӯ магзар,*
*К-аз шатти чунин баҳре лабташна шудан натвон.*
*Ихвон, ки зи раҳ оянд, оранд раҳоварде,*
*Ин қитъа раҳоvард аст аз баҳри дили ихвон.*
*Бингар, ки дар ин қитъа чӣ сеҳр ҳамеронад*
*Маҳтуки мусаббиҳдил, девонаи оқилҷон.*

Мавзӯи бебақоии дунё бо бевафоии замона ва аҳли он дар қасидаҳои кӯчаки Хоқонии Шарвонӣ ба ҳам гиреҳ хӯрдаанд. Шоир дар онҳо гуфтааст, ки то ҷаҳон аст аз ҷаҳон аҳли вафое, некаҳде, ошное барнахост. Гӯиё дар кишвари мо барнамехезад вафо. Бевафоӣ имрӯз ба дараҷаест, ки аз нахустин тухми Одам то кунун аз замини мардумӣ мардумгиёҳе барнахост.

*То ҷаҳон аст, аз ҷаҳон аҳли вафое барнахост,*
*Некаҳде барнаёмад, ошное барнахост.*
*Гӯйӣ андар кишвари мо барнамехезад вафо,*
*Ё худ андар ҳафт кишвар ҳеч ҷойе барнахост.*
*Хун ба хун мешӯй, к-аз роҳат нишоне монда нест,*
*Худ ба худ месоз, к-аз ҳамдам вафое барнахост.*
*Аз мизоҷи аҳли олам мардумӣ кам ҷӯй, аз он-к*
*Ҳаргиз аз кошонаи каргас ҳумое барнахост.*
*Боварам кун, к-аз нахустин тухми Одам то кунун*
*Аз замини мардумӣ мардумгиёе барнахост...*
*Аз касу нокас бибур Хоқониосо, к-аз ҷаҳон*
*Ҳеч соҳибдардро соҳибдавое барнахост.*

Танқиду мазаммати дунё ва аҳли он махсусан дар зуҳдиёт ва ҳабсиёти Хоқонӣ бештар мақом дорад.

Хоқонии Шарвонӣ асосан гӯяндаи шеърҳои ғиноӣ буда, танҳо як маснавӣ эҷод намудааст бо номи "Туҳфат-ул-Ироқайн", ки сафарномаи манзуми ӯ аз таассуроти сафараш ба шаҳрҳои Макка, Мадина, Мосул ва Бағдод мебошад. Дар он тасвири шаҳрҳо, касбу кори аҳли онҳо, сухбатҳои шоир бо одамони маъруфи он шаҳрҳо дарҷ гардидаанд.

“Туҳфат-ул-Ироқайн” аз шаш мақола ва хотима иборат буда, ҳар мақолаи он бо тасвири баромадани офтоб ва хитоб ба он сар мешавад. Чунончи, Хоқонӣ дар яке аз он мақолаҳо, ки бо хитоб ба офтоб оғоз мегардад, аз ҳоли худ изҳори назар намудааст ва гила кардааст, ки офтоб бо он ки дояи меҳрубон ва маъшуқаи ройгони ҳар кас аст, ба равзани ӯ ва ғурфаи чашмаш, ки монандаи ҳалқаи дар ноланда зи дасткӯби ҳар кас ва оҳаш ҳалқа-ҳалқа бар дар аст, наметобад.

*Эй дояи меҳрубони ҳар кас,*
*Маъшуқаи ройгони ҳар кас...*
*Он нур, ки бедарег борӣ,*
*Аз дидаи ман дарег дорӣ...*
*На ҳамнафасе нафаскушоям,*
*На хушсухане ҳавасзудоям...*
*Монандаи ҳалқаи дарам бас*
*Ноланда зи дасткӯби ҳар кас...*
*Ҳаққо, ки манам чу ҳалқа бар дар,*
*Оҳам шуда ҳалқа-ҳалқа дар бар...*
*Бар равзани ман натобӣ аз хашм,*
*На дар дили ман зи ғурфаи чашм.*
*Майли ту ба равзанам чаро нест?*
*Дар равзанам охир аждаҳо нест!*

”Туҳфат-ул-Ироқайн” ҳамчун як сарчашмаи боэътимод барои омӯхтани таърихи шаҳрҳо, касбу кори сокинонашон, ҳаёти илмӣ ва адабии давр ва зиндагиномаи худи шоир арзиши адабӣ ва илмӣ дорад.

Хоқонии Шарвонӣ дар чанд ҷойи шеъраш ишора ба он намудааст, ки ӯ дар гӯяндагӣ шеваи тоза ва тариқи ғариб дорад:

*Мунсифон устод донандам, ки аз маънию лафз*
*Шеваи тоза, на расми бостон овардаам.*

***

*Ҳаст тариқи ғариб, ин ки ман овардаам,*
*Аҳли суханро сазад гуфтаи ман пешво.*

Баъзеҳо гумон кардаанд, ки он “шеваи тоза” ва “тариқи ғариб”-и Хоқонӣ ҳамон сабки ироқист, ки дар адабиёти форсии тоҷикӣ маъмул буд. Аммо аз мутолиа ва баррасии беҳтарин намунаҳои мероси шоир равшан бармеояд, ки ӯ давомдиҳандаи ҳамон “расми бостон” – суннатҳои адабии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, хосса Носири Хусрав ва Анварии Абевардӣ дар қасидасароӣ мебошад. Кӯшишҳои ӯ барои гуфтани шеър бо қофияву радифҳои ноёб, истифодаи санъатҳои бадеии лафзие, монанди илтизом, бо ду-се матлаъ, нуктапардозиҳо, истеъмоли луғат ва таркибҳои хос, сохтани таркибу ибораҳои гуногун аз калимаҳои ноёб ва камистеъмол, истифодаи истилоҳоти илмҳои гуногун ва ғ. ҷуз нишонаи ҳунарнамоӣ ва худнамоӣ чизе нест.

## САВОЛУ ҶАВОБ

**Саволу ҷавоб** санъати бадеиест, ки шоир дар шеър бо савол ва ҷавоб ба он сухан гӯяд.Чунонки Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ кардааст:

*Омад бари ман. Кӣ? Ёр! Кай? Вақти саҳар!*
*Тарсанда. Зи кӣ? Зи хасм! Хасмаш кӣ? Падар!*
*Додам-ш ду бӯса. Бар куҷо? Бар лаби тар!*
*Лаб буд? На. Чӣ буд? Ақиқ. Чун буд? Чу шакар!*

Дар шеърҳое, ки ин санъат ба кор рафтааст, шоирон одатан аз калима ва таркибҳое мисли “гуфтам”ва”гуфто”, “бигуфт” ва “бигуфто”, “савол” ва “ҷавоб”, “пайғом” ва “паём” ва ғайра фаровон истифода менамоянд. Чунончи, Низомии Ганҷавӣ дар достони “Хусрав ва Ширин” ҳангоми баёни мунозираи Хусрав ва Фарҳод намунаи олии истифода аз санъати саволу ҷавобро нишон додааст.

*Нахустин бор гуфташ, к-“Аз куҷоӣ?”*
*Бигуфт: “Аз дори мулки ошноӣ”.*
*Бигуфт: “Он ҷо ба санъат дар чӣ кӯшанд?”*
*Бигуфт: “Андуҳ харанду ҷон фурӯшанд”.*
*Бигуфто: “Ҷонфурӯшӣ дар адаб нест?”*
*Бигуфт: Аз ишқбозон ин аҷаб нест”.*
*Бигуфт: “Аз дил шудӣ ошиқ бад-ин сон?”*
*Бигуфт: “Аз дил ту мегӯйӣ, ман аз ҷон”.*

*Бигуфто: “Ишқи Ширин бар ту чун аст?”*
*Бигуфт: “Аз ҷони ширинам фузун аст”.*
*Бигуфто: “Дил зи меҳраш кай кунӣ пок?”*
*Бигуфт:”Он гаҳ, ки бошам хуфта дар хок”...*
*Бигуфт: “Аз дил ҷудо кун ишқи Ширин”.*
*Бигуфто: “Чун зиям бе ҷони ширин?”*

Саволу ҷавоб аз санъатҳои дӯстдоштаи бисёре аз шоирони форсигӯй, аз қабили Фаррухии Сиистонӣ, Муиззии Самарқандӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва дигарон мебошад. Ин шоирон қасидаҳои том ва ғазалҳои томе доранд, ки дар онҳо ин санъат аз аввал то охир риоят шудааст. Ба гунаи мисол дар ин ғазали Ҳофизи Шерозӣ:

*Гуфтам: “Ғами ту дорам”. Гуфто: “Ғамат сар ояд”.*
*Гуфтам, ки: ”Моҳи ман шав”. Гуфто:”Агар барояд”.*
*Гуфтам: “Зи меҳрварзон расми вафо биёмӯз”.*
*Гуфто: “Зи хубрӯён ин кор камтар ояд”.*
*Гуфтам, ки: “Бар хаёлат роҳи назар бибандам”.*
*Гуфто, ки: “Шабрав аст ӯ, аз роҳи дигар ояд”.*
*Гуфтам, ки: ”Бӯйи зулфат гумроҳи оламам кард”.*
*Гуфто: “Агар бидонӣ, ҳам ӯт раҳбар ояд”.*
*Гуфтам: “Хушо ҳавое, к-аз боғи хулд хезад”.*
*Гуфто: “Хунук насиме, к-аз кӯйи дилбар ояд”.*
*Гуфтам, ки: “Нӯши лаълат моро ба орзу кушт”.*
*Гуфто: “Ту бандагӣ кун, к-ӯ бандапарвар ояд”.*
*Гуфтам: “Дили раҳимат кай азми сулҳ дорад?”*
*Гуфто: “Магӯй бо кас, то вақти он дарояд”.*
*Гуфтам: “Замони ишрат дидӣ, ки чун сар омад?”*
*Гуфто: “Хамӯш, Ҳофиз, к-ин гусса ҳам сар ояд”.*

Бадеънигорон санъати саволу ҷавобро ба ду навъ қисмат намудаанд: аввал он ки саволу ҷавоб бо калимаву таркибҳои “гуфтам (бигуфтам)” ва “гуфто (бигуфто)” ва ё монанд ба онҳо бошад ва навъи дувум он ки саволу ҷавоб бидуни онҳо воқеъ шавад.

Шоирон дар гузашта ва имрӯз аз санъати саволу ҷавоб барои баёни эҳсосоти саршори худ ва қаҳрамонони ғиноӣ ва шиддат бахшидани таъсири суханони худ, ҳамчунин барои ширинӣ ва лутф дар баён ба кор доштаанд.

# НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

## (тахминан 1141 – 12 марти 1209)



Монанди он ки пеш ва пас аз “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ, рубоиёти Хайём ва қасидаҳои Носири Хусрав маснавиҳои қаҳрамонӣ, рубоиёт ва қасидаҳои динию ахлоқӣ бисёр гуфтаанд, вале касе ба пояи онҳо нарасидааст, ҳеч шоире низ на пеш ва на пас аз “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ асаре наофаридааст, ки бо он баробарӣ бикунад. Шоир панҷ маснавӣ – панҷ ганҷашро, барҳақ, “навгул”, “сухани нав”, “ҳайкале аз қолаби нав”, “дуре аз баҳри нав”, “баҳори нав”, “сеҳре дигар”, “тозаарӯс”, “абёти нав”, “гавҳари носуфта”, “кони нав”, “бикрони пардагӣ”, “тарзи нав”, “навои ғариб” номидааст ва дар ин арзёбиҳояш ҳеч дурӯғе нагуфтааст ва заррае зиёдаравӣ накардааст. Шоир ва суханшиноси бузург Абдурраҳмони Ҷомӣ, ки се аср пас аз вай зиндагӣ ва эҷод кардааст, тасдиқ намудааст, ки “он қадр латоифу дақоиқу ҳақоиқ, ки дар китоби “Панҷ ганҷ” дарҷ кардааст, касеро муяссар нест, балки мақдури (дар тавони) навъи башар нест”.

## РӮЗГОРИ ШОИР

Низомии Ганҷавӣ тахминан дар соли 1141 дар шаҳри Ганҷа – яке аз марказҳои қадимии адабӣ, илмию фарҳангии форсии тоҷикӣ таваллуд шудааст. Падараш аз аҳли фазл ва модараш аз “раисаҳои курд”, аз хонадони саркардагони курд будаанд.

Низомӣ дар хурдӣ ҳам аз падар ва ҳам аз модари худ маҳрум гашта, дар тарбияи холаш –бародари модараш мондааст. Шоир бо сарпарастии тағояш забони арабӣ, Қуръон, фиқҳ, таърих, ҷуғрофия, фалсафа, мантиқ, адаб, мусиқӣ, тиб, нуҷумро меомӯзад ва дертар ҳамчун ҳаким ном мебарорад.

Низомии Ганҷавӣ агарчи дертар дар насиҳат ба фарзандаш гуфтааст, ки ба касби шоирӣ мапечад, аммо худ шоирӣ пеша карда буд ва дар он шуҳрати тамом дошт.

*Дар шеър мапечу дар фани ӯ,*
*Чун акзаби ӯст аҳсани ӯ.*

*З-ин фан маталаб баландномӣ,*
*К-он хатм шудаст бар Низомӣ.*

Шуҳрати ӯ дар шоирӣ ба дараҷае буд, ки ҳокимон ва султонони давр аз гӯшаву канори дуру наздик ӯро ба дарборашон мехонданд, навиштани ин ва ё он асарро талаб менамуданд, паёму туҳфа мефиристоданд. Шоир аз зодгоҳаш ва маскани доимиаш фақат як бор бо даъвати султони вақти Ироқ ба Табрез сафар кардаасту пас аз се рӯз ба Ганҷа баргаштааст. Низомӣ дар Ганҷа шаҳрбанд будан, яъне озод ва ба майлу муроди хеш зистан ва шеър офариданро бартар аз дар хидмати дарбор будан донистааст ва ба писари ягонааш низ гуфтааст, ки аз суҳбати подшоҳон бипарҳезад:

*Аз суҳбати подшаҳ бипарҳез*
*Чун пунбаи хушк аз оташи тез.*

Аз зиндагии хонаводагии шоир ҳаминаш маълум аст, ки соли 1169 ҳокими вақти Дарбанд дар қатори туҳфаҳои дигар ба ӯ канизакеро аз қабилаи туркони қибчоқ бо номи Офоқ мефиристад ва Низомӣ бо ин “бути қибчоқ” хонадор мешавад ва соҳиби писаре бо номи Муҳаммад мегардад. Вақте ки дар соли 1180 Офоқ вафот мекунад, шоир тамоми дарду алам ва ҳасрат ва муҳаббати бузурги худро дар достони “Хусрав ва Ширин” ба қалам меорад.

Низомии Ганҷавӣ 12 марти соли 1209 дар шаҳри Ганҷа вафот кардааст.

## МЕРОСИ ШОИР

Низомии Ганҷавӣ, пеш аз ҳама, бо маснавиҳои панҷгонааш, ки дертар ба худ унвони умумии “Хамса”-ро гирифтаанд, шуҳрат дорад. Аммо пеш аз ин ӯ бо сурудани ғазал, рубоӣ, қасида ва қитъа машғул будааст ва дар поёни умраш аз онҳо девоне ҳам ба тартиб даровардааст. Шоир аз девони шеърҳояш дар маснавии “Лайлӣ ва Маҷнун” ба шодӣ ёд овардааст:

*Рӯзе ба муборакию шодӣ*
*Будам ба нишоти кайқубодӣ.*
*Абрӯйи ҳилолиям кушода,*
*Девони Низомиям ниҳода.*

Дар борaи он ки шеърҳои ғиноии муаллиф дар замонааш машҳур будаанд ва онҳоро дар базмҳо месуруданд, худи ӯ гувоҳӣ додааст. Бинобар гуфтаи вай, вақте ба даргоҳи ҳокими Табрез Қизиларслон ҳозир шуд, базм дар авҷ буд ва дар он аҳли созу наво ғазалҳояшро замзама мекардаанд.

Бо вуҷуди ин девони шеърҳои Низомии Ганҷавиро ба ҳеч ваҷҳ наметавон бо "Хамса"-и ӯ баробар кард. Он тозакорию навовариҳои шоиронае, ки дар маснавиҳои шоир ҳаст, дар ғазалу қасида, қитъа ва рубоиёти вай ба назар намерасад.

## "ХАМСА" -И НИЗОМӢ

"Хамса"-и Низомии Ганҷавӣ дар асл аз панҷ маснавии ҷудогона иборат мебошад:

1. "Махзан-ул-асрор";
2. "Хусрав ва Ширин";
3. "Лайлӣ ва Маҷнун";
4. "Ҳафт пайкар";
5. "Искандарнома".

Маснавиҳои мазкур дар рӯзгори муаллифашон зери унвони умумии "Хамса" ё "Панҷ ганҷ" гирд наомада буданд. Гумони ғолиб он аст, ки пас аз он ки дар асри XIV Амир Хусрави Деҳлавӣ ба онҳо ҷавоб менависад, асарҳои ҷудогонаву мустақили Низомӣ ҳамчун як асари яклухт ва ягона пазируфта мешаванд ва анъанаи хамсанависӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ ба расмият медароял.

## 1. "МАХЗАН-УЛ-АСРОР"

"Махзан-ул-асрор" маснавии динию ахлоқӣ ва фалсафӣ буда, дар таърихи 24 рабеъулаввали санаи 572 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 30 сентябри соли 1176 ба итмом расидааст.

*Буд ҳақиқат зи шумори дуруст*
*Бисту чорум зи рабеи нахуст.*
*Аз гаҳи ҳиҷрат шуда то ин замон*
*Понсаду ҳафтоду ду афзун бар он.*

"Махзан-ул-асрор" аз оғози анъанавӣ дар маснависароӣ (ҳамд, наът, мадҳ ва фаслҳои муқаддимотӣ), бисту ду мақолат ва анҷоми китоб иборат мебошад. Мавзӯи онро худи муаллиф хеле дақиқ муайян намудааст ва гуфтааст:

*Мояи дарвешию шоҳӣ дар ӯ,*
*Махзани асрори илоҳӣ дар ӯ.*

Баёни масъалаҳои офариниши одам (мақолати аввал), офариниши олам (мақолати савум), эътибори мавҷудот (мақолати шашум), офариниш (мақолати ҳаштум), намудори охирзамон (мақолати даҳум) ба мавзӯи **асрори илоҳӣ**, масъалаҳои тарки шууноти (корҳои) дунявӣ (мақолати нуҳум), накуҳиши ғафлат (мақолати чаҳордаҳум), парастишу таҷрид (гӯшанишинӣ) (мақолати ҳафтдаҳум), дар видои манзили хок (мақолати дувоздаҳум), истиқболи охират (мақолати нуздаҳум) ба **мавзӯи дарвешӣ**, масъалаҳои адл (мақолати дувум), риояти шоҳ бо раият (мақолати чаҳорум) ба **мавзӯи шоҳӣ** дахл дорад. Илова бар ин дар маснавии мазкур аз хусуси бевафоии дунё (мақолати ёздаҳум), накуҳиши ҷаҳон (мақолати сездаҳум), вақоҳати абнои (бадиҳои аҳли) аср (мақолати бистум), накуҳиши рашкбарон (мақолати понздаҳум), чобукравӣ (мақолати шонздаҳум), накуҳиши дурӯён (мақолати ҳаждаҳум), фазилати одамӣ бар ҳайвонот (мақолати ҳафтум) ва васфи пирӣ (мақолати панҷум) сухан меравад, ки ба мавзӯъҳои вазъи замона ва ахлоқ вобаста мебошад.

Дар ҳар мақолат пас аз зикри матлаби аслӣ ҳикоят ё достоне барои тасдиқ ё тақвияти он оварда мешавад. Аз ин ҷиҳат “Махзан-ул-асрор” маснавии Саноии Ғазнавӣ “Ҳадиқат-ул-ҳақиқа”-ро ба хотир меорад. Дар бораи он ки ин ду маснавӣ бо ҳам иртиботе доранд, худи Низомӣ ишора намудааст.

*Нома ду омад зи ду номусгоҳ,*
*Ҳар ду мусаҷҷал ба ду Баҳромшоҳ.*
*Он заре аз кони куҳан рехта*
*В-ин дуре аз баҳри нав ангехта.*
*Он бадар оварда зи Ғазнӣ алам*
*В-ин зада бар сиккаи румӣ рақам.*
*Гарчи дар он сикка сухан чун зар аст,*
*Сиккаи зарри ман аз он беҳтар аст.*

Аз ду Баҳромшоҳе, ки муаллифи “Махзан-ул-асрор” ёд овардааст, яке Баҳромшоҳи Ғазнавист, ки Саноӣ “Ҳадиқат-ул-ҳақиқа”-ро ба ӯ бахшидааст ва дигаре Фахриддин Баҳромшоҳ аст, ки маснавии Низомӣ ба номи ӯст.

Шабоҳати сохторӣ ва услубии маснавиҳои зикршудаи ин ду шоир боиси он гардидааст, ки баъзеҳо “Махзан-ул-асрор”-ро низ мисли “Ҳадиқат-ул-ҳақиқа” аз асарҳои ирфонӣ шуморанд. Дорои мазмунҳои сӯфиёна будани аксари назираҳо ба “Махзан-ул-асрор” низ дар ин натиҷагирӣ бетаъсир нест. Ҳол он ки дар асл ин тавр нест.

Ғояи асосии “Махзан-ул-асрор” таъкиди бевафоии дунё ва аҳли он, намондани адлу инсоф ва мардумӣ буда, шоир гуфтанист, ки адлу инсоф, тақвову парҳезро бояд пеш гирифт ва фаромӯш набояд кард, ки охирзамон ҳаст. Чунончи:

*Давлати дунё кӣ таманно кунад,*
*Бо кӣ вафо кард, ки бо мо кунад?...*
*Ҳар варақе чеҳраи озодаест,*
*Ҳар қадаме фарқи маликзодаест.*

***

*Кист фалак? Пиршуда бевае.*
*Чист ҷаҳон? Дардзада мевае.*
*Ҷумлаи дунё зи куҳан то ба нав*
*Чун гузарандаст, наярзад ба ҷав.*

***

*Додгарӣ шарти ҷаҳондорӣ аст,*
*Шарти ҷаҳон, бин, ки ситамгорӣ аст.*
*Ҳар кӣ дар ин хона шабе дод кард,*
*Хонаи фардои худ обод кард.*

***

*Расми ситам нест ҷаҳон ёфтан,*
*Мулк ба инсоф тавон ёфтан....*
*Мамлакат аз адл шавад пойдор,*
*Кори ту аз адли ту гирад қарор.*

***

*Чанд, Низомӣ, дари дунё занӣ?*
*Хезу дари дин зан, агар мезанӣ.*

***

*Тоат кун, рӯй битоб аз гуноҳ,*
*То нашавӣ чун хаҷилон узрхоҳ.*
*Ҳосили дунё чу яке соат аст,*
*Тоат кун, к-аз ҳама беҳ тоат аст.*

## 2."ХУСРАВ ВА ШИРИН"

"Хусрав ва Ширин" дувумин маснавиест, ки Низомии Ганҷавӣ эҷод намудааст. Ӯ онро аввали соли 1180 оғоз карда, охири соли 1181 ба итмом расонидааст.

Бинобар эътирофи муаллиф, ӯ ҳадиси Хусраву Ширинро аз таърихи куҳансолони ин бум, сухангӯйи куҳанзоде, ки достонҳои куҳанро ёд дошт, донистааст.

*Зи таърихи куҳансолони ин бум*
*Маро ин ганҷнома гашта маълум...*
*Чунин гуфт он сухангӯйи куҳанзод,*
*Ки будаш достонҳои куҳан ёд.*

Вай онро аз ширинтарин достонҳои замонҳои гузашта ва имрӯза мешуморад.

*Ҳадиси Хусраву Ширин ниҳон нест*
*В-аз он ширинтар, алҳақ, достон нест.*

Низомӣ ишора ба он намудааст, ки Фирдавсӣ дар "Шоҳнома" аз достони Хусраву Ширин сухан карда бошад ҳам, аз баёни ишқи Хусраву Ширин сарфи назар кардааст.

*Ҳакиме, к-ин ҳикоят шарҳ кардаст,*
*Ҳадиси ишқ аз эшон тарҳ кардаст.*

Достони "Хусрав ва Ширин"-и Низомӣ, дарвоқеъ, пеш аз ҳама ба баёни мавзӯи ишқи Хусраву Ширин ва дар партави он ба талоши Хусрав барои тоҷу тахт бахшида шудааст. Хусрави Парвиз шахси таърихӣ буда, соли 591 ба тахт нишастааст. Ин подшоҳи сосонӣ, дар ҳақиқат, бо номи Ширин зане доштааст ва воқеан ҳам, дар соли 629 аз дасти писараш кушта шудааст. Дар достони Низомӣ ҳақиқати таърихӣ бо ҳақиқати бадеӣ пайванд гардидааст ва як ишқномаи наву хонданӣ ва монданиеро ба вуҷуд овардааст.

Достон бо зикри аз Худо фарзанд хостани Ҳурмуз пури Кисро ва таваллуди Хусрави Парвиз оғоз мегардад. Сипас сухан аз тарбият, илмҳои адаб, ҷанг, ҳисоб ва ҳикматро омӯхтан ва ҳамчун ҷавони зирак, чолок ва далер ба воя расиданаш меравад.

Хусрав Шопур ном надими хоссе дошт. Ӯ дар суратгарӣ ва наққошӣ устод ва марди ҷаҳондидае буд. Рӯзе ба Хусрав нақл мекунад, ки шаҳбонуи бузурги Арманистон Меҳинбону бародарзодае дорад бо номи Ширин, ки дар ҳусну ҷамол бебадал мебошад ва ӯро аспи бодпойи шабрангест бо номи Шабдез.

*Паридухте, париуззор моҳе,*
*Ба зери миқнаа соҳибкулоҳе.*
*Шабафрӯзе чу маҳтоби ҷавонӣ,*
*Сияҳчашме чу оби зиндагонӣ.*
*Кашида қомате чун нахли симин,*
*Ду зангӣ бар сари нахлаш рутабчин.*
*Зи бас к-овард ёд он нӯшлабро,*
*Даҳон пуроби шаккар шуд рутабро.*
*Ба марвориди дандонҳои чун нур*
*Садафро оби дандон дода аз дур.*
*Ду шаккар чун ақиқи обдода,*
*Ду гесу чун каманди тобдода.*
*Хами гесуш тоб аз дил кашида,*
*Ба гесу сабзаро бар гил кашида.*
*Шуда гарм аз насими мушкбезаш*
*Димоғи наргиси беморхезаш...*
*Намак дорад лабаш дар ханда пайваст,*
*Намак ширин набошад в-они ӯ ҳаст.*
*Ту гӯйӣ биниаш тегест аз сим,*
*Ки кард он тег себеро ба ду ним...*
*Муваккал карда бар ҳар ғамза ғанҷе,*
*Занах чун себу ғабғаб чун туранҷе.*
*Рухаш тақвими анҷумро зада роҳ,*
*Фишонда даст бар хуршеду бар моҳ.*
*Ду пистон чун ду симин нори навхез,*
*Бар он пистон гули бустон дирамрез...*
*Ба охур баста дорад раҳнаварде,*
*К-аз ӯ дар так наёбад бод гарде...*
*Ниҳода номи он шабранг Шабдез,*
*Бар ӯ ошиқтар аз мурғи шабовез...*
*На ширинтар зи Ширин халқ дидам,*
*На чун Шабдез шабранге шунидам.*

Хусрав аз ин ҳикояти Шопур ғоибона ба Ширин ошиқ мешавад ва Шопурро ба талаби Ширин ба кӯҳистони Арман мефиристад.

Шопур ба Арманистон меравад ва сурати Хусравро дар гузаргоҳи Ширин мегузорад. Ширин бар он сурат соате чанд фурӯ шуд ва шефтаи он тимсоли рӯҳонӣ мегардад. Шопур ба ӯ аз Хусрав ва ошиқ буданаш ба Ширин ҳикоят мекунад.

*Хаёлатро шабе дар хоб дидаст,*
*Аз он шаб ақлу ҳуш аз вай рамидаст.*
*На май нӯшад, на бо кас ҷом гирад,*
*На шаб хуспад, на рӯз ором гирад.*
*Ба ҷуз Ширин нахоҳад ҳамнафасро,*
*Бад-ин талхӣ мабодо айш касро!*

Ширин бо ҳидояти Шопур аз назди Меҳинбону мегурезад ва барои дидани Хусрав хабарпурсон роҳи Мадоинро пеш мегирад.

Дар ин миён пӯлодкоре дирамро бар номи Хусрав сикка зада, ба ҳар шаҳре мефиристад. Падараш мехоҳад барои ин рафтораш ӯро ҷазо диҳад. Хусрав аз биму падар бо маслиҳати Бузургумед ба мулки Арман мегурезад. Вақте ки Хусрав ба мулки Арман мерасад, Ширин дар Мадоин буд.

Хусрав барои овардани Ширин Шопурро дигар бор ба Мадоин фиристод. Дар ин вақт Хусрав огоҳӣ меёбад, ки падарашро куштаанд, бинобар ин ба Мадоин бармегардад ва ба ҷойи падараш ба тахт менишинад. Вале ӯ тадриҷан адлу додро ба айшу ишрат табдил медиҳад ва ҳамаро, аз ҷумла Ширинро фаромӯш мекунад. Яке аз сарлашкарон Баҳроми Чӯбина шӯриш мебардорад ва дар номаи пӯшидааш мегӯяд:

*К: "Аз ин кӯдак ҷаҳондорӣ наёяд,*
*Падаркуш подшоҳиро нашояд.*
*Бар ӯ як ҷуръа май ҳамранги озар*
*Гиромитар зи хуни сад бародар.*
*Бибахшад кишваре бо бонги руде,*
*Зи мулке дӯсттар дорад суруде.*
*Зи гармӣ раҳ ба кори х(в)ад надонад,*
*Зи хомӣ ҳеч неку бад надонад.*
*Ҳанӯз аз ишқбозӣ гарму доғ аст,*
*Ҳанӯзаш шӯри Ширин бар димоғ аст".*

Хусрав ба паноҳи Меҳинбону мегурезад ва дар шикоргоҳҳои Муғон Хусрав ва Ширин бо ҳам вомехӯранд. Вақте ки Ширин Хусравро назди Меҳинбону ба меҳмонӣ мебарад, вай Ширинро андарз ва савганд медиҳад, ки мабодо фирефтаи Хусрав шавад, зеро дар зиндагӣ ҷавонони бадмеҳру бадаҳд ва бевафо зиёд вомехӯранд. Мабодо ки:

*Чу Вис аз некномӣ дур гардӣ,*
*Ба зиштӣ дар ҷаҳон машҳур гардӣ.*
*Гар ӯ моҳ аст, мо низ офтобем*
*В-агар Кайхусрав аст, Афросиёбем.*
*Паси мардон шудан мардӣ набошад,*
*Зан он беҳ, к-аш ҷавонмардӣ набошад.*

Меҳинбону маслиҳат медиҳад, ки Ширин Хусравро хуб бисанҷад, зеро мегӯяд ӯ:

*Ту худ донӣ, ки вақти сарфарозӣ*
*Заношӯйӣ беҳ аст аз ишқбозӣ.*

Ширин савганд мехӯрад, ки қадами беҷо нахоҳад ниҳод:

*Ки: "Гар хун гирям аз ишқи ҷамолаш,*
*Нахоҳам шуд магар ҷуфти ҳалолаш".*

Бо розигии Меҳинбону онҳо вақташонро бо чавгонбозӣ, шикор, базм ва афсонагӯӣ мегузаронанд. Рӯзҳои зиёде дар фасли баҳор бо хушию хуррамӣ гузаштанд.

*Чунин фасле бад-ин ошиқнавозӣ,*
*Хато бошад, хато бе ишқбозӣ.*

Онҳо ба ҳам бештар унс гирифтанд. Боре Хусрав хост, ки аз Ширин ком бистонад.

*Шаҳ аз роҳи шикебоӣ гузар кард,*
*Шикори орзуро тангтар кард.*
*Сари зулфи гиреҳгири дилором*
*Ба даст овард у раст аз дасти айём.*

*Лабаш бӯсиду гуфт: “Эй ман ғуломат,*
*Бидеҳ дона, ки мурғ омад ба домат...*
*Ману ту, ҷуз ману ту кист ин ҷо?*
*Ҳазар кардан зи баҳри чист ин ҷо?..*
*Ту дилхар бош, то ман ҷон фурӯшам,*
*Ту соқӣ бош, то ман бода нӯшам.*
*Шаби васлат лабе пурханда дорам,*
*Чароғи ошноӣ зинда дорам”.*

Ширин чунин посух мегӯяд:

*Ҷаҳон ниме зи баҳри шодкомист,*
*Дигар нима зи баҳри некномист.*
*Чӣ бояд табъро бадром кардан,*
*Ду некуномро бадном кардан?*
*Ҳамон беҳтар, ки аз худ шарм дорем,*
*Бад-ин шарм аз Худо озарм дорем...*
*Ман он ширин дарахти обдорам,*
*Ки ҳам ҳалвову ҳам ҷуллоб дорам.*
*Нахуст аз ман қаноат кун ба ҷуллоб,*
*Ки ҳалво ҳам ту хоҳӣ хӯрд, маштоб!*

Ширин шарт мегузорад, ки Хусрав бояд мулки подшоҳиро ба даст орад.

*Ту мулки подшоҳиро ба даст ор,*
*Ки ман бошам, агар давлат бувад ёр.*

Хусрав бо хотири озурда ба Ширин ҳасрат мекунад ва мегӯяд:

*Ман аввал бас ҳумоюнбахт будам,*
*Ки ҳам бо тоҷу ҳам бо тахт будам.*
*Ба гирди олам овора-м ту кардӣ,*
*Чунин бадрӯзу бечора-м ту кардӣ.*

Хусрав барои ёрӣ ба назди қайсари Рум меравад. Қайсар духтараш Марямро ба Хусрав ба занӣ медиҳад ва дар ихтиёри ӯ лашкари бешумореро мегузорад. Хусрав ба Эрон лашкар каши-

да, Баҳроми Чӯбинаро шикаст медиҳад ва дубора ба тахт мешинад. Аммо аз фироқи Ширин азоб мекашад. Ширин низ дар ғами Хусрав месӯхт. Шоир ҳолати равонии Хусравро чунин ба қалам додааст:

*Агарчи подшоҳӣ буду ганҷаш,*
*Зи беёрӣ паёпай буд ранҷаш.*
*Намегӯям тараб ҳосил намекард,*
*Тараб мекард, лек аз дил намекард.*
*Гаҳе қасди набиди хом кардӣ,*
*Гаҳе аз гиря май дар ҷом кардӣ.*
*Гаҳе гуфтӣ ба дил, к: "- Эй дил, чӣ хоҳӣ*
*Зи олам? Ошиқӣ ё подшоҳӣ?*
*Ки ишқу мамлакат н-ояд ба ҳам рост,*
*Аз ин ҳар ду яке мебоядат хост.*

Ширин пас аз сари Меҳинбону бар тахти мулки Арман менишинад, бо адлу дод як сол ҳукм меронад. Вале ба дарди ҳаҷри Хусрав тоб наоварда, мулкро ба мавлое (навкаре) супурда, ба Мадоин меояд ва дар қасри пешинаи худ дар доманакӯҳи беобу дашти хушке маскан мегирад. Хусрав аз тарси Марям танҳо тавонистааст, ки ба Ширин паёме бифиристад.

Хусрав бо расидани хабари марги Баҳроми Чӯбина бо иштироки Борбади ромишгари овозадор базм меорояд ва сӣ лаҳни ӯро мешунавад. Пас аз базм Хусрав аз Ширин ба Марям шафоат мекунад ва мехоҳад, ки ӯ низ Ширинро азиз дорад ва ба қаср даъват намояд. Марям рад мекунад ва мегӯяд, ки агар Хусрав чунин кунад, худро хоҳад кушт:

*Туро бифребаду моро кунад дур,*
*Ту з-ӯ розӣ шавӣ, ман аз ту маҳҷур.*

Хусрав ба талаби Ширин Шопурро ба назди ӯ мефиристад ва хоҳиши дидор мекунад. Ширин ба Шопур итоб мекунад ва мегӯяд:

*Наяфтод он рафиқи бевафоро,*
*Ки бифристад саломе хушк моро...*

*Чӣ кард он раҳзани хунхораи ман*
*Ҷуз оташпорае дар бораи ман?*
*Ман инак зинда, ӯ бо ёри дигар*
*Зи меҳр ангехта бозори дигар...*
*Биё, то каҷ нишинам, рост гӯям:*
*"Чӣ хориҳо, к-аз ӯ н-омад ба сӯям"...*
*Кунад бо ҷинси худ ҳар ҷинс парвоз,*
*Кабутар бо кабутар, боз бо боз...*
*Зи боғи Рум гул дорӣ ба хирман,*
*Макун тороҷи тахту тоҷи Арман...*
*Ҳазор аз баҳри май хӯрдан бувад ёр,*
*Яке аз баҳри ғам хӯрдан нигаҳ дор.*

Фарҳоди муҳандис ва фарзона, ки ӯро Ширин бо маслиҳати Шопур барои кандани ҷӯй аз чарогоҳ то қасраш даъват намуда буд, дар муддати як моҳ корашро анҷом медиҳад. Ширин ба дидани Фарҳод меояд ва ба ӯ ба ивази хидматаш чанд гавҳари шабчароғ мебахшад. Фарҳод онро пеши пойи Ширин меафшонад, аз ишқи худ ба ӯ зорӣ мекунад. Овозаи ишқи Фарҳод ба гӯши Хусрав мерасад. Хусрав Фарҳодро назди худ мехонад ва онҳо ба ҳам мунозира мекунанд. Хусрав дар мунозира мағлуб мешавад.

*Чу оҷиз гашт Хусрав дар ҷавобаш,*
*Наёмад беш пурсидан савобаш.*
*Ба ёрон гуфт, к-аз хокию обӣ*
*Надидам кас бад-ин ҳозирҷавобӣ.*

Ва роҳи макру ҳиларо пеш мегирад. Ӯ барои озмоиш ба Фарҳод кандани роҳ дар Бесутунро мефармояд ва гумон мекунад, ки вай аз уҳдааш намебарояд, шартро бой медиҳад ва аз ишқи Ширин даст мекашад. Аммо Фарҳод ба кор оғоз мекунад ва дар дили кӯҳ сурати Ширинро мекашад. Овозаи он ба Ширин мерасад ва ӯ барои дидани он ба кӯҳи Бесутун меравад. Хусрав аз ин огоҳ мешавад ва таъзиятномаи пур аз танзеро ба Ширин мефиристад. Ва роҳи халосиро аз Фарҳод дар хиёнат мебинад ва ба ӯ хабари бардурӯғеро мерасонад, ки Ширин мурд. Фарҳод бо шунидани ин хабари шум ҷон медиҳад.

*Чу афтод ин сухан бар гӯши Фарҳод,*
*Зи тоқи кӯҳ чун кӯҳе дарафтод.*

Дар ин миён Марям мемурад. Ширин ба Хусрав ба ин муносибат таъзиятномаи ростине мефиристад. Хусрав пас аз марги Марям боз ба ёди Ширин шуд. Ширин дар ҷавоб номаи таънаомезе менависад. Хусрав аз ин ранҷида ба май менишинад. Рӯзе ба гӯшаш васфи Шакари Исфаҳонӣ мерасад ва ӯ дар таманнои вай ба Исфаҳон меравад ва вайро ба занӣ мегирад. Ширин боз танҳо мемонад ва ба Яздони пок ниёиш ва зорӣ мекунад. Рӯзе Хусрав бо баҳонаи шикор ба сӯйи қасри Ширин меравад ва Ширинро мебинад ва сухан мегӯяд. Ширин чунин посух медиҳад:

*Ба даст орӣ маро чун ғофилон маст,*
*Чу гул бӯйе кунӣ, андозӣ аз даст...*
*Ду дилбар доштан аз якдилӣ нест,*
*Дудил будан тариқи оқилӣ нест...*
*Ту аз ишқи ману ман бениёзӣ,*
*Ба ман бозӣ кунӣ дар ишқбозӣ?..*
*Маро аз рӯйи ту як қибла дар пеш,*
*Туро қибла ҳазор аз рӯйи ман беш.*

Хусрав ба хатои худ иқрор мешавад ва мегӯяд, ки ӯ агарчи бо гап бо каси дигар аст, бо дил бо Ширин буд.

*Ба тан бо дигаре хурсанд будам,*
*Зи дил то ҷон туро дар банд будам...*
*Агар гоме задам дар комронӣ,*
*Ҷавон будам, чунин бошад ҷавонӣ.*

Ширин дар посух ба Хусрав бо зикри он ки ӯро дар дил сад ғубор аст, мегӯяд:

*Ҳама вақте туро пиндоштам ёр,*
*Ҳама ҷойе туро хондам вафодор.*
*Ту ҳаргиз дар дилам ҷойе накардӣ,*
*Чу дилдорон мудорое накардӣ...*
*Зи ту коме надида дар замона,*

*Шуда тири маломатро нишона...*
*Бас он, к-аз баҳри ту бечора гаштам,*
*Зи хонумони хеш овора гаштам...*
*Бинои дӯстӣ бар бод додӣ,*
*Магар к-акнун асоси нав ниҳодӣ?*

Хусрав ноумед бармегардад ва Ширин аз рафтани ӯ пушаймон мешавад. Хусрав хоб мебинад, ки дар боғе чароғ дар даст гаштааст. Шопур таъбир мегӯяд, ки Хусрав ба васли Ширин хоҳад расид. Хусрав дар шикоргоҳе базм меорояд, Ширин дар он пинҳонӣ иштирок мекунад. Борбад аз номи Хусрав ва Накисои чангӣ аз номи Ширин ғазал ва суруд мегӯянд. Пас аз як ҳафта Хусрав Ширинро ба занӣ мегирад ва ба Мадоин меорад ва солҳо бо ҳам бо хушу хуррамӣ зиндагӣ мекунанд. Мамлакат аз адлу доди Хусрав обод мешавад.

Хусрав аз Марям писаре дошт бо номи Шерӯя, ки онро шоир ҳамчун "фарзанди хом" ва "фарзанди қаттол" шинос менамояд ва мегӯяд:

*На ҳар зан зан бувад, ҳар зода фарзанд,*
*На ҳар гул мева орад, ҳар найе қанд.*

Шерӯя вақте ки тақрибан нуҳсола буд, ба Ширин ошиқ мешавад:

*Шунидам ман, ки он фарзанди қаттол*
*Дар он тифлӣ, ки будаш қурби нуҳ сол,*
*Чу Ширинро арӯсӣ буд, мегуфт:*
*"Ки Ширин кошкӣ будӣ маро ҷуфт".*

Чун Шерӯя ба воя расид, падарро дар оташхона гӯшанишин кард ва шабе ӯро ҳангоми хобаш кушт. Ширин, ки ҳам дар он ҷо буд, бедор мешавад. Шерӯя ӯро ба занӣ хостор мешавад. Ширин се шарт мегузорад: 1. Сӯзондани қасри Хусрав; 2. Куштани аспи ӯ Шабдез; 3. Дафни ҷасади Хусрав бо шукӯҳи тамом. Шерӯя шартҳоро ба ҷо меорад. Ширин пас аз ин бо ханҷар синаи худро чок карда, дар рӯйи дахмаи Хусрав ҷон медиҳад. Низомӣ дар борам ин ҳолат гуфтааст:

*Зиҳӣ Ширину ширин мурдани ӯ,*
*Зиҳӣ ҷон додану ҷон бурдани ӯ!*
*Чунин воҷиб кунад дар ишқ мурдан,*
*Ба ҷонон ҷон чунин бояд супурдан!*
*На ҳар к-ӯ зан бувад, номард бошад,*
*Зан он мард аст, к-ӯ бедард бошад.*

Достони ишқи ғамангез ва пур аз шебу фарози шоҳзодаи сосонӣ Хусрави Парвиз ва маликаи Арман Ширин аз оғоз то ба анҷомаш хонандаро дар изтироб ва шиддати равонӣ нигаҳ медорад:

*Дар ин афсона шарт аст ашк рондан,*
*Гулобе талх бар Ширин фишондан.*

ва дар як замону макон дар се сатҳи гуногун – поин, миёна ва боло мегузарад ва дар ҳамаи он сатҳҳо рӯйи ду нуктаи асосӣ гаштаву баргашта таъкид менамояд: 1. Ишқ дард аст, ранҷ аст, мусибат аст, фоҷиа аст; 2. Мамлакат ба адл (доду диҳиш) ва дониш побарҷост.

Низомӣ тавонистааст, ки дар чаҳорчӯби достони ишқу муҳаббати Хусрав ва Ширин чеҳраҳои адабии амиқ ва барҷастаеро бо тамоми мураккабӣ ва тазодҳои олами ҷисмонӣ ва рӯҳониашон биофарад, монанди Хусрави Парвиз, Ширин, Фарҳод ва дигарон.

Дар достони “Хусрав ва Ширин”-и Низомӣ ҳар типи одамӣ дар се чеҳра ва дараҷа намудор шудааст.Чунончи:

1. Маъшуқа – Ширин, Марям, Шакар.
2. Ошиқ – Фарҳод, Хусрав, Шерӯя.
3. Шоҳ – Ширин, Хусрав, Баҳроми Чӯбина.

Ширин қаҳрамони марказӣ ва дӯстдоштании Низомӣ буда, аз ҳама ҷиҳатҳо: ҳусн, ақлу фаросат, одаму одамгарӣ, меҳру муҳаббат, дӯстию рафоқат, рафтору гуфтор ҳамто надорад. На Марям ва на Шакар аз ҳеч ҷиҳат бо ӯ баробар намешаванд. Ширин сурати зебо, чобукӣ, далерӣ ва хушсухании Хусравро дида, ба ӯ дил мебандад ва то ба охир ба вай сарфи назар аз ҳама булҳавасӣ, ноустуворӣ ва бевафоиҳояш содиқ мемонад ва кӯшиш мекунад, ки ошиқашро ба роҳи рост ҳидоят намояд. Танҳо вақте ки Хусрав тамоми хатоҳои худро дарк мекунад ва ба гардан мегирад, онҳо ба ҳам мерасанд. Вале афсӯс, ки ба касофати Шерӯя

касе, ки дӯсташ медошт, кушта мешаваду худро мекушад ва бо ҳамин меҳру муҳаббати поку беолоиши худ нисбат ба Хусрав, номус, номи неку шарафи худро нигоҳ медорад.

Шахси дигаре, ки дар миёни қаҳрамонони “Хусрав ва Ширин” бо тасвири Ширин наздикӣ ва монандӣ дорад, Фарҳод аст. Ӯ ҳам мисли Ширин каси боақлу ҳуш, бофаросат, донишманд, поктинат, содиқ мебошад. Қавлаш аз амалаш фарқ намекунад. Вай омода аст, ки барои Ширин худашро қурбон намояд. Ишқи Ширин ӯро аз озмоишҳои сангине мегузаронад. Фарҳод ба дараҷае ба Ширин меҳр баста буд, ки вақте хабари бардурӯғи марги Ширинро мешунавад, ҳалок мешавад. Чеҳраи Фарҳоди ошиқ дар мунозирае, ки бо Хусрав дошт, ба хубӣ ва тамомӣ ошкор гардидааст.

Шахсияти Хусрав басо мураккаб ва пурзиддият аст. Ӯ гоҳ ҳамчун ҷавонмарди хушсурату хушсират, тануманд, далеру чолок, зирак, закӣ, суханвар, боадаб ва бодониш, гоҳе ҳамчун шахси ишратпараст, худписанд, бокибру ғурур, танпарвар, булҳавас, беирода, тарсуву сабукфикр, шоҳзодаи бемасъулият тасвир шудааст. Хусрав, ки ошиқи зори Ширин буд, аввал ба Марям ва баъд бо Шакари Исфаҳонӣ хонадор мешавад. Мулки подшоҳиро гузошта роҳи гурезро пеш мегирад ва аз шоҳони кишварҳои бегона ёрӣ мепурсад. Агар талабу талқини пайвастаи Ширин намебуд, Хусрав аз нишасти маю ишрат даст намекашид ва аз пайи тахту тоҷи хеш намешуд ва роҳи адлу додро пеш намегирифт.

## 3.“ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН”

Навиштани достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-ро аз Низомии Ганҷавӣ, ки он вақт ҳамчун муаллифи маснавии динию ахлоқӣ ва фалсафии “Махзан-ул-асрор” ва достони “Хусрав ва Ширин” ном бароварда буд, ҳокими вақти Шарвон хоҳиш намудааст.

Вале шоир ба сабаби танг будани чаҳорчӯби афсонаи Лайлию Маҷнун, дур будани тафсири нишот аз он ва сухани бараҳна буданаш дар эҷоди он дудила будааст.

*Лекин чӣ кунам ҳаво дуранг аст,*
*Андеша фароху сина танг аст.*
*Даҳлези фасона чун бувад танг,*
*Гардад сухан аз шуд-омадан ланг.*
*Майдони сухан фарох бояд,*
*То табъ саворие намояд.*

Баъдан бо исрори фарзандаш Муҳаммад ба таълифи он сар мекунад ва дар зарфи камтар аз чаҳор моҳ дар таърихи 30 раҷаби санаи 584 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 24 сентябри соли 1188 ба итмом мерасонад.

*Ин чор ҳазор байт аксар*
*Шуд гуфта ба чор моҳ камтар,*
*Гар шуғли дигар ҳаром будӣ,*
*Дар чорда шаб тамом будӣ.*

Қиссаи Лайлию Маҷнун пеш аз Низомӣ дар шакли пароканда ва пора-пора дар манбаъҳои гуногуни адабӣ ва таърихӣ вуҷуд дошт. Шоир нахустин касест, ки бо офаридани достони “Лайлӣ ва Маҷнун” онро дар қолиби муайян ва ягона рехт, ба он тафсири худро дод, рӯҳи худро дамид ва аз моводи арабӣ асаре офарид, ки моли адабиёти форсии тоҷикӣ гардид ва дар замонаи муаллиф ва асрҳои баъдӣ шуҳрати беандоза ёфт.

Аз рӯйи ривояти Низомӣ, бузургворе аз мулки Араб дар талаби фарзанд буд, ӯ писар меёбад ва номашро Қайс мемонад. Вайро ба мактаб медиҳад. Дар он ҷо офатнарасида духтари хубе бо номи Лайлӣ мехонд. Онҳо ба ҳам дил медиҳанд. Қайси бесабру таҳаммул аз ишқи Лайлӣ ҳолате дошт, ки атрофиёнаш ӯро ба ҷунунӣ бадном мекунанд ва ба ӯ лақаби Маҷнун, яъне девонаро медиҳанд. Падараш ба Маҷнун панди судманд медиҳад, лекин он ба вай асар намекунад.

*Панд арчи ҳазор судманд аст,*
*Чун ишқ бувад, чӣ ҷойи панд аст!*

Падари Маҷнун ба хостгории Лайлӣ меравад, аммо ҷавоби рад мегирад. Падари Лайлӣ бадромӣ, бадкомӣ ва девонагии Маҷнунро баҳона мекунад ва мегӯяд, ки девона ҳарифи (ҳамнишини) мо нашояд. Вай ба падари Маҷнун маслиҳат медиҳад, ки писарашро аввал ба дуо инояте кунад, саломат гардонад ва баъд аз пайи хостгории Лайлӣ шавад.

*Фарзанди ту ҳаст гарчи бадром,*
*Фаррух набувад, чу ҳаст бадном.*
*Девонагие ҳаменамояд,*
*Девона ҳарифи мо нашояд.*

*Аввал ба дуо иноят кун*
*В-он гаҳ зи вафо ҳикоят кун!*
*То ӯ нашавад дурустгавҳар,*
*Ин қисса нагуфтан аст беҳтар.*

Падари Маҷнун ӯро ба зиёрати хонаи Каъба мебарад. Ҳангоми зиёрат Маҷнун ба ҷойи талаби растан аз ҳалқаи ғам, расидан ба растагорӣ ва озод шудан аз балои ишқ аз Худо талаб мекунад, ки аз ишқ ӯро ба ғояте расонад ва ҳар лаҳза майли зиёдтаре ба Лайлӣ диҳад.

*Маҷнун чу ҳадиси ишқ бишнид,*
*Аввал бигирист, пас бихандид.*
*Аз ҷой чу мори ҳалқа барҷаст,*
*Дар ҳалқаи зулфи Каъба зад даст...*
*Ё раб, ба худоии худоит*
*В-он гаҳ ба камоли подшоит,*
*К-аз ишқ ба ғояте расонам,*
*К-ӯ монад, агарчи ман намонам.*
*Аз чашмаи ишқ деҳ маро нур*
*В-ин сурма макун зи чашми ман дур.*
*Гарчи зи шароби ишқ мастам,*
*Ошиқтар аз ин кунам, ки ҳастам!*
*Гӯянд, ки: “Хӯ зи ишқ во кун,*
*Лайлиталабӣ зи дил раҳо кун!”*
*Ё раб, ту маро ба рӯйи Лайлӣ*
*Ҳар лаҳза бидеҳ зиёд майле.*

Ҳамқабилаҳои Лайлӣ аз ишқи Маҷнун ор карда, қасди куштани ӯ мекунанд. Аз ин падари Маҷнун огоҳӣ меёбад ва ба писараш панд медиҳад. Маҷнун дар ҷавоби падар мегӯяд:

*Даргоҳи ту қиблаи суҷудам,*
*Зинда ба вуҷуди ту вуҷудам.*
*Хоҳам, ки ҳамеша зинда монӣ,*
*Худ бе ту мабод зиндагонӣ!*
*З-ин панд хазинае, ки додӣ,*
*Бар сӯхта марҳаме ниҳодӣ.*

*Лекин чӣ кунам мани сияҳрӯй?*
*К-афтода ба худ наям дар ин кӯй.*
*З-ин раҳ, ки на бар қарори хешам,*
*Донӣ, на ба ихтиёри хешам.*
*Ман баставу бандам оҳанин аст,*
*Тадбир чӣ суд, қисмат ин аст!*

Дар дашту биёбон Маҷнун ба амир Навфал вомехӯрад, Навфал аз қиссаи ишқи Маҷнун огоҳӣ меёбад ва ваъдаи расонидани ёриро ба ӯ медиҳад, бо қабилаи Лайлӣ ҷанг мекунад. Аз ҷониби қабилаи Лайлӣ ба муқобили Навфал дар ҷанг иштирок доштани Маҷнун ва ба ёрии лашкари худ шитофтани ҳамқабилаҳои Лайлӣ Навфалро ба сулҳ водор месозад. Аммо кинояи Маҷнун Навфалро маҷбур мекунад, ки ӯ дубора ба ҷанги зидди қабилаи Лайлӣ бархезад ва пирӯзӣ ба даст биёрад. Вале якравии падари Лайлӣ имкон намедиҳад, ки Маҷнун ва Лайлӣ ба ҳам расанд. Падари Лайлӣ куштани ӯ ва пеши саг афканданашро авлотар аз расиданаш ба Маҷнун медонад ва мегӯяд:

*Аммо надиҳам ба дев фарзанд,*
*Девона ба банд беҳ, ки дар банд...*
*Буррам сари он арӯси чун моҳ,*
*Дар пеши саг афканам дар ин роҳ,*
*То боз раҳам зи ному нангаш,*
*Озод шавам зи сулҳу ҷангаш!*
*Фарзанди маро аз ин таҳаккум*
*Саг беҳ, ки хурад, на девмардум.*

Лайлиро ба Ибни Салом медиҳанд, аммо Лайлӣ ба вай сар намефурорад.

*Лайлиш тапончае чунон зад,*
*К-афтод ба сони мурда бех(в)ад.*

Маҷнун аз шавҳар кардани Лайлӣ огоҳӣ меёбад ва аз бевафоии Лайлӣ шикоят мекунад. Аз Лайлӣ ба ӯ номае мерасад, ки дар он аз вафодорӣ ва покдоманиаш сухан мерафт. Лайлӣ дар номааш ба Маҷнун аз ҷумла чунин хитоб кардааст:

*К-ин нома, ки ҳаст чун паранде*
*Аз ғамзадае ба дардманде,*
*Яъне зи мани ҳисорбаста*
*Наздики ту, эй қафасшикаста.*
*Эй ёри қадимаҳд чунӣ?*
*В-эй Маҳдии ҳафт маҳд, чунӣ?*
*Эй хозини ганҷи ошноӣ,*
*Ишқ аз ту гирифта рӯшноӣ.*
*Эй хуни ту дода кӯҳро ранг,*
*Сокин шуда чун ақиқ дар санг.*
*Эй чашмаи Хизр дар сиёҳӣ,*
*Парвонаи шамъи субҳгоҳӣ.*
*Эй аз ту фитода дар ҷаҳон шӯр,*
*Гӯре ду-се карда мӯниси гӯр.*
*Эй захмгаҳи маломати ман,*
*Ҳамқофилаи қиёмати ман.*
*Эй раҳм накарда бар тани хеш*
*В-оташ зада-бар ба хирмани хеш.*

Маҷнун низ номаи ҷавобӣ мефиристад. Онҳо дар қароргоҳи миъод (ҷойи ваъдагӣ)ба ҳам мулоқот мекунанд, аммо ба ҳам наздик намешаванд, даҳ гом дуртар меистанд. Лайлӣ мегӯяд:

*Гар з-он ки ба шӯй дил нadодам,*
*Охир, на чунон ҳаромзодам.*
*З-ин беш қадам задан ҳалок аст,*
*Дар мазҳаби ишқ айбнок аст.*

Маҷнун боз ба саҳрову биёбон бармегардад, Лайлӣ бемор мешавад ва мемурад. Маҷнун ба турбати Лайлӣ меравад ва дар он ҷо ҷон медиҳад.

*Ноланда зи рӯйи дардноки*
*Омад суйи он арӯси хокӣ.*
*Дар ҳалқаи он ҳазира афтод,*
*Киштиш дар оби тира афтод.*
*Ғалтид чу мӯри хастакарда,*
*Печид чу мори захмх(в)арда.*

*Байте ду-се зор-зор бархонд,*
*Ашке ду-се талх-талх бифшонд.*
*Бардошт ба сӯйи осмон даст,*
*Ангушт гушоду дида барбаст,*
*К: “- Эй холиқи ҳар чӣ офарида-ст,*
*Савганд, ба ҳар чӣ баргузида-ст!*
*К-аз меҳнати хеш вораҳонам,*
*Дар ҳазрати ёри худ расонам.*
*Озод кунам зи сахтҷонӣ*
*В-обод кунам ба сахтронӣ”.*
*Ин гуфту ниҳод бар замин сар*
*В-он турбати ӯ гирифт дар бар.*
*Чун турбати дӯст дар бар овард,*
*“Ё дӯст!” бигуфту ҷон баровард.*

Тавре ки дидем, мавзӯи асосии “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Низомӣ баёни достони ишқи ғамангези Лайлӣ ва Маҷнун буда, шоир ба воситаи он ҳақиқатеро тасдиқ мекунад, ки ишқи пок дарду ғам аст ва барои он ки ин ишқ зуҳури тамом дошта бошад, муҳити муносиб ва созгоре лозим аст. Вагарна оқибати он мисли достони ишқи Лайлию Маҷнун ғамангез хоҳад буд.

Маҷнун дар тасвири Низомӣ аз барҷастатарин чеҳраҳои адабии адабиёти форсии тоҷикӣ ба шумор меравад. Маҷнун на танҳо содиқтарин ва бовафотарин инсони ошиқ аст, балки ӯ шоир, сурудхон, гуманист, сӯфӣ ва файласуфи бузург мебошад. Афсӯс, ки замона ҷойи ин гуна шахсиятҳои барҷаста ва фавқулода набуд, бинобар ин ӯ аз ҷомеаи инсонӣ дурӣ гузида, рӯ ба саҳро меорад ва бо ҳайвонҳои ваҳшӣ унс мегирад. Ин канорагирӣ ва гӯшанишинии Маҷнун эътирозест ба замонаи номусоид, ба замонае, ки ишқи поки ӯро қурбони хурофот ва ҷаҳолати хонаводагӣ ва қабилагӣ месозад ва оқибат маҳкум ба марг менамояд.

Маҷнун ошиқи ишқи ҳақиқист, на маҷозӣ. Дурусташ ӯ аз мартабаи ишқи маҷозӣ ба ишқи ҳақиқӣ расидааст. Вай ба ин нукта дар ҷавоб ба ошиқ ва шоир Саломи Бағдодӣ таъкид намудааст. Маҷнун мегӯяд:

*Бо ман ту нагунҷӣ андар ин пӯст,*
*Ман худкушаму ту хештандӯст.*

*Ман банди қабои худ кунам суст,*
*Ту бо дигаре камар кунӣ чуст.*
*Ман бутшикану ту бутпарастӣ,*
*Бо ман-т хатост ҳамнишастӣ.*
*Ман бастаи худ фишонам аз дӯш,*
*Ту бо дигаре шавӣ ҳамогӯш...*
*Аз шаҳвати узрҳои хокӣ*
*Маъсум шуда ба ғусли покӣ.*
*З-олоиши нафс бозраста,*
*Бозори ҳавои худ шикаста.*
*Ишқ аст хулосаи вуҷудам,*
*Ишқ оташ гашту ман чу удам.*
*Ишқ омаду хос кард хона,*
*Ман рахт кашидам аз миёна.*
*Бо ҳастии ман, ки дар шумор аст,*
*Ман нестам, он чи ҳаст, ёр аст.*

Лайлӣ дар тасвири Низомӣ духтарест, ки дар зебоӣ беҳамто ва ороста чу моҳе, аммо пойбанди хости падар, урфу одатҳои қабилаи хеш мебошад. Ӯ агарчи монанди Маҷнун дар рафтор ва гуфтори худ мустақил нест, вале аз ғаму ғусса дарун-дарун мисли шамъ месӯхт ва танҳо гоҳе аз беқарории худ хабар медод.

*Лайлӣ, ки чароғи дилбарон буд,*
*Ранҷи худу ганҷи дигарон буд.*
*Ганҷе, ки кашида буд море*
*Аз ҳалқа ба гирди ӯ ҳисоре.*
*Гарчи гуҳари гаронбаҳо буд,*
*Чун маҳ ба даҳони аждаҳо буд.*
*Мезист дар он шиканҷаи танг*
*Чун донаи лаъл дар дили санг.*
*Шӯяш ҳама рӯз пос медошт,*
*Мехӯрд ғаму сипос медошт.*
*Дар суҳбати ӯ бути паризод*
*Монанди парӣ ба банди пӯлод.*
*Мекард ба чобукӣ шикебе,*
*Медод фиребро фиребе.*
*То шӯй бараш набуд, нолид,*
*Чун шӯй расид, дида молид...*

*Мехост, к-аз он ғам ошкоро*
*Гиряд нафасе, надошт ёро...*
*Аз ҳашмати шӯю шарми хешон*
*Мебуд чу зулфи худ парешон...*
*Месӯхт дар оташи ҷудоӣ,*
*Не дуд дар ӯ, на рӯшноӣ.*

Вай бо ҳар роҳ кӯшиш мекард, ки бо ошиқаш вохӯрад, рози дил гӯяд ва ба дидораш комёб гардад, вале на ҳамеша барояш чунин имконият муяссар мешуд. Рӯзе ӯ бо баҳонае бо дугонаҳояш ба нахлистон меравад, аммо мақсади асосиаш дар паноҳӣ расидан ба дидори ёри ғариби хеш буд.

*Не-не, гаразаш аз ин сухун буд,*
*Не сурхгулу на сарвбун буд.*
*Будаш ғараз он ки дар паноҳӣ*
*Чун сӯхтагон барорад оҳе.*
*Ёбад зи насими гулситоне*
*Аз ёри ғариби худ нишоне.*

Лайлӣ агарчи бинобар хости падар маҷбуран ба никоҳи Ибни Салом даромад, аммо исматашро нигоҳ дошт ва ба Ибни Салом таҳдид намуд, ки агар бори дигар дар талаби ком бардоштан аз ӯ шавад ва ҳатто бо теғ хунашро бирезад, ба вай таслим нахоҳад шуд.

*Гуфт: "Ар дигар ин амал намоӣ,*
*Аз хештану зи ман бароӣ,*
*К-аз ман ғарази ту барнахезад,*
*Гар теғи ту хуни ман бирезад».*

Лайлии дар ишқи Маҷнун содиқ ва вафодор дар лаҳзаҳои вопасини умраш ба модари меҳрубонаш ҳасрат мекунад ва мегӯяд:

*Хун мехурам, ин чӣ меҳрубонист?!*
*Ҷон меканам, ин чӣ зиндагонист?!*

Ва васият мекунад, ки тани беҷони ӯро, ки аз дурии дӯст мурдааст, шаҳид шудааст ва арӯси ноком аст, арӯсвор ороста кунад

ва бо кафани хунин бигӯронад, то ормонҳои ношикастаашро бишканад.

*К-он лаҳза, ки ҷон супурда бошам*
*В-аз дурии дӯст мурда бошам,*
*Сурма-м зи губори дӯст баркаш,*
*Нилам зи ниёзи дӯст даркаш.*
*Фарқам зи гулоби ашк тар кун,*
*Атрам зи шамомаи ҷигар кун.*
*Барбанд ҳанутам аз гули зард,*
*Кофур фишонам аз дами сард.*
*Хун кун кафанам, ки ман шаҳидам!*
*То бошад ранги рӯзи идам.*
*Ороста кун арӯсворам,*
*Биспор ба хоки пардадорам.*

Лайлӣ дар дами вопасини умри пурғаму дардаш аз модари меҳрубону дилсӯзаш хоҳиш мекунад, ки овораи ӯ – Маҷнунро, ки тамоми умр азизвораш нигоҳ медошт, азиз дорад, ба хорӣ нигоҳ накунад ва бигӯяд, ки Лайлӣ аз меҳри ту тан ба хок дод, дар ошиқии ту содиқӣ кард ва ҷон дар сари ишқу ошиқӣ кард ва бо ишқи ту аз ҷаҳон бурун рафт.

*Овораи ман чу гардад огоҳ,*
*К-овора шудам ман аз ватангоҳ,*
*Донам, ки зи роҳи сӯгворӣ*
*Ояд ба саломи ин аморӣ...*
*Аз баҳри Худо накуш дорӣ,*
*Дар вай накунӣ назар ба хорӣ.*
*Ман доштаам азизвораш,*
*Ту низ чу ман азиз дораш.*
*Гӯ: "Лайлӣ аз ин сарои дилгир*
*Он лаҳза, ки медарид занҷир,*
*Аз меҳри ту тан ба хок медод,*
*Бар ёди ту ҷони пок медод,*
*Дар ошиқии ту содиқӣ кард,*
*Ҷон дар сари ишқу ошиқӣ кард.*
*Аҳвол чӣ пурсиям, ки чун рафт?*
*Бо ишқи ту аз ҷаҳон бурун рафт".*

Лайлӣ ба шарофати ҳунари волои Низомии Ганҷавӣ ба чеҳраҳои мондагори на танҳо адабиёти форсии тоҷикӣ, балки адабиёти умумиҷаҳонӣ табдил ёфтааст.

Ду чеҳраи дигаре, ки достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Низомиро хотирмон кардаанд, чеҳраҳои падари ғамхори Маҷнун ва модари меҳрубони Лайлӣ мебошанд. Онҳо рамзи меҳри бузурги падарию модарӣ ба фарзанд мебошанд. Агар модари Лайлӣ бар хилофи падараш маҳрами рози тамоми дарду ранҷҳои пинҳониву ошкорои ӯст, падари Маҷнун тамоми чораву тадбирҳои заруриро мебинад, ки ба дарди ишқи фарзандаш даво ёбад. Маҷнун падарашро ёру ёвари худ, фарёдраси худ, неруи дили худ, устоди тариқат ва ғамхори ҳақиқати худ, насиҳатгари худ меномад ва вақте ки хабари марги ӯро аз забони шикорие мешунавад, нолаҳои ҷигарсӯзе мекунад ва худро фавран ба сари турбати падар мерасонад. Низомӣ бо баёни ҳолати Маҷнун пас аз шунидани хабари марги падараш ва суханҳое, ки ӯ дар ҳаққи вай мегӯяд, чеҳраи падари Маҷнунро барҷаста сохтааст.

*Маҷнун зи навои он каҷоҳанг*
*Нолиду хамид рост чун чанг.*
*Худро зи дарег бар замин зад,*
*Бисёр тапонча бар ҷабин зад.*
*З-орому қарор гашт холӣ,*
*То гӯри падар давид ҳолӣ.*
*Чун шӯшаи турбати падар дид,*
*Алмоси шикаста дар ҷигар дид.*
*Бар турбаташ уфтод беҳуш,*
*Бигрифташ чун ҷигар дар огӯш...*
*Гуфт: “Эй падар, эй падар, куҷоӣ?*
*К-афсар ба писар наменамоӣ?*
*Эй ғамхури ман, куҷот ҷӯям?*
*Темори ғами ту бо кӣ гӯям?*
*Ту беписарӣ салоҳ дидӣ,*
*З-он рӯй ба хок даркашидӣ?!*
*Ман бепадарӣ надида будам,*
*Талх аст кунун, ки озмудам.*
*Фарёд, ки дурам аз ту, фарёд!*
*Фарёдрасе на ҷуз ту бар ёд!*
*Ёрам ту будию ёварам ту,*

*Неруйи дили диловарам ту.*
*Устоди тариқатам ту будӣ,*
*Ғамхори ҳақиқатам ту будӣ...*
*Фарёд барояд аз ниҳодам,*
*К-ояд зи насиҳати ту ёдам...*
*Ман карда дуруштию ту нармӣ,*
*Аз ман ҳама сардӣ, аз ту гармӣ.*
*Лафзе ба муроди ту нагуфтам,*
*Як шаб ба канори ту нахуфтам...*
*Ҷондӯстии туро ба ҳар дам*
*Ёд ораму ҷон барорам аз ғам...*
*Оҳ, эй падар, оҳ аз он чи кардам,*
*Як дард на, бо ҳазор дардам.*

## 4. “ҲАФТ ПАЙКАР”

Маснавии “Ҳафт пайкар” баёни зиндагиномаи Баҳроми Гӯрро аз рӯзи таваллудаш то ғайб заданаш дар бар мегирад. Барои ҳамин як номи он “Баҳромнома” мебошад. Онро шоир дар 14 моҳи рамазони соли 593 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 31 июли соли 1197 мелодӣ ба охир расонидааст. Маснавии мазкур асарест, ки ба назм овbooарданашро касе аз муаллиф хоҳиш накардааст. Онро шоир бо хости дили худ ба қалам овардааст.

Қаҳрамони асосии маснавии “Ҳафт пайкар”-и Низомии Ганҷавӣ Баҳроми Гӯр аслан шахси таърихист. Баҳром писари Яздгирди Сосонӣ буда, бо номи Бахром шуҳрат дошт. Барои он ки дилбастагии тамом ба шикори гӯр дошт, лақаби Баҳроми Гӯрро ба ӯ додаанд. Ӯ дар таърих ҳамчунин бо ишқбозиҳояш ва доштани майл ба айшу ишрат машҳур мебошад.

“Ҳафт пайкар”-и Низомӣ бо он сар мешавад, ки подшоҳи сосонӣ Яздгирди хомандеш бист сол фарзанд меёфт, вале ҳеч намезист. Вақте ки Баҳром таваллуд мешавад, ӯро бо маслиҳати донишмандони ситорашинос ба Яман назди ҳокими он ҷо ба парваришгоҳ мефиристад, то ки:

*Олати хусравиш бардӯзад,*
*Адаби шоҳияш дaромӯзад...*
*Парваришгоҳи ӯ чунон бояд,*
*К-аз замин сар бар осмон сояд.*

Ҳокими Яман барои Баҳром қасри Хаварнақро месозонад. Ин қаср хосияти аҷибе дошт, ки дар як рӯз се бор ранги худро дигар мекард: субҳдам сабз буду чоштгоҳӣ зард ва дар ҳавои абрӣ сафед.

Баҳром дар Яман асли ҳамаи илмҳои замонааш, аз ҷумла ҳандаса, нуҷум, забонҳои арабӣ, форсӣ ва юнониро фаро гирифта, дар аспсаворию силоҳдорӣ ва паҳлавонӣ шуҳрат меёбад. Вай махсусан шикори гӯрро дӯст медошт. Рӯзе ӯ бо як тир шеру гӯреро, ки ба ҳам омада буданд, аз пой меафтонад. Дафъаи дигар аждаҳоеро кушта, ба ганҷе, ки бори сад шутур буд , соҳиб мегардад. Ҳамаи ин ҳунарнамоиҳои Баҳромро рассомон дар деворҳои қасри Хаварнақ нигошта буданд.

Рӯзе Баҳром аз дашт баргашт ва дар Хаварнақ ба хуррамӣ мегашт, ҳуҷраеро дид дарбаста, пурсид, ки ин хона қуфлбаста чарост, хазинадор калидро овард ва вақте дари хонаро кушод, дид, ки дар нақши девор сурати ҳафт пайкари зебо аз ҳафт кишвар нигошта шудааст ва дар миёни онҳо Баҳром истодааст. Ва дабири пайкари ӯ бар сараш навиштааст:

*К: “- Он чунон аст ҳукми ҳафт ахтар,*
*К-ин ҷаҳонҷӯй чун барорад сар,*
*Ҳафт шаҳзодаро зи ҳафт иқлим*
*Дар канор оварад чу дурри ятим”.*

Вақте ки Баҳром он навиштаро хонд, дар шигифт бимонд дар фусуни фалак ва меҳри он духтарони зеборӯйро дар дилаш ҷой кард ва ба хазинадорон супориш дод, ки ҳеч касеро ба ин хона роҳ надиҳанд. Вале худаш вақт-вақте ки маст мегашт, ба он ҷо мерафт ва он луъбатони ҳурсириштро тамошо мекард.

*Ҳафт пайкар дар ӯ нигошта хуб,*
*Ҳар яке з-он ба кишваре мансуб.*
*Духтари ройи Ҳинд Фаврак ном,*
*Пайкаре хубтар зи моҳи тамом.*
*Духти Хоқон ба ном Яғмоноз,*
*Фитнаи луъбатони Чину Тароз.*
*Духти Хоразмшоҳ – Нозпарӣ,*
*К-аш хироме ба сони кабки дарӣ.*

*Духти Сақлобшоҳ – Насриннӯш*
*Турки чинитирози румипӯш.*
*Духтари шоҳи Мағриб – Озарюн*
*Офтобе чу моҳи рӯзафзун.*
*Духтари Қайсари Ҳумоюнрой*
*Ҳам ҳумоюну ҳам ба ном – Ҳумой.*
*Духти Кисро зи насли Кайковус*
*Дурсатӣ ному хуб чун товус.*

Баҳром, ин “биёбонии арабпарвард”, аз вафоти падараш огоҳӣ меёбад ва ҳам мефаҳмад, ки шаҳриён ва лашкариён ба тахти шоҳӣ ба ҷойи фарзанди шоҳи хомкору ҷаврпеша пирмарди хирадмандеро баргузидаанд. Баҳром ба Эрон лашкар мекашад. Ба ӯ шарт мегузоранд, ки тоҷи шоҳиро аз байни ду шери жаён бигирад. Баҳроми далер онро иҷро мекунад ва соҳиби тахту тоҷи меросӣ мешавад ва роҳи адлу додро пеш мегирад.

*Расми инсоф дар ҷаҳон овард,*
*Адлро сар ба осмон овард.*
*Кард бо додпарварон ёрӣ,*
*Бо ситамкорагон ситамкорӣ...*
*Мардумӣ кард дар ҷаҳондорӣ,*
*Мардумӣ беҳ зи мардумозорӣ...*
*Мардумӣ карду мардумандӯзӣ,*
*Ҳеч касро намонд берӯзӣ.*
*Кори олам зи нав гирифт наво,*
*Бар нафасҳо кушода гашт ҳаво.*

Раият ҳама аз Баҳром розӣ буданд, зеро мулк обод гардид, фаровонҳосилӣ шуд, фирориён ба кишвар бозгаштанд, зиндониён озод гаштанд, дасти золимон кӯтоҳ шуд, ҳар кас мувофиқи ҳолаш мартабае ёфт, илм пеш рафт. Вақте ки дар мамлакат хушксолӣ омад, Баҳром бо шафқат дари анборҳоро баркушод ва ба мардум озуқа бахшид ва онҳоро аз марг наҷот дод. Вале пасон ба кори мамлакат бепарво шуда, бо лаҳву ишрату ноз рӯзгори дароз машғул мешавад. Духтарони шоҳони ҳафт иқлимро, ки дар қасри Хаварнақ дар Яман дида буд, мехоҳад.

Баҳром қасри Ҳафт гунбадро месозонад ва дар ҳар яке аз он гунбадҳо духтареро аз подшоҳони ҳафт иқлим мешинонад ва ҳар рӯзи ҳафта дар яке аз он гунбадҳо вақташро бо шунидани афсонаву майгусорию ишқбозӣ мегузаронад. Рӯзи шанбе дар гунбади сиёҳ (Кайвон), якшанбе – зард (Офтоб), душанбе –сабз (Моҳ), сешанбе – сурх (Миррих), чоршанбе – пирӯзагун (Уторид), панҷшанбе – сандалӣ (Муштарӣ), одина – сапед (Зуҳра).

*Чун зи кишваркушои ҳафт иқлим*
*Ҳафт духтар ситад чу дурри ятим,*
*Аз ҷаҳон дил ба шодмонӣ дод,*
*Доди айши хушу ҷавонӣ дод.*

Бо истифода аз бепарвоии Баҳром ба кори мамлакат ва рӯзҳову моҳҳо ва солҳоро бо айшу нӯш гузаронидани ӯ вазираш Роствавшани гургманишу қаллоб ва дурӯғгӯй мулки ободро хароб, хазинаҳои пурро холӣ ва зиндонҳои холиро аз ҷавдидагон пур мекунад. Дар мамлакат бедодӣ, зулм, ситам, ҷавр ҳукмфармо мешавад. Ба гуфтаи Низомӣ:

*То вазорат ба ҳукми Нарсӣ буд,*
*Дар вазорат худойтарсӣ буд.*
*Ростравшан чу з-ӯ вазорат бурд,*
*Ростиҳою равшаниҳо мурд.*

Аз ин вазъи бади Эрон хоқони Чин воқиф мегардад ва ба он лашкар мекашад. Баҳром аз он огоҳӣ меёбад, бар зидди душман бармехезад ва мебинад, ки аз сипоҳу ганҷинаи фаровоне, ки дошт, андаке мондааст ва ӯ ба шери бедандони оҷизе монанд шудааст.

*Чун сипаҳ бозҷуст, панҷ надид,*
*Чун ба ганҷина рафт, ганҷ надид.*
*Ҳам тиҳӣ дид ганҷи оганда,*
*Ҳам силеҳу сипаҳ пароканда.*
*Монд оҷиз чу шери бедандон,*
*Тавқ –занҷиру мамлакат – зиндон.*

Баҳром барои рафъи малоли хотире, ки аз вазъи мамлакат дошт, ба шикор мебарояд ва шоҳиди он мешавад, ки шубоне са-

гашро барои ёри гург шуданаш ҷазо медод. Баҳром аз ин кори шубон панд гирифта, аз вазири ситамгораш Ростравшан бозхост мекунад ва пас аз шунидани шикояти ҳафт мазлум ӯро мекушад.

Шоҳ Баҳром пас аз дубора барқарор намудани адлу дод ва тартибу низом дар мамлакат ва шикаст додани лашкари хоқони Чин қасри Ҳафт гунбадро ба ҳафт мубад медиҳад ва гунбадҳоро ба оташгоҳ табдил дода, худоҷӯй мешавад ва дар ғоре нопадид мегардад.

Низомии Ганҷавӣ бо нақли саргузашти Баҳроми Гӯр аз рӯзи ба дунё омадан то дар ғор нопадид гаштанаш як нуктаро таъкид кардааст, ки дар кори мамлакатдорӣ набояд ғафлат кард ва аз ҳоли раият ва кишвар бехабар буд ва мамлакатро ба касони золиме, мисли Ростравшани вазир, дод ва мамлакатдориро ба айшу нӯш ва ишқбозӣ иваз намуд. Паҳлуи дигари ин ғоя дар достони "Хусрав ва Ширин" низ баён гардида буд.

Қаҳрамони асосии "Ҳафт пайкар", бешубҳа, Баҳроми Гӯр аст. Ӯ аз хурдӣ дар парваришгоҳи ҳокими Яман тарбияти хуби ҳаматарафа мегирад ва барои номбардори тахти шоҳи Эрон комилан омода мегардад. Вай ҷавони тарбиятдида, бодониш, боҳунар, нотарс ба воя мерасад. Ин сифатҳои ӯ вақте ки зарурати гирифтани тоҷу тахт пас аз марги падараш пеш меояд, ба тамомӣ зуҳур мекунад. Тоҷи шоҳиро аз байни ду шери дарранда мегирад ва ба сар мегузорад.

Баҳром шоҳи одил ва бодод мебошад. Мулкро обод ва раиятро аз худ хуррам мегардонад. Аммо чанд соле аз кори мамлакат дур мешавад ва бо айшу нӯш ва ишқбозӣ шуғл меварзад. Бо истифода аз ин касоне монанди Ростравшан тамоми корҳои неки ӯро дар Эрон барбод медиҳанд, ба ҷойи адлу дод зулму бедодиро пеш мегиранд. Хатари истилои лашкари кишварҳои бегона таҳдид мекунад. Баҳром аз ин бохабар шуда, аз айшу нӯш даст мекашад ва аз нав кори мамлакатро пеш мебарад ва адлу додро барқарор менамояд.

## 5. "ИСКАНДАРНОМА"

"Искандарнома" маснавии панҷуми Низомии Ганҷавист. Он аз ду қисм: "Шарафнома" ва "Иқболнома" иборат буда, дар ҳудуди соли 1203 навишта шудааст.

Шоир ҳангоми эҷоди достони Искандар аз сарчашмаҳои гуногун, аз он ҷумла таърихҳои яҳудию насронию паҳлавӣ, аз

нусхаҳои пароканда истифода намудааст. Бинобар қавли ӯ, аммо дар ҳеч яке аз манбаъҳо достони Искандар дар як навард, ба таври муносиб, нигорида нашуда будааст. Бинобар ин ҳангоми ба назм даровардани он муаллифро лозим омадааст, ки маълумоти мавҷударо пешу қафо созад ва аз онҳо мағзашонро бигирад.

Низомӣ махсусан ба хидмати бузурги Фирдавсӣ дар баёни достони Искандар ишора кардааст ва гуфтааст, ки соҳиби "Шоҳнома" аз номаҳои дар бораи Искандар мавҷуда танҳо ҳамонҳоеро гирифтааст, ки аз вай гузираш набуд.

*Сухангӯйи пешина - донои Тӯс,*
*Ки орост рӯйи сухан чун арӯс,*
*Дар он нома, к-он гавҳари суфта ронд,*
*Басе гуфтаниҳо, ки ногуфта монд...*
*Нагуфт, он чи рағбатпазираш набуд,*
*Ҳамон гуфт, к-аз вай гузираш набуд.*

Эроди дигаре, ки муаллифи "Искандарнома" ба манбаъҳои ин достон гирифтааст, дароз будани достон дар баёни онҳост. Бинобар ин ӯ лозим донистааст, ки онҳоро аз олудагиҳо, аз нақлу ривоятҳои иловагӣ ҷудо созад.

*Дигар ҳар чӣ карданд аз бостон,*
*Ба гуфтан дароз омадӣ достон...*
*Зарурат шуд ин шуғлро сохтан,*
*Чунин номаи нағз пардохтан...*
*Низомӣ, ки дар ришта гавҳар кашид,*
*Қаламдидаҳоро қалам даркашид.*
*Ба носуфта дурре, ки дар ганҷ ёфт,*
*Тарозуи худро сухансанҷ ёфт.*
*Ман аз оби ин нуқраи тобнок*
*Ҷудо кардам олудагиҳои хок.*

Аз рӯйи гуфтаи Низомӣ, муаллифони сарчашмаҳо дар тасвири чеҳраи Искандар ба се гурӯҳ тақсим шудаанд. Гурӯҳе онро подшоҳи соҳибсарир, гурӯҳе ҳамчун ҳаким ва севумиҳо ҳамчун пайғамбар тасвир намудаанд.

*Гурӯҳеш хонданд соҳибсарир,*
*Вилоятситон, балки офоқгир.*
*Гурӯҳе зи девони дастури ӯ*
*Ба ҳикмат навиштанд маншури ӯ.*
*Гурӯҳе зи покию динпарварӣ*
*Пазиро шудандаш ба пайғамбарӣ.*

Соҳиби "Искандарнома" эълом доштааст, ки ӯ аз ин се донае, ки доноёни гузашта фишондаанд, дарахти баруманде хоҳад нишонд.

*Ман аз ҳар се дона, ки доно фишонд,*
*Дарахте баруманд хоҳам нишонд.*
*Нахустин дар аз подшоӣ занам,*
*Дам аз кори кишваркушоӣ занам.*
*Зи ҳикмат баророям он гаҳ сухан,*
*Кунам тоза таърихҳои куҳан.*
*Ба пайғамбарӣ кӯбам он гаҳ дараш,*
*Ки хонад Худо низ пайғамбараш.*
*Се дар сохтам ҳар даре кони ганҷ,*
*Ҷудогона бар ҳар даре бурда ранҷ.*
*Ба он ҳар се дарё, ба он ҳар се дур,*
*Кунам домани ҳар ду аз ганҷ пур.*

Низомӣ агарчи ҳам аз подшоҳӣ, ҳам аз ҳакимӣ ва ҳам аз пайғамбарии Искандар сухан кардааст, мавзӯи асосии "Искандарнома" баёни "роҳи маонӣ"-ро пеш гирифтани Искандар, фаррухсират ва ҳушманд будани ӯ, аз ромиш сӯйи дониш рӯ овардаанаш мебошад.

*Сикандар, ки роҳи маонӣ гирифт,*
*Пайи чашмаи зиндагонӣ гирифт.*

Барои ҳамин ҳам шоир аз баёни маҳз ва таваҷҷуҳи хос ба лашкаркашиҳои Искандар, зӯри теғи ӯ, зӯри бозуи ӯ сарфи назар кардааст ва онро ба тариқи ниҳояти ихтисор ва феҳриствор "дар як варақ" баён намудааст. Диққат ва таваҷҷуҳи асосиро ба зӯри хирад, ақл, дониш, маонии ӯ равона кардааст. Искандар ҳар ҷо,

ки рафта, ҳама ӯро ихтиёрӣ ва ба хушӣ пазиро шудаанд. Ҳидоят кардани Хизр дар гуфтани достони Искандар ва дар он ҷо доштани сурушҳо (фариштаҳо, ваҳӣ), ҳотифон (ғайбдонон), пирони доно ва зоҳид низ гувоҳӣ бар он аст, ки барои муаллиф маҳз аз ҳамин ҷиҳат шахсияти қаҳрамон арзиш дорад. Оина сохтани Искандар, афсӯс хӯрданаш аз куштани Доро, ҷонибдори дини дуруст буданаш, китобҳои форсӣ, ҳикмати мардумони дунёро гирд овардан, тарҷума кардан ва бурдани онҳо ба Юнон, майл ба шунидани афсонаву ҳикоят доштанаш, дар суроғи оби ҳайвон ба олами зулумот рафтани ӯ, ҷустуҷӯйи шаҳри ободе, ки ҳаргиз намирад дар ӯ ҳеч кас, сабақ гирифтанаш аз донишмандон, шунидани хирадномаҳои онҳо, муҳтоҷи дониши онҳо буданаш ва ниҳоят расидани ӯ ба пайғамбарӣ тасдиқ бар он қазия мебошад.

Ҳадафи аслии Низомии Ганҷавӣ аз офаридани чунин чеҳраи рӯҳонии Искандар таъкиди ду нуктаи бисёр муҳим мебошад: 1. Бақои давлат дар дониш ва маърифат мебошад; 2. Инсон миранда аст, давлату сарват, доройӣ гузаранда аст, ҷовидонӣ дониш ва маърифат аст.

Ормонӣ сохтани чеҳраи Искандари Мақдунӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ пеш аз Низомӣ оғоз гардида буд. Гумон меравад, ки дар ин табдили чеҳраи таърихии Искандар ба чеҳраи ормонӣ аз Юнон будани ӯ, аз сарзамине, ки дар Шарқ рамзи ҳикмат буд ва ҳикмати юнонӣ пайравони зиёде, мисли Форобӣ ва Ибни Сино дошт, омили асосӣ ва муассир буд. Низомӣ ва дигар шоирони форсигӯй чеҳраи Искандарро аз ин ҷиҳат барои офаридани тасвири ғояи шоҳи одил бештар муносиб ва мувофиқ донистаанд.

## ҶОЙИ НИЗОМӢ ДАР АДАБИЁТИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ

Низомии Ганҷавӣ яке аз шаҳсутунҳои кохи баланди шеъри форсии тоҷикӣ мебошад. Шоир бо эҷоди маснавиҳои панҷгонаи дар зоти худ нотакрораш ба мактаби бузурги хамсанависӣ асос гузошт. Пас аз ӯ танҳо ба забони форсии тоҷикӣ ба “Махзан-ул-асрор” 80, “Хусрав ва Ширин”50, “Лайлӣ ва Маҷнун” 120, “Ҳафт пайкар” 50, “Искандарнома” 25-то назира навишта шудаанд. Баъди асри XIV назирасаройӣ ба “Хамса”-и Низомӣ дар адабиёти қавмҳои туркзабон, пашту, урду, курдӣ, арабӣ, гурҷӣ, ҳиндӣ, панҷобӣ ва ғ. низ оғоз гардидааст.

Дар байни онҳое, ки ба маснавиҳои Низомӣ пайравӣ кардаанд, шоирони бузурге, мисли Саъдии Шерозӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Фузулӣ ва дигарон ҳастанд.

Низомӣ дар фазилати сухан гуфтааст, ки:

*То сухан аст, аз сухан овоза бод,*
*Номи Низомӣ ба сухан тоза бод!*

То забони форсии тоҷикӣ, шеъри форсии тоҷикӣ, қавми муаззаме бо номи тоҷик ҳаст, номи Низомӣ ва асарҳои ӯ хоҳанд буд.

## ПУРСИШ ВА СУПОРИШ

1. Хоқонии Шарвонӣ дар фахри худ чӣ мегӯяд? Оё он гуфтаҳо ҳақиқат доранд? Онҳоро дар маводи намоишӣ ҷой диҳед.
2. Мероси шоирро номбар кунед.
3. Муҳтавои қасидаи “Харобаҳои Мадоин” аз чӣ иборат аст?
4. Чаро “Хамса”-и Низомиро “Панҷ ганҷ” номидаанд?
5. Муҳтавои “Хамса”-ро мухтасар баён кунед ва бо тавсифи мухтасари онҳо маводи намоишӣ омода созед.
6. Чеҳраҳои Хусраву Ширин, Лайлию Маҷнун, Баҳроми Гӯр ва Искандарро шарҳ диҳед.
7. Низомӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ чӣ мақоме дорад?
8. Дар мавзӯъҳои "Хусрав ва Ширин" ва " Лайли ва Маҷнун"-и Низомӣ иншо нависед.
9. Маводи интернетиро дар бораи "Хамса"-и Низомӣ ва нашрҳои он ба забонҳои хориҷӣ гирд оваред ва тарҷума кунед.
10. Пораҳои шеърии "Паридухте, париуззор моҳе" ("Хусрав ва Ширин") ва "Лайлӣ, ки чароғи дилбарон буд"  ("Лайли ва Маҷнун")-ро қироат кунед, вазн ва қофияҳои онҳоро муайян созед.
11. Дар мавзӯи "Маснавии "Ҳафт пайкар"-и Низомӣ"нақли хаттӣ нависед.
12. Дар бораи "Маснавии "Искандарнома"-и Низомӣ"гузорише омода созед.

## ТЕСТҲО

1. Хоқонӣ кист?

   а) Подшоҳи мулки сухан.
   б) Азизи ҷаҳон дар Шарқу Ғарб.
   в) Устоди Рӯдакӣ ва Унсурӣ.
   г) Шоири ҳунарманди ҳавзаи адабии Қафқоз.

2. Муҳтавои қасидаи “Хароботи Мадоин” аз чӣ иборат аст?

   а) Баёни қасри овозадори Сосониён дар Мадоин.
   б) Таассуроти ғамангези харобаҳои айвони Мадоин.
   в) Қасида дар васфи зебоиҳои қасри Мадоин.
   г) Сафарнома.

3. “Хамса”-и Низомӣ аз кадом асарҳо иборат аст?

   а) “Туҳфат – ул – аҳрор”, “Ширин ва Хусрав”, “Маҷнун ва Лайлӣ”, “Ҳафт манзар” ва “Хираднномаи Искандарӣ”.
   б) “Махзан – ул – асрор”, “Хусрав ва Ширин”, “Лайлӣ ва Маҷнун”, “Ҳафт пайкар” ва “Искандарнома”.
   в) “Субҳат – ул – аброр”, “Ширин ва Хусрав”, “Маҷнун ва Лайлӣ”, “Ҳашт биҳишт” ва “Иқболнома”.
   г) “Махзан – ул – асрор”, “Хусрав ва Ширин”, “Лайлӣ ва Маҷнун”, “Ҳафт пайкар”ва “Хираднномаи Искандарӣ”.

4. Чаро Низомӣ “Хусрав ва Ширин”-ро ширинтарин достон номидааст?

   а) Дар бораи достони Ширин аст.
   б) Фирдавсӣ чунин гуфтааст.
   в) Достони ишқи Хусрав ба Ширин аст.
   г) Достони зебои хонданӣ ва шуниданист.

5. Чеҳраҳои асосии достони “Лайлӣ ва Маҷнун” киҳоянд?

   а) Лайлӣ, Навфал, Маҷнун, Саломи Бағдодӣ, Ибни Салом.
   б) Ибни Салом, Маҷнун, падари Лайлӣ, Лайлӣ.
   в) Лайлӣ, Маҷнун, модари Лайлӣ, падари Маҷнун.
   г) Маҷнун, падари Лайлӣ, Лайлӣ, модари Маҷнун.

6. Чаро “Ҳафт пайкар” гуфтаанд?

а) Дар пайравӣ аз Ҳафт ситораи осмон.
б) Дар нақши девор сурати ҳафт пайкари зебо аз ҳафт кишвар буд.
в) Дар пайравӣ аз ҳафт қабати осмон.
г) Дар пайравӣ аз ҳафт дари биҳишт.

7. “Искандарнома” аз кадом бахшҳо иборат аст?

а) “Иқболнома” ва “Хираднома”.
б) “Шарафнома” ва “Корнома”.
в) “Иқболнома” ва “Худойнома”.
г) “Шарафнома” ва “Иқболнома”.

8. Ба достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Низомӣ дар забони форсии тоҷикӣ чанд назира навишта шудааст?

а) 80.
б) 50.
в) 120.
г) 25.

# ЛУҒАТНОМА

## – А –

АБАР – бар, болои…, рӯйи…, бар сари…

АБЛАҚ – аспи алои сурху сафед ё сиёҳу сафед.

АБО – бо; болопӯши васеи остинкӯтоҳ; ғизо, ош.

АБНО – ҷамъи ибн, сокинон, мардумон.

АБРОР – накукорон, солеҳон, тақводорон.

АВЛИЁ – валиён, аъён, ашроф.

АВРАНГ – тахти шоҳӣ.

АВСОФ – ҷамъи васф, сифатҳо, хислатҳо.

АДАБ – илмҳои адабӣ ё улуми адабӣ, монанди арӯз, бадеъ, қофия, луғат, сарфу наҳв ва ғайра.

АДАМ – нестӣ, нобудӣ.

АДН – боғҳои биҳишт, ҷаннат, фирдавс.

АДОВАТ – душманӣ, бадхоҳӣ, кинадорӣ.

АДҲАМ – Иброҳими Адҳам (ваф. 776/783), сӯфӣ.

АЗЛ – бекор кардан, дур кардан, аз мансаб гирифтан.

АЗЕРО – зеро, зеро ки.

АЙВОН – кох, қаср, кушк.

АЙН, ИЙН – зани зебо, ҳури биҳиштӣ.

АЁЛ – оила, хонавода; аҳли хонадон.

АКЗАБИ ӮСТ АҲСАНИ Ӯ – дар асл “акзабуҳо афсаҳуҳо” аст, яъне дурӯғтарин шеър беҳтарин (зеботарин) шеър мебошад.

АКОБИР – ҷамъи кабир, бузургон, аъён, ашроф, давлатмандон, мансабдорон.

АҚРАБ – каждум; номи бурҷи ҳаштуми фалак.

АҚРОН – ҷамъи қарин, наздикон.

АҚСО – гӯшаву канорҳои дурдаст.

АЛҲАМД – сураи нахустини Қуръон, сураи “Фотеҳа”.

АЛҲОН – ҷамъи лаҳн, лаҳнҳо.

АМВОЛ – ҷамъи мол, молҳо.

АМЛОК – ҷамъи милк, милкҳо.

АММОМА – салла, дастор.

АММОР – амркунанда, фармоянда.

АММОРА – саркаш, нафси саркаш.

АММ/АМУ – амак, бародари падар.

АНБОЗ – ҳамроҳ, шарик, рафиқ, ҳамроз; монанд.

АНБОН – ҳамён, халтаи чармин ё карбосии сафарӣ.

АНБОРИШ – пур кардан, ҷамъ овардан.

АНВАР – равшантар, нурбортар, пурнур, рахшонтар.

АНГЕЗИДАН – дар ҷунбиш овардан, ба ҳаракат овардан, шӯрондан.

АНГУБИН – асал, шаҳд.

АНДАРЗ – насиҳат, панд.

АНДАРЗБАД – насиҳатгар, пандгӯ.

АНДАРХУР – мувофиқ, муносиб.

АНДУДАН – андова кардан.

АНӮШ ХӮРДАН – дар набард шудан.

АРБАДА – ҷанг, шӯр, мағал.

АРД – номи рӯзи биступанҷуми моҳи эронӣ.

АРТИШ – лашкар.

АРШ – осмон.

АРҶМАНД – соҳиби эҳтиром, иззат ва қадру қимат.

АСАД – шер; номи бурҷи панҷуми фалак.

АСМО – ҷамъи исм, номҳо.

АСНОМ – ҷамъи санам, санамҳо, бутҳо.

АСТАР – хачир.
АСТУМАНД – ҷаҳони моддӣ, дунё, гетӣ.
АСҲОБ – ҷамъи соҳиб, соҳибон.
АТЛОЛ – ҷамъи тал, талҳо, пуштаҳо, теппаҳо.
АТО – бахшиш.
АФЗОР – асбоб, олат.
АФРОСИЁБ – шоҳи номдори Тӯрони асотирӣ.
АФСАР – тоҷ, кулоҳи подшоҳон.
АФСУН – сеҳр, ҷоду.
АФШУРА – оби мева ва наботот.
АФЪОЛ – ҷамъи феъл, корҳо, корнома.
АХЗАР – кабуд, сабз, нилгун, нилобӣ.
АХТАР – ситора.
АҲКОМ – ҷамъи ҳукм, қонунҳо, қоидаҳо.
АҲРОР – ҷамъи ҳур, ҳурон.
АША – усули ростӣ, ҳақиқат.
АШАВАНОН – пайравони Ашо, росткорон.
АШМУҒ – бедин, мулҳид, бетақво, нопарҳезкор.
АЪДО – ҷамъи аду, душманон.
АЪЁН – бузургон, сардорон, ашроф, покнажодон.
АЪМОЛ – ҷамъи амал, корҳо.
АҶИН – хамир, омехта, якҷо.
АҶУЗА – пирзани фартут ва бадрӯй.

## – Б –

БАДАЛ – ба ҷойи…, ба ивази…, пайгир.
БАДКОМӢ – бадӣ.
БАДОГОҲ – нодон, ҷоҳил.
БАДРА – ҳамён, халтаи тангаву тилло.
БАДРОМ – саркаш, нофармон, якрав.
БАДФИОЛ – бадфеъл, бадхӯ, бадкор, бадамал.
БАЙЪ – харид.
БАКОРОМАД – одами даркорӣ, ҳоҷатбарор.
БАРАҲМАН – яке аз худоёни сегонаи ҳинду; пир, муршид; табақаи аввал ва муҳимми ҷомеаи Ҳинди қадим.
БАР – самар, мева, бор.
БАРДА – ғулом, банда, асир.
БАРЗ – тухм, дона.
БАРЗАН – кӯчаву кӯй; маҳалла, идгоҳ.
БАРЗИГАР – деҳқон, кишоварз, донапош.
БАРКАШИДАГОН – болобардоштагон дар мартаба ва рутба.
БАСАНДА – баробар, ҳамтану тӯш.
БАСИТ – сода, беолоиш, табиӣ.
БАСИЧ/ БАСИҶ/БАСЕЧ/БАСЕҶ – омодагӣ, қасд, ирода.
БАСОРАТ – чашм.
БАСТ – банд, тафсир.
БАТ – мурғобӣ.
БАШАР – инсон,одам, мардум, одамизод.
БАШОРАТ – хабари хуш, мужда.
БАҲМАН – номи моҳи ёздаҳуми шамсӣ буда, аз 21 январ то 19 феврал давом мекунад; гиёҳе, ки зимистон гул мекунад ва бехи он хосияти доруӣ дорад.
БАҲОИМ – ҳайвонот, чорпо.
БЕБАРГӢ – бенавоӣ, ночорӣ, бечизӣ.
БЕҒОРА – сарзаниш.
БЕМАР – бешумор.
БЕХАТОН – ҷавонон.
БЕХУДӢ – аз худ гузаштан, аз худ фаромӯш кардан, маҳву фано шудан аз вуҷуду ҳаяҷон дар тасаввуф.

БЕҶОДА – навъе аз ёқут, санги сурхранг ва ё зардранг, ки хосияти қаҳрабоӣ дорад.
БЕШАРМ – бебок, нотарс.
БИДЪАТ – фикру ақида ва расму қоидаҳои нав дар дин, ки хилофи таълимоти ҳукмрон дар дин бошад.
БИКР – бокира, духтари хона; нав, тоза.
БИМ – тарс.
БИНАНДАГОН – чашмон, дидагон.
БИСЕЧИДАН – ихтиёр кардан, ирода кардан, тайёрӣ дидан, омода кардан.
БОБ – падар.
БОБИЛ/ БОБИЛИСТОН – Бабилон, шаҳре дар канори дарёи Фурот.
БОБИЛИЁН – аҳли Бабилон.
БОВАРА – баландӣ, теппа.
БОЖГУНА – вожгуна, чаппа, зеру забар, сарозер, сарнагун.
БОН – номи дарахте, ки баргҳои нозуку хушбӯй дорад.
БОНАСИБ – хуштолеъ.
БООФАРИН – номӣ, машҳур.
БОРА – асп; девори ҳисор, девори шаҳр.
БОРАГӢ/БОРАГОН – асп, фарас.
БОРИКФАҲМ – борикандешӣ, дақиқназарӣ.
БОЯЗИДИ БИСТОМӢ (ваф.857) – сӯфӣ.
БУЛАҶАБ – аҷиб, ғалатӣ, тааҷҷубовар.
БУМ – сарзамин, хок, мамлакат, кишвар, диёр, ватан.
БУНГОҲ – пойгоҳ, хона, манзил, анбор, асбобу анҷом.
БУРД – либоси навъи беҳтарини матои катонӣ, бурди яманӣ.
БУРДБОРӢ – сабру таҳаммул, тоқат.
БУРЗ – боло, қаду қомат; баланд, баландӣ.
БУТИМОР – мурғи моҳихӯр.
БУХТАРУВОН – омурзида, раҳоёфта.
БУҲТАРӢ/ АЛБУҲТУРӢ (821–899) – шоири араб.
БУ – бувад, бошад.
БӮЗАР – шоири номии араб дар асрҳои миёна.
БӮЗИНА – маймун.
БӮҚАЛАМУН – хазандае, ки ранги пӯсташро дигар мекунад.
БӮҚАЛАМУНӢ – ҳаррангӣ, ноустуворӣ.
БӮСАИД – АБӮСАИДИ АБУЛХАЙР (967 – 1049) – сӯфии шоир.

## – В –

ВАҚОҲАТ – бадӣ.
ВАҚФ – мулке, ки аз тарафи касе барои масҷид, мадраса ва ғ. дода шудааст.
ВАЛАНГОР – вайрон, хароба.
ВАРД – гул, гули сурх, садбарг.
ВАРТА – партгоҳ, ҷойи хавфнок.
ВАРТОҶ – офтобпараст.
ВАРҶОВАНД – муҳтарам, соҳибэҳтиром; воломақом.
ВАСӢ – иҷрокунандаи васият; киноя аз халифатии Алӣ, ки ба ақидаи шиъиён ӯ васии пайғамбари ислом аст.
ВАТО – фарш, палос, густурданӣ.
ВАФӢ – вафодор, вафокунанда.
ВАШТӢ – хубӣ, некӣ, зебоӣ; гаронбаҳо.
ВАЪЗ – гуфтори воиз дар бораи корҳои баду нек.
ВАҲДАТ – ягонагӣ, яке будан.
ВИЖАГОН – хосон, баргузидагон.

ВИН – асбоби мусиқӣ.
ВИРД – пайваста такрор кардани сухан ё коре.
ВОЛӢ – сардор, ҳоким, фармонравои вилоят.
ВОЛОГУҲАР – олинажод, олинасаб.
ВОФИР – бисёр, фаровон.
ВОҶИБОТ – ҷамъи воҷиб, қонуну қоидаҳое, ки иҷрои онҳо ҳатмист.
ВОҲИБ – бахшанда, инъомкунанда.
ВУБОЛ – гарон, бори гарон.

## – Г –

ГАБР – оташпараст, зардуштӣ.
ГАВ/ ГЕВ – паҳлавон, далер.
ГАВҲАР/ ГУҲАР – асл, ҷавҳар.
ГАВҲАРИ ШАБЧАРОҒ – гавҳари дурахшони гаронбаҳо.
ГАЗ – дарахте, ки аз он тири камон месохтанд.
ГАЗАНД – зарар, офат, осеб, зиён.
ГАЗОФ/ ГИЗОФ – беҳуда, муфт, ҳарза, ҳазён, сафсата, дурӯғ.
ГАНДМУРДОН – мурдорӣ.
ГАР/ ГАРӢ – бемории пӯст, хориш.
ГАРДУНА – ароба.
ГАРОН – сахт, вазнин, сангин, душвор, мушкил.
ГАРОНМОЯГОН – азизон, фарзандон.
ГОҲ – вақт, замон; тахти шоҳӣ, авранг.
ГУВОР – тоза, хуштамъ, бомаза.
ГУДОЗОН – тафсон, сӯзон, сӯзонанда.
ГУМОРИДАН – вогузоштан, вогузор кардан, ҳавола кардан.
ГУРД – паҳлавон, далер.
ГУСАСТАН – кандан, пора кардан, буридан, шикастан.
ГУСТОХ – ҷуръат, ҷасорат; бебок; дилбастагӣ.
ГУШН – нарталаб; нар, нарина.
ГӮР – гӯрхар, хари ваҳшӣ.

## – Ғ –

ҒАБҒАБ – гӯшти барҷастаи зери манаҳ.
ҒАВ – фарёди баланд, наъра.
ҒАДР – фиреб, макр, ҳила, тазвир.
ҒАРИБ – нодир, аҷиб, ғалатӣ; мусофир, бекас, хору зор.
ҒАРИЗ/ҒАРАЗ – ҳадаф, мақсад, ният.
ҒАРИЗӢ – ирсӣ, табиӣ, сириштӣ, зотӣ.
ҒИЗОЛ – оҳубарра, оҳу.
ҒИНО – оҳанг, нағма, суруд.
ҒИРЕВ – бонг, фарёд, хурӯш.
ҒОЛИЯБӮЙ – мушкбӯй, хушбӯй, анбарбӯй.
ҒОЛИЯТӮЗ – мушкбӯй, хушбӯй.
ҒОМИЗ – торик, нофаҳмо.
ҒОЯТ – ниҳоят, ҳад, андоза, бисёр, хеле.
ҒУНД – дастаи низомӣ, гурӯҳи низомӣ.
ҒУНҶ/ ҒАНҶ – гирдшуда, ба ҳам омада, лунда.
ҒУСЛ – шустушӯй.
ҒУРФА – болохона, дарича.

## – Д –

ДАБИР – муншӣ, мирзо, котиб; наққош, сураткаш; омӯзгор.
ДАВОЛ/ ДУВОЛ – нақора, тасмаи чармин.
ДАҒО – марди дағал ва айбдор, фиребгар, найрангбоз, ҳилагар.

ДАД – ваҳшӣ, ҳайвони дарранда.
ДАЙ – сармо, зимистон; моҳи даҳуми соли шамсӣ, ки ба 23 декабр – 21 январ рост меояд.
ДАҚОИҚ – ҷамъи дақиқ, нозукбаёнӣ, нозукадоӣ.
ДАЛВ – халта.
ДАЛЛОК – сартарош.
ДАНОАТ/ ДИНОАТ – пастӣ, нокасӣ, сифлагӣ, пастфитратӣ.
ДАРЮЗА – гадоӣ, соилӣ, садақаталабӣ.
ДАСТГОҲ – қудрат ва имкон.
ДАСТОН – фиреб, макр, найранг, тазвир, ҳила.
ДАСТУР – вазир; иҷозат; фармон.
ДАСТУРӢ – рухсат, иҷозат.
ДАФИН/ ДАФИНА – кон, ганҷе, ки дар зери замин пинҳон карда шудааст.
ДАХМА – гӯрхона, сағона, мақбара.
ДАҲО – зиракӣ, камоли фикр ва фаросат, ботадбирӣ.
ДАҲР – дунё, ҷаҳон, олам, замона.
ДАШНА – ханҷар.
ДЕБО – порчаи нафиси абрешимии гаронбаҳо.
ДЕВОН – идораи дарбори подшоҳӣ, вазоратхона; маҷлис, ҷамъомад; маҷмӯаи шеър.
ДЕҲҚОН – заминдор; кишоварз, зореъ.
ДИЖ – ҳисор, қалъа.
ДИЖАМ – андуҳгин, ғамгин.
ДИНДОНИШӢ – диншиносӣ.
ДИНОГОҲ – касе, ки аз дину оинҳо огоҳии тамом дорад, диншинос.
ДИРАНГ – таваққуф, таъхир.
ДИРАФШ – парчам, ливо, алам, байрақ.
ДИРОСАТ – таълим, илмомӯзӣ, сабақомӯзӣ, доноӣ.
ДИРҲАМ/ ДИРАМ – пули нуқра.
ДОВАР – додрас, ҳокими одил, соҳиби адлу дод, ҳакам.
ДОД – адолат.
ДОДОР – Яздон.
ДОМ – ҳайвони хонагӣ, ромшуда.
ДОР – қаср, сарой, хона, манзил.
ДОСТОН – саргузашт, қисса, ривоят, ҳикоят, афсона.
ДОҲИЯ – бадбахтӣ, мусибат, сахтӣ.
ДОЪӢ – даъваткунанда ба дину оин.
ДУДМОН – хонадон, хонавода; хешу табор; оила, қабила.
ДУЖБОВАРОН – бадборон.
ДУЖДИН – баддин.
ДУЖХИРАДОН – бадхирадон.
ДУН – паст, нокас, фурӯмоя, сифла, разил.
ДУРВАНД – пайрави Дурӯҷ, гумроҳ, нопок, дурӯғпараст, девпараст.
ДУРӮҶ – дурӯғ.
ДУРРОҶ – парандае аз ҷинси кабк, мурғи ҳилол.
ДУРУСТГАВҲАР – солим, саломат.
ДУХТАНДАР – духтархонда.
ДУҲУЛ – нақора, табл.
ДӮШИЗА – зани ҷавон.

## – Ж –

ЖАЁН/ ЖИЁН – хашмгин, дарранда, ваҳшӣ.
ЖАНДАПИЛ – фили бузург ва боҳайбат; паҳлавон, далер.
ЖАРФ – амиқ, чуқур, тангно, бепоён.
ЖОЖХОӢ – беҳудагӯӣ.

## – З –

ЗАБУН – хор, бечора.
ЗАВОЛ – фурӯпошӣ, охир, поён, интиҳо.
ЗАКО – фаросат, зиракӣ, тезҳуш.
ЗАКОТ – маблағе, ки аз рӯйи шариат аз даромад ва дорой ба нафъи бенавоён дода мешавад.
ЗАЛЛА –пасмондаи хӯрок, сарқут; ҳашараи малахмонанд.
ЗАНАБ – дум.
ЗАНАХ – манаҳ, чона, зери манаҳ, зери чона.
ЗАРБ – лаҳн.
ЗАРБӢ – навъи овоз ва оҳанге, ки вазни мураттаб дорад.
ЗАРГУН – зард, тиллоранг.
ЗАРҚ – дурӯягӣ, макр, фиреб, риё, ҳила.
ЗАФОН/ ЗУФОН – забон, сухан.
ЗАЪФИ ТАЪЛИФ – нақс дар баён ва навишт.
ЗИЛУ – гилем, ҷойи намоз.
ЗИНДИҚА/ ЗАНДАҚА – пайравони мазҳаби Занд; бединӣ, бехудой.
ЗИНҲОР ХОСТАН – амон, паноҳ ҷустан.
ЗИРЕҲ – либоси оҳанини ҷангӣ.
ЗИҲ – зиҳи камон, ресмони камон.
ЗӢ – сӯй, тараф, барои, ҷониб.
ЗОВИЯ – кунҷ, гӯша, хонақоҳ, канор.
ЗОД – тӯша, хӯроки роҳ.
ЗОИЛ – залил, паст.
ЗОЛ – пир, фартут, солхӯрда, мӯйсафед; номи падари Рустам.
ЗУЛФАЙН – ду зулф, зулфон.
ЗУННОР – риштае, ки ғайримусулмонон маҷбур буданд онро ба миён бандaнд.
ЗУРВОН/ ЗАРВОН – номи худоест, ки бо сифатҳои “бекарон” ва “дирангхудой” ёд мешавад.
ЗУЪАФО – ҷамъи заиф, заифон, нотавонон, оҷизон, камқувватон.
ЗУҲАЛ – номи дигари сайёраи Кайвон, ки наҳс ҳисоб мешуд.
ЗУҲУР – пайдоиш, падидойӣ.
ЗУҲД – парҳезгорӣ, порсоӣ, тарки дунё кардан.
ЗУҲДИЁТ – шеърҳои зоҳидона.

## – И –

ИБРИҚ – зарфи майнӯшӣ.
ИЗЗ – иззат, эҳтиром, шараф, азиз, арҷманд шудан.
ИЗЗАТ – бузургӣ, арҷмандӣ.
ИКЛИЛ – тоҷ; манзили ҳабдаҳуми Қамар (Моҳ) ва он се ситора аст ба шакли мусаллас (сегона) ба сурати тоҷ.
ИКРОМ – иззат ва эҳтиром намудан.
ИҚТИДОР – қудрат ва тавоноӣ.
ИҚОЪ – ритм.
ИЛОҲИЁТ – илмҳои худошиносӣ.
ИЛТИЗОМ – навъе аз санъатҳои бадеӣ.
ИЛТИФОТ – навъе аз санъатҳои бадеӣ.
ИЛЛО – бидуни, ғайр аз, ба ҷуз.
ИЛТИҶО – паноҳ бурдан, паноҳ хостан.
ИЛҲОН – нағмасароӣ, хушхонӣ.
ИНОН – лаҷом, ҷилав, афсор.
ИНОЯТ – мададгорӣ, дастгирӣ, ёрӣ.
ИНСИҶОМ – якпорчагӣ, ҳамоҳангӣ.
ИНТИСОБ – нисбат,алоқа, хешӣ; насб кардан, барқарор шудан.
ИНТИФОЪ – нафъ, суд, фоида, ҳосил.

ИНЪОМ – бахшиш.
ИРАМ – боғи биҳишт, боғ.
ИРФОН – илми шинохти Худо; сӯфигарӣ, тасаввуф.
ИСКАНДАР – шоҳи машҳури Мақдуния, ки солҳои 336 – 323 пеш аз мелод ҳукумат кардааст.
ИСМАТ – покдоманӣ, иффат; бегуноҳӣ.
ИСТ – диранг, вақфа.
ИСТЕҲКОМ – устуворӣ, маҳкамӣ.
ИСТИҒНО – бениёзӣ, бодавлатӣ, дороӣ; марҳалаи чаҳоруми ваҳдати вуҷуд.
ИСТИНТОҚ – гап занондан, бозпурсӣ.
ИСТИОНАТ – такя, ионат хостан, ёрӣ пурсидан.
ИСТОМ/СИТОМ – зину лаҷоми асп.
ИСТИНОС – унс гирифтан.
ИСТИХФОФ – беқадр, камқадр донистан.
ИТТИЛОЪ – огоҳӣ, хабар, маълумот.
ИТОБ – сарзаниш, маломат, таъна.
ИХВОН – бародарон, дӯстон, ёрон.
ИҲОНАТ – хор кардан, паст задан, ҳақир доштан.
ИШҚ – меҳр, муҳаббат, дӯстдорӣ, марҳалаи дувуми ваҳдати вуҷуд.

## – К –

КАБАСТ – рустании кадумонанди талх, ҳанзал.
КАБР – либоси ҷангӣ, хафтон.
КАВКАБ – ситора, сайёра.
КАЙВОН – сайёраи Зуҳал, ситораи наҳс.
КАЙКОВУС – номи шоҳ ва фармонравои номвари Эрон аз хонадони Каёниён.
КАЙЛО – сиреш, ширеш.
КАЙФАР – ҷазо, мукофоти амали бад, сазо, подош.
КАЙФИЯТ – чигунагӣ, сифат, ҳолат, аҳвол, моҳият.
КАЛИСО – ибодатхонаи исавиён.
КАЛОМ – сухан, гуфтор.
КАМАНД – таноб, ресмон.
КАМБУДАГОН – фурӯмоягон.
КАННОР – асбоби мусиқӣ.
КАННОСӢ – хокрӯбӣ, ҷорӯбкашӣ.
КАРДИНАЛ – раҳбари рӯҳониёни католикӣ.
КАРИМОН – бузургон.
КАРКӮЙ – номи яке аз оташкадаҳои машҳури замони бостон.
КАРОН – дур.
КАРПО/ КУРПО – номи гиёҳи давоӣ.
КАРХӢ – Маъруфии Кархӣ, сӯфӣ.
КАСРАТ – бисёрӣ, зиёдӣ, чандӣ.
КАШФ – ихтироъ, эҷод.
КАФФОРА – фидя, товони гуноҳ,ҷуброн.
КАЙХУСРАВ – шоҳи севуми Эрон аз хонадони Каёниён.
КАШОНӢ – аҳли кишвари Кашон.
КЕШ – дин, мазҳаб, тариқ, оин.
КЕҲ – хурд, майда.
КИНАТӮЗӢ – кинаварӣ, кинаҷӯйӣ.
КИРДГОР – Худованд.
КИФОЯТ – бас кардан.
КОЛБУД – ҷасад, қолаб.
КОНО – нодон, гӯл, аҳмақ.
КОРАНҶОМ – коргар, коранҷомдиҳанда.
КОРАФЗОӢ – фармонравоӣ, соҳибӣ.
КОРГАР – муассир, таъсирбахш.
КОРОМАД – даркорӣ, бакороянда.
КОФУР – моддаи хушбӯй, камфара.
КОҲИЛӢ – сустӣ, танбалӣ.

КУДУРАТ – дилтангӣ, хафагӣ; ғам, андуҳ, парешонхотирӣ.
КУНДОВАРОН – доноён, ҳакимон, донишмандон.
КУНҲ – поён, ниҳоят; таг, умқ.
КУФ – бум, чуғд.
КУФР – бединӣ, бемазҳабӣ; ношукрӣ, носипосӣ, кӯрнамакӣ.
КУШТӢ – камарбанди зардуштиён, зуннор.
КӮПОЛПИЛ – пили тавоно.
КӮС – нақораи калон, табл, дуҳул.
КӮҲА – хонаи зини асп.

## – Қ –

ҚАБЕҲ/ ҚУБҲ – зишт, нозебо, бад, ганда, нописанд.
ҚАБО – либос, пероҳан.
ҚАВС – номи бурчи нуҷуми фалак.
ҚАЗО – насиб, сарнавишт.
ҚАЗОИ ЯЗДОН – ҳукми илоҳӣ, хости Худо.
ҚАЙИМ – нигоҳбон.
ҚАЙСАР – лақаби подшоҳони Рум ва Юнони қадим.
ҚАЛАНДАРИЁТ – шеърҳои қаландарӣ.
ҚАЛБ – маркази сипоҳ, маркази лашкар; дил.
ҚАЛЛОШ – айёш, майпараст, беному нанг, беору номус, ҳилагар.
ҚАЛЯ – қайла, номи хӯрок.
ҚАСАБ/ ҚАСИБ – либос, матои нафис.
ҚАТРОН – ширеш, шилм; моддаи равғании сиёҳ.
ҚАТТОЛ – хунхор.
ҚИБАЛ – тараф, сӯй, ҷониб.
ҚИЛЛАТ – камӣ.
ҚИЛУҚОЛ – гуфтугӯ, мубоҳиса.
ҚОРУН – пулдори хасисе, ки ба замин фурӯ рафтааст; давлатманд.
ҚОФ – номи кӯҳ.
ҚУЛИНҶ – бемории меъда ё рӯда.
ҚУРБ – қаробат, наздикӣ.
ҚУРОЗА – резаҳои оҳан, тилло ва ғ.
ҚУРС – гирдаи нон ё чизҳои доирашакл.

## – Л –

ЛАВН – ранг, гуна.
ЛАВОЗИМОТ – ҷамъи лозима, лозимаҳо, чизҳои даркорӣ.
ЛАВҲА – тахта.
ЛАИМ – паст, ноодам, нокас, ноҷинс, фурӯмоя, сифла.
ЛАМС – қувваи ломиса, ҳисси дарк бо судани даст.
ЛАНГАР – қароргоҳи сӯфиён.
ЛАТОИФ – ҷамъи латиф, нозукиҳо, зарифиҳо, борикиҳо.
ЛАЪБ – бозӣ, тараб, хушӣ, айшу ишрат.
ЛАҲВ – бозӣ, айшу ишрат.
ЛИВО – парчам, алам, байрақ.
ЛОБА – зорӣ, тавалло.
ЛОБАЛ – балки.
ЛОЙХӮР – дурдиошом, дурдихӯр.
ЛО НАБИЯ БАЪДӢ – гуфтаи пайғамбар аст ба маънии “баъди ман пайғамбар нест”.
ЛОУБОЛ – бепарво, бебок, нотарс, бетакаллуф.
ЛУҚМОН / ЛУҚМОНИ ҲАКИМ – донишманде, ки дар рӯзгори Довуд зистааст.
ЛУНГӢ – порчаи махсус, ки онро дар ҳаммом банданд.

## – М –

МАБДАЪ – асос, замина, асл, оғоз, ибтидо.
МАВАДДАТ – дӯстӣ, муҳаббат.
МАВЛО – навкар, чокар, фармонбардор; сарвар, соҳиб, молик.
МАВОД – ҷамъи модда, чизҳо.
МАВҶУДОТ – ҳар чизе, ки вуҷуд дорад.
МАВЪИЗА/МАВЪИЗАТ – панд.
МАҒОК – пастӣ, чуқурӣ, чоҳ, хандақ.
МАҒРИБ – номи умумии мамлакатҳои Африқои Шимолӣ (Лубнон, Тунис, Марокаш, Алҷазоир).
МАДОР – маркази гардиш, меҳвар, асос, бунёд.
МАДҲУШ – беҳуш, маст, беҳол, бехуд, моту маҳбут, парешон.
МАЗАЛЛАТ – хорӣ, залилӣ.
МАЗАРРАТ – зарар, зиён, осеб.
МАЗДОЯСНА – Аҳурамаздо.
МАЗЛИМА – зулму ситам, беадолатӣ.
МАЗЛУМ – зулмдида, ситамкаш, ҷафокашида.
МАЗҲАР – зуҳургоҳ, ҷойи намоёншавӣ.
МАЙМАНА – ҷиноҳи рости сипоҳ.
МАЙСАРА – ҷиноҳи чапи сипоҳ.
МАКНУН – нуҳуфта, пинҳон.
МАҚАР – ҷойгоҳ, қароргоҳ, нишемангоҳ.
МАҚДУР – тавоноӣ, қудрат, имкон, имконпазир.
МАҚСУД – қасд, ният, талаб, орзу, мурод.
МАҚТАЪ – анҷом; байти охири ғазал ва қасида.
МАЛЕҲ – зебо, хуш, дилкаш, намакин.
МАЛИКУЛАРШ – соҳиби замин, киноя аз Худо.
МАЛЪУН – лаънатӣ, рондашуда.
МАМДӮҲ – касе, ки мадҳ мешавад.
МАН – воҳиди вазн, ки баробар ба 180 мисқол ё 846 г. аст.
МАНЗАР – назоратгоҳ, дидбонгоҳ, мадди назар.
МАНЗИЛАТ – қадр, поя, эътибор, мақом, мартаба, дараҷа.
МАНИШ – андеша, фикр.
МАНОҚИБ – ҷамъи манқабат, васфи хубиҳо ва фазилатҳо.
МАНСУХ – барҳамхӯрда, бекоршуда.
МАНТИҚУТТАЙР – забони мурғон, гуфтугӯ, суҳбат.
МАНШУР – санад, фармон; интишорёфта, нашршуда.
МАР – ҳиссачае, ки пеш аз калима бо пасванди “ро” меояд.
МАРҒ – алаф, марғзор, чаманзор.
МАРМУЗ – борамз, рамзомез, пӯшида.
МАРҶАЪ – ҷойи руҷӯъ, паноҳгоҳ, каси боэътимод.
МАРЯМ – модари пайғамбар Исо.
МАСЛАХ – ҷойи либоскашӣ.
МАСМӮЪ – шунидашуда, ба гӯш расида.
МАСОФ – саф бастан, омода шудан ба ҷанг.
МАСТУРӢ – покдоманӣ, бопардагӣ, пӯшидагӣ.
МАТАР – борон.
МАТЛАБ – мурод, мақсад.
МАТЛАЪ – оғоз; байти нахусти ғазал ва қасида.
МАТОНАТ – матинӣ, эътибор.
МАУНАТ – ёрӣ, мадад; озуқа, таъминот.
МАФКУРА – андеша, фикр.
МАФХАР – ифтихор, боиси ифтихор, фахр.
МАХЗАН – хазина, ганҷур.

МАХЛУҚОТ – ҳар чизе, ки халқ шудааст, офарида шудааст.
МАХМУР – хуморӣ, хуморолуда, маст.
МАҲД – качова, ҳавдач.
МАҲДӢ – вориси охирини Пайғамбар Муҳаммад; ҳодии (раҳнамои) роҳи Аллоҳ.
МАҲРУМОН – бебаҳрагон, бенасибон.
МАҲҶУР – ҷудомонда, дурафтода, дар ҳаҷр буда.
МАҲҶУРӢ – ҳиҷрон, дурӣ, ҷудоӣ.
МАҶМАЪ – ҷамъомад, нишаст, маҷлис, маҳфил.
МАҶОЛ – тавоноӣ, қудрат, имкон.
МАШЪАЛА – латтапораҳои нафтолуди нӯги чӯб, ки дар шаб дармегиронанд.
МАЪДУМ – нест шудан, гум шудан.
МАЪЗУН – дараҷаи дувум дар силсиламаротиби мазҳаби исмоилия.
МАЪЛУФ – алафзор, обхур; унс гирифта, маънус, улфат.
МАЪМАН – макон.
МАЪРИФАТ – марҳалаи севуми ваҳдати вуҷуд.
МАЪСУМ – пок, бегуноҳ.
МЕНУ – олами улвӣ (боло), осмон, рӯҳ, равон; биҳишт, фирдавс.
МЕҲ – бузург.
МЕҲМОНХУДОЙӢ – соҳиби меҳмон будан.
МЕҲНАТ –заҳмат, ранҷ.
МЕҲНАТКАШ – заҳматкаш.
МЕҲТАРӢ – бузургӣ, шоҳӣ.
МЕҲТАРОН – бузургон.
МЕЪОД/МИЪОД – ваъдагоҳ.
МИДҲАТ – мадҳ, васф, ситоиш.
МИЗОН – бурҷи ҳафтуми фалак.
МИЗОҶ – табиат, сиришт, хулқ, ниҳод.
МИЛ – сими оҳанини тафсон барои нобино кардани чашм.
МИҒФАР – кулоҳи оҳанини ҷангӣ, хӯд.
МИҚДОР – қадр, арзиш.
МИҚНАА – чодари занон, сарандоз.
МИҶМАР/ МАҶМАР – оташдон, манқал, зарфест, ки дар он ангишт мешукуфонанд.
МИТРАФ – чодари мунаққаш.
МОВАРО – он тараф, он сӯ.
МОДАНДАР/МОДАРАНДАР – модархонда.
МОМ – модар.
МОНАВӢ – пайравони Монӣ.
МОНӢ – наққоши моҳир ва чирадасти даврони Шопури Аввал.
МОСТ –ҷурғот.
МОЧИН – ғайри Чин, мамлакатҳои ҳамсояи Чин.
МУАЗЗАМ – бузург.
МУАККАД – таъкидшуда.
МУАҚРАБ – каж.
МУАНБАР – хушбӯй, анбарин, муаттар.
МУАРБИДӢ – ҷангҷӯӣ.
МУАССИР – таъсиркунанда.
МУБАРРО – пок.
МУБОШАРАТ – коргузорӣ кардан; муоширати зану мард, заношӯйӣ.
МУБТАЛО – гирифтор, муътод.
МУБТИЛ – ноҳақ, нодон.
МУБҲАМ – норавшан, номаълум.
МУВАККАЛ – ваколатгирифта, гумошта.
МУҒ – пайрави дини зардуштӣ.
МУҒОНА – мансуб ба муғ.
МУДДАӢ – даъвогар, додхоҳ,адолатталаб.
МУДАББИР – соҳибтадбир, тадбиркунанда, ботадбир, чораҷӯ, сардор.
МУДБИР – бетолеъ, давлатбаргашта.

МУДОРО – муомилаи нек, лутф, илтифот.
МУЗДУР – мардикор, коргари кироя.
МУЗМАР – пӯшида, пинҳон, махфӣ.
МУЗОАФ – дучанд, ду баробар.
МУЗТАР – ноилоҷ, ночор, дармонда.
МУКТАСАБ – касбшуда, омӯхташуда.
МУҚАДДАМОТ – ҷамъи муқаддима, дебоча; пешраванда.
МУҚАДДИМАИ ҚИЁСӢ – муҳокимаронихои мантиқӣ.
МУҚАФФО – боқофия, қофиядор.
МУҚБИЛ – хушиқбол, хушбахт.
МУЛАВВАН – рангин, гуногунранг.
МУЛҲИД – бедин, беимон.
МУЛУК – ҷамъи малик, маликон, подшоҳон.
МУМАЙЙИЗ – фарқкунандаи неку бад.
МУМТАҲАН – имтиҳоншуда, озмуда ва санҷидашуда.
МУНКАР – инкоршуда, бад, зишт, қабеҳ, ношоиста, номуборак.
МУНҚАТЕЪ – бурида, кандашуда, қатъшуда.
МУНОФИҚ – дурӯ; кофир, бедин.
МУНСИФОН – боинсофон, бовиҷдонон, одилон.
МУОШИРАТ – бо ҳам зистан, муносибат бо ҳамдигар.
МУРДОДМОҲ – моҳи панҷуми соли шамсӣ, ки бо 25 июл – 22 август рост меояд.
МУРАККАБОТ – ҷамъи мураккаб, мураккабиҳо, мушкилот.
МУРАССАЪ – ороста.
МУРАТТАБ – ботартиб, мунтазам.
МУРООТ – риоя кардан.
МУРУВВАТ – эҳсон, лутф, инсоф, раҳм, марҳамат.

МУСАЛЛАМ – таслимшуда,тандода, тобеъшуда.
МУСАРРАҲ – равшан, маълум.
МУСАХХАР – тасхир, таслим.
МУСАҶҶАЛ – муҳру имзо шуда, васиқа шуда.
МУСОВО – баробар.
МУСОИД – муносиб.
МУСТАВҶИБ – сазовор.
МУСТАҒРАҚ – ғарқшуда, фурӯрафта.
МУСТАМАНД – муҳтоҷ, зор.
МУСТАОР – ориятӣ, амонатӣ, муваққатӣ.
МУСТАҶИБ – дараҷаи аввал дар силсиламаротиби мазҳаби исмоилия.
МУСТАҶОБ – иҷобатшуда, қабулшуда.
МУСТАҲАҚ/МУСТАҲИҚ – ҳақдор, лоиқ, сазовор, шоиста.
МУСҲАФ – Қуръон.
МУТААССИБ – ботаассуб, боғараз.
МУТАВОЗЕЪ – фурӯтан, хоксор.
МУТАҚАРРИБ – наздикшаванда, ба ҳам наздик.
МУТАСАРРИФ –соҳиб, молик, дар тасарруф доранда.
МУТТАФИҚ – ҳамраъй, якдилу якзабон.
МУЪТАМАД – боэътимод, соҳибэътимод.
МУҲАРРАМ – моҳи аввали ҳиҷрии қамарӣ, ки дар он ҷанг кардан мамнӯъ буд.
МУҲИТ – уқёнус.
МУҲИМ – мушкиле, масъалае, коре.
МУҲОЛОТ – ҷамъи муҳол, иҷроношуданиҳо.
МУҶАЛЛАД – китоби ҷилдшуда, ҷилд.

МУҶАРРАД – ғайримоддӣ, ғайриаёнӣ.
МУҶИБ – сабаб, боис; ҷавобдиҳанда, ҷавобгӯянда.
МУШАҲҲАР – машҳур.
МУШТАРӢ – номи сайёра, ки онро Бирҷис, Ҳурмуз ва Юпитер низ меноманд; харидор, мизоҷ.
МУШФИҚ – дилсӯз, меҳрубон, шафқаткунанда.
МУҲТАВО – мазмун, мундариҷа.
МУБАД – донишманди оташпараст, раҳбари маънавӣ.
МУБАДОНМУБАД – сарруҳонии зардуштиён.
МУНИС – ҳамдам, ҳамсуҳбат, дӯсти наздик.
МУҶАЗ – мухтасар.

## – Н –

НАБАРДА – паҳлавон, далер, ҷанговар.
НАБАҲРА – носара, қалб; паст, ночиз.
НАБИД –шароби хурмоӣ.
НАБОТОТ – рустаниҳо.
НАВАРД – писандида, сазовор, лоиқ, муносиб.
НАВАРДИДАН – печидан, гузаштан, тай кардан, қат кардан, гардидан.
НАВҲА – гиря, зорӣ, фиғон.
НАҒИЛ – оғил, кодок.
НАДАБ – зариф, наҷиб; усул ва матлабе дар бозии нард; ҷой ва асари захм.
НАЖАНД – андуҳгин, ғамгин, боҳасрат.
НАЙСОН – моҳи ҳафтуми тақвими сурёнӣ, ки ба моҳи апрел баробар меояд.
НАМОЗ БУРДАН – таъзим кардан.
НАРСӢ – номи вазир.
НАСК – бахшҳои Авесто.
НАФС – ҷон, рӯҳ, табиати инсон; зот, асл, вуҷуд; шахс, худ.
НАФУР – касе, ки аз чизе ё касе танаффур дорад.
НАХИЛОТ – ҷамъи нахл, хурмозор.
НАХЛИСТОН – хурмозор.
НАҲВА – чигунагӣ; равиш, шева.
НАҲЗАТ – ҳаракат, ҷунбиш.
НАҲИФОЗӢ – бепарвоӣ.
НАҲС – бадбахтӣ, бадтолеӣ, шум, бехосият.
НАЪТИ ЗАМИН – ситоиши замин.
НЕВ – паҳлавон, далер, диловар.
НЕКБАҲРА – бахосият.
НЕКФАРМОН – одил.
НИГОРИСТОН – ҷое, ки нақшу нигор дорад; суратхона.
НИЗОР – зор, суст, заиф, хароб.
НИЁИШ – ҳамду сано, зикр, дуои хайр.
НИЛ – номи гиёҳе, ки аз он ранги нилӣ мегиранд.
НИСБА – номи марбут ба макон.
НИЪМОТ – ҷамъи неъмат, неъматҳо, хӯрданиҳо.
НИҲЕБ – тарс, бим.
НИШОТ – хурсандӣ, хуррамӣ.
НИШОТИ КАЙҚУБОДӢ – шодии шоҳона.
НОБИҒА – гений, абармард, одами фавқулодаи баландистеъдод.
НОВАК – тир.
НОДИР – гоҳе, ногаҳон, ноёб, камёб.
НОЗИР – назоратгар.
НОҚУС – зангӯлаи калисо.
НОЛ – най, нола.
НОСИГОЛИДА – нодон, сода, бетаҷриба.
НОСИПАРДАҶАҲОН – бетаҷриба.
НОФИЗ – ҷорӣ.

НОҲИНҶОРӢ – номувофиқатӣ.
НУДРАТ – тасодуф, гоҳ–гоҳ.
НУСРАТ – пирӯзӣ.
НУТФА – ҷанин.
НУҶУМ – ситорашиносӣ.
НУЪМОН/ НУЪМОН БИННИ МУНЗУР – ҳокими Ҳайра дар даврони ҷоҳилият ва муосири подшоҳони сосонӣ.
НӮШ – асал, ширин.
НӮҲ – пайғамбаре, ки насабаш ба Одам мерасад.

## – О –

ОБГИНА – шишаи май.
ОБИДА – пайкара, муҷассама, ёдгорӣ.
ОБИШХӮР – обхӯра, ҷойи обгирӣ.
ОБОДОН – солим.
ОБОН – рӯзи даҳуми моҳ ва моҳи ҳаштуми сол.
ОВАНГ – ресмоне, ки ба он ангур овезанд.
ОВАРДГОҲ – майдони ҷанг.
ОВО – овоз, садо.
ОГАНДА – пур, фарбеҳ; гирдоварда, ҷамъкарда, ғункарда.
ОЗ – ҳирс, тамаъ; ранҷ.
ОЗАРМ – одамият, қадр, мазилат; шарм, ҳаё.
ОЗИН – ороиш, зинат.
ОЗОДАГОН – ориёиён, тоҷикон.
ОЗОДМАРДОН – некмардон, ҷавонмардон.
ОИН – дин, расм.
ОЛ – авлод, хонадон.
ОМ – умумӣ, оммавӣ.
ОС – бунёд, поя, асос.
ОСТӢ – остин.
ОФОҚ – ҷамъи уфуқ, дунё, олам.
ОХТАН – берун кардан, баровардан.
ОҲУН – таххона, оғили дари хона, чоҳ, нақб, роҳи зеризаминӣ.
ОҶ – сафед.

## – П –

ПАДРУД – хайрбод, хайрхуш, видоъ.
ПАЙҒАВӢ – яке аз навъҳои хати ҳиндӣ.
ПАЙК – мужда, навид; қосид, хабаррасон, паёмбар.
ПАЙКОР – ҷанг, хусумат, мубориза.
ПАЛИД – нопок.
ПАРАНД – ҳарир, шоҳӣ, матои абрешимии нафис.
ПАРВЕЗАН – элак, ордбез.
ПАРИ КАРГАС МАРО – озод шудан, раҳоӣ ёфтан.
ПАРНИЁН – матои нафис, ҳарир.
ПАРХОШ – ҷанг, ситеза.
ПАЮ ПАХШ – нишон, асар, нақши пой.
ПЕШКОР – хидматгор, пешхидмат.
ПИЛГӮШ – номи гул, савсан.
ПИНДОР – андеша, маниш.
ПИРОЯ – ороиш.
ПИРӮЗА – фирӯза.
ПИРӮЗГАР – ғолиб.
ПИСАНДАР – писархонда.
ПИСТУ/ ПИСТ – талқон, орд.
ПОДЁБ – яке аз фарзҳои дини зардуштӣ.
ПОДОШ – мукофот.
ПОЗАҲР – давои зидди заҳр.
ПОЙБАРҶОЙ – боадаб.
ПОКАВРАТ – покдоман.
ПОЛУДА – ҳалвое, ки аз орд, қанд, асал, нишоиста ва ғ. мепазанд.
ПОЛҲАНГ – тасма ё ресмони лаҷом, ҷилав.
ПУР – писар.
ПОР – порсол, соли гузашта.

ПОРСОЁН – тақводорон.
ПУР – писар.
ПӮШИШ – кафан.

**– Р –**

РАББӢ – ай Худои ман.
РАБЕЪУЛАВВАЛ – моҳи аввали баҳор.
РАВОҚ – пешайвон, гунбаз, меҳроб.
РАВОН – ҷон.
РАДОН – сарварони рӯҳонӣ, доноён, хирадмандон.
РАЗБУН – токи ангур.
РАИЯТ – табаа, омма, мардум.
РАЙҲОН – гул.
РАМАЗОН – моҳи нуҳуми соли қамарии ҳиҷрӣ.
РАНҶА – муҳтоҷ, эҳтиёҷманд.
РАСТГОРӢ – озодӣ.
РАСУЛ – фиристода, пайғамбар.
РАФЪАТ – меҳрубонӣ, дилсӯзӣ, раҳмдилӣ, ғамхорӣ.
РАҶАБ – моҳи ҳафтуми соли қамарии ҳиҷрӣ.
РИБО – судхӯрӣ, суд, фоида.
РИДО – болопӯш, або, ҷома.
РИЗВОН – биҳишт.
РИЁ/ РӮЮ РИЁ – дурӯягӣ, мунофиқӣ.
РИЁЗ – гулистон.
РИЁЗИЁТ – илми ҳисоб.
РИКОБ – узангу.
РИНД – зирак, ҳушёр, озодфикр, бебок, бепарво нисбат ба шариат, ишратпараст.
РИҶО – палидӣ, касофат, мурдорӣ, қабоҳат.
РИШХАНД – масхара, истеҳзо, мазоҳ.
РОВӢ – ривояткунанда.
РОҒ – чаман.
РОД – сахӣ, ҷавонмард.
РОЙ – раъй, андеша, фикр, ақида.
РОЙИ ҲИНД – подшоҳи Ҳинд, роҷа.
РОМИШ – нағма, суруд.
РОМИШБАХШ – лаззатбахш.
РОЙГОН – муфт, бемузд.
РОҲИБ – рӯҳонии насронӣ, ки тарки дунё карда, дар дайр машғули ибодат мешавад.
РУБЪ – чоряк.
РУБЪИ МАСКУН – чоряки аҳолинишини рӯйи замин.
РУҚЪА – нома.
РУМ – номи қадими империяи Рим.
РУМУЗ – ҷамъи рамз, рамзҳо.
РУМҲ – найза, синон.
РУСПИЗОДА – ҳаромӣ.
РУТАБ – хурмои тар; ризқурӯзӣ.
РӮЗӢ – насиба, ризқ.
РӮЙ – рӯҳ, маъдани сафедранги моил ба кабудӣ.

**– С –**

САБҚАТ – мусобиқа, бозӣ.
САБУРӢ – сабр кардан.
САВДО – беморИи рӯҳӣ, савдоӣ.
САВО – баробар.
САВОД – деҳкадаҳои атрофи шаҳр.
САВТИЁТ – овонависӣ.
САГБАНД – чокар, банда, ғулом.
САГЗӢ – аҳли Сиистони қадим; лақаби Рустами Достон.
САДР – пешгоҳ, аввал, оғоз, пешво, садр, раис, сардор.
САҚЛОБШОҲ – шоҳи славянҳо.
САҚҚОЁН – машкобон, обкашонон, обфурӯшон.
САЛАМ – байъона.
САЛАФ – гузаштагон.

САЛЛА – дастор, аммома.
САЛМОН / САЛМОНИ ФОРСӢ (РӮЗБЕҲ) – аз саҳобаҳои Пайғамбар.
САМАР – машҳур; афсона.
САМОЪ – нағма, суруд; базми сӯфиёну дарвешон.
САМУМ – боди гарм, гармсери сӯзон.
САНДОН/ СИНДОН – асбоби оҳангарӣ, мисгарӣ ва заргарӣ.
САРАТОН – номи бурҷи чаҳоруми фалак.
САРЕҲ – равшан, возеҳ, ошкор.
САРИР – тахт.
САРФУ НАҲВ – морфология ва синтаксис.
САФЕҲӢ – аблаҳӣ, нодонӣ, кӯтоҳақлӣ.
САФИНА– киштӣ; дафтари шеър.
САФО – покӣ, тозагӣ, равшанӣ.
САФРО – зардӣ, зардаҷӯш, талха, яраҷон, бемории гурда.
САҲБОН – шоири номии араби асрҳои миёна.
САҲҲОФӢ – ҷилдсозӣ, муқовабандӣ.
САҶЪ – навъе аз санъатҳои бадеӣ, истифодаи калимаву таркибҳои ҳамвазну ҳамқофия маъмулан дар наср ва баъзан дар шеър.
СИЛА – ҳаққи қалам, музд.
СИЛЕҲ – силоҳ, аслиҳа.
СИЛӢ – торсакӣ, шаппотӣ.
СИМ – нуқра.
СИМУРҒ – номи парандаи асотирӣ.
СИПАНҶ – амонат, муваққат, орият, ҷойи муваққатӣ.
СИПАҲБАД/ СИПАҲБУД – сардор, сарлашкар, фармондеҳ, раис.
СИПЕҲР – фалак, осмон, чархи фалак.
СИПОС – шукр, ҳамду сано, миннат.
СИРАТ – одат, хислат, табиат, рафтор.
СИРЕШИМ – моддаи часпанда, ширеш.
СИРҚА – дуздӣ.
СИТАБР – ғафс, сахт, маҳкам.
СИТАМ – зӯрӣ, ҷавр.
СИТЕҲ – ситеза, ҷанг, хусумат, адоват, душманӣ.
СИФАНДОРМУЗ – номи рӯзи панҷуми моҳ.
СИЯР – ҷамъи сира, зиндагиномаи Пайғамбар.
СОБӢ – пайрави Собӣ.
СОВ – андоз, хироҷ, молиёт.
СОЗ – асбоби сафар, рахт.
СОЛОР – сардор, сарлашкар, фармондеҳ, раис.
СОЛОРӢ – сардорӣ, сарварӣ, пешвоӣ.
СОМ – номи бобои Рустам.
СОМЕЪ – шунаванда.
СОМОН – тартиб, интизом; молу мулк, доройӣ.
СОҲИБҚИРОН – хушбахт, хуштолеъ, зафарманд.
СОҲУН – ғарра, мафтун.
СУДАГАР – суфтагар.
СУДРА – пероҳани нахии сафед ва кушоди динии зардуштиён.
СУЛТОН – унвони подшоҳ.
СУЛУК / ВОДИИ СУЛУК – роҳ, тариқа дар тасаввуф.
СУНБУЛА – номи бурҷи шашуми фалак.
СУНЪ – санъат, ҳунар, дониш, маърифат.
СУР – ид, ҷашн, хурсандӣ.
СУРУШ – фаришта; ваҳй.
СУТУР – чорпои саворӣ ва боркаш.
СУТУРГОҲ – тавила, саисхона.
СУТӮҲ – ғамгин, афсурдахотир.
СУФТ – дӯш, китф; дам, нӯг.
СУҶУД – саҷда кардан, таъзим.
СӮК / СӮГ – андуҳ, ғам, мотам.

## – Т –

ТААЗЗУР – сахтӣ, душворӣ; номумкинӣ, маҳол будани чизе; узр овардан.
ТАЗАЪУФ – заифӣ, нотавонӣ.
ТААҲҲУД – нигоҳубин.
ТАБАНГУ – сандуқ, дорудон.
ТАБИИЁТ – илмҳои табиатшиносӣ.
ТАБОЕЪ – ҷамъи табъ, табиат, мизоҷ.
ТАБОР – хонадон, хешон, наздикон.
ТАБОҲ – хароб, вайрон, фосид.
ТАВАҚҚУФ – ист, истодан.
ТАВҚ – овезаи гардан.
ТАВОЗУЪ – фурӯтанӣ, хоксорӣ.
ТАВФИҚ – мувофиқат додан, мувофиқ гардонидан.
ТАВҲИД – ягонагӣ, ваҳдат, эътиқод ба ягонагии Худо; марҳалаи панҷум дар тасаввуф.
ТАҒАЗЗУЛ – оғози қасида, ки мазмуни ошиқона дорад.
ТАДБИР – чора.
ТАЙЛАСОН – ҷомаи васеъ ва дарози беостин, ки рӯҳониён ва қозиён мепӯшанд.
ТАЙР – паранда.
ТАКАЛЛУФ – зиёдаравӣ дар сухан.
ТАҚАРРУБ – наздикӣ.
ТАҚВИЯТ – қувват додан, тавоно кардан.
ТАҚВО – парҳезкорӣ, порсоӣ, худотарсӣ.
ТАҚОЗО – талаб, хоҳиш.
ТАҚФИЯ – қофия кардан.
ТАЛАБ – марҳалаи аввали ваҳдати вуҷуд.
ТАЛ – пушта, теппа.
ТАЛҚИН – ёд додан, фаҳмондан, таълим додан.
ТАЛОЯ – дастаи пешрави низомӣ, гурӯҳи иктишофӣ.
ТАМСИЛ – мисол овардан, ташбеҳ кардан.
ТАНЗ – ҳаҷв, шӯхӣ.
ТАНОФУР – нафрат.
ТАПОНЧА – тарсакӣ.
ТАРАБ – хурсандӣ, хушӣ.
ТАРГ / ТАРК – кулоҳи ҷангӣ, тоскулоҳ.
ТАРИҚАТ – роҳу равиш, мазҳаб; марҳалаи дувуми расидан ба ҳақ.
ТАРОНАК – навъи шеъри қадимӣ, дубайтӣ
ТАРРА – сабзавоти хӯрокӣ.
ТАРСО – насронӣ.
ТАРФАТУЛЪАЙН – як лаҳза.
ТАСАЛЛУТ – ҳокимият, ҳукмронӣ, дастёбӣ.
ТАСАЛЛУФ – лофзанӣ, манманӣ.
ТАСМИМ – қарори ниҳоӣ гирифтан, азми қатъӣ кардан.
ТАСХИР / МУСАХХАР – ром кардан, ба даст овардан, забт намудан.
ТАТАББӮЪ – пайравӣ кардан, ҷавоб гуфтан.
ТАФОХУР – фахр, ифтихор.
ТАФТ – гармӣ, ҳарорат; шитоб.
ТАФТА – тори тортанак; сӯзон, гудохта.
ТАХШ – навъе аз тир, тири оташбозӣ, мушак.
ТАҲАЙЮР – ҳайрат, тааҷҷуби зиёд.
ТАҲАККУМ – зӯрӣ овардан.
ТАҲАММУЛ – сабр, тоқат.
ТАҶАЛЛӢ – акси нур.
ТАҶРИД – дур гирифтан, канорагирӣ, гӯшанишинӣ.
ТАШВИР – хиҷолат, шармсорӣ.
ТАЪБИР – баён намудан, шарҳ, тафсир.

ТАЪВИЛ – баён кардан, шарҳ додан, тафсир намудан.
ТАЪЛИҚ – овехтан, банд кардан; навиштан, зикр кардан.
ТАЪЛИФӢ – муаллифӣ.
ТАЪНОТ – ҷамъи таъна, коҳиш, маломат, сарзаниш, ришханд.
ТЕМОР / ТИМОР – андуҳ, ғам, ранҷ; ғамхорӣ, парасторӣ.
ТИЗ – шоша, пешоб, мезак.
ТИЛОЛ – ҷамъи тал(л), пушта, теппа,тӯдаи хок ва рег; шабнам; борони реза.
ТИРОЗ – накшу нигори ҷома.
ТИРОЗИДАН – ороиш додан, оростан, перостан.
ТИҲИГӢ – охир, анҷом, завол.
ТОВ – тобу тоқат.
ТОМЕЪ – тамаъкор.
ТОҲИР – пок.
ТОЗАХЕЗ – нав.
ТОИФА – қабила, қавм, гурӯҳ, тӯдае аз мардум.
ТОҚАТ – тавон, тоб, бардошт.
ТОҶВАР – шоҳ.
ТУРКИСТОН – номи дигари Мовароуннаҳр ё Варорӯд.
ТУРУНҶ – мевае аз ҷинси лиму.
ТУХМА –асл, нажод.
ТӮШ – қувват, неру, бадан, тан.

## – У –

УД – асбоби мусиқӣ, барбат.
УҚУБАТ – ҷазо.
УЛУМИ АДАБӢ/ ИЛМИ АДАБ – маҷмӯи илмҳои филологӣ дар асрҳои миёна.
УРДИБИҲИШТ – моҳи дувуми соли шамсӣ, ки ба 21 апрел – 21 май рост меояд.
УСУЛИ ДИН – аслҳои дин.

## – Ф –

ФАҚРУ ФАНО – марҳалаи ҳафтуми ваҳдати вуҷуд.
ФАЛОТУН / АФЛОТУН (429-347 пеш аз мелод) – файласуфи юнонӣ.
ФАННИ ШЕЪР – шеършиносӣ, поэтика.
ФАР (Р) – фурӯғ, дурахшиш, саодат, шукӯҳ, ҷалол, шаъну шавкат, барозандагӣ, зебандагӣ.
ФАРАС – асп.
ФАРАҲ – шодмонӣ, хурсандӣ.
ФАРВАРДИН – моҳи аввали солшумории шамсӣ, ки аз 21 март то 21 апрелро фаро мегирад ва рӯзи нуздаҳуми моҳ.
ФАРЗОНА – донишманд, ҳаким.
ФАРИЗА – вазифаҳои динию, ки иҷрои он ҳатмист, ҳамчун намоз, рӯза ва ғ.
ФАРҚ – тори сар.
ФАРОЗ – баландӣ, бароз; берун; гирдоварӣ.
ФАРРАҲӢ – нур.
ФАРРИ КАЁН – нури яздонист, ки ҳар кас онро дошта бошад, мувофиқи бовари қадим ба шаҳрёрӣ расад.
ФАРСАНГ – масофаест, ки тақрибан ба 6 км баробар аст.
ФАРТ – ғоят, дараҷа, камол.
ФАРТУТ – пир.
ФАРҶОМ – поён, анҷом.
ФАРШ – замин.
ФАРҲАНГ – дониш, илм, маърифат.
ФАСОД – зишткорӣ, бадахлоқӣ, табоҳӣ.
ФАТТОН – дилрабо, шӯхчашм.
ФАШ – нӯги овезони салла.
ФИКР – андеша, тааммул.

ФИҚҲ – илми ҳуқуқи исломӣ.
ФИРДАВС – боғи биҳишт.
ФОЗИЛ – олим, доно, донишманд, соҳибфазилат.
ФОИЗ – файздиҳанда.
ФУЗУЛ – забондароз, пургӯй, сафсатагӯй, мудохилакор.
ФУНУН – ҷамъи фан, фанҳо.
ФУРӮЗАҲОИ ҲАФТГОНА – фариштаҳои ҳафтгона дар дини зардуштӣ, мисли Спандмену, Ашо ва ғ.
ФУСУЛ – ҷамъи фасл, унсурҳо.
ФУСУС – гузарон.
ФУТӮҲ – ҷамъи фатҳ, кушоиши кор, пешрафт.
ФУШ – ёли асп.

– Х –

ХАЗ – ҷонварест, ки аз пӯсти он пӯстин дӯзанд.
ХАЗЛОН – бебаҳрагӣ, бадбахтӣ, бечорагӣ, хорӣ; худдорӣ аз ёрӣ расонидан.
ХАЗИБ – рангдода, рангин.
ХАЙЛ – гурӯҳи лашкар.
ХАЙМА / ХИЁМ – чодар, хиргоҳ.
ХАМРИЯ – шеъри шароб, шаробнома, майнома.
ХАНУР – хурма, зарф, кӯза.
ХАРВОР / ХИРВОР – бори як хар баробар ба 300 кг.
ХАРИТА – халтаи чармин.
ХАРИФ – тирамоҳ, хазон.
ХАСТА – ҷароҳат.
ХАСТУ / ХИСТУ – икроркунанда, пазирандаи бовару эътиқод.
ХАТТОТӢ – хушнависӣ.
ХАФТОН –қабо, ҷома, либоси ҷангӣ.
ХАШШӢ – хушӣ, хуштамъ.
ХИЗР / ХОҶАИ ХИЗР – аз авлиёи Худо мебошад ва устураи оби ҳаёт бо номи ӯ пайваста аст.
ХИЛЪАТ – либос.
ХИРӢ – гули хайрӣ.
ХИРҚА – либоси дарвешон, ҷомаи порагӣ.
ХИРХИР – беҳуда, бесабаб, ҳайрон.
ХИСОЛ – ҷамъи хислат, хислатҳо.
ХИТО – номи вилояте дар шимоли Чин, ки имрӯз бо номи Синтзян ё Кошғар ёд мешавад.
ХОВАР – шарқ, машриқ, офтоббаро.
ХОҚОН – лақаби подшоҳони турку муғул.
ХОСТА – дороӣ, симу зар, зар.
ХОТУН – зани калони хона, кадбону, хонум.
ХУБС – бадӣ, зиштӣ.
ХУДӢ – пойбанди худ ва олами моддӣ будан дар тасаввуф.
ХУЛД – биҳишт.
ХУЛҚОН – куҳна, фарсуда.
ХУНЁГАР – мутриб, нағмасаро, муғаннӣ.
ХУНУК – офарин.
ХУҶАСТАПАЙ – неккадам.
ХӮ – хӯй, хулқ.
ХӮД – кулоҳи ҷангӣ.

– Ҳ –

ҲАББАЗО – офарин.
ҲАБСИЁТ – шеърҳои зиндонӣ.
ҲАВАЛ – олусӣ, дубинӣ.
ҲАВЛ – тарс, бим, ваҳшат, воҳима.
ҲАВОДИС – ҷамъи ҳодиса, ҳодисаҳо.
ҲАВОЮ ҲАВАС – орзую ҳавас.
ҲАДИС – гуфтаҳо ва ривоятҳое, ки аз пайғамбар Муҳаммад нақл кардаанд.
ҲАЖИР – нек, хуб, зирак, ҳушёр; писандида, дилкаш, хушу хуррам.

ҲАЗИН – ғамгин, андуҳгин, ҳасрат.
ҲАЗИРА – чордевор, ҳаёт.
ҲАЗЛ – шӯхӣ, мазоҳ, ҳаҷв.
ҲАЗМОН – ҳар замон.
ҲАЗРАТ – ҳузур, наздик.
ҲАЙАТ – илм дар бораи ҷисмҳои осмонӣ, коинотшиносӣ.
ҲАҚИҚАТ – яке аз марҳалаҳои шинохти ҳақиқати кул – Худо дар тасаввуф.
ҲАҚОИҚ – ҷамъи ҳақиқат, вуқӯъгӯйӣ дар шеър.
ҲАҚУД – кинадор.
ҲАЛАБ – шаҳрест дар Сурия.
ҲАМАЛ – барра, номи бурҷи якуми фалак.
ҲАМДОСТОН – ҳамфикр, розӣ.
ҲАМЗӮР – баробар.
ҲАМЛ – бардоштан, кашидан.
ҲАМНӮШ – ҳамқадаҳ.
ҲАМОЛ – ҳамзӯр.
ҲАМПУРСАГӢ – гуфтугӯ.
ҲАМХӮРИШ – ҳамкоса.
ҲАНДАСА – геометрия.
ҲАНЗАЛ – кадуи ёбоӣ, кадуи талх.
ҲАНУТ / ҲУНУТ – хушбӯйиҳо ва оришҳое, ки ба мурда мезананд.
ҲАРАБ – гурехтан, гурез, фирор.
ҲАРАС – нигаҳбонӣ кардан.
ҲАРЗА – сухани беҳуда, ҳарзагӯйӣ, беҳудагӯйӣ.
ҲАРИҚ – оташ, сӯхтор.
ҲАРИМ / ҲАРАМ – ҷойи муқаддас, зиёратгоҳ.
ҲАРИР – шоҳӣ.
ҲАРИС – гурусначашм, носер.
ҲАРИФ – ҳамнишин, ҳамсуҳбат.
ҲАСАБ – қадр, андоза, миқдор.
ҲАСБ – ҷиҳат.
ҲАСИН – устувор, мустаҳкам.
ҲАССОН БИННИ СОБИТ ( тав.563) – шоири араб.
ҲАСТА – мағз, донак.
ҲАШАМ – хидматгорон, чокарони подшоҳ.
ҲАШВ –сухани зиёдатӣ дар шеър, ки барои анбориши мисраъҳо оварда мешавад.
ҲАШР – рӯзе, ки мурдаҳо зинда мешаванд ва дар назди Худо аз кардаҳои худ ҳисобот медиҳанд.
ҲАЮН – шутури калон, ҳайвони саворӣ.
ҲИЗАРБ – шери дарранда, пурқувват.
ҲИКМАТ – фалсафа.
ҲИЛМ – нармдилӣ, мулоимат.
ҲИМА – ҳезум.
ҲИРБАДОНҲИРБАД – солору бузурги ҳирбадон, унвони гурӯҳе аз пешвоёни дини зардуштӣ.
ҲИРМОН – маҳрумӣ, бенасибӣ, ноумедӣ, маҳҷурӣ.
ҲОМ / ҲОМА – номи рустаниест, ки фишурдаи онро дар маросими дини зардуштӣ ба кор баранд.
ҲОМУН – саҳро, дашт.
ҲОТИФ – ғайбдон.
ҲОҶИБ – посбон.
ҲОҶИБӢ – посбонӣ.
ҲУМЛОН– зарру сим.
ҲУМОЮНБАХТ – хушбахт.
ҲУМОЮН – муборак, хуҷаста.
ҲУРРИ ИН – ҳури биҳиштӣ.
ҲУРМУЗД – номи дигари Аҳурамаздо.
ҲУРРА – зани озод, бузург.
ҲУТ – номи бурҷи дувоздаҳуми фалак.
ҲУҶҶАТ – дараҷаи чаҳоруми силсиламаротиб дар мазҳаби исмоилия.
ҲУШ – ҷон, рӯҳ.

## – Ч –

ЧАҒОНА – номи пардае аз мусиқӣ.
ЧАКОМА / ЧОМА – навъи шеъри қадим, қасида.
ЧАЛАБ – олати мусиқӣ, ду пораи биринҷии тунуки паҳн, ки дар нақорахонаҳо ба ҳам мезананд.
ЧАНБАР – кач, нимдоира.
ЧАРБ – нарм, чарбзабонӣ.
ЧАХИДАН – саъй кардан, кӯшидан.
ЧИН – Хитой.
ЧИЛЛА – тори камон.
ЧИРА – пирӯзӣ, ғалаба.
ЧОШНӢ – баҳра ё истифода бурдан; мазаи чизеро чашидан, аз хусусияти чизе огаҳ шудан.
ЧУРБАК – дурӯғ, дурӯғи ростмонанд.
ЧУСТ – наздик, ҷафс.

## – Ҷ –

ҶАББОР – золим; соҳиби қудрат.
ҶАВЗО – номи бурҷи севум, моҳи севуми баҳор, номи маҷмӯи ситораҳо.
ҶАВҚ – гурӯҳ, тӯда.
ҶАВОД – саховатпеша.
ҶАВОҲИР – ҷамъи ҷавҳар, гавҳар.
ҶАВФ – ковокӣ, дарун, миён, шикам.
ҶАВШАН – либоси ҷангии оҳанин.
ҶАҒИДАН – саъй ва кӯшиш кардан; дам задан.
ҶАДӢ – бузғола, бурҷи даҳуми фалак.
ҶАЗИРА – минтақаи нуфуз дар мазҳаби исмоилия.
ҶАЙБ – гиребон, киса.
ҶАЛД – чусту чолок, зирак.
ҶАЛЛА ҶАЛОЛАҲУ – бузургу олӣ бод.
ҶАЛОЛ – бузургӣ, бузург.
ҶАМ / ҶАМШЕД – подшоҳи асотирӣ.
ҶАМОДОТ – ҷамъи ҷомид, санг, чизҳои беҷон.
ҶАМОЛ – хушрӯй, зебоӣ, ҳусн.
ҶАМРА – оташпора, лахча, ахгар; номи ҷой.
ҶАЪД – мӯй.
ҶАЪДМӮЙ – мӯйи ҷингила.
ҶАҲОНДОВАР – Худованд.
ҶАҲОНДОР – Худованд.
ҶАҲОНОФАРИН – Худованд.
ҶИД – саъй, кӯшиш.
ҶИНОҲ – тарафҳои лашкар.
ҶИРМ – ҷисми осмонӣ.
ҶОМИД – ҷисмҳои сахти беҷон.
ҶОҲ – ҷой, мақом, манзалат, мартаба.
ҶУД – саховат.
ҶУЗЪ / ҶУЗВ – пора, бахш, қисме аз китоб.
ҶУЛГА – водӣ, водии сабзу хуррам, марғзор.
ҶУЛЛОБ – шарбати қанд, ки бо гулоб омехта мекунанд.

## – Ш –

ШААФ – шодӣ, хурсандии зиёд.
ШАБЕҲ – монанд.
ШАВ – рав.
ШАВВОЛ – моҳи даҳуми соли қамарии ҳиҷрӣ.
ШАҒАБ – шӯру ғавғо.
ШАМОМА – машом, бӯй кашидан, бӯй.
ШАМШОД – номи дарахт.
ШАРБАТ – нӯшобаи ширин, ши-

раи мева.
ШАРИАТ – роҳ ва қонунҳои дини ислом.
ШАТ – соҳил.
ШАФЕЪ – шафоаткунанда, далолаткунанда.
ШАФОАТ – илтимос, талаби авф.
ШАХИДАН / ШАХУДАН – харошидан.
ШАҲРЁРӢ – подшоҳӣ.
ШАҲРЁРОН – подшоҳон, шоҳон.
ШАЪБОН – моҳи ҳаштуми соли қамарии шамсӣ.
ШИБЛӢ / АБӮБАКРИ ШИБЛӢ (841 –946) – сӯфии бағдодӣ, шогирд ва пайрави ал-Ҷунайд ва ал-Ҳаллоҷ.
ШИГИФТ – аҷиб, тааҷҷубовар.
ШИГИФТӢ – ҳайронӣ.
ШИКЕБ – сабр, тоқат.
ШИРК – куфр, шак овардан ба яккаву ягонагии Худо.
ШОДУРВОН – саропарда, пардаи бузурге, ки дар айвони шоҳони Эрон меовехтанд.
ШОПУР/ ШОПУРИ АВВАЛ (240 – 279) – писари шоҳи нахустини сосонӣ Ардашер.
ШОТИР – чусту чолок.
ШУБОН – чӯпон.
ШУДАН – рафтан.
ШУРБ – нӯшиданӣ.
ШУХ – чирк.
ШӮША – лавҳаи қабр.

**– Э –**

ЭДАР – ин ҷо.
ЭДУН – ҳоло.
ЭЗАД / ЭЗИД – ҷамъи Язд, Яздон, Худованд.
ЭМИНӢ – бехавфӣ, бехатарӣ, амну амонӣ.
ЭРОНВИҶ – сарзамини эрониён.
ЭҲСОН – некуӣ, лутфу марҳамат.
ЭЧ – ҳеч.
ЭЪЗОЗ – ҳурмат, иззат, эҳтиром.

**– Я –**

ЯЗДОН – Худо.
ЯЛ – паҳлавон.
ЯЛФИКАН/ ЯЛФИГАН – паҳлавони пурзӯр, мағлубкунандаи паҳлавони дигар.
ЯРГИСТ – ҳаргиз.

# МУНДАРИҶА

Сарсухан. Адабиёти тоҷик ва марҳалаҳои инкишофи он ........ 3
Адабиёти Давраи қадим ........................................................ 5
«Авесто» ва аҳаммияти адабии он............................................ 7
"Дарахти асуриг"................................................................ 10
"Андарзи Озарбоди Меҳроспандон" .......................................... 13
"Корномаи Ардашери Бобакон" ................................................ 14
Бузургмеҳри Ҳаким ва «Андарзнома»-и ӯ ................................. 19
«Ёдгори Зарирон»................................................................ 23
Адабиёти арабизабони тоҷик (асрҳои VIII ва IX)...................... 25
Адабиёти тоҷик ба забони порсии дарӣ (асри IX) ...................... 29
Адабиёти форсии тоҷикӣ дар асри X ......................................... 34
Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ........................................................... 43
Дақиқӣ .............................................................................. 65
Абулқосими Фирдавсӣ .......................................................... 77
Абӯалӣ ибни Сино ............................................................... 127
Адабиёти форсии тоҷикӣ дар нимаи аввали асри XI ................ 144
Боботоҳири Урён ................................................................. 150
Адабиёти форсии тоҷикӣ дар нимаи дувуми
асри XI ва асри XII .............................................................. 156
Асадии Тӯсӣ ...................................................................... 159
Амир Унсурулмаолии Кайковус ............................................. 168
Носири Хусрав .................................................................... 179
Умари Хайём ...................................................................... 201
Саноии Ғазнавӣ .................................................................. 212
Абулмаолии Насруллоҳ ........................................................ 220
Фаромуз ибни Худодод ва китоби «Самаки Айёр» ................... 226
Анварии Абевардӣ ............................................................... 234
Фаридуддини Аттори Нишопурӣ............................................ 244
Хоқонии Шарвонӣ ............................................................... 252
Низомии Ганҷавӣ ................................................................ 262
Луғатнома ......................................................................... 298

**АБДУНАБӢ САТТОРЗОДА**

# АДАБИЁТИ ТОҶИК

Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми
муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**Нашри севум**

| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Дилбар Мирфаёзова |
| Мусаҳҳеҳ | Меҳрӣ Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Наҷмиддин Зайниддинов |
| Тарроҳ | Қосимхӯҷа Назаров |

Ба чоп 02.10.2018 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60х90 1/16. Коғази офсет.
Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 20.
Адади нашр 100 000 нусха.
Супориши №148/2018

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,
7340243, ш. Душанбе, кӯчаи А. Дониш, 50.
Тел.: 222-14-64
E-mail: Najmiddin64@mail.ru

Дар КВД "Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе"
ш. Душанбе, хиёбони С. Айнӣ, 126 чоп шудааст.